Мирсаид Миршакар

# Ёди ёри меҳрубон



*Аз қаъри гили сиёҳ то авҷи Зуҳал*
*Кардам ҳама мушкилоти гетиро ҳал,*
*Берун ҷастам зи қайди ҳар макру ҳиял,*
*Ҳар банд кушода шуд ба ҷуз банди аҷал.*

*(Абуалӣ ибни Сино)*



М 66
ББҚ 84 Тоҷ. 7—5

*Муҳаррир Ҳ. Қурбонова*

**Мирсаид Миршакар.** Ёди ёри меҳрубон.— Душанбе, «Адиб», 1993. 224 саҳ.

Дар китоб хотира ва қайдҳои Шоири халқии Тоҷикистон, лауреати Мукофоти давлатӣ Мирсаид Миршакар аз ҳаёт ва эҷодиёти ходимони барҷастаи адабиёти советӣ гирд оварда шудааст.

**Мирсаид Миршакар.**
О друзьях.

Это книга воспоминаний и заметок Народного поэта Таджикистана, лауреата Государственной премии Мирсаида Миршакара о жизни и творчестве выдающихся деятелей культуры.

М $\frac{4702540204-119}{М\,503(12)-93}$ 41—93

**ББҚ 84 тоҷик 7—5**

© Нашриёти «Адиб», 1993

# НУР ДАР ҚӮҲИСТОН

*Аз ахгари инқилоби мо сӯхт*
*Дунёи ситамгарон чу хошок.*
*Афсӯс маҳӯр, ки сӯхт олам*
*Баргӯй, ки хас каму ҷаҳон пок.*

Муаллим аз мизаш китоби наве баровarда ба сӯям нигаристу гуфт:

— Ба ту боз як супориши дигар. Мана ин китобро, ки навакак корвон аз Душанбе овардааст аввал худат нағзакак мехонӣ, мазмунашро аз худ мекунӣ, ҳар чизеро ки нафаҳмидӣ аз ман пурс, баъд рафта дар байни камбағалони қишлоқ мехониву нақл мекунӣ.

Бо як ҳаяҷон китобро аз дасти муаллимам гирифтам. Дарҳол унвони рӯи муқоваашро хондам «Садриддин Айнӣ. Одина ё саргузашти як деқони камбағали тоҷик».

Ҳар бегоҳ, байни як моҳ, дар байни камбағалон одинахонӣ мекардам.

Ҳар боре баъди қироати китоб байни шунавандагони мае баҳс тафсида мерафт. Як гурӯҳ мегуфт, ки Садриддин Айнӣ шояд аз кӯҳистон ба Бухоро рафта монда бошад ё ин ки аз Бухоро омада дар кӯҳистон зиндагӣ кардааст, ки урфу одати кӯҳистониёнро то ба ин дараҷа хуб медонад. Он Саидкозиме, ки аслу насабаш аз эшонҳои Шуғнон буд, як бародараш пири мулк ва бародари дигараш гиёҳпарасту шоир буд ва бештар ба камбағалон нишастухез дошт, бо вуҷуди фақириаш марди соҳибғуруру сарбаланде буд. Азоби гушнагӣ мекашид, лекин ба назди бародараш намерафт, намехост, ки барои луқмаи ноне сар фарорад. Аммо чун аз эшонҳо буд

[illegible] худро аз ҳамсӯҳбатонаш як сару-[illegible] медонист. Ана ҳамин Саидкозим мегуфт, ин гӯё ҳамон солҳое, ки сарбозони амири Бухоро ба вилояти Қаротегину Дарвоз ба Помир меомаданд, ҳамроҳашон шахсе буд нуронӣ, фурӯтану зирак, ба амалдорону бойҳо бо нафрат нигоҳ мекарду ба камбағалон бо ҳасрат. Вай ҳасрат мекард, ки чаро онҳо бо заҳмати нон ҳосил мекунанду аммо худашон гушнаанд, бойҳо, ки ранҷ намебинанд, серанд. Ҳамон шахси нуронӣ, дар ҳар куҷо бо камбағалон ҳамсӯҳбат шуда, аз онҳо гап пурсида ва ҳар чиро ки мешунид, навишта дар печи саллааш пинҳон мекардааст, ки амалдорон набинанд.

Рӯзи дигар китоби «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро бурдам, вақте ки Саидкозим расми Садриддин Айниро дид, «худи худаш» гуфт ва китобро бӯсиду гардонда ба ман дод. Вай ин суханонро чунон аз таҳти дил мегуфт, ки ҳозирон бе ҳеҷ шубҳае бовар мекарданд. Худи ман ҳам то донистани ҳақиқати воқеа бовари доштам, ки устоди мӯҳтарамам Садриддин Айнӣ Қаротегину Дарвозу Шуғнонро бо чашми худ дидааст.

Дар Помиру Қаротегин бисёр касоне ки соли таваллудашон 1927—1928—1929 мебошад, Одина ном доранд. Ин ҳамон солҳоест, ки «Одина» ба кӯҳистон омада буд.

## ФОТИҲАИ УСТОД БА ШОГИРД

Лоҳутиро, ки дар Душанбе кор мекард, борҳо аз дуру наздик медидам. Лекин Садриддин Айниро дидан имкон надошт, вай дар Самарқанд зиндагӣ ва кор мекард.

Дар августи соли 1929 мо чанд нафар пионерон барои иштирок дар слёти якуми пионерони Ӯзбекистон ба сифати вакил ба Самарқанд рафтем. Бовар доштем, ки дар худи рӯзи аввал бо Садриддин Айнӣ вомехӯрем.

Афсӯс, ки дар слёти мо аз нависандагон касе иштирок накард. Дар охири слёт мо иштирокчиёни слётро раиси шӯрои Вазирони Ӯзбекистон Файзулло Хоҷаев дар боғи худ қабул кард. Садриддин Айнӣ дар он ҷо ҳам набуд.

Дертар устод ба Душанбе омад. Аз дур медидам ва салом медодам. Ҳатто дасти якдигарро мефушурдем, лекин барои сӯҳбат ё маслиҳат ҷуръат намекардам.

Дар соли 1934 нахустин анҷумани нависандагони тоҷик барпо гардид. Дар ин ҷо ҳам ба устодони худ танҳо аз дур салом медодам ва ҳаминро ҳам барои худ як давлати калоне мешумурдам ки онҳо ба саломам алейк ва баъзан ҳатто, «ҳа, шоири комсомол, корҳо хуб, бақувват ва бардам ҳастӣ?» мегуфтанд.

Дар анҷумани нахустини нависандагони Тоҷикистон бо Садриддин Айнӣ ҳамсӯҳбат шуда будам. Моро чун вакили шоирони ҷавони сохтмони Вахш ба ҳайати президиуми анҷуман интихоб карда буданд. Дар яке аз маҷлисҳои анҷуман коркуни адабии журнали занон Музаффара шеъре ба ман дод ва хоҳиш намуд, ки онро хонда фикрамро гӯям. Ба Алӣ Хуш ин кораш нафорид. Шеърро аз дастам гирифту бо овози баланд гуфт: «Гуфтам-ку, ин шеърро ислоҳ не, аз нав навиштан лозим аст!».

Устод Айнӣ, ки дар қатори аввал менишаст, ба мо рӯ оварда бо овози баланд «рафиқ Миршакар» гуфт.

Аз шунидани овози устод рангам канд, дасту поям ба ларза даромад. Дарҳол ба устод нигаристам, устод ишора кард, ки ба наздаш равам, зуд рафтам, ба нишастан таклиф кард. Ягон боре ҳам дар қатори якум илова бар ин, дар паҳлуи шахсони мӯътабари республика нишастанро ҳатто хаёл ҳам накарда будам. Аммо гардондани сухани устодро камоли беадабӣ донистам, нишастам. Сӯҳбат сар шуд. Устод баланд-баланд гап мезад. Ба фикрам, на танҳо дар раёсатбудагон, балки нисфи ҳозирон сухани ӯро мешуниданд. «Деҳотӣ,— гуфт устод, — достонатро оварда ба ман нишон дод, хондам». Аз ин хабари хуш хеле хурсанд шудам. Хостам дар бораи достон фикрашро фаҳмам, аммо ҷуръат накардам, ки пурсам. Устод гӯё мақсадамро фаҳмида бошад, ки илова намуд: «Дар бораи сохтмони азими Вахш манзума навиштан ҷуръати калонест. Он чизе, ки ту навиштаӣ қатрае аз баҳр аст. Барои ту аз ҳаёти сохтмон навиштан нисбатан осонтар аст. Ту бевосита ҳам мушоҳидакор ва ҳам иштирокчии кори сохтмон ҳастӣ. Ҳамаи он воқеаҳои аҷиб дар пеши назари ту ба вуҷуд меоянд. Афсӯс, ки насрнавис нестӣ...».

Дар ин асно яке аз музокирачиён бо овози баланд, аз «кашфиёти» худ ҳамаро ба ҳайрат андохт. Вай эълон кард, ки тамоми калимаҳо ва номҳое, ки «ҳарфи «қ» доранд, арабианд. Яке аз ҳозирон барои масхара карданаш пурсид: «Қоганович чӣ?». Нотиқ ҷавоб дод, ки

арабӣ. Устод ба ғазаб омад: — «Ин ҳикмататонро як бори дигар такрор накунед» гуфт...

Устод аз нав ба сӯям нигоҳ карда «Номи достонат «Ливои Зафар» аст. «Ливои Зафар» номи хубест. Лекин сохтмон ҳануз давом дорад ва он чизе, ки ту навиштаӣ, ибтидои зафар аст...».

Устод лаҳзае хомӯш шуд. Ман ҳам чизе нагуфта интизори давоми сухани ӯ будам. «Достон, ба вазни «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ навишта шудааст, ин дуруст аст. Ҷанги одам бо оби Вахш хам қаҳрамонист. Барои ҳар мавзуъ вазну оҳанги ба худаш хосе ёфтан лозим аст...».

Баъд устод гуфт, ки дар ин рӯзҳо китобат аз чоп мебароянд ва пурсид:

— Ин китоби нахустинат будааст?

— Бале.

— Муборак шавад! — дастамро самимона фушурда гуфт устод.

Муборак шавад — чунин буд фотиҳаи устод ба шогирдаш.

## АШКҲОИ УСТОД

Баъд аз анҷуман мо, чанд нафар аз нависандагони ҷавонро, ба боғи ҳукуматӣ даъват карданд.

Дар он ҷо, устодон Айнӣ ва Лоҳутӣ интизори мо буданд.

Дар шаҳри хурд ҳеҷ чиз махфӣ намемонад мегӯянд. Дирӯз овоза шуда буд, ки устодон ва роҳбарияти нави моро роҳбарони партияву ҳукумати республика қабул карда, доир ба адабиёт сӯҳбат гузарондаанд.

Аён буд, ки устодон дар ин мавзӯъ бо мо сӯҳбат хоҳанд кард.

Сӯҳбати мо муддати мадид давом кард. Роҳбарони нав ва устодон дарди дилҳояшонро холӣ мекарданду мо гӯш мекардем.

Абулқосим Лоҳутӣ шикоятомез гуфт, ки дар байни мо ҷавонҳое ҳам ҳастанд, ки ҳанӯз як шеъри бенуқсон нанавишта, дар сафи классикҳо ба худ ҷой меҷӯянд. «Бародарони ман,— гуфт,— намефаҳманд, ки на ҳар сухани мавзуну қофиядор шеър аст. Барои эҷоди як мисраъ шоир хуни ҷигар мешавад».

Садриддин Айнӣ дарҳол ин байтро барои тасдиқи фикри Абулқосим Лоҳутӣ мисол овард:



Ҳаркӣ сухан бар сухане зам кунад,
Қатрае аз хуни ҷигар кам кунад.

— Шумо,— давом дод суханашро Лоҳутӣ,— гумон накунед, ки падаратон Лоҳутӣ чунон табъи равоне дорад, ки метавонад рӯзе чандин шеър, ё достоне нависад. Не, писаронам, барои офаридани як шеър гоҳо рӯзҳо ва ҳафтаҳо сарф мешаванд. Бовар кунед, бемуболиға мегӯям, барои як мисраи як рубоӣ чаҳор сол сарсон будам ва хушбахтона, як рӯз на дар хона ва на дар боғу бӯстоне ки макони илҳоми шоирон аст, балки дар бозор гашта истода, он мисраъро ёфтам. Байти охири он рубоӣ ин аст:

Гуфтам зи арӯси даҳр кобини ту чист?
Гуфт: Огаҳии синфи ту кобини ман аст.

Баъд Лоҳутӣ фаҳмонд, ки назм вазифаи насрро ва наср вазифаи назмро ҳеҷ гоҳ ба ҷо оварда наметавонад. Афсӯс, рафиқоне ҳастанд, ки вазифаи насрро бар дӯши назм бор карданианд. Намедонам то чи андоза дуруст бошад, лекин мегӯянд, ки як нафар шоири мо мехоҳад, ки тамоми рақамҳои панҷсоларо ба назм дарорад. Дуруст аст, ки нақшаи панҷсолаи мо назми ҳаёт аст, лекин ин маънои рамзист.

Партия умедвор аст, ки мо соҳибқаламон дар бораи нақшаи азими панҷсола, ки симои мамлакати моро дигар хоҳад кард, шеъру достонҳо, ҳикояву романҳо нависем. Лекин ба назм даровардани рақамҳои он шарт нест ва лозим ҳам нест. Худи он назм аст.

Суханони Лоҳутиро қувват дода устод Айнӣ гуфт, ки дар замони пурҷӯшу хурӯши инқилобии мо бо як назм хизмати халқро ба ҷо овардан душвор аст. Сабаб ин буд, ки Ҳамза Ҳакимзода барои мубориза ба ғайр аз назму наср драматургияро истифода кард. Агар ман гӯям, ки барои асри мо доираи шеър хело маҳдуд аст, умедворам, ки устод Лоҳутӣ намеранҷад. Охир худи ман агар дар вақташ аз назм ба наср намегузаштам, оё ба вуҷуд омадани «Одина», «Дохунда», «Ғуломон» имконпазир мебуд? Не. Бародарони ман, мамлакати мо бо қадамҳои афсонавӣ пеш рафта истодааст, барои тасвири он корҳои бузурге, ки бо роҳбарии хирадмандонаи партияи мо ҳар рӯз шуда истодааст, назм бе

наср оҷиз аст. Афсӯс, ки насрнависони мо аз ҷавонон камканд.

Сухан аз хусуси забони адабӣ ба миён омад. Ҳарду устод дар ташвиш буданд, ки забони адибони ҷавон камбағал аст ва ҷавонон барои ғанӣ кардани он кам мекӯшанд.

Устод Лоҳутӣ хотиррасон кард, ки адабиёти социалистии тоҷик дар Эрон, Афғонистон ва аз форсизабонҳои Ҳиндустону мамлакатҳои дигар мухлисони бисьёре дорад. Онҳо ташнаи адабиёти наванд, ҳар як асари нави моро ҳарисона мехонанд... Ин масъулияти моро дучанд мекунад...

Устод Айнӣ ба ҷӯш омад ва баъд бо овози баланд:

— Бародарон,— гуфт,— як замон забони адабии мо ки устоди он Абӯабдуллоҳи Рӯдакист, тоҷи сари форсизабонҳои дунё буд. Лекин дар натиҷаи тохтутози аҷнабиён ва ҷаҳолати ҳокимони бефаросат забон аз равнақу ривоҷ монд. Ҳоло сиёсати миллии партия он аст, ки забони ҳар халқ чи хурд аст ва ё чи бузург, тараққӣ ёбад, бой шавад... Армон ва орзуи ман ҳамин аст, ки забони адабии тоҷикро аз нав барқарор бинам, асарҳои шуморо, ки бо забони ширину фасеҳу равони тоҷик навишта шудаанд бо завқ хонам ва гул-гул шукуфта, бо қанотмандӣ гӯям: ана акнун... армон ба дил надорам.

Бар рухсори пурчини марде ашк равон шуд, ки замоне ба зарби 75 чӯб тоб оварда, на зорӣ карда буду на нолиш...

Ашки устодро бори дуюм соли 1943 дида будам.

Устод дар боғи ҳукумат зиндагӣ мекард. Мирзо Турсунзода як рӯз гуфт, ки Устод касал шудааст, як ба наздаш рафтан даркор.

Бо дасти холӣ касалбинӣ рафтан хуб нест, гуфта ба бозор даромадему як кило себ ёфтем.

Иҷозат гирифта ба ҳуҷра ворид шудем. Устод дар бистари беморӣ мехобид. Яке аз тарҷумонҳои асараш дар он ҷо нишаста, бо иштиҳо сухариро дар об тар карда, мехӯрд. Аз вазъият аён буд, ки сӯҳбати онҳо кайҳо ба охир расидааст, барои ҳамин ҳам яке чашмҳоро пӯшида ғарқи фикру хаёлоти дурест, дигаре чашмҳоро калон-калон кушода, дар ғами шикам афтодааст.

Сухарӣ ба охир расид. Меҳмон «ташаккур» гуфта аз ҷо хест ва узрхоҳӣ намуд.

— Устоди мӯҳтарам, акнун равем мешудагист?

Устод чашм кушоду бе он ки чизе гӯяд, даст ба сӯяш дароз кард. Баъд аз дастфишорӣ меҳмон равон шуд ва ду қадам монда аз нав истод:

— Домуллои мӯҳтарам, ягон чиз лозим бошад, фармоед, камина фардо гирифта меорам.

— Ташаккур, ҳама чиз дар ин ҷо ёфт мешавад,— дарҳол ҷавоб дод устод.

Меҳмон рафт. Устод пеш аз ҳама ба ман супориш дод, ки аз номи ӯ хоҳиш кунам, ки директори боғ аз ҳар ҷое ки бошад, барои ӯ лоақал як кило сухарӣ муҳайё кунад.

Ман рафта хоҳиши устодро ба директори боғ расондам, он кас хандиду гуфт:

— Аз афташ, ҳамон меҳмони пурхӯр боз ба наздаш омада буд!

Ман хандидаму суханони ӯро тасдиқ кардам.

Вақте ки баргашта ба ҳуҷра даромадам, устод маро ба нишастан таклиф кард ва ба сухан сар кард.

— Хуб шуд, ки омадед,— гуфт,— ман шуморо ҷеғ заданӣ будам. Деҳотӣ чандест ки мотам дорад. На шеър менависаду на аз дилу ҷон кор мекунад. Ин кораш ба ман писанд нест. Дар ин ҷанг ҳар рӯз на як касу на ду кас, балки ҳазор андар ҳазор ҷавонон қурбон мешаванд ва ҳар якашон қатъи назар аз касбу кору ҳунарашон барои оилаву хешутабор ва ёру дӯстонашон азизу мӯътабаранд ва агар ҳама мотам гиранду бо дили ноҳоҳам кор кунанд, ғалабаро кӣ таъмин мекунад? Деҳотӣ мебоист махсусан баъд аз ин ҳодисаи ғамангез мондашавиро надониста бо шеъру ҳикояҳои худ халқро ба мубориза даъват мекард, ба душман зарба мерасонд. Маънои шиори «Марг ба марг, хун ба хун!» дар ҳамин аст. Деҳотиро аз ҳамаи шумо ман хубтар медонам. Вай ҳам шоир, ҳам носир ва ҳам ҳаҷвнависи боистеъдод аст. Дар суруднависӣ ҳам лаёқаташ калон аст. Дар ин рӯзҳо чун ҳамаи одамони советӣ бояд на шаб хобаду на рӯз!

Турсунзода арз кард, ки:

— Бо Деҳотӣ сӯҳбат кардем, айнан ҳамин суханони шуморо бо тарзи дигаре ба вай гуфтем. Ин рӯзҳо вай фаъолона кор карда истодааст. Барои «Оинаи

ТАСС» шеърҳои ҳаҷвӣ, барои филармония ва радио матни сурудҳои ҷангӣ навишта истодааст.

— Дуи шумо чӣ? — пурсид устод.

— Мо ҳам як пои гӯсола шуда гаштем,— ҷавоб додем мо.

Хомӯшии дуру дарозе ҳукмрон шуд. Баъд устод хастаҳолона пурсид:

— Дар бораи абадӣ гардонидани хотираи Абдушукур ба чӣ қарор омадед?

Ману Турсунзода ба якдигар нигариста чи гуфтанамонро надонистем. Ҳанӯз ҷанг давом дошт, дар фронт дар қатори дигарон даҳҳо ва садҳо ходимони илму маданият қурбон мешуданд. Лекин дар ин бора танҳо ба оилаҳояшон таъзия мефиристонданду бас. Ҳатто дар газетаҳо чизе наменавиштанд. Лекин ҳар яки мо хуб медонистем, ки Ватан фарзандонашро фаромӯш нахоҳад кард. Дар бораи ҷавонони ноком Абдушукур Пирмуҳаммадзода ва Лутфулло Бузургзода ҳам ҳаминро гуфтан мумкин буд. Устод инро хуб медонист, лекин ҳар чӣ бошад, вай падар буд.

Аз сақфи хона чашм наканда устод бо ҳаяҷон мегуфт:

— Дар мактубҳояш навишта буд, ки мо ҷавон ҳастем ва дар ин рӯзҳо, ки Ватан дар хатар аст, ҷои мо дар он ҷоест, ки ҷавонони ҳамсинни мо сина сипар карда, барои номусу шарафи Ватан меҷанганд. Бо қаламу найза барои давлати ҷонҷони советӣ, барои Тоҷикистони азиз, барои адабиёти тоҷик меҷангем. Баъд аз ғалаба найзаро монда бо хома хизматро давом хоҳем дод...

Гиря гулӯи устодро гирифта, вай бо як азоб «афсӯс, ки ҷавон мурд»,— гуфту гирист. Донаҳои ашк бо оҷингҳои рӯяш равон шуда даруни торҳои ришаш пинҳон шуданд...

Ин дафъаи дуюм буд, ки ашкрезии устод Айниро медидам ва ҳарду дафъа ҳам барои тақдири адабиёти тоҷик.

...Мо вакилони нахустин анҷумани Умумииттифоқии нависандагони советӣ фахр мекардем, ки ҳар ду устоди мо, ҳам Айнӣ ва ҳам Лоҳутӣ ба ҳайати раёсати анҷуман интихоб шудаанд. Устод Айнӣ чун роҳбари вакилон ҳар рӯз баъд аз маҷлис моро ҷамъ карда сарзаниш мекард, ки чаро дар вақти кори маҷлис баромада



рафтед? Ё чаро дар вақти музокираи фалонӣ гап мезадед? Оё намедонед, шахси бузург падари маънавии мо Максим Горький аз ин кори шумо хурсанд намешавад.

Мо мекӯшидем, ки боадабона рафтор кунем, устодони худро наранҷонем. Лекин ҷавонӣ ҷавонист.

Як рӯз боз ба даст афтодем.

Дар роҳрави маҷлисгоҳ қадам мезадам, ки баногоҳ аз пешам устод Айнӣ баромаду ғайричашмдошт пурсид: — «Рафиқ Миршакар, шумо ба анҷуман омадаед ё барои тамошои Москва! Анҷуман ҳар чанд сол як бор даъват мешавад, лекин Москва ҳамеша дар ихтиёри шумост!»

Узрхоҳӣ кардам ва гуфтам:

— Елена Стасова хоҳиш кард, ки рафта ба пионерон-фарзандони маҳбусони сиёсии байналхалқӣ, ки дар Москва тарбия мегиранд, дар бораи худ ва ватанам Тоҷикистон сӯҳбат гузаронам.

— Рафтӣ?

— Рафта омадам.

— Сӯҳбат кардӣ?

— Бале.

— Ба пионерон писанд омад?

— Аз афташ, маъқул шуд, ки чандин бор хандиданд ва чапак заданд.

— Хело хуб аст,— гуфт устод,— дар ин ҷо ҳам воқеаи ғалатие рӯй дод. Пионерони Сибирь анҷуманро табрик карданд. Онҳо чунон таъсирбахш сухан карданд, ки Горькии бузург гиря кард. Аз чашми ман ҳам ашк ҷорӣ гашт.

Ман тасдиқ карда гуфтам, ки «дар он ҳангом ман ҳам дар маҷлис будам, нутқи пионеронро бо ҳиссиёти чуқуре гӯш кардам, гиряи Горький ва шуморо дидам».

— Аҷибаш ин ки,— гуфт бо завқ устод Айнӣ,— суханони пионеронро бе тарҷумон аз аввал то охир фаҳмидам. Дил ба дил наздик аст-дия.

Баъд устод Айнӣ атрофро як бори дигар аз назар гузаронда пурсид: ин Ғанӣ Абдуллову Раҳим Ҷалилу дигарон дар куҷо бошанд?

Дар ин асно овози хандаи Раҳим Ҷалил аз тарафи дигари роҳрав баланд шуд...

...Дар анҷумани нахустини умумииттифоқии нависандагон устод Айнӣ дар ҳайати президиуми анҷуман нишаста буд. Максим Горький нутқ мекард, устод аз ӯ ни-

гоҳ наканда, нутқашро бо муҳаббати калоне гӯш мекард.

Аз нигоҳҳои домулло аён буд, ки Горькийро бениҳоят дӯст медорад, ҳурмат мекунад. Ҳар боре, ки вакилон дар давоми нутқи Горький чапак мезаданд, аз ҷо намехестанд, вале устод аз ҷо хеста чапак мезад.

М. Горький гоҳ-гоҳ меомаду дар паҳлӯи С. Айнӣ менишаст, чизе мепурсид. С. Айнӣ бо ҳамон ҳаракатҳо ва табассумҳои ба худ хос ҷавоб мегардонд ва ҳар ду баробар механдиданд. Гоҳо устод Лоҳутӣ омада ба сӯҳбати онҳо ҳамроҳ мешуд, мехост, ки суханони устодро тарҷума кунад. Лекин устод тан намедод. Мекӯшид, ки худаш бо забони худ ба шахсе, ки дӯсту муаллимаш медонад, дили худро кушояд. Горький ин мақсади дӯсташро мефаҳмид ва меписандид.

...Чӣ шуд, ки як рӯз ба маҷлис дертар омадем. Баъд аз маҷлис устод моро ба назди худ даъват намуд ва хуб сарзаниш кард.

— Оё намефаҳмед,— мегуфт вай,— ки дидори рӯи Горькийро дидан ва суханони пур аз ҳикмати ӯро шунидан орзуи миллионҳо одамони дунёст, лекин на ба ҳар кас ин бахт муяссар мешавад. Шумоҳо бошед... хом ҳастед... хом ҳастед... хом!

Оре, муҳаббати устод ба Горький интиҳо надошт. Вай ҳатто таҳрири тарҷумаи осори Горькийро ба касе бовар намекард, худаш таҳрир менамуд. Абдусалом Деҳотӣ нақл мекард, ки боре дар ҳангоми таҳрири тарҷумаи яке аз асарҳои Горький устод Айнӣ тарҷумонро ба наздаш ҷег зада мегӯяд: «Ин ҷумларо нодуруст тарҷума кардаед, ки ин гуна иборахо, мантиқан, барои Горький хос нестанд». Вақте ки тафтиш кардем, сухани устод дуруст баромад.

М. Горький дар маърӯзаи таърихии худ ботантана эълон кард, ки методи адабиёти советии мо реализми социалистист. Садриддин Айнӣ то охири умри худ дар адабиёт байрақбардори реализми социалистӣ буд ва ҳар бор ба мо, шогирдони худ, таъкид мекард, ки моҳияти ин методи адабиёти сермиллати социалистиро ҳарҷониба омӯзем ва дар кори эҷодии худ ба он такя намоем.

* * *

Устод Айниро меҳнаткашони шаҳри Душанбе, ба депутатии Советҳои меҳнаткашон номзад пешбарӣ карданд.



Дар яке аз рӯзҳои арафаи интихобот ба Иттифоқи нависандагон телефон шуд, ки имрӯз Садриддин Айнӣ бо интихобкунандагонаш бояд вохӯрад, хоҳиш карданд, ки ягон нависанда ҳамроҳаш фиристода шавад, то бароmадашро тарҷума кунад.

Деҳотию Абдушукур ду бародар, ки он рӯзҳо роҳбарони Иттифоқи нависандагон буданд, бо ҳайрат ба якдигар нигариста хомӯш монданд.

Ниҳоят ба ҳамин қарор омаданд, ки он каси эътимоднок бояд котиби ташкилоти комсомолии нашриёт Мирсаид Миршакар бошад. Ман пурсидам, ки чаро ман? Чаро Деҳотӣ ё Абдушукур не?

Абдушукур хандиду гуфт:

— Мо дар вақташ калтак хӯрдаем, акнун навбати ту!

Устод як хислати аҷиб дошт. Дар маҷлисҳо ба русӣ гап намезад, аммо агар касе нутқашро тарҷума мекард, бо ӯ дастбагиребон мешуд, ки чаро нодуруст тарҷума мекунад.

Деҳотӣ ҳикоя мекард, ки боре яке аз ходимони нашриёт Исмоилзода, ки забони русиро хело хуб медонистааст, дар маҷлис аввал ба тоҷикӣ, баъд ба русӣ сухан кардааст. Устод ҳам ки дар маҷлис иштирок доштааст, якбора аз ҷо хеста сухани ӯро мебурад ва ба русӣ мегӯяд, ки Исмоилзода нодуруст тарҷума карда истодааст, иҷозат диҳед, ман нутқашро тарҷума кунам...

Ман ҳам аз ин хислати ӯ камубеш воқиф будам, лекин хоҳиши дӯстам Деҳотиро рад карда натавонистам.

Хушбахтона, вохӯрӣ бо интихобкунандагон ба хубӣ анҷом ёфт. Устод аз тарҷумаи ман розӣ буд.

Аз округи интихоботӣ пиёда баргаштем. Дар роҳ устод пурсид, ки мактубашро гирифтаам ё на?

Суол бароям ғайричашмдошт набуд, аз ҳамон рӯзе, ки устод аз Самарқанд омадааст, ҳар рӯз интизори ин суол будам ва оромона «гирифтам» гуфтам.

— Хуб, набошад ба чӣ хулоса омадӣ? — пурсид устод.

Вақте ки аз хизмати аскарӣ баргашта омадам, маро ба муҳарририи шӯъбаи адабиёти бадеии нашриёти давлатӣ таъин карданд.

Дар яке аз рӯзҳо достони «Ҷанги одам бо об»-и Айниро ба ман доданд, ки хонда тақриз нависам. Ман рад кардам ва гуфтам, ки наход шумо мехоҳед мӯрчаро ба фил ҷанг андозед. Ба ман гуфтанд, ки ту муҳаррир хас-

тӣ, ҳар чи ба ту супоранд, бояд ба ҷо орӣ, барои ин маош мегирӣ.

Китоброро гирифта ба назди Деҳотӣ ва шоирони дигар, ки дар нашриёт кор мекарданд, рафтам, маслиҳат пурсидам. Қариб ҳамаашон, аз ҷумла, шахси наздиктарини устод Деҳотӣ гуфтанд, ки ин достонро шоҳасари устод номидан мумкин нест, барои бачагон вазнин аст, аммо барои калонсолон мазмунаш хело ҳам содда. Ман ҳам ба фикри онҳо розӣ шуда тақризчае навишта, ба нашриёт супурдам. Коркунони нашриёт тақризро бо имзоям ба устод фиристодаанд.

Дере нагузашта мактуби ҷавобии устод омад.

Аз мактуб аён буд, ки устод хело асабонӣ шуда, ҷавоб навиштааст. Бояд гӯям, ки ҳар чи бошад ҳам, ҳақ ба ҷониби устод буд.

Ҳоло ки устод сухан аз тақризу мактуби ҷавобӣ кушод, ман ҳам ҳамаи гап ва воқеаро, чи тавре ки буд, ба ӯ ҳикоя кардам.

Устод гуфт, ки ба гапҳои ман бовар мекунад, ҳамаи ин гапҳоро аз Деҳотӣ фаҳмидааст.

— Лекин ман,— гуфт устод,— ақида доштам, ки помириҳо то бовар пайдо накунанд, ба фикри касе розӣ намешаванд. Вақте ки Ҷамшед Шанбезода дар ҚМ Партияи Коммунистии Тоҷикистон кор мекард, ба вай хабар расондаанд, ки «Айнӣ одами бад аст, ба корҳои ношоистае машғул аст...». Шанбезода гуфтааст, ки «худо ба ман ду чашм додааст, ки ба чашмони дигарон мӯҳтоҷ нашавам. Чашмони ман тезбинанд ва ман алҳол аз онҳо гила надорам».

Устод ин суханонро бо завқи калоне гуфту ба ман нигарист.

Сӯҳбаткунон ба хобгоҳи нависандагон, ки дар кӯчаи Орҷоникидзе, ҳавлии рақами 49 воқеъ буд, расидем. Шогирдони устод моро пешвоз гирифта, узрхоҳӣ карданд, ки маҷлис доштаанд ва бинобар он ҳамроҳи ӯ рафта натавонистаанд.

Аз табассуми устод аён буд, ки узри онҳоро қабул накард.

— Ба кори муҳиматон халал нарасонда бошам шуд,— гуфту ба ҳуҷрааш даромад.



## ДАР МЕҲМОНӢ

Ҳамаи онҳое ки аз Тоҷикистон ба Самарқанд мерафтанд, орзуи зиёрати устодро доштанд. Лекин ин кор на ба ҳама муяссар мешуд.

Вақте ки ин суханонро дар вагон аз як колхозчӣ шунидам, дар ташвиш афтода пурсидам:

— Барои чӣ муяссар намешавад? Охир дар пеши дарвозааш посбон наистодааст-ку!

— Он ҳурмате ки нисбат ба вай дорем, аз сад посбон ҳам зӯртар аст,— гуфт дар ҷавоб ҳамсӯҳбатам.

Ба Самарқанд шаб расидам. Пагоҳӣ баъд аз наҳор ва тамошои Регистон ва масҷиду манораҳо ба тарафи кӯчаи Лаби Ғор раҳсипор шудам.

Ҳавлии устод ва биноҳо ва дарвозаи он аз дигар ҳавлиҳои он маҳалла фарқе надошт,— хонаҳои оддӣ, девори гилин, дарвозаи чӯбин...

Ҳар чӣ бодобод гуфта дари дарвозаро тақ-тақ кардам. Дар кушода шуд. Шахси дар кушодагӣ ба рӯям бодиққат нигаристу баъд пурсид:

— Шумо кӣ мешавед?

— Ман аз Сталинобод, аз Иттифоқи нависандагон,— ҷавоб додам ва интизори даъват нашуда ба ҳавлӣ по гузоштам. Шахси пешвозгиранда кабинети кории устодро нишон дода «марҳамат,— гуфт,— домулло дар он ҷоянд».

Устод машғули кор буд. Болои миз аз тарафи рост се китоби калони қадимӣ, дар байн сиёҳидон ва аз тарафи чап пиёлаи балғамӣ ва чойник бо чойникпӯш истода буд.

Салом додам. Устод аз ҷо хеста саломамро қабул карда, баъд таклиф кард, ки нишинам.

Пеш аз ҳама устод сабаби ба Самарқанд омаданамро пурсид.

Нон, чой, ширинӣ ва пиёла оварданд. Устод пиёларо назди ман гузошта, чой нӯшидан таклиф кард ва баъд аз пурсидану фаҳмидани саломатии ёру дӯстон ва вазъияти кори Иттифоқи нависандагон пурсид:

— Масъалаи ҳофизи халқ Шариф Ҷӯра чӣ шуд?

Ман ба устод фаҳмондам, ки ҳамаи материалҳо тӯҳмат баромадаанд.

— Тӯҳматчиёнро ба ҷазо расондан лозим аст,— гуфт устод бо овози баланду ғазаболуд.

— Материалҳо беимзоанд,— ҷавоб додам ман.

— Душман, ки дар ҷанги тан ба тану мардона мағлуб шуд, роҳи ифлоси тӯҳматро пеш мегирад!

Баъд устод ҳикоя кард, ки буржуазияи ҷавони Бухоро дар охирҳои асри XIX ва оғози асри XX бо хубӣ ҳис кард, ки пояи салтанати аморати Бухоро пӯсида истодааст ва наздик ба сарнагун шудан аст. Бинобар он, ҳамаашон бо одамони равшанфикри Бухоро, ки мавҷудияти салтанати амириро мониаи роҳи озодӣ ва нашъунамои илму дониш медонистанд, як шуданд ва даъво мекарданд, ки салтанати амирро сарнагун бояд кард! Худро «маорифпарвар», «халқпарвар», «ҷӯяндагони ҳақиқату озодӣ» меномиданд. Аммо, чи тавре ки баъд фаҳмидем, мақсадашон барқарор кардани ҳокимияти буржуазӣ будааст.

Инқилоби социалистии Бухоро ин нияти ифлоси онҳоро барбод дод. Як гурӯҳашон рӯирост ба муқобили давлати ҷавони социалистӣ ханҷари хунин бардошта, ба хизмати Анвар-пошшои моҷароҷӯ даромаданд, қисми дигар бо ҳазор макру ҳила ва ба воситаи ёру ҷӯраҳояшон дар идораҳои давлатӣ соҳиби мансаб шуданд. Ҳамин гурӯҳи дуюм хавфноктар буд.

Устод ба дастархон назар андохт ва парешон шуд, ки якбора пурсид:

— Кӣ дар он ҷост? Барои чӣ мавиз нест? Пистаю бодом ҳам биёред, меҳмони мо аз роҳи дур омадааст.

Дастурхон бо меваҷот ороста шуд. Устод ба суханаш давом кард:

— Ман бо онҳое будам, ки мавҷудияти салтанати амириро мониаи роҳи озодӣ ва нашъунамои илму дониш медонистанд. Революцияи Октябрь чашмамро кушод ва ман онро бо рӯҳбаландию қаноатмандӣ истиқбол кардам ва ба хизмати он, ки хизмати халқ аст, камари ҳимматро маҳкам бастам.

Барои намояндагони буржуазие, ки рӯирост ба муқобили революция набаромада, ниқоб пӯшида мансабдор шуда буданд, аввал назарногир будам, ба ман ва кори ман аҳамият ҳам намедоданд. Лекин баъд аз ба нашр расидани аввалин асарҳоям лаънатиҳо ба ғазаб омада, маро таънаю ҳақорат додан гирифтанд.

Маро хеле азоб медоданд, ба кори эҷодиам халал мерасонданд. Маст шуда беиҷозат ба ҳавлии ман медаромаданд ва зиёфати равғанину арақу коньяк талаб мекарданд. Баъд аз зиёфату нӯшонӯшии бисёре ҳатто аз номи Файзулло Хоҷа ва дигар роҳбарони давлат метарсонданд, ки агар минбаъд ин хел чизҳоро нависам, беҷазо нахоҳам монд.

Ман борҳо бо Файзулло Хоҷа вохӯрда будам, сӯҳбатҳо кардем, вале боре ҳам шахсан аз ӯ ин гуна суханро нашунида будам ва барои ҳамин ҳам ба дӯғу пӯписаҳои он амалдорон аҳамият намедодам, танҳо як чиз маро ба ташвиш андохта буд — аксари онҳо дӯстони наздики Файзулло Хоҷа буданд.

Кор ба ҷое расид, ки баъд аз чоп шудани «Ғуломон» ду нафари онҳо омада рӯирост гуфтанд, ки барои сиёҳ кардани миллат «Одина» ва «Дохунда» бас набуд, ки «Ғуломон»-ро ҳам навиштӣ? Чаро дигарон не, аммо ту гузаштаро то ба ин дараҷа сиёҳ мекунӣ? Ва ҳол он ки ту, шахсан ту, барои ҳамааш, ҳам барои илму дониш ва ҳам барои бахти имрӯзаат бояд аз гузашта миннатдор бошӣ...

Аҷибаш он буд, ки дар сӯҳбатҳои шахсӣ маро барои «сиёҳ кардани гузашта», вале дар маҷлисҳои расмӣ барои «идеализация кардани гузашта» гунаҳкор мекарданд. Ҳатто медонӣ, ки ду соли охир солҳои вазнине буданд. Аз фурсат истифода бурда, боқимондаҳои ҳамон талхкомҳо сар бардошта лаҷоми тӯҳматро сар доданд. Ба газетаҳо бо имзоҳои сохта ба муқобили ман мақолаҳо фиристоданд. Исбот карданӣ мешуданд, ки гӯё онҳо дӯстони Давлати Советӣ бошанду ман душман. Яке аз ҷунин «дӯстон» ҳар рӯз дар чойхонаҳо, ҳатто дар ҳаммомҳо дар ҳаққи ман тӯҳмат зада ва маро ҳақорат медодааст. Як рӯз одамон ба танг омада, милиционерро ҷеғ зада хоҳиш мекунанд, ки ин «нотиқи» аз худрафтаро ба девонахона барад...

Дар ин асно ба кабинет Маҳмуд Диёрӣ дохил шуд. Салом дода узрхоҳӣ кард:

— Домуллои мӯҳтарам, мебахшед, шунидам, ки рафиқ Миршакар меҳмони шаҳри мо шудааст, тозон ба меҳмонхона рафтам, гуфтанд, ки баромада рафт. Дар чойхона бо Гулханӣ вохӯрдам ва аз ӯ фаҳмидам, ки меҳмони мо ба зиёрати шумо омадааст.

Устод хандиду чизе нагуфт.

Дар ҳақиқат дар чойхонае ки дар сари роҳи калон ҷанд қадам дуртар аз ҳавлии устод аст, пеш аз ба ҳавлии устод даромадан, нишаста чой нӯшида будам. Як шахси муллонамо, ки намедонам, кӣ буданамро аз куҷо фаҳмида бошанд, омада бо рӯи хандон салом дод ва худро шиносонд: «Мо ҳам,— гуфт,— як пои гӯсола шуда

хизмати адабиётро карда истодаем. Шеърҳоям дар газетаи шаҳри худамон ва гоҳ-гоҳ дар газетаҳои республикавӣ дарҷ мешаванд».

Он шахс дар рӯ ба рӯям нишасту чой нӯшида, чойхонаро таъриф кардан гирифт.

— Ин чойхона,—гуфт,—мӯҳташам набошад ҳам, шӯҳраташ калон аст. Бисёр чизҳои аҷибу ғариберо дидаасту шунидааст. Чунки аз ин ҷо роҳи асосии шаҳри кӯҳна мегузарад...

Самоворчӣ тоқат накарда бурутҳояшро як тоб доду ба гап ҳамроҳ шуд:

— Мо ако медонем, ки чанд дафъа домулло Айнӣ аз ин роҳ пиёда, чанд бор савора ва чанд бор бо мошин гузаштааст... вай аз ҳамин ҷо гузашта ба боғаш меравад!

— Муллоака, беадабӣ нашавад,— гуфт яке аз ҳозирон,— тамошои аҷиберо ки бо чашмам дар ҳамин ҷо дида будам, гӯям. Як вақтҳо Лоҳутӣ меҳмони домулло Айнӣ шуда буд. Домулло аз афташ, меҳмонро ба боғ бурданӣ мешавад, аммо мошин вайрон будааст, ки аробаро ба хар баста ҳар ду болои он савор шуда, аз ҳамин ҷо сӯҳбаткунон гузаштанд.

— Солҳо боз,— ба гапаш давом дод шоир,— ҳамаи фозилони шаҳри кӯҳна дар ҳамин ҷо ҷамъ меоянд, чой менӯшанд, аз корубори худ сӯҳбат мекунанд. Пайрав Сулаймонӣ ҳам баъд аз ба Самарқанд кӯчида омаданаш ҳар боре ба ҳамин ҷо меомад, чой менӯшид, шохмотбозӣ мекард, ба мухлисонаш шеърҳои тозаи худро мехонд. Ҷои дӯстдоштаи ман низ ҳамин ҷост. Аксарияти осори ман ё дар ҳамин ҷо ё бевосита баъди аз ин ҷо рафтан эҷод шудааст.

Яке аз ҳозирон намедонам, барои чӣ бошад ба сӯҳбат ҳамроҳ шуда бо табассум киноямез пурсид:

— Шумо оғои Миршакар, умедворам, ки аз осори шоири оташинсухан Гулханӣ бебаҳра намондаед?

— Гулханӣ шоири хеле аҷибест,— гуфтам ман,— ӯ яке аз он шоиронест, ки оташро мепарастид, дини исломро ботинан қабул накард.

Ҳозирон ва худи шоир дар ҳайрат монданд.

— Ҳайрон нашавед,— гуфтам ва барои тасдиқи фикрам ин сатрҳои Гулхании қашқариро хондам:

Ман ба даште пой мемонам, ки ӯ ғампарвар аст,
Ё ба саҳрое ки ҳаври ӯ зи оташ бадтар аст,



Ман наям булбул, ки баҳри гул ниҳам по дар чаман,
Тоири оташпарастам, ҷои ман дар озар аст.
Зулфи ислом он қадар дар дил намепечад маро,
Орзуи куфри зулфаш солҳо шуд бар сар аст...

Аз шунидани ин шеър ҳайрати ҳозирон бештар афзуд. Ман сабабашро нафаҳмидам. Акнун баъд аз омадани Диёрӣ ҳама бароям равшан шуд. Маълум мешавад, ки номи он шоире ки бо ман дар чойхона ҳамсӯҳбат шуда буд, низ Гулханист. Лекин ман надониста шеъри Гулхании дигарро хондаам.

Устод ҳангоми хайрухуш хоҳиш кард ба идораи «Шарқи Сурх» расонам, ки мақолаи ба даҳаи санъати тоҷик бахшидаашро, ки аз ӯ хоста буданд, навиштааст ва дар ҳамин рӯзҳо мефиристонад. Баъд устод хурсандона хабар дод:

— Ҳангоме ки Шариф Ҷӯра номи яке аз сурудҳояшро «Рок» монд, дар сари ман фикре омад, ки «рок» бояд номи мусиқие ё чизе ба он наздик бошад. Фикрам дуруст баромад. Дар «Чароғи Ҳидоят» навишта шудааст, ки «рок» ва «ранг» калимаи ҳиндӣ буда, маънии сӯҳбату айшу тарабро доранд. Барои тасдиқ ин мисол оварда шудааст:

...аз шеваҳои року рангаш
Ба ракс орад фалакро созу чангаш.

Дар бораи устод Айнӣ бисёр чизҳоро шунидаву хонда будам, лекин на ба ин дараҷае ки аз худи ӯ шунидам...

Худро хушбахт мешумурдам, ки ин шахси бузург нисбат ба ман ин қадар меҳрубон аст, рози дил ва саргузашташро чун падар ба писар муфассал ҳикоят кард. Дар он рӯз бисёр чизҳоро фаҳмидам.

## ЧӢ РӮЗҲОЕ БУДАНД...

Баҳори соли 1941 Москваи азизро гулҳои санъати маданияти тоҷик оро ва зебою дилкушотар карданд.

Дар зарфи даҳ рӯзи Даҳаи санъат ба ҳар тараф, ки назар меандохтем, номи тоҷик ва ба ҳар кас, ки менигаристем, табассуми гарму ҷӯшон, нигоҳҳои пур аз меҳру муҳаббатро медидем. Дар саҳифаҳои матбуот ҳар

рӯ дар бораи Тоҷикистон мақолаҳо чоп мешуданд, радио ахбори навинро аз муваффақиятҳои республика сар мекард.

Чи дар хориҷа ва чи дар дохили мамлакат ашхосе буданд, ки мавҷудияти тоҷикон ва маданияти онҳоро инкор мекарданд. Даҳаи маданияти социалистии тоҷик ханҷари бурроe буд, ки ҷигари душманонро пора-пора ва чашмонашонро кӯр мекард.

Вақте ки дар шаби зиёфат дар Кремль Сталин қадаҳ бардошта гуфт, ки тоҷикон қадимтарин халқи Осиёи Миёна мебошанд, маданияти онҳо бо номи Фирдавсӣ сар мешавад, устод Садриддин Айнӣ олими мӯйсафедеро, ки дар паҳлуяш нишаста буд, тела дода «Рафиқ,— гуфт,— чаро хомӯш нишастай, чапак зан, ҳақиқат тантана кард!»

...Дар он солҳо барои ба Кремль даромадан гузарнома ва барои гузарнома анкет пур кардан лозим буд.

Дар вақти пур кардани яке аз ин гуна анкетаҳо ҳикоя кардам, ки соли 1929, вақте ки вакили слёти пионерони Умумииттифоқӣ ва байналхалқӣ будам, ҳар бор бе анкетаву гузарнома ба Кремль медаромадем, чи қадар ки хостем мегаштем ва бозӣ мекардем ва дар бозгашт посбонҳо бо чеҳраҳои хандон моро гусел мекарданд. «Қунун замона дигар гашту мо дигар гаштем»...

Устод Айнӣ завқ карда:

— Ин мисраи Рӯдакиро,—гуфт,—дар ҷояш кор фармудӣ.— Устод баъд аз лаҳзае давом дод: — Мантиқ поёни сухану маънист. Намедонам дар Сталинобод чӣ тавр бошад, лекин дар Самарқанд дар мактабҳои миёна ва ҳатто дар мактабҳои олӣ таълими мантиқ он қадар қаноатбахш нест. Ман бо мудири маорифи шаҳр дар ин хусус гапзанон кардам, вай китфҳояшро ҷунбонда «Доир ба мантиқ ҳатто китоби дарсӣ надорем» мегӯяд.

Улуғзода фаҳмонд, ки дар ҳама ҷо ҳамин тавр аст.

Устод асабонӣ шуда:

— Ин тамоман нодуруст аст,— гуфт,— бе донистани мантиқ ба саҳву хатоҳои ноқисе дучор шудан мумкин аст. Дар мадрасаҳо ба илми мантиқ аҳамияти калоне медоданд. Дар ҳар корам мантиқ дасти рости ман аст. Ҳамон вақтҳое ки дар шӯъбаи тоҷикистонии нашриёти Самарқанд кор мекардам, тарҷумаи асарҳои чунин одамони бузург — чун Максим Горькийро, ба касе бовар накарда, бевосита худам аз назар мегузарондам. Агар ягон ҷумлае ба мантиқ баробар намеомад, тарҷумонро чеғ зада супориш медодам, ки ҷумлаи мазкурро як бори дигар бо аслаш муқоиса кунад. Тарҷумонҳо аввал норизоӣ баён мекарданд, «Мо кӯр нестем... мо ақли худ нахӯрдаем» мегуфтанд. Вале рӯзи дигар омада узрхоҳӣ мекарданд, ки дар ҳақиқат дар тарҷумаи ҷумлаи мазкур каме шитобкорӣ шудааст.



Афсӯс, ки на ҳамаи шумо, ҷавонҳо, ба мантиқ аҳамият медиҳед. Ин қаҳрамонӣ нест, балки нисбат ба худ ва ҳунари худ ва хонандаи худ беэҳтиромист.

Даҳаи санъат анҷом ёфт. Бегоҳӣ дар яке аз залҳои калони Кремль зиёфати ҳукуматӣ барпо шуд.

Пагоҳӣ радио хабар дод, ки як гурӯҳи ходимони адабиёту санъати тоҷик бо ордену медальҳо мукофотонида шудаанд.

Занги телефон. Гӯшаки онро бардоштам. Овози Абдусалом Деҳотӣ ба гӯшам расид, ки мегуфт: «Тезтар биё, мукофотонидагонро табрик кунем, дасташонро фишорем, аз пешонаашон бӯсем!».

Деҳотӣ пеш-пеш, ман аз қафояш ҳуҷра ба ҳуҷра гашта одамонро муборакбод мекардем, ба кори эҷодиашон муваффақият орзу менамудем.

Ҳамин тавр ба ҳуҷраи устод Айнӣ, ки бо ордени Ленин сарфароз шуда буд, дохил шудем ва табрик кардем.

Устод пурсид, ки аз нависандагон боз киҳо ҳастанд. Мо бо китфҷунбонӣ «намедонем» гуфтем.

— Ҳофизи халқ Шариф Ҷӯра чӣ? — пурсид устод.

Мо «ҳаст» гуфтем. Устод хоҳиш кард, ки ӯро ба ҳуҷраи ака Шариф барем, ки табрикаш кунад. Мо фаҳмондем, ки он кас дар меҳмонхонаи «Киев» истиқомат мекунад ва афсӯс, ки ҳуҷраи ӯ телефон надорад...

Ҳар замон дар кушода мешуд, одамон бо гулдастаҳо медаромаданд, шахсеро ки асосгузори адабиёт ва падари маънавии маданияти тоҷик аст, бо ғалабаи дурахшон табрик мекарданд.

## МО ДАР ҒАМИ Ӯ БУДЕМ, Ӯ ДАР ҒАМИ МО

Поезд бори охир нафас кашиду истод. Мо ба тарафи вагони ҳукуматӣ, ки аз ҳама охир буд, тохтем. Назди дари вагон, кондуктори ба ҳамаи мо шинос Иванов истода буд. Аз чеҳраи ношодаш пай бурдем, ки бо устод ягон ҳодисае шудааст. Деҳотӣ дарҳол пурсид:

— Домулло чӣ тавр худро ҳис карда истодааст?

— Каме нотоб аст,—гуфт Иванов ва ба мо роҳ кушода, таклиф кард,— марҳамат дароед.

Устод дар бистар дароз кашида буд. Бо нолиш ба саломи мо «алейк» гуфту нимхез шуда пурсид:

— Рафиқ Почоҷонов дар куҷост?

Дар ин асно коргузори Президиуми Совети Олии Тоҷикистон рафиқ Почоҷонов даромада салом дод. Устод ба нишастанаш таклиф кард. Почоҷонов нишаст ва узрхоҳӣ кард:

— Мебахшед, устоди мӯҳтарам, барои духтур сарсон шуда, каме дер кардам.

— Кадом духтур?

— Аз роҳ сардори поезд хабар дод, ки каме нотоб шудаед.

— Аммо, онҳо сабаби нотоб шудани маро нагуфтанд? — устод интизори ҷавоб нашуда, суоли дигаре дод: — Дар вақти фиристодани вагон шумо, рафиқ Почоҷонов, барои чӣ тафтиш накардед, ки ҳамаи чизҳои дар сафар даркорӣ ҳаст ё на?

Почоҷонов арз кард, ки барои фиристодани вагон аз Совети Вазирон рафиқи мӯҳтарами мо Тоҳиров мутасаддӣ буд.

Тоҳиров дарҳол аз ҷо хест ва узрхоҳона гуфт:

— Дар ҳақиқат фиристодани вагон ба ман супурда шуда буд. Вагонро дар вақташ фиристодам. Аммо фиристодани доруро ҳатто фикр ҳам накардаам.

— Албатта фикру хаёлоти шумо бо корҳои аз ин ҳам муҳимтаре банд буданд,— гуфт бо кинояи устод ва баъд аз фосилае ҳасрат кард,— куҷоянд он рӯзҳое ки хошияхонӣ мекардам...

Дар вагон танҳо нависандагон монданд. Дигарон рафтанд. Устод «шумо ҳам, агар хоҳед равед, дар ин ҷо ягонтаатон бо ман монанд бас аст. Ман то омадани духтур бояд дар ҳамин ҷо бошам»,— гуфт ва ҳамаи моро аз назар гузаронд. Ҳеҷ кас фикри рафтан надошт. Инро устод аз нигоҳҳои мо пай бурда «хайр ихтиёратон» гуфт.

Мавзӯи сӯҳбати мо хело парешон ва безавқ буд, диққати устодро ба худ ҷалб карда натавонист.

Чӣ бояд кард? Байтбарак! Оҳиста ба Деҳотӣ гуфтам. Деҳотӣ бо сарҷунбонӣ «ҷояш нест» гуфт. Он гоҳ бе маслиҳати Деҳотию дигарон ташаббусро ба дасти худ гирифта аз «кашфиёти» охиринам сухан кушодам.



— Дӯстон,— гуфтам,— оё медонед калимаи чакман ихтисори чокдоман аст? Калимаи чароғ ихтисори чарбуроғ аст. Яъне равшании чарбу.

Ҳама хандиданд. Устод сар бардошта:

— Чаро механдед,— гуфт,— дар ҳақиқат роғ маънои равшанӣ дорад. Барои ҳамин ҳам дар Бухоро «дар нимроғ» кушода шудааст, мегӯянд.

Баъд аз ҳамон рӯз ҳар боре, ки дар бораи таърихи калимае баҳс мерафт, Абдусалом Деҳотӣ бо шӯхӣ мегуфт: «Бо Миршакар баҳс накунед, вай ҳатто устод Айниро қоил карда буд».

Дар яке аз рӯзҳои солҳои панҷоҳум устод Садриддин Айнӣ ба Иттифоқи нависандагон телефон карда, дар куҷо будани Мирзо Турсунзодаро пурсид. Ман фаҳмондам, ки ба маҷлис тайёрӣ дида истодааст. Устод бо ҳайрат пурсид:

— Кадом маҷлис?

— Маҷлиси президиуми Иттифоқи нависандагон.

— Барои чӣ ба ман хабар надодед?

— Мебахшед, домулло, гумон кардем, ки...

— Бародар,— гапамро бурида фаҳмонд устод.— Ман дар Самарқанд не, ман дар Сталинобод ҳастам. Шумо вазифадоред, ки аз ҳар чорабиниҳое, ки дар Иттифоқ гузаронида мешаванд, маро огоҳ намоед! Илтимос ҳамин, ки ним соат пеш аз сар шудани маҷлис бароям мошин фиристонед.

— Хуб шудааст. Худи ман барои шумо меоям.

— Омадани шумо шарт нест. Шофер роҳашро гум намекардагист.— Устод аз ин суханаш завқ карда хандид ва баъд илова кард:

— Аз номи ман ба Камолҷон телеграмма нависед, ки мазмунаш чунин бошад: «Бо самолёт оед, ман розӣ. Айнӣ». Фаҳмида шуд?

— Фаҳмида шуд, лекин ба фикрам «ман розӣ» зиёдатист?

— Дар чунин мавридҳо хасис шудан лозим нест.

* * *

Маҷлис сар шуд. Устод дар рӯ ба рӯям нишаста буд. Маърӯза ва музокираҳо кашол ёфтанд. Хумори папирос ҳамаро бетоқат карда буд, «сер аз ҳоли гушна чи хабар дорад» гуфтагӣ барин раиси маҷлис Мирзо аз ҳоли мо огоҳ набуд. Вай чун раиси маҷлис соҳибихти-

ёр буд. Папирос мекашид, берун мебаромад, дам мегирифт ва боз омада менишаст. Музокирачиён мекӯшиданд, ки бисёртар гап зананд. Бо ҳамин ба устоди худ, ки бинобар дур будан на ҳама вақт имконияти дар маҷлисҳо иштирок кардан дорад, истеъдоди нотиқии худро намоиш диҳанд.

Устод бошад тан ба тақдир дода суханҳои онҳоро гӯш мекард. Ҳар боре ки устод ба соаташ менигарист, ман умедвор мешудам, ки ҳоло ба ҳайати маҷлис мегӯяд: «Бародарон, монда шудем, танаффус эълон кардан даркор аст». Лекин устод чизе намегуфт. Эҳтимол дар дил мепиндошт, ки дар ҳайат будагон худашон бояд пай баранд, ки вай барои чӣ ҳар замон ба соат нигоҳ мекунад.

...Устод дар ҳақиқат ҳам хаста буд. Аз рӯи инсоф, ба ин маҷлис омаданаш лозим набуд. Охир вай дирӯз бегоҳӣ аз Самарқанд омада буд ва арз карда буд, ки каме нотоб аст. Табибон ҳам маслиҳат дода буданд, ки як-ду рӯз истироҳат кунад. Илова бар ин пирӣ корашро оҳиста-оҳиста анҷом медод. Инро махсусан ҳоло, ки се соат боз бетанаффус дар як ҷо нишастааст, беҳтар ҳис кардан мумкин буд.

Дар маҷлис нишаста коғазу қалам гирифта, чун харвақта, ба расмкашӣ машғул шудам. Аввал расми ду-се нафарро кашидам. Баъд «ҳарчи бодобод» гуфта ба кашидани расми устод сар кардам.

...Баногаҳ устод расмашро дид ва ба ҷои он, ки маро ҳақорат диҳад, хандид. Расмҳои дигарро тамошо карда пурсид: — Ин ришдораш кист? Ман фаҳмондам, ки агар Боқӣ Раҳимзода риш мемонд, ҳамин тавр мебуд. Домулло хандакунон гуфтанд, ки агар Ҳаким Карим ҳам риш мемонд, Қамоли Хуҷандии таппа-тайёр мебуд.

Дар охири маҷлис Мирзо аз устод хоҳиш намуд, ки агар имконият дошта бошад, дар ҷамъомади нависандагони ҷавон баромад кунад. Устод дарҳол гуфтанд, ки дар бораи тозагии забони адабӣ ва баъзе тилмочҳое, ки даъвои тарҷумонӣ доранд, сухан хоҳад кард.

Баъди маҷлис устод мани Мирзоро ба наздаш ҷег зада таъкид кард, ки «минбаъд агар маҷлис ё чорабиние гузарониданӣ шавед, ба пирию саломатии ман нигоҳ накарда, маро даъват кунед».

Бевақтии шаб буд, аммо устод намехобид, асарҳои тозаи шогирдонро бодиққат мехонд, таҳрир мекард. Субҳи нав дар паси дар буд...

Боре устод бо телефон хоҳиш кард, ки аз қироатхона барояш «Ғиёс-ул-луғот»-ро биёрам.

Китобро гирифта ба боғи ҳукумат, ба назди устод бурдам. Вай ҷома бар китф, асо дар даст мегашт, гулҳоро тамошо мекард.

Баъд аз ҳолпурсӣ гулҳои худрӯйро бо нӯги асо нишон дода пурсид: — Дар Помир инҳо чӣ ном доранд?

Ба устод фаҳмондам, ки фирӯзарангашро гули фирӯза ва онро ки ранги зард дорад, ширгулак меноманд, чунки ширааш чун шир сафед аст. Устод шарҳ дод, ки решаи калимаи шира шир аст.

Устод номи гулҳои бисёреро пурсид, донистагиамро гуфтам ва дар охир ҳасрат кардам, ки дар Тоҷикистон гулҳои роғию боғӣ бисёранд, аммо дар ҳар маҳал номашон дигар аст, номи ягонаи адабиашон ба мо маълум нест. Дар бораи паррандаҳо ҳам вазъият ҳамин аст. Назми мо аз гулҳо фақат номи гули садбаргу лоларо медонаду аз паррандаҳо номи булбулро. Ба устод суханонам писанд омаданд ва фикри хубе изҳор кард, ки чи тавре ки фольклоршиносон барои ҷамъ кардани адабиёти лафзӣ шаҳр ба шаҳру деҳа ба деҳа мегарданду менависанд, барои донистани номи гулҳою паррандаҳо ҳам ҳамин тавр амал кардан лозим аст. Баъд ҳамаи он номҳоро бо номҳои адабиашон муқоиса карда, он номеро ки байни омма машҳуртару ба забони адабӣ наздиктар аст, оммавӣ кардан лозим аст...

Дар назди фаввора омада нишастем, устод гуфт:

— Аҷибаш он аст, ки на муаллифони китобҳои дарсӣ ба ин масъала машғул мешаванду на нависандагоне, ки барои бачагон асар менависанд.

Аз дур Деҳотӣ намоён шуд, ки ба тарафи мо меомад, устод ӯро дида:

— Ин Деҳотӣ будагист! — гуфт.

— Бале,— гуфтам.

— Ба худи ҳамин кас,— гуфт устод,— борҳо гуфта будам, ки дар бораи гулҳову паррандаҳо барои бачаҳо ҳикояҳои хурд-хурде нависад. Аз дасти ӯ ин кор меояд.

Баробари расида омадани Деҳотӣ мавзӯи сӯҳбати мо тағир ёфт. Деҳотӣ, бо ғурбату ҳасрат:

— Тамоми шаб нахобидам,— гуфт,— луғатковӣ кардам.

— Маънои ягон калимаро? — пурсид устод.

— Дар «Лайлию Маҷнун»-и Низомӣ калимаи «саҳм» кор фармуда шудааст, лекин маънорo вайрон мекунад.

— Саҳмро ба кадом маъно кор фармудааст?

— Саҳм як маъно дорад — ҳисса,— ҷавоб дод Деҳотӣ.

Устод суоломез ба ман нигарист.

— Лекин дар мо саҳм инчунин маънои ваҳм, тарсу бим ҳам дорад,— ҷавоб додам.

— Дар забони тоҷикӣ,— гуфт устод,— саҳми тоҷикӣ маънои ваҳм, тарсу бим дорад, аммо саҳме, ки маънои ҳисса, тиру камон дорад, калимаи арабист ва ҳозир, ки дар адабиёт танҳо ба маънои ҳисса кор фармуда мешавад, нодуруст ва боиси камбағал кардани забон мешавад.

— Аммо ман бори аввал мешунавам, ки калимаи саҳм инчунин маънои тиру камон, тарсу биму ваҳм дорад,— софдилона иқрор шуд Деҳотӣ.

Устод ба ҷӯш омада:

— Бадбахтӣ,— гуфт,— дар он аст, ки аз халқ дур афтодаем, ба забони зиндаи ӯ аҳамият намедиҳем. Гоҳ-гоҳ ба бозор худам меравам ва кӯчагардҳо овоза кардаанд, ки аз афташ, рафиқ Айнӣ ба ҳеҷ кас аз оилааш бовар надорад, ки худаш бозор мекунад, то ки чизҳои нағзеро ба нархи арзонтар гирад... Инҳо ҳама гапанд. Дуруст аст, пули ҳалоли ба даст даромадаро ҳаром сарф кардан хуб нест. Лекин сабаби ба бозор рафтани ман дигар буд. Бо халқи оддӣ ҳамсухан мешудам, калимаву ибораҳое аз забони онҳо мешунидам, ки забонамро ғанӣ карданд. Мо одатан, барои донистани маънои калимаҳои нофаҳму шубҳанок ба «Ғиёс» ё «Бурҳон» муроҷиат мекунем. Луғати зинда — халқро фаромӯш мекунем.

Ман ҷавобан ин байтро хондам:

> Ёр дар хонаю мо гирди ҷаҳон мегардем,
> Об дар кӯзаву мо ташналабон мегардем.

— Бадтар аз ҳама худи ҳамон луғатҳоро ҳам истифода бурда наметавонанд, сарфаҳм намераванд, рӯякӣ варақ мезананд.

Ман узр пурсида суханони устодро қувват додам:

— Масалан, дар «Ғиёс»,— гуфтам,— калимаи «тоҷик» ҳаст ва шарҳ дода шудааст, ки «тоҷик арабзодае, ки дар аҷам калон шудааст...» Бисёр олимон, онро хонда хулоса баровардаанд, ки калимаи тоҷик вайрони тозик (яъне араб) аст. Ин тамоман нодуруст. Худи «Ғиёс» поёнтар шарҳ додааст, ки тоҷик «...номи вилояте ва тоифае ки ғайри араб бошад... ва дар луғоти туркӣ аҳли форс навишта...».

Устод «Ғиёс»-ро аз дастам гирифту:

— Инро,— гуфт,— ба алифбои нав гузарондан лозим аст, мегӯянд. Фикри хубе. Лекин барои ин камаш 10 сол меҳнат сарф кардан лозим меояд. Чандин чопи «Ғиёс»-ро аз назар гузарондаам, яке ба дигаре баробар намеояд. Қотибҳо ё хато менавиштанд, ё аз худ чизе илова мекарданд... Ҳамаи инро бодиққат дида баромадан лозим.

Дар охир устод қайд кард, ки барои мо луғати тафсирӣ хело зарур аст, махсусан барои тарҷумонҳо ва муҳаррирон, аммо барои шоиронy нависандагон беҳтарин луғат забони зиндаи халқ аст.

...Устод касал буд. Барои диданаш рафтам. Аз саломатиам пурсид.

— Қаме нотобам,— гуфтам,— духтурҳо маслиҳат доданд, ки дар касалхона хобам, розӣ нашудам.

Устод асабонӣ шуда:

— Бародар, ин чи гап аст,— гуфт,— дирӯз ҳамин гапҳоро аз Турсунзода шунидам, имрӯз аз забони ту, як ҳафта пеш аз Деҳотӣ. Инро донед, ки шумо танҳо барои худ ва оилаатон нестед. Давлат шуморо ба осонӣ то ба ин мартаба нарасондааст... Шумо бояд ба адабиёту маданияти худ хизмат кунед. Умуман ин бепарвоии шумо ба ман маъқул нест. Фаромӯш накунед, ки шумо кам ҳастед, хело ҳам кам, аммо кор бисёр аст.

Ҳангоми хайрухуш устод аз нав таъкид кард:

— Ба Турсунзода ҳам, ба Деҳотӣ ҳам, ба Улуғзода ҳам ва ба дигарон ҳам расонед, ки шумо барои саломатии худ дар назди фарзандони худ ва халқи худ ҷавобгар ҳастед...

# МАШЪАЛИ ИНҚИЛОБ

*Дар ҷабҳаи мубориза умрам тамом шуд,*
*Даврони теғу оташу хун буд замони ман.*

*АБУЛҚОСИМ ЛОҲУТӢ*

Апрели соли 1978. Радио аз Инқилоби Саври Афғонистон хабар дод. Он рӯзҳо овози Аҳмад Зоҳир ҳар дам ба гӯшам мерасид, ки мехонд: «Бандагӣ гар шарт бошад, зиндагӣ даркор нест». Ин мисраъ аз шеъри машҳури шоири инқилобӣ Лоҳутист, ки соли 1930 навишта шудааст.

Гул-гул мешукуфтам. Охир, ман шарики ғаму шодии халқе ҳастам, ки нону намаки онро чашидаам.

Аз ҳамаи он чизе ки аз ниёгон ба мо расидааст, муқаддастар оташ аст. Лекин бо як оташи ҳазорсола роҳи ояндаро фурӯзон кардан имконнопазир аст. Бо вуҷуди он бе оташи ҳазорсола дур бенур мегардад. Ҳанӯз Саъдии бузург огоҳ карда буд, ки «Гирам падари ту буд фозил, аз фазли падар туро чӣ ҳосил?». Ҳазорсолаи Рӯдакии бузургро бо иштироки аҳли фазли ҳамсояҳои хориҷии худ бо тантана ҷашн гирифтем. Он чароғе, ки Рӯдакӣ барои равшан кардани шаби Шарқ афрӯхта буд, Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ ва Мирзо Турсунзода ба машъали дурахшоне табдил доданд. Имрӯз умеду орзуи ҳар яки мо он аст, ки ҷавонони соҳибқалам анъанаи арбобони адабиёти классикӣ ва советии тоҷикро ғанитар хоҳанд кард. Мо интернационалист, дӯст, бародар ва хайрхоҳи халқҳои тараққипарвари дунё ҳастем. Ҳар чи хубу зебо дорем, аз онҳо пинҳон намекунем ва дар айни ҳол аз хубу зебои онҳо рӯ намегардонем.



Бо ин фикру хаёл ба зиёрати мақбараи дӯст, бародар ва устодам Мирзо Турсунзода равон шудам.

Дар пеши мақбара Мирзо Турсунзода рӯ ба рӯям ҷилвагар шуд.

— Мирзоҷони азиз, дар ёд доред, ки чанд сол муқаддам ҳамроҳи Боқӣ Раҳимзода, Мӯъмин Қаноат дар чойхонаи дилкушои сари роҳи Варзоб бо меҳмони худ, шоири нуктасанҷи афғон Сулаймон Лоиқ нишаста, чои кабуд нӯшида, латифа мегуфтем, шеър хонда, суҳбат мекардем. Байни суҳбат меҳмони мо дарди дилашро кушод. Шумо, гуфт, дӯстон ва ҳамсоягони умедбахши мо ҳастед. Аз як дарё об мехӯрем ва бо як забон сухан мекунем. Охир, инро ман нагуфтаам, Саъдии бузург фармудааст, ки «Чу узве ба дард оварад рӯзгор, дигар узвҳоро намонад қарор. Рост аст, ки Афғонистони сияҳбахт рӯз ба рӯз бадбахттар шуда истодааст. Лекин мо дар гирдоби ноумедӣ ғарқ нашудаем. Мардум бедор шуда, паи таъмири ин вайрона меъморе ҷустуҷӯ дорад...»

Дӯстам Мирзо, шоир Сулаймон Лоиқ хато накард. Меъмор ёфт шуд ва ба таъмири Афғонистон сар кард ва хурсандибахш он аст, ки шеъри «Бандагӣ даркор нест»-и шоири тоҷик Лоҳутӣ суруди мардуми инқилобии Афғонистон шудааст.

Дар бозгашт танҳо будам. Лекин танҳо буданамро ҳис намекардам. Ба ман чунин менамуд, ки Лоҳутӣ бо ман аст ва ман хотироти солҳои гуногунамро ҳикоя мекардам ва ӯ бо завқе гӯш медод.

* * *

Поршневи хушманзара, ки як тарафи соҳили Панҷи ноором бо боғоти сермева дар оғӯш кашидааст, шоҳроҳи Хоруғу Душанбе аз байни он мегузарад. Корвонҳо, почтакашҳо, одамони расмӣ, ки аз Душанбе меомаданд, дар ҳамин ҷо, дар сари чашмаи Шоҳносири Хусрав дам мегирифтанд. Мусофирон дар ҳамин ҷо хоҳу ноҳоҳ аз дида ва шунидаҳои худ ҳикоятҳо мекарданд. Дар ин ҷо хабар паҳн шуда буд, ки дар ҷамоати мо мактаби аввалини советӣ барои фарзандони коргару деҳқон кушода мешавад. Баъди чанде мактаб кушода шуд ва дар ҳақиқат ҳам барои фарзандони коргару деҳқон.

...Муаллими мо Назарбек аз одамони оддӣ буд. Лекин фозил, шоир ва адабиётдӯст буд. Ҳар боре ба Хо-

руғ мерафт, дар бозгашт барои мо китоби шеърҳои нав меоварду меомӯзонд. Мо онҳоро хонда ёд мекардем, дар мактаб, кӯча ва тӯйҳо месурудем. Лекин ин дафъа муаллими мо ба бинои мактаб дохил шуда, пеш аз оғози дарс китобе ба мо нишон дода гуфт, ки номи он «Адабиёти сурх» аст ва муаллифи он шоири инқилобии Шарқ Абулқосим Лоҳутист.

— Имсол,— суханашро давом дод охунд,— Якуми Май дар майдони калони ҷамоаи мо гузаронда мешавад. Ба ҷашн аз тамоми қишлоқҳои дуру наздик, ҳатто аз қишлоқҳои Афғонистони ҳамсоя бузкашон, гӯштигирон, ҳофизону раққосон ва тамошобинон меоянд, ҳунарнамоӣ мекунанд. Ба мо, мактаббачагон, супориш шудааст, ки гули сари сабади ин базму тантана бошем. Дар баробари рақсу шамшербозиву аспактозиву гӯштигирӣ аз рӯи ин китоб сурудҳои инқилобӣ хонем ва чунон хонем, ки замину замон ба ларза дарояд.

...Якуми Май! Саҳари барвакт, пеш аз тулӯи хуршеди оламафрӯз раҳи мактабро пеш гирифтем. Раҳи калон пур аз саворану пиёда буд, ки аз ду тарафи он ба сӯи майдон мешитофтанд. Майдони кабудро байрақҳои сурх, шиорҳои рангоранг зеботар менамуданд.

...Дар майдони идона вақте ки ҷои худро ишғол кардем, таваҷҷӯҳи меҳмонон ба сӯи мо ҷалб шуд, нигоҳи мо бошад, ба сурати В. И. Ленин дӯхта шуда буд, ки аз минбар бо мо менигарист.

...Ҳангоми сурудхонӣ махсусан меҳмонони афғонӣ, ки асосан деҳқонони камбағалу бенаво буданд, ба мо наздиктар меомаданд ва бо иштиёқ хониши моро гӯш мекарданд. Вақте ки дар охири яке аз сурудҳо «Туро чун нест эҳсосоти Лоҳутӣ, ғами заҳматкашони хоки Эронро чӣ медонӣ»-ро хондем, фарёд кашиданд: — «Ғами заҳматкашони хоки афғонро чӣ медонӣ». Мӯйсафедон бо овози баланд гиря мекарданд, бо фаши салла ашкашонро пок карда, омада, бо миннатдорӣ аз пешонии мо мебӯсиданд ва «офтоби бахти шумо ҳамеша дурахшон бод!» — мегуфтанд. Ҷавонмарди афғоне, ки бар тан либоси аврупоӣ дошт, назди муаллими мо омада, китоби ғазалиёти Лоҳутиро аз дасташ гирифта варақ зад ва ба ваҷд омада, хоҳиш кард, ки онро ба ӯ ҳадя кунад. Муаллим суоломез ба корманди маорифи вилоят Зиннатшоев нигоҳ кард, вай бо ишора розигӣ дод. Ҷавонмарди афғон китобро гирифта, бӯсакунон дар бағалаш пинҳон кард ва дар ҷои аввалааш нишаст. Ростӣ,



ки барои аз даст рафтани китоби дӯстдоштаам қариб буд, ки гиря кунам. Охир, ман кай медонистам, ки баъди чандин сол ин китобро дар дасти мардуми инқилобии Афғонистон хоҳам дид.

* * *

...Дар яке аз тӯйҳо, ки дар он ҳатто эшони бонуфузе иштирок дошт ва муаллими мо дар паҳлӯяш нишаста буд, мо мактаббачагон, ҳунарнамоӣ мекардем. Дар он солҳо дар мактаб, кӯчаҳо базму тӯйҳо сурудҳои замонавӣ хондан ва аз булҳавасӣ, балки аз рӯи супориши ташкилотҳои идеологии вилоят буд. Вақте ки ба тӯй ҳозир шудем, моро бо қарсак пешвоз гирифтанд. Ҳатто эшон бо табассуми сохта чапак зад.

Баъд аз сурудхонии умумӣ навбати ман расид. Ба пеш қадам ниҳода, яке аз шеърҳои Лоҳутиро, ки аз китоби «Адабиёти сурх» аз бар карда будам, иншод кардан гирифтам:

Доро, ки шавад хаста зи осеби саворӣ
Даҳ духтари гулчеҳра бимоланд танашро.
Муздур, ки неъматдеҳи дорост чу мирад
Даҳ руз касе нест, ки дӯзад кафанашро.

Дар давоми хониш ба сӯи эшон яке бо ғазаб, дигаре бо ҳайрат менигарист, сеюмӣ бо киноя. Муаллими мо бетоқат шуда, аз ҷояш хестанӣ шуд, аммо эшон бо даст ишора кард, ки шинад. Хониш ба охир расид. Ҳозирон қарсак заданд. Эшон ҳам қарсак заданӣ буд, аммо дастонаш ёрӣ надоданд... Ман, ки иншодкунанда будам, таъзимкунон худро қафо кашидам. Баъд аз хаёлоти дуру дароз эшон бо ишораи ангушт маро ба назди худ даъват кард. Ман ба муаллим нигаристам, вай бо сарҷунбонӣ иҷоза дод. Ба назди эшон омада бо овози бурро «ассалому алейкум» гуфтам. Нигоҳи ҳозирон ба сӯи мо ҷалб буд. Ҳама, хурду калон, фаҳмиданӣ буданд, ки дасти эшонро мебӯсам ё не. Ҳол он, ки муаллими мо навакак бо таъзим дасти ӯро бӯсида буд. Дар айни ҳол интизори дасти эшон будам. Эшон дасти лоғарашро ба сӯям дароз кард, ки бӯсам. Лекин ман чун узви комсомол набӯсидам. Дасташро гирифта фишурдам. Хандаи умумӣ. Ин корам, ки ба эшон ҳам ғайричашмдошт буд, писанд афтид, ки қоҳ-қоҳзанон хандид. Муаллими мо аз ҳама охир хандид. Эшон пурсид:

— Ту ҳамон бачаи хушхат нестӣ, ки ба хонаи ман барои озуқа омада будӣ?
— Бале,— ҷавоб додам ман.
— Ман туро шинохтам. Ҳусни хати хубе дорӣ. Хостам, ки бароят мукофот диҳам, лекин фурсат нашуд. Шунидам, ки бародарам Шоҳзода Муҳаммад ба ту мукофот додааст? Рост мегӯям?
— Бале, китоби Носири Хусравро.
— Пири Шоҳ Носири Хусравро,— дарҳол ислоҳ кард эшон ва пурсид:
— Ин шеърро ҳам, ки ҳозир қироат кардӣ, Шоҳзода Муҳаммад ба ту ёд дод?
— Ин шеъри Абулқосими Лоҳутист! — гуфтам ман.
— Абулқосим Лоҳутӣ?
...Якбора эшон мулоим шуд ва ба ман «фотеҳа» дод:
— Айбе нест... шеърҳои Лоҳутиро хондан гир...

* * *

...Душанбе. Дар мактаби партиявию советӣ мехондам. Гоҳ-гоҳ ба газетаҳои республикавӣ шеъру хабар ҳам менавиштам. Рӯзе дар идораи газетаи «Тоҷикистони сурх» тасодуфан бо Лоҳутӣ, ки дар он рӯзҳо муҳаррири газета буд, вохӯрдам. Қори аҷибе. Охир, бо ин шахс дар кӯчаҳо ду — се бор вохӯрда будам. Аз рӯи одоб салом дода мегузаштам. Аммо Лоҳутӣ буданашро намедонистам. Як ҳафта пеш дар магазини «Ӯзбекторг» ӯро дида будам. Ду нафар деҳқон дар магазин молҳои саноатиро тамошо мекарданд. Он шахси мӯътабар наздашон рафта салом дода, дасташонро фишурда пурсид, ки чиро хариданианд? Яке аз онҳо: «эҳ соҳиб,— гуфт,— ҳардуи мо аз ҷои дуре омадаем, хостем, ки барои фарзандони худ, ки хонадорашон карданием, ягон чиз бихарем. Лекин дирӯз дар чойхона кисабурҳо кисаҳои моро бурида, пуламонро дуздида гурехтанд».
— Аз ин магазин чиро хариданӣ будед? — пурсид он шахс.— «Мана, ҳамин мӯзаҳову ана, ҳамон шоли гулдорро». Он шахс «ҳеҷ гапе набудаст» — гуфта, ба магазинчӣ пул дода, шоли гулдору мӯзаҳоро харида, ба он ду нафар деҳқон бахшид ва дасти ононро фишурда, «афсӯс, ки,— гуфт,— ба тӯи фарзандонатон рафта наметавонам, лекин ин шолу мӯзаро чун тӯёна аз ман қабул кунед»... Ду рӯз пас аз он дар чорбоғ, ки ҳоло боғи маданияту истироҳати ба номи Ленин ном дорад, тарбиягирандагони ятимхонаи шаҳрӣ, ки дар он ҷо сайру гашт доштанд, чун он шахси мӯътабарро диданд, падар гӯён гирду атрофашро печонданд. Он шахс ба навбат онҳоро мебӯсид ва падарона аҳволпурсӣ мекард. Шахси дигаре, ки дуртар нишаста буд, ин ҳолро дида, бо овози баланде «ҳасад мебарам, ки ин қадар писарони шӯху шанг доред» гуфту омада аз киссааш конфет бароварда, ба онҳо тақсим кардан гирифт. Шахси мӯътабар бо ҳасрат гуфт, ки «ҳам хушбахтаму ҳам сияҳбахт. Солҳое буд, сардори дастаҳои ихтиёриёне будам, ки бар зидди зархаридони империалистӣ меҷангиданд. Ҷанг бе қурбонӣ намешавад. Инҳо фарзандони онхое ҳастанд, ки ҷону ҷигари ман буданд ва барои республикаи ҷавони худ қурбон шуданд. Дар байни инҳо касоне ҳастанд, ки хору зор, гушнаву ташна дар кӯчаҳо мегаштанду гадоӣ мекарданд. Ҳамроҳи Нисор Муҳаммад онҳоро ба ятимхона овардем. «Инро гуфта он шахс бо чеҳраи хандон ба бачагон рӯ оварда пурсид: — «Нурҳои чашмони ман, ятимхона хуб аст?». Бачагон бо як овоз «хуб аст!» гуфтанд. Росташ, ки ба ин шахс дар худи ҳамон вақт муҳаббат пайдо карда будам, лекин Лоҳутӣ буданашро намедонистам. Гумон кардам, ки ӯ яке аз он командироне бошад, ки барои озодии Тоҷикистон фидокорона мубориза бурдааст. Ҳоло ки ӯро аз нав дидам ва Лоҳутӣ буданашро фаҳмидам, бо овози ларзоне салом додам, чи гуфтанамро намедонистам. Лоҳутӣ ҳаяҷону изтиробамро ҳис карда, маро ба кабинети кориаш даровард, шинонд ва оромона пурсид:
— Ҷонам, ба мо шеър овардай, ё мақолае, ё ягон хушхабари дигаре?
Ман чизе нагуфта, бо дастони ларзон коғазеро, ки дар он чанд мисраи аз ҳар ҷиҳат хароб навишта будам, ба сӯяш дароз кардам. Лоҳутӣ онро гирифта аз назар гузаронд. Лекин чизе нагуфт. Аз куҷо ва ба чи кор машғул буданамро пурсид, баъд гуфт:
— Афсӯс, ки донишкадаатон маҳфили адабӣ надорад. Мо ният дорем, ки назди газетаамон барои шумо барин ҳавасмандони адабиёт маҳфили адабӣ кушоем. Лекин ин танҳо ниҳоят аст. Ба умеди он нашуда, барои сайқали маҳорати худ кӯшидан лозим меояд. Одам ба ҳар ҳунаре, ки дил мебандад, бояд тамоми умри худро бубахшад. Шумо, ҷавонони тоҷик, фахр кунед, ки устодони ҷаҳоншинохтае чун Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Ҳофиз доред. Аз онҳо омӯхтан лозим аст. Онҳо устодони сухан

ҳастанд. Дар воқеъ «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро, ки устод Садриддин Айнӣ тартиб додааст, дорӣ?

— Дорам,— гуфтам ман.

— Шеъри бисёре аз он хонда, аз бар кардай?

— Бисёр ҳам кам.

— Афсӯс, ҷонам. Хело ҳам, афсӯс. Қас то чандин ҳазор шоҳбайтҳои классик ва шоирони замонро аз бар накунад, шоири ҳақиқӣ шуда наметавонад. Ҳайрон нашав. Дар сӯҳбате фаҳмидам, ки устод Айнӣ беш аз 20000 шоҳбайт аз ёд медонад, худи ман ҳам, ҳисоб накарда бошам ҳам, ҳамин қадар шоҳбайтро аз ёд медонам. Ба ин қаноат накардаам. Дар солҳои охир аз осори устод Айнӣ ва шоири ҷавону соҳибистеъдоди тоҷик Пайрави Сулаймонӣ даҳҳо шаҳбайт аз ёд кардам. Бешубҳа ин кор душвор ва бори гароне ба дӯши хунарҷӯй аст. Ин суханони ман аз таҷрибаи ҳаёти худам ҳастанд. Ба хушбахтии ман, падарам харчанде ки косибе беш набуд, ба номи Ҳаким Илҳомӣ шӯҳрат ёфта, яке аз намоёнтарин шоирони шаҳр буд. Ба ман хондану навиштанро ёд медод ва гоҳе, ки хеле хаста мешуд, маро пеши худ садо мезад, шеър мегуфт ва ман менавиштам. Ин кор муҳаббати маро ба шеър ва шоирӣ меафзуд. Аз падар пинҳон шеърнависӣ мекардам. Вақти бисёре гузашт. Рӯзе тасодуфан «осор»-и ман ба дасти падарам меафтад. Падарам онҳоро хонда, бо меҳрубонӣ маро айб кард, ки чаро аз ӯ пинҳон доштам. Ман бисёр шарм кардам, лекин падарам маро насиҳат кард, ки ин ҳунарамро то тавонам сайқал диҳам. Барои ин беҳтарин осори шоирони бузургро омӯзам ва дар маҳфилҳои адабӣ фаъолона иштирок кунам. Он солҳо ман 9—10 сола будам. Насиҳатҳои падарам сабаб шуданд, ки ба қатори шоирон дароям, ба қалами худ ба халқу ватанам хизмат кунам.

* * *

...Баъд аз хатми мактаби партиявиву советӣ маро аввал ба райони навташкили Шӯрообод ва баъд аз як сол ба сохтмони Вахш ба кор фиристоданд. Дар он ҷо ба вазифаи муҳаррири газетаи «Зарбдори сохтмони Вахш» ва котиби комитети комсомолии сохтмон кор мекардам. Ба сохтмон аз пойтахти республика нависандагон меомаданд, ки байнашон Мирзо Турсунзода, Рашид Абдулло, Алӣ Хуш ва Ғанӣ Абдулло ҳам буданд. Алӣ Хуш барои повести нав ва Ғанӣ Абдулло барои намоишнома мавод ҷамъ мекарданд. Нависанда Бруно Ясенский, ки аз аввали сохтмон ҳафтаҳо ва моҳҳо меҳмони мо буд, романи худ «Одам пӯсташро дигар мекунад»-ро ба охир расонда, байни коргарон онро мехонд ва фикрашонро мегирифт. Дар яке аз рӯзҳои тобистон муҳаррири газетаи «Ударник Вахшстроя» Ляхович ва маро ба комитети партиявӣ даъват намуда, фаҳмонданд, ки баъд аз ду рӯз шоири инқилобӣ Абулқосим Лоҳутӣ меҳмони сохтмон мешавад. Аз ин рӯ дар ҳар ду газета сурат ва шеърҳои ӯро чоп кардан лозим аст. Супоришро ба ҷо овардем. Шеъри маро, ки бахшида ба Лоҳутӣ навишта будам, яке аз кормандони газета Иван Чурсин ба русӣ ҳам гардонда, ба ҳар ду газета чоп кардем.

* * *

...Сохтмончиён Лоҳутиро гарму ҷӯшон пешвоз гирифтанд. Шоир, ки ҳамроҳи сардори сохтмон мошинсавор буд, пиёда шуд, ба пешвозгирандагон таъзимкунон салом медод, дасти мардонро мефушурд ва аз пешонии занон мебӯсид ва ба кори ҳар яке барор орзу менамуд. Дар ду — се ҷой шеър хонд, ба забонҳои тоҷикӣ, ӯзбекӣ ва русӣ нутқ эрод кард. Ҳар бор дар охири суханаш мегуфт, ки — «дар сохтмони шумо намояндагони тамоми халқҳои Иттифоқи Советӣ ва инчунин коргарони хориҷӣ ҳам, ки ихтиёрӣ омадаанд, кор карда истодаанд. Дар ин дақиқаҳо ба ман чунин менамояд, ки дар маҷлиси бузурги Қоминтерн гап мезанам».

...Дар роҳ сардори сохтмон Толстопятков коргарони тоҷикро нишон дода, шикоятомез гуфт, ки «инҳо деҳқон ҳастанд, шубҳа надорам, ки устодони асили касби худ бошанд. Лёкин заминканӣ, сангшикофӣ барояшон бегона аст. Барои ин ҳам музди корашон аз рӯи натиҷаи корашон аст. Ҳар бор пеши роҳамро гирифта шикоят мекунанд. Байнашон онҳое ҳам ҳастанд, ки корро партофта, ба қишлоқҳои худ мегурезанд». Аз шунидани ин суханҳо Лоҳутӣ ҳам ғамгин шуду ҳам ба ғазаб омад. «Бародар ва дӯсти гиромии ман,—ба Толстопятков рӯ оварда гуфт,— мақсад аз деҳқонони тоҷикро ба сохтмон овардан танҳо заминканиву сангу кӯҳ таркондан нест. Мо мехоҳем, ки онҳо дар ин ҷо аз коргарони рус ва миллатҳои дигар ихтисоси коргариро омӯзанд, ба он муҳаббат пайдо кунанд. Бинобар он хуб мебуд, агар

онҳоро ба бригадаҳои пешқадами сохтмон тақсим мекардед. Бигузор онҳо на танҳо заминканиву сангшиканиро, балки ҳунарҳои мошинронӣ, механикиро ба таври аъло омӯзанд. Охир, Тоҷикистони зироатии имрӯза бояд ба республикаи пешқадами зироату саноат мубаддал гардад».

...Лоҳутӣ маро шинохт. Офаринбод кард, ки аз шаҳр ба ин ҷо омадаам. Шеъри ба ӯ бахшидаамро нишон додам. Онро аз назар гузаронда, гуфт:

— Инро ба ман бахшидаӣ, айбе надорад. Лекин бигузор онро дигарон хонанд. Ман мехоҳам шеъреро, ки ба бинокорони социализм дар дарвозаи Шарқ бахшидаӣ, хонам. Охир, ту шабу рӯз бо онҳо ҳастӣ ва онҳоро аз дигарон дида беҳтар мешиносӣ.

Ман гуфтам, ки дар бораи дӯстӣ ва бародарии халқҳо ва ёрии бародаронаи онҳо ба халқи тоҷик манзумае навишта истодаам. Устод хурсанд шуда, бо мамнуният гуфт:

— Ин мавзӯъ хеле муҳим аст. Ман туро пешакӣ табрик менамоям ва умедворам, ки манзумаатро ба наздикӣ мехонем.

Оре, Лоҳутӣ ғамхори адабиёт ва адибони ҷавони тоҷик буд.

Устод дар яке аз ҷамъомадҳои нависандагон бо иштиёқу хаяҷон гуфт:

— Дирӯз дар ҳамин ҷо рафиқ Бруно Ясенский моро табрик карда буд. Нутқи ӯ маро водор мекунад, ки бо шумо мубодилаи афкор кунам. Мехоҳам фаҳмам: чӣ кор кунем, ки дар байни ҷавонони мо монанди Бруно Ясенский нависандагони баландистеъдод ба камол расанд ва асарҳои бадеии хушсифат эҷод намоянд.

Дар он солҳо доир ба шаклу мазмун ва истифода аз забони халқ баҳсу мунозира мерафт. Яке шаклро, дигаре мазмунро ва сеюмӣ ягонагии шаклу мазмунро бартару дуруст медонист. Забони гуфтугӯи халқӣ гуфта, ҳар касе забони маҳаллии худро таъриф мекард. Бо чунин шахсон пирони сухансарои мо Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ ғамхорона маслиҳатҳо медоданд.

Лоҳутӣ мегуфт, ки «нависандагони тоҷик чун тамоми меҳнаткашони тоҷик ҳамзабони форсизабонони дунё ҳастанд. Пас, бояд осори онҳо чи аз ҷиҳати мазмун ва чи аз ҷиҳати забон айбе надошта бошад. Шаклу мазмун ҷону тананд ва яке бе дигаре мурдааст. Бемуваффақиятии баъзеҳоро дар он мебинам, ки ё шаклро курбони мазмун ва ё мазмунро қурбони шакл мекунанд. Адабиёти мо аз ҷиҳати шакл миллӣ ва аз ҷиҳати мазмун социалистист. Лекин шакл калимаи шахшудае нест, вай бояд бо мурури замон тағьир ёбад ва тараққӣ кунад. Мо ҳақ надорем дар атрофи адабиёти социалистии худ аз шакли миллии кӯҳна садди Чин барпо намоем... Ман амин ҳастам, ки адабиёти советии тоҷик на танҳо мазмунан нашъунамо мекунад, балки шакли миллии худро низ инкишоф дода, ба сӯи қуллаҳои нави эҷодӣ қадам мегузорад».

Устод таъкид мекард, ки дар асоси шеваҳои халқии забони модарӣ як забони маҳкаму зебои адабии тоҷикӣ ба вуҷуд овардан вазифаи муқаддаси мост. Инро ҳам дар назар доштан лозим аст, ки адабиёти халқ қасри олист, аммо вай ҳам монанди ҳар иморате ба таҳкурсӣ муҳтоҷ аст. Таҳкурсии адабиёт савод аст.

* * *

...Съезди нахустини нависандагони советии тоҷик, ки гули сари сабади он устодони мӯътабари мо Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ буданд, ба иди маданияти республикаи ҷавони советии тоҷик мубаддал гашт. Устод Лоҳутӣ ба вакилон, деҳқонон, коргарон, интеллигенция ва пионерону комсомолон мурочиат карда, бо хаяҷон гуфт:

— Дӯстон, бародарон, падарони меҳрубонтарини мо, ман ба риши сафеду чеҳраи хандони шумо нигоҳкунон Рӯдакиву Фирдавсии ҳазорсоларо мебинам.

Съезди нависандагон бо тантана сар шуду бо тантана анҷом ёфт. Рӯзи дигар чанд нафар аз нависандагони ҷавонро ба боғи ҳукуматӣ даъват карданд. Дар он ҷо устодон Айниву Лоҳутӣ интизори мо буданд.

Дар шаҳри хурд ҳеҷ чиз пинҳон намемонад,— мегӯянд. Дирӯз овоза шуда буд, ки устодон ва роҳбарони нави Иттифоқи нависандагони моро роҳбарони партияву ҳукумати республика қабул карда, доир ба адабиёт суҳбат гузарондаанд. Аён буд, ки устодон дар ин мавзӯъ бо мо суҳбат хоҳанд кард.

— Шумо,— давом дод суханашро Лоҳутӣ,— гумон накунед, ки падаратон Лоҳутӣ чунин табъи равоне дорад, ки метавонад рӯзе чандин шеър ё достоне нависад. Не, фарзандонам, барои офаридани як шеър гоҳҳо рӯзҳо ва ҳафтаҳо сарф мешавад. Бовар кунед, бемуболиға

мегӯям, барои як мисраи як рубоӣ чаҳор сол сарсон будам. Хушбахтона як рӯз на дар хонаву на дар боғу бӯстоне, ки макони илҳоми шоирон аст, балки дар бозор гашта он мисраъро ёфтам. Байти охирини он рубоӣ ин аст:

> Гуфтам арӯси даҳр кобини ту чист?
> Гуфт: Огаҳии синфи ту кобини ман аст.

Дар охир Лоҳутӣ фаҳмонд, ки назм вазифаи насрро ва наср вазифаи назмро ҳеҷ ба ҷо оварда наметавонад. Афсӯс, рафиқоне ҳастанд, ки вазифаи насрро бар дӯши назм бор кардаанд. Намедонам то чи андоза дуруст бошад, лекин мегӯянд, ки як нафар шоири мо меҳоҳад, ки рақамҳои панҷсоларо ба назм дароварад. Дуруст аст, ки нақшаи панҷсолаи мо назми ҳаёт аст, лекин ин маънои рамзист».
Суханони Лоҳутиро қувват дода, устод Айнӣ тасдиқ карданд, ки дар замони пурҷӯшу хурӯши инқилобии мо бо як назм хизмати халқро ба ҷо овардан душвор аст.
Сухан аз забони адабӣ ба миён омад. Ҳарду устод дар ташвиш буданд, ки забони адибони ҷавон камбағал аст ва ҷавонон барои ғанӣ гардондани он кам мекӯшанд.
Устод Лоҳутӣ хотиррасон кард, ки «адабиёти социалистии тоҷик дар Эрон, Афғонистон ва аз форсизабонҳои Ҳиндустону мамлакатҳои дигар мухлисони бисёре дорад. Онҳо ташнаи адабиёти наванд, ҳар як асари нави моро ҳарисона мехонанд... Ин масъулияти моро дучанд мекунад...

Устод Айнӣ ба ҷӯш омада, бо овози баланд:
— Бародарон,— гуфт,— як замон забони адабии мо, ки устоди он Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ буд, тоҷи сари форсизабонони дунё буд. Лекин дар натиҷаи тохтутози аҷнабиён ва ҷаҳолати ҳокимони бефаросат забон аз равнақ монд. Ҳоло сиёсати миллии партия он аст, ки забони ҳар халқ чи хурд аст ва ё чи бузург, тараққӣ ёбад, бой шавад... Армон ва орзуи ман ҳамин аст, ки забони адабии тоҷикро аз нав барқарор бинам, асарҳои шумоdo, ки бо забони ширину фасеҳи равони тоҷик навишта шудаанд, бо завқ хонам ва гул-гул шукуфта, бо қаноатмандӣ гӯям: — ана, акнун армон ба дил надорам.
Дар рухсори пурчини марде ашк равон шуд, ки замоне ба зарби 75 чӯб тоб оварда, на зорӣ карда буду на нолиш...



* * *

Мо вакилони Съезди нахустини нависандагони Умумиттифоқ фахр мекардем, ки устодони мо Айниву Лоҳутӣ ба ҳайати раёсати съезд интихоб шудаанд. Дар съезд баъд аз маърӯзаҳои асосӣ сухан ба намояндагони адабиётҳои советии миллӣ дода шуд. Доир ба адабиёти советии тоҷик устод Абулқосим Лоҳутӣ маърӯза кард. Маърӯза умумӣ набуд, балки ҳикояти ғамангези ғазабоваре дар бораи бефаросатии амирони ҷоҳил ва достони шодиоваре дар бораи гул-гулшукуфии маданияти тоҷик дар даврони советӣ буд. Ин буд, ки таваҷҷӯҳи вакилони советиву меҳмонони хориҷиро, торафт бештар ба худ ҷалб мекард. Вақте маърӯзачӣ мисол овард, ки тамоми ғамхории амири охирини Бухоро дар роҳи ободии мамлакат сохтани як кӯпрук шуд, ҳозирбудагон бо завқ хандиданд. Лекин вақте ки маърӯзачӣ бо ифтихор баён кард, ки тоҷикон дорои мероси пурсарвате чун назми классикии форс-тоҷик мебошанд, шоирони асрҳои гуногун: Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Дақиқӣ, Абӯалӣ Сино, Саъдӣ, Ҳофиз, Носири Хусрав, Умари Хайём ва даҳҳо дигар устодони сухан ва мардуми оддии Тоҷикистони имрӯз ҳам навиштаи онҳоро ба хубӣ мефаҳмад,— вакилон бо ҳайрат ба ҳамдигар нигаристанд ва вақте ки маърӯзачӣ бо ифтихор гуфт, ки дар Тоҷикистон ҳоло наздики сад нафар ҳаст, ки осори худро чоп мекунанд, вакилон қарсак заданд...

Устод Айнӣ нозири рафтору кирдори мо вакилони тоҷикистонӣ буд. Устод Лоҳутӣ дар тараддуди он буд, ки моро ба шахсони мӯътабар, ходимони барҷастаи партия ва Давлати Советӣ, ки дар съезд иштирок доштанд, нависандагони номии советиву хориҷӣ ошно кунад, дар ҳаққи мо ба онҳо суханони нек гӯяд ва суратгиронро даъват мекард, ки бо ҳамсӯҳбатон сурат гиранд. Бо ташаббуси бевоситаи Лоҳутӣ ҳатто Максим Горький ба саломатиаш нигоҳ накарда, меҳмони мо шуд ва зиёда аз се соат вақти худро дар сӯҳбату шеърхонии мо нишаст.

Таассуроташро дар бораи он рӯзи фаромӯшнашаванда худи устод Лоҳутӣ чунин тасвир намуда буд:
«Метавон гуфт, ман ҳаргиз Горькийро чунин зиндадилу рӯҳбаланд надида будам, ки дар базми ҳайати намояндагони Тоҷикистон, дар маҷлиси зиёфатие, ки баъд аз Съезди якуми нависандагони советӣ барпо шуда буд,

дидаам. Горький аввал ният надошт беш аз даҳ дақиқа дар он маҷлис иштирок намояд. Вале ашъор, сурудҳо, рақсҳо ва мусиқии тоҷикӣ чунон диққати ӯро ба худ ҷалб намуд, ки ӯ нияти аввалаи худро фаромӯш карда, то охири базм дар он ҷо монд ва ҳангоми видоъ бо нутқи гарму ҷӯшон ва пурҳаяҷоне ба ҳозирон муроҷиат кард.

Ин хурсандии идонаи дуюмбора буд, ки Горький ба Тоҷикистон насиб намуд. Шодии якуми мо оид ба замонест, ки ӯ дар Италия мезист. Он замон ба вай як шумора газетаи «Коммунист Таджикистана» фиристода шуда буд, ӯ дар ҷавоб номаи хурсандонае навишта, республикаи ҷавони Тоҷикистонро табрик намуд. Расидани ин номаи вай ба мо як иди бузурге гардид».

* * *

...Аз омадани устод Лоҳутӣ ба Сталинобод истифода бурда, дар колхози ба номи Лоҳутӣ, ки дар деҳаи Шоҳмансур воқеъ буд, вохӯрӣ бо колхозчиён ташкил кардем. Чун маро дид, бо чеҳраи хандон ба истиқболам қадам гузошт. Вақте ки наздик шудам: «Ту шакарзода наӣ, балки шакар зодаи туст», гуфту даст дароз кард. Дасти маро сар надода пурсид:

— Пиёда?

— Пиёда,— ҷавоб додам ман.

— Чунки номи амалат «котиб» аст, агар «директор» мебуд, соҳиби мошин мебудӣ,— инро гуфта устод хандид ва — айбе надорад,— гуфт,— ҳардуи мо ҷавонҳои бардам ҳастем, пиёда гаштан аз фоида холӣ нест.

Дар роҳ устод ҳикоя кард, ки ин саҳар дар хиёбони меҳмонхона пионерон дар либоси тоза, дар даст рубобу ғижжаку доира, маро дида тохта омаданд. «Падари мо Лоҳутӣ»,— гуфта, гирдамро печида гирифтанд. Ман ҳар якеро бӯсидам. Дар чашмонашон ашки шодӣ чарх мезад. Беихтиёр гиристам. Бачагон дар ҳайрат монданд. Яке, ки калонтар буд, сабаб пурсид. Гуфтам, ки бачагонам, шумо хушбахтаконро дида фарзандони ятиму сарбараҳнаву пойбараҳнаамро, ки дар Эрони тирабахт ҳастанд, ёд кардам. Бачагон суханонамро шунида, бо ҳайрату ҳасрат ба ҳамдигар менигаристанд. Ҳис кардам, ки барои тасаллии ман чизе гуфтанианд, вале ҷуръат намекунанд... Сипас ба утоқам даромада ин чанд мисраъро навиштам, гӯш кун, хонам:



Равшанӣ борад зи рӯшон, насли рахшонро бубин,
Лолаҳои навраси Хоруғу Рӯшонро бубин.
Гар надидӣ гавҳари рақсону лаъли нағмахон,
Ғунчаҳои санъати кӯҳи Бадахшонро бубин...

Шеърро то охир хонда, устод беихтиёр пурсид:

— Фикратро фаҳмиданиям?

— Шеъри хубе,— ҷавоб додам ман.

— Ту аз рӯи хурмат мегӯӣ. Лекин ман мехоҳам, ки нуқсони шеърамро, ки ман онро дида наметавонам, ба ман гӯӣ.

— Шумо устоди сухан ҳастед.

— Не, ҷонам, то даме зиндаам, шогирдам. Он тарафашро хонандагон ва қадршиносони ман муайян мекунанд. Ҳайрон нашав, ман шогирдам, хонандагон ва дӯстонам устодони ман ҳастанд. Аксари ғазалҳои нави худро пеш аз интишор барои маслиҳат одатан ба Садриддин Айнӣ мефиристонам ва аз рӯи маслиҳатҳои ӯ, агар лозим шавад, ислоҳ мекунам. Ба шумо ҷавонҳо ҳам маслиҳат ҳамин аст, ки шогирди якдигар бошед.

* * *

...Раиси колхоз Саъдуллоев, Лоҳутиро оғӯш кард, гаштаву баргашта бӯсид.

Сари ҳавз мардуми бисьёре ҷамъ омада буд. Турсунзода ва Деҳотӣ шеърхонӣ мекарданд. Ҳамин, ки Лоҳутӣ намоён шуд, одамон ба ҳурмати ӯ аз ҷой хестанд. Лоҳутӣ бо ишораи даст фаҳмонд, ки аз ҷо нахезанд ва аз Мирзо Турсунзодаву раис иҷоза пурсида, ба сухан даромад:

— Бародарони азиз, қасам ба ҷони шумо, ҳар дафъа, ки ба колхози шумо меоям ва чеҳраҳои хандону корҳои тоза ба тозаи шуморо мебинам, беихтиёр гузаштаи дуре ба хотирам меояд. Дар айёми ҷавониям, дар Эрон бори аввал калимаи «тоҷик»-ро дар шеъри Саъдӣ дидам. Чун маънои ин калимаро надонистам, дар ҷустуҷӯи он ба китобҳои луғат муроҷиат кардам. Дар китобе навишта шуда буд: — «Тоҷик номи қабилаест, ки як замон вуҷуд доштааст», дар луғатҳои туркӣ ба маънои форс ҳам омадааст. Лекин вақте ки ба Иттифоқи Советӣ омадам, ба ман бо телефон хабар доданд, ки раиси комитети революционӣ ва саркотиби бюрои Партияи Коммунистии (большевикони) Тоҷикистон мехоҳад ма·

ро бубинад. Бо шунидани калимаи «Тоҷикистон» аз ҷо паридам, ба рақс даромадам. Охир, дар луғатҳо кадоме навиштааст, ки «тоҷик номи қабилаест, ки як замон вуҷуд доштааст...» Акнун маълум шуд, ки «халқи як замон вуҷуд дошта» ва як замон аз ҳаёти сиёсӣ маҳрум — дар Иттифоқи Советӣ зинда ва на танҳо зинда, балки аз ҷиҳати сиёсӣ халқи мустақили муташаккиле шудааст, халқе шудааст, ки барои инкишофи иқтисодиёт ва маданияти худ асос ва имконияти тамом дорад. Илова бар ҳамин ин Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Ҳофиз асарҳои ҳамеша зиндаи худро бо забони ҳамин халқ навиштаанд. Қасам ёд карда, ба хизмати халқи озоди тоҷик камар бастам.

...Рӯзи якшанбеи соли 1941. Дар рӯи ҳавлии нависандагон, ки дар кӯчаи Орҷоникидзе воқеъ буд, гирди шоири маҳбуби худ Абулқосим Лоҳутӣ ҷамъ омада, байтбарак мекардем. Дар атрофи як шеъри Ҳофизи Шерозӣ баҳсу мунозира сар шуд. Бо ишораи Мирзо Турсунзода барои гулчини Ҳофиз ба хона даромадам. Беихтиёр гӯшаки радиоро тоб додам. Суханони даҳшатнокеро шунидам: «Германияи фашистӣ аҳдшиканона ба мамлакати мо ҳуҷум овардаст...».

Бе гулчини Ҳофиз, бо ранги парида, аз хона берун баромадам. Лоҳутӣ парешониямро ҳис карда, сабаб пурсид. Ман рост истода, чи гуфтанро намедонистам, ба гуфтан забонам нагашт. Билохир он чӣ шунидам, гуфтам. Лоҳутӣ чизе нагуфта, аз ҷо хесту ба ҳуҷрааш даромад.

Худи ҳамон рӯз дар боғи маданият ва истироҳати пойтахт митинги умумихалқӣ барпо гардид. Аз минбар овози шоири инқилоб Лоҳутӣ бо садои ғазаболуду интиқомталаби коргарон, деҳқонон, олимон, комсомолон, студентон омехта шуда, даъват кард, ки «Ҳиммат кунед, эй дӯстон душман ба майдон омадаст...».

Устод назди оилааш ба Москва рафт. Дар он ҷо дер наистод. Бо тамоми оилааш ба Сталинобод кӯчид. Бо фармони ҳукумати республика дар ҷои хушбоду ҳавое, дур аз шоҳроҳи мошингард барояш хона сохта шуд. Гирду атрофи онро бо хишти пухта девор гирифтанд. Ҳамроҳи Мирзо Турсунзода, мо шоирони ҷавон вақт ба вақт ба ҳавлии устод мерафтем. Устод хурсандона моро қабул мекард. Гоҳо писари хурдаш Гевро даъват карда мефармуд, ки чизе аз «Шоҳнома» хонад. Гев китоби калонро мекушод ва бехато хондан мегирифт. Устод бо завқ гӯш мекард ва дам ба дам ба мо менигарист.

Мо ҷавонон шеърҳои тозаи худро мехондем, аз устод маслиҳат мегирифтем. Устод Айнӣ ҳам, ки дар бои ҳукуматӣ дам мегирифт, ҳамроҳи мо ба ҳавлии Лоҳутӣ меомаданд. Дар чунин мавридҳо байтбарак аз осори яке аз бузургони адабиёти классикии мо авҷ мегирифт.

Артистҳои дӯстдоштаи устод дар ҳавлиаш базм меоростанд. Худи устод шеърҳои навашро бо навои эҷодкардаи худ завқ карда месуруд, ба рақс медаромад...

Лекин, дар он солҳои сахти ҷанг ҳамаи ин шеъргӯиву сурудхониҳо чун офтоби осмони абролуде буданд, ки гоҳ-гоҳ намоён шуда, боз пинҳон мегаштанд. Худи устод борҳо такрор мекард, ки ҳар ахбори тозаи радио аз майдони ҷанг тирест, ки аз дили азобдидаи ӯ мегузарад. «Дилам,— мегуфт ӯ,— пора-пора шудааст. Марҳами захмамро танҳо дар ҷабҳа ёфта метавонам. Охир, бародаронам, синну солам аз панҷоҳ гузашта бошад ҳам қодир ҳастам, ки байни дуду оташу хун истода биҷангам. Борҳо, махфӣ аз Бонуяму фарзандонам, ба Комиссарияти ҳарбӣ рафтам. Жуков гуфтанӣ одам дар он ҷо комиссар аст. Ҳар боре, ки маро мебинад, аз ҷо хеста ҳарбиёна салом дода, ба нишастан таклиф мекунад, наздам пиёлаи чой мегузорад. Лекин хоҳиши маро бо ҷиддият рад мекунад. Мегӯяд, ки «агар Лоҳутиро ба фронт фиристонам, дар худи ҳамон рӯз халқи тоҷик маро зинда ба зинда ба он дунё мафиристонад».

Гурӯҳи нависандагоне, ки ба муносибати кушода шудани нахри Ҳисор ба Сталинобод омада буданд, бо сардории Ҳамид Олимҷон меҳмони устод Лоҳутӣ шуданд. Устод боғаш, гулзораш, хонаашро нишон дода, «Ин боргоҳи шоҳонаро дар рӯзҳое, ки ҳар як тин бояд ба ҷабҳа хизмат кунад, бароям, меҳрубонӣ карда сохтаанд. Росташ, ки хиҷолат мекашам. Барои ману фарзандонам як ҳуҷраи назарнонамоёне кофӣ буд». Охир мо дар ин ҷо доимӣ нестем.

Шеъру достонҳои замони ҷангиро устод асосан дар «боргоҳи шоҳона»-и худ эҷод карда буд. Устод, ба синну солаш нигоҳ накарда, ҳамроҳи мо савораву пиёда ба фабрикаҳову заводҳову колхозҳо мерафт, шеър мехонд, нутқи насиҳатомез эрод мекард...

Ҷанговарони советӣ диловарона остонаҳои шаҳри Москваро аз сагҳои фашистӣ тоза намуданд. Дарвоза-

ҳои Москва ба аҳолии муҳоҷиршудааш кушода шуд. Раворавӣ сар шуд, ташкилотҳои партиявиву советии республика ба муҳоҷирон муроҷиат мекарданд, ки фабрику заводҳоро бе коргар намонанд, то зафари комил кор кунанд. Лекин аксарияти муҳоҷирон розӣ нашуданд. «Метарсем, ки хонаҳои мо аз даст нараванд»,— гуфтанд.

«Аз даст рафтани хонаҳои москвагӣ» аҳли оилаи устоди моро ҳам ба ташвиш андохта буд. На танҳо хона, балки инчунин барои нигаҳдории тандурустии устод, ки бевосита дар поликлиникаи ҳукуматӣ табобат мекард ва барои ҳамаҷониба такомули ақлу фаросати фарзандонаш Москва нисбат ба Сталинобод бартарӣ дошт...

* * *

Соли 1949, дар арафаи шастсолагии пуршараф устод Лоҳутӣ бо достони нави худ «Парии бахт» ба Сталинобод омад. Достонро ба муҳокимаи нависандагон гузошт. Бо шавқу завқу чӯшу хурӯш онро барои мо мехонд. Чун ҳунарпешаи соҳибистеъдод ба роли худ даромада буд. Гоҳе овози пурҷӯшу хӯрӯшаш баланд мегашт, гоҳе гиря гулӯяшро мегирифт ва ашк бар чашмони оташбораш чарх мезад, аммо вай хонданро давом медод. Танҳо гоҳ-гоҳ қулти обе менӯшид. Борҳо «хаста-ку нашудаед...» гуфта мепурсидем мо. Лекин вай аҳамият намедод.

Достони «Парии бахт», ки шоҳасари устод аст ҳамаи моро мафтуни худ гардонд. Лекин...

Дар он рӯзҳо вазъият вазнин буд. Моҳияти қарорҳои партияро дар бораи журнали «Звезда», кино, симфонияҳо, антипартиотизм ва космополитизмро на ҳамаи мо дуруст ва ҳаматарафа мефаҳмидем. Онҳое ҳам буданд, ки ҳатто ин қарорҳоро то охир нахонда, «камари ҳиммат» баста, ба ҷои «салла аз калла» мекапиданд. Қариб буд, ки натурализм ҷои реализмро гирад. Мунаққидони ҳавобаланд дар доираи иттифоқӣ исбот карданӣ шуданд, ки аллегория (истиора, маҷоз, рамз, киноя) ба методи реализми социалистӣ бегонаast. Мақолаи «оташбори»-и мунаққид Н. Қладо дар бораи «Парии бахт» чароғи охирини фикрҳову андешаҳои мусбати моро хомӯш гардонд.

Дар зиёфате, ки ба муносибати шастсолагии устод дода шуда буд, меҳмони нохондае напурсида, аз ҷо хестy қадаҳ бардошт. Бо сӯзу гудозе эълон кард, ки маорифпарвари маъруф Шакурӣ, ки ҳамсинну сол ва ҳамсафи устод Лоҳутӣ буд, моро ятим кард. Ва хоҳиш кард, ки ҳозирон ба хотираи ӯ аз ҷо хезанд.



Устод хело ҳам ранҷид. Ба яке аз ҳампаҳлӯёнаш бо алам изҳор кард, ки «ин хар дақиқаи хуштарини ҳаётамро ба мотам табдил дод».

Агар устод Айнӣ мебуд «меҳмони нохондаву бефаросат»-ро хуб ҳақорат карда, аз зал бароварда ҳай мекард ва дилашро аз ғилаву озор тоза менамуд. Дили нозуки шоиронаи устод Лоҳутӣ гирифтори касалии «шубҳабарӣ» буд ва ин сабаб дошт. Дар Эрон рӯзу шаб зархаридони жандарм ва полис аз қафояш мегаштанд. Дар Иттифоқи Советӣ ҳам душманонаш кам набуданд. Дар байни муҳоҷирони эронӣ, ки дар Иттифоқи Советӣ ҳам буданд, зархаридони идораҳои сиёсии Эрон пинҳонӣ кор мебурданд. Бар зидди Лоҳутӣ ба Коминтерн, КМ ВКП(б) мактубҳои беимзо менавиштанд, ба номи Лоҳутӣ мактубҳои масхараомез, пур аз дӯғу таҳдид мефиристоданд. Мудохилаи Коминтерн ва КМ ВКП(б) ба ҳуҷуми иғвогарон хотима дод. Дар саҳифаҳои матбуот мақолаҳо доир ба осор ва фаъолияти устод ва суратҳои ӯ бештар нашр шудан гирифтанд. Дар Съезди нахустини нависандагони СССР дар бораи адабиёти советии тоҷик Абулқосим Лоҳутӣ маърӯза кард ва котиби Иттифоқи нависандагони СССР интихоб шуд...

Ба қавли Рӯдакии бузург «Ҷаҳон ҳамеша... гирдгардон аст» Тундбоди фоҷиаи соли 1937 шишаҳои хонаи Лоҳутиро ҳам ларзонд. Лоҳутие, ки ба воситаи И. Сталин мушкили чандин одамони фозилро осон карда буд, гапаш бо Сталин гурехт...

Ин аст, ки устод на Қладоро барои мақолааш ва на Сталинро айбдор мекард. «Ҳамаи ин,— мегуфт вай, кори душманони иғвогари ман аст, ки сари мардумро гаранг мекунанд...». Дар бисьёр мавридҳо «нобоварӣ» бар «боварӣ» ғолиб мебаромад ва боиси ранҷиши устод ва гоҳо боиси низои беасосе мегардид.

* * *

Ҳар боре, ки сафарам ба Москва меафтид, албатта ё бо телефон, ё бевосита ба наздаш рафта, ҳолпурсӣ мекардам, аз навигариҳои адабии республика ва умуман аз кору бори он аз рӯи донистаам ӯро хабардор менаму-

дам. Лекин дар солҳои охири умраш саломатии устод имкон намедод, ки ӯро ташвиш диҳем.

Боре ҳамроҳи ҳамсарам Гулчеҳра ба боғи тобистонаи устод рафтам.

Устод ва шарики ҳаёташон шоира Бону моро шодон истиқбол гирифтанд, бо муҳаббат оғӯш карда бӯсиданд, дар чашмони аз бехобӣ азобдидаи устод ашки шодӣ чарх зад. Ба нишастан таклиф карданд. Нишастем.

— Худоё,— гуфт устод,— ин боғчаи ман ба ташрифи шумо фарзандони тоҷики ман ба гӯшаи хуртараку дилкушои Тоҷикистони ман мубаддал гаштааст. Хуш омадеду ҳамеша хушвақт бошед.

...Сӯҳбати мо торафт гармтару ширинтар мегашт. Устод аз кору бори республика, театрҳо нависандагон ва кори эҷодиамон бо иштиёқ мепурсид ва ҷавоби моро бо завқ мешунид. Ба ногаҳ устод Гулчеҳраро ба ғамхор ва илҳомбахши худ нишон дода:

— Ҷонам Бону, ин парии бахти Мири шакари моро шинохтӣ?! Ин ҳамон булбули Бадахшонист, ки аз саҳна бо овози дилнавози худ суруда буд: «Дарьё, ки калон шавад шинояш кӣ кунад, ду дил, ки яке шавад ҷудояш кӣ кунад?». Ману ту гӯш мекардему фаҳмиданӣ будем, ки он дили дуюм аз они ана ҳамин шакарзодаи мо будаст,— устод ҳар дуи моро бӯсид, ду даст бардошта.— Илоҳӣ гуфт, ду дили якшудаатон умрбод рӯи ҷудоиро набинад.

...Сӯҳбат дуру дароз давом кард. Шоира Бону бо ташвиш таъкид кард, ки:

— Падар, сӯҳбататон ширин бошад ҳам, барои одамони мариз меваи талх медиҳад.

— Ҷонаки ҷонам,— гуфт бо тантана устод,— магар аз рангу рӯям, суханрониҳоям, хандаҳои осмонкафи ман аён нест, ки ман Лоҳутии ту, дар ин дақиқаҳо худро ҷавони сиҳату саломати бистсола барин ҳис мекунам.

Бонуюю Гулчеҳра ба тарафи ошхона рафтанд. Устод аз қафояшон нигаҳкунон, тасдиқ кард:

— Албатта, ҳақ ба ҷониби Бонуи ман. Мариз ҳастам, бояд истироҳат кунам. Лекин агар охири умрамро танҳо бо истироҳат гузаронам, аз будани ман чӣ суд аст гардунро?

— Наход, ки барои истироҳат ду ё се соат вақт наёбед?

— Вақт кам мондааст, хело ҳам кам. Аммо кор бисьёр... Идораи нашриёти забонҳои хориҷӣ гулчини маро ба чоп расонданист, ман бояд дастнависро ҳар чи зудтар аз назар гузаронда, ба нашриёт фиристонам. Охир соли оянда Революцияи Кабири Социалистии Октябр чиҳилсола мешавад. Мехоҳам бо ин гулчин ҷашни бузургро истиқбол кунам...

— Устоди мӯҳтарам,— арз кардам ман,— соли оянда боз як ҷашни дигаре ҳам аст, ки онро фаромӯш набояд кард. Ман зодрӯзи пуршарафи он шоири инқилобиро дар назар дорам, ки дар ҷашни чиҳилу панҷсолагиаш дар Сталинобод яке аз аҳли фазли тоҷик дар васфаш чунин гуфта буд: «Адабиёти ҳазорсолаи тоҷикро мисли як занҷири гусастанашаванда тасаввур кунед. Дар як сари ин занҷир Абулқосим Фирдавсӣ менстад ва дар як сари он Абулқосим Лоҳутӣ».

Устод дар фикр афтод. Баъд аз ҷо хеста:

— Ҷонам, ман бояд каме қадам занам,— гуфт.

Ман ҳам аз ҷо хестам. Қадамзанон сӯҳбатро давом додем.

— Қасам ба ҷонат,— гуфт устод,— дар бораи ҳафтодсолагиям чизе гуфтанӣ набудам. Ба шоир бояд аз рӯи осораш баҳо дод. Чунин аст ақидаи ман. Лекин...— устод ҳар тарафро аз назар гузаронда,— «дардо, ки рози пинҳон хоҳад шуд ошкоро», гуфтагӣ барин рози пинхоне дорам, ки ҳатто Бонуи ман аз он бехабар аст. Аммо ба ту, на чун ба котиби правленияи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, балки чун ба писару бародари содиқи худ, барои маслиҳат мегӯям. Як ҳафта пеш, барои табобат ба шаҳр рафта будам. Баъд аз табобат дар клиника, аз рӯи одат ба «Тоҷик-поспредство» рафтам. Дар он ҷо маро дидан замоно ҳама чапак заданд. Намояндаи доимӣ маро ба мошинааш савор карда, рост ба идораи дӯсти деринам, ки кайҳо боз якдигарро надида будем, бурд.

Дӯстам, аз ҷо хеста, ба пешвозам омад, салом додем, якдигарро оғӯш карда бӯсидем. Баъд аз рафтани намояндаи доимӣ, дӯстам маро аз кабинети кориаш ба ҳуҷраи хосаш бурд. Нишастем. Рӯи стол аллакай чой, кофе, оби маъданӣ, шарбати анор гузошта шуда буданд. Дӯстам бо муҳаббат ба ман нигариста «кайҳо боз якдигарро надидаем,— гуфт,— лекин гумон накунед, ки фаромӯш кардаам. Ҳар боре, ки ба Кремль медароям, шумо шоири азизам бо достони дӯстдоштаам «Кремль» пеши назарам намоён мешавед. Хуб шуд, ки омадед. Доир ба як масъалаи шодиоваре маслиҳат лозим буд».

Баъд дар ҷомҳо шарбати анор рехта, якеро назди ман ва дигареро назди худ гузошт ва бо мамнуният гуфт: — «Одамон аз қадимулайём барои давоми умр оби Хизрро меҷӯянд, намедонанд, ки ҳамон оби Хизр шарбати анори Тоҷикистон аст».

Чой нӯшида, сӯҳбаткунон аз гузашти айём, имрӯзу фардо бо шодиву хандаву ҳасрат сухан рондем. Билохир дӯстам бар сари мақсад омад. «...Маслиҳати шуморо,— гуфт,— фаҳмиданиям. Медонед, аз республикаи шумо хабари хуше расид. Соли оянда, шоири маҳбубам Лоҳутӣ бо қадамҳои марди хушрафтор роҳи ҳафтодумини пуршарафро тай намуда, ба сарҳади ҳафтоду якум по мегузорад. Роҳи сафед!».

Ман чизе гуфтанӣ будам, лекин дӯстам аҳамият надода, мулоҳизакунон суханашро давом додан гирифт.— «Роҳбарони республика ҷашни муборакн шуморо дар Тоҷикистон гузарондан. Лекин мо мехоҳем, ки дар Москва гузаронем. Фикри шумо чист?». Ман бо ҳайрат пурсидам — «Барои чӣ дар Москва? Барои чӣ дар Тоҷикистон не?». Дӯстам ба ман дуру дарозе нигоҳ карда — «Албатта,— гуфт дар Тоҷикистон ҳам гузарондан лозим аст. Лекин дар Москва шарт аст. Солҳои охир дар бораи шумо душманҳои идеологии мо чӣ афсонаҳои тӯҳматангезе бофта, паҳн карда истодаанд... Аз саҳву хатоҳои ночизи зиндагии мо истифода мебаранд. Аз пашша фил месозанд».

Занги телефон шуд. Дӯстам ба кабинети кориаш рафт ва зуд баргашт. «Ба Никита Сергеевич лозим шудаам. Сӯҳбат боқӣ».

Чун сӯҳбат ба охир нарасидааст, дар ин бора ба касе, ҳатто ба наздиктарини худ Бону чизе нагуфтаам.

Ба устод фаҳмондам, ки дар бораи гузаронданн ҷашни ҳафтодсолагиашон собиқ котиби Комитети Марказии Партияи Коммунистии Тоҷикистон Т. Ӯлҷабоев моро даъват карда, супориш дода буд...

...Дар арафаи гузаронданн ҷашни 70-солагии устод ману Мирзо Турсунзода назди Т. Ӯлҷабоев даромадем. Мирзо аз рафти тайёрӣ ба гузаронданн маҷлиси тантанавӣ ва шабҳои адабӣ дар миқьёси республика мухтасар итлоъ дод. Т. Ӯлҷабоев аз тиреза теппаеро нишон дода, «ана, болои он теппа, ки аз он ҷо тамоми водии Ҳисорро дидан мумкин аст, барои шоири муборизи худ Лоҳутӣ гунбази мармарин бино карданием. Чӣ мегӯед?» Мирзо сар набардошта, гуфт: — «Лекин Бону хокистари ҷасади устодро надод, ба зодгоҳаш ба Эрон мебарам, мегӯяд». Т. Ӯлҷабоев аз ҷо ҷаҳида,— «Чаро,— гуфт — нафаҳмондед, ки зодгоҳи дуюми Лоҳутӣ, чун шоири мубориз Тоҷикистон аст. Тамоми достонҳо ва аксарияти шеърҳои дар ҷаҳон машҳуршудаашро дар Тоҷикистон эҷод кардааст... Тақдири фардои осори ӯ ҳам дар дасти халқи тоҷик аст...»



* * *

Бо ин фикру хаёлоти талху ширине ба хона расидам ва боз радиоро ба кор андохтам. Ғулғулаи мардуми инқилобии Афғонистон ва овози дилнавози ҳофизи инқилоб Аҳмад Зоҳир, ки «Бандагӣ гар шарт бошад зиндагӣ даркор нест», месуруд, шунида, худ ба худ гуфтам — Оре, Лоҳутиву осори ӯ машъали хомӯшнашавандае аст.

## ТУ ҶАВОН БУДИВУ МЕМОНӢ ҶАВОН

*Менависам ман суруди сулҳро бо хуни дил,*
*Бо тапидан ҳои беоромӣ рӯзафзуни дил.*

МИРЗО ТУРСУНЗОДА.

Сафари Қондара барои ман тасодуфӣ буд. Дуюми май дар яке аз мактабҳои райони Сталинобод баромад карда, аз он ҷо бо хоҳиши худи Мирзо рост ба ҳавлии ӯ рафтем.

— Чаро худатон танҳо? — пурсид бо ҳайрат модари фарзандони наҷиби Мирзо Сабоҳатхон.

— Имрӯз рӯзи ид аст, ихтиёри ҳар кас ба худаш, бачагони Миршакар бошанд, имрӯз ба меҳмонӣ рафтаанд. Ман ӯро бо худ ба ин ҷо овардам. Маслиҳат дорам.

— Ба хона дароед!

— Не, имрӯз ҳаво хеле ҳам форам аст, дар берун мешинем.

Дар ҳавои софу офтобии моҳи май нишаста, зодрӯзи Мирзоро қайд кардем. Мирзо хандида, гуфт:

— Дар як сол ду рӯзи таваллуд дорам ва ҳар дуяш ҳам тахминӣ! Лекин соли таваллудам ҳақиқист!

Воқиаи рӯзи таваллуди дуюми Мирзо чунин аст. Боре аз нашриёт барои тақвимномаи Тоҷикистон соли таваллуди нависандагонро пурсиданд. Мирзо рӯзи таваллуди маро пурсид. Ман 5 май гуфтам. «Набошад,— гуфт,— азони ман 2 май нависед!» ва хандида илова кард, «Ман аз Миршакар ду рӯз пештар зоида шудаам». Аз ҳамон рӯз Мирзо, агар имконият медошту дар



сафар намебуд, зодрӯзашро соле ду бор (2 маю 26 ноябрь) қайд мекард.

Ба саломатии Мирзову аҳли оилааш қадаҳ бардошта, ҳамаашонро ба хона даъват кардам. Мирзо даъватамро қабул кард:

— Лекин,— гуфт ӯ,— рӯзи таваллудатро дар Қондара қайд мекунем. Ҳайрон нашав, бо Вера Ивановна Запрягаева,— директори боғи ботаникии АФ Тоҷикистон дар Қондара,— гапро пазондаам. Аллакай як ҳуҷраи олиҷанобе ҳам барои мо ҷудо кардаанд.

— Гапи нав-ку? — пурсид Сабоҳатхон.

— Мо бояд достонҳои худро ба охир расонем, дар шаҳр барои ин имконият надорем. Якчанд рӯз аз маҷлисҳову телефонҳо дуртар истодан лозим аст.

— Мо бо Гулчеҳрахон халал намерасонем? — пурсид бо шӯхӣ Сабоҳатхон.

— Рӯзҳои истироҳат дар ихтиёри шумоем...

Рӯзи дигар кӯрпаву дегу табақро ба мошин бор карда, лаб-лаби дарьёи шӯхи Варзоб ба Қондара раҳсупор шудем. Дар Қондара касе моро пешвоз нагирифт. Дурусттараш касе набуд. Дарҳо қулф.

Баъд аз чанде аз боло ду нафар — мӯйсафеду кампире,— намоён шуданд. Моро дида, бо ҳайрат истоданд, чизе ба якдигар гуфта, ба сӯи мо равон шуданд.

Баъд аз салому алейк Мирзо пурсид:

— Калонҳоятон дар куҷост?

— Имрӯз рӯзи неки эҳьёст. Дар ин рӯз кор кардан гуноҳ аст... ҷавоб дод, меҳрубонона, кампир.

Ба шофери мо дядя Миша нафорид:

— Аз афташ унсури бегонаӣ, момо?

— Худоё, агар инҳо ранҷанд, айбе нест, аммо ту одами рус, исавимазҳаб ҳастӣ, хуб медонӣ, ки имрӯз рӯзи эҳьёст ва дар ин рӯз кор карданро худо манъ кардааст...

— Аммо ҳӯҷаинҳо, буржуҳо падарони моро рӯзу шаб кор мефармуданд, на рӯзи аҳёро риоя мекардаанду на дигарашро, Революцияи Октябрь ин рӯзро барои ҳамаи мо рӯзи истироҳат эълон кард!..

Дядя Миша боз чизе гуфтанӣ буд, аммо Мирзо хоҳиш кард, ки мунозираро бас кунад... Баъд ба соҳибони боғ муроҷиат кард, ки калиди ҳуҷраро диҳанд. Мӯйсафед хандиду гуфт:

— Вай ҳуҷраи нодаркор аст, на дар дораду на калид!

Ба кампир нафорид:
— Фармонбек, ту чиҳо гуфта истодай?
— Тётя Паша, бигузор пешакӣ фаҳманд, ки...
— Шуд, шуд! — тётя Паша гапи ӯро бурида, ба мо муроҷиат кард: — Биёед, ҳуҷраатонро ба шумо нишон диҳам.

Мирзо аҳволи ҳуҷраро дида:
— Бому девору тиреза дорад, барои мо ҳаминаш бас!
— Тётя Паша ва амаки Фармонбек, шумо шанбегӣ барин гапҳоро медонед? — пурсидам ман.
— На ин ки медонем, балки дар шанбегиҳои бисёре иштирок кардаем!
— Набошад, ҷорӯбу меху болғаро оварда, даруну беруни ҳуҷраро рӯбем, катҳои чӯбинашу дарашро таъмир кунем!

Мирзову Фармонбеку тётя Паша рӯфтани хонаву атрофро ба гардан гирифтанд. Таъмири кату дарро ба ману дядя Миша супурданд. Вақте ки ҳама ҷоро ба тартиб даровардем, тётя Паша фотеҳона ба Фармонбек рӯ оварда гуфт:
— Ана, дидӣ! Он чиро, ки ту нодаркор гуфтӣ, даркорӣ шуд. Қадами одам муборак аст, агар ба чӯли харобазор расад, чӯл гулистон мешавад!
— Ой кампире, корат фақат насиҳат кардан асту халос...

Баъд аз наҳори шом, ки бо ёрии якдигар тайёр карда будем, дядя Миша баргашта ба шаҳр рафт, тётя Пашаву Фармонбек ба ҳуҷраҳои худ. Мирзо фаҳмиданӣ шуд, ки фикри ман дар бораи ҳуҷра чист? Ман «ба ҳамин ҳам шукр гӯй!»,— гуфтам. Мирзо хандиду гуфт:
— Дар ёд дорӣ, чӣ хел Боқиро бо хона таъмин карда будем?

...Дар ибтидои солҳои чиҳилум шоири халқии Тоҷикистон Боқӣ Раҳимзода, ки он вақт шоири ҷавон буд, баъд аз хатми Институти педагогии шаҳри Душанбе ба Президиуми Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ариза дод, ки ӯро бо ҷои хоб таъмин кунем. Ман, ки дар он солҳо котиби Правленияи Иттифоқи нависандагон будам, илоҷи дигаре наёфта, дар правления таклиф кардам, ки диване, ки дар клуби Литфонд бекор истодааст, ба ихтиёри Боқӣ дода шавад, бигузор онро гирифта, дар ҳавлии хобгоҳи мо, зери кадом дарахте, ки хоҳад, ба худ ҷои хоб интихоб кунад ва то зимистон дар ҳамон ҷо хобад. Вақте ки Мирзо аз сафар баргашт ва Боқиро дар ҳамон ҷо дид, маро чеғ зада «Ту, чӣ кор кардӣ?» — гуфта пурсид. Ман оромона ҷавоб додам, ки вай ҷои хоб пурсида буд, ман ҷои хоб ба ӯ додам ва илова бар он дивани Литфондро ҳам ба ихтиёри ӯ додам. «Ин хуб нест,— гуфт Мирзо,— ман, беҳтараш пагоҳ ҳамроҳ ба идораҳои даркорӣ рафта, хоҳиш кунам, ки ягон ҷорае бинад». Боқӣ, ки дар сӯҳбат иштирок дошт: — «Мирзоҷон,— гуфт,— ғам нахӯред, барои ман дар ҳамин ҷо хеле ҳам хуб аст. Дар ин вазъият ман меҳмони ҳамаи бошандагони ин хобгоҳ ҳастам. Ҳамеша дасти ман дар равған!»...

Мо озуқаворин якҳафтаина оварда будем. Дар ин ҷо яхдон набуд. Бинобар он гӯштро дар як кӯза андохта, равғанро дар дигаре, даҳанҳояшонро маҳкам баста, ба дарьё гузоштем, ки вайрон нашавад.

Мирзо хеле барвақт бедор шуд ва маро ҳам бедор кард.
— Дар Ҳиндустон,—гуфт,—мегӯянд, ки баъд аз соати 7 танҳо сагҳо ва хориҷиҳо аз хоб мехезанд!
— Дар яке аз маҷлисҳои интихоботии колхозӣ яке аз музокирачиён гуфтааст, ки «Раиси мо худи намояндагони район барин то соатҳои 12 мехобад»,— гуфта, сабукак аз ҷои хоб ҷаҳидам.

Мирзо коғази ба девор овехташударо нишон дода:
— Мана,—гуфт,—тартиботи рӯзгузарониро тахт карда овехтам, минбаъд аз рӯи он рафтор мекунем.

Маълум мешавад, ки Мирзо кайҳо бедор шудааст. Дар зери сигорини вай 4 дона сигорета хобида буд ва сигори панҷум дар даҳон дошт. Ман қатъиян таклиф кардам:
— Дар режими рӯз илова карда шавад, ки дар ҳеҷ мавриде пеш аз наҳори саҳарӣ папирос кашидан мумкин нест!

Мирзо розӣ шуд. Вале, афсӯс, ки ин қоидаро риоя кардан душвор буд. Гоҳо дар соатҳои панҷ бедор шуда ба навиштан сар мекард ва сигореташ чун трубаи заводҳои кӯҳна муттасил дуд мекард.

Боре ба Мирзо гуфтам:
— Мирзо, шумо тартиботи муайянкардаи худатонро риоя накарда истодаед, ба ҷои соати ҳафт соати панҷ

мехезед, пеш аз нахории саҳарӣ сигорета мекашед... Ин коратон ба ман маъқул не!

— Нависанда бояд мушоҳидакор бошад,— гуфт Мирзо.— Магар дирӯз надида будӣ, ки ин дарьёчаи хурд баъди борон чи қадар сангҳои калонро чаппагардон кард, соҳилро хароб ва дар баъзе ҷоҳо ҷараёнашро тағьир дод.

— Гуноҳи рӯд чист? Гунаҳкор борон аст!
— Гуноҳи ман чист? Гунаҳкор илҳом аст!

Панҷуми май Мирзоро аз хоб ман бедор кардам. Даст ба тарафи қуттии папирос дароз кард. Намондам. Мирзо хандиду ин сатри шеъри Носири Хусравро замзама кард: «Гуфто зи кӣ нолем, ки аз мост, ки бар мост!».

Дар соҳили дарьё либосҳоро кашида, ҳар кас аз рӯи фаҳмидагии худ «тарбияи ҷисмонӣ» гуфта, дасту пову сарро ҷунбондан гирифт, хайрият, ки бегонае дар он ҷо набуд, ки ба ҳоли мо хандад. Об беандоза хунук буд. Лекин номус карда, оббозӣ ҳам кардем, хунук хӯрдем. Зуд либосро пӯшида, тозон рафтем.

Баъд аз наҳори саҳарӣ Мирзо таклиф кард, ки соатҳои эҷодиро имрӯз дар лаби дарьё гузаронем.

Соябони мо дарахти бед ва намади мо реги мулоими соҳил буд. Мирзо ба сухан даромад:

— Пеш аз оне, ки мавзӯи достонамро ҳикоя кунам, хоҳишмандам ба суоли ман ҷавоб деҳ...

— Марҳамат.

— Дар солҳои охир дар бораи қаҳрамони мусбату манфӣ қариб ҳар рӯз мақола мебароянд. Ин хуб аст, лекин фикрҳо гуногун ва мухталифанд. Баъзеҳо ҳатто таклиф мекунанд, ки қаҳрамонҳоро пешакӣ тарошидан лозим аст ва баъд аз рӯи афту башараи онҳо асар нависем... Фикри ту чист?

— Ба ман аз газетаҳои марказӣ борҳо таклиф карда буданд, ки доир ба ин масъала фикрамро нависам, лекин ман nанавиштам. Росташро гӯям чи навиштанамро намедонам. Гап дар он аст, ки ман ягон боре қаҳрамонҳои худро, ки мусбатанд ё манфӣ бар тарозуи танқидӣ нагузоштаам, ҳатто бе ягон илова ва ҳамон тавре ки дар равиши кори эҷодӣ онҳоро тасаввур мекардам, ба онҳо дар асарҳои худ ҷо медодам. Ба фикрам қаҳрамонон на бо хоҳиши асарнавис ба вуҷуд ме-



оянд, балки ҳаёт онҳоро меофарад ва онҳоро бо кору рафторҳои ба худ хос дар дили атрофиён, аз ҷумла дар дили нависанда, ба худ муҳаббат зоҳир мекунанд. Ин муҳаббат гоҳо чунон гарму ҷӯшоне, ки нуқсонҳои соҳибашро рӯпӯш мекунад. Бо ибораи дигаре гӯям қаҳрамони мусбате, ки маро барои навиштани асари наврӯҳбаланд карда, илҳом мебахшад, ба ман чун падару модари ман аст ва ман дар назди он чун кӯдаки маъсуме, ки ғайр аз накӯиашон чизе намебинам...

— Ҳасани аробакаш ҳам барои ман шахси тасодуфӣ нест, ман ӯро аз хурдӣ мешиносам ва барои ман як шахси муқаддас менамояд. Ман ҳеҷ чиз ба он илова кардан намехоҳам, мехоҳам ӯро ҳамон тавре ки ҳаст, шоирона тасвир кунам.

— Сабаби ин аён аст. Нависандаи бузурги рус Достоевский дар яке аз мактубҳои худ ба Майков иқрор мешавад, ки тасвири одами мусбату зебо хеле ҳам душвор аст. Чунки зебоӣ — идеал аст, аммо идеал на дар мо «ба таври бояду шояд кор карда шудааст на дар Европаи мутамаддин». Лекин дар олами социалистии мо зебоиву идеалро худи одамони советӣ дар процесси меҳнати диловаронаи худ ба таври бояду шояд кор карда баромадаанд. Қаҳрамонҳои асарҳои мо хаёлӣ нестанд, одамони воқеианд, соҳиби зебоӣ ва идеали бузурганд ва мо, агар онҳоро тавре ки ҳастанд тасвир намоем, ба мақсад мерасем!

— Ба ту маълум аст, ки достоне, ки ба навиштанаш сар кардаам, дурусттараш сар карданиям, «Ҳасани аробакаш» ном дорад. Қаҳрамонаш одами воқеӣ. Ин ҳамон шахсест, ки соли 1927 моро, ки барои таҳсил ба Тошкент мерафтем, бо аробааш аз Душанбе то Термиз бурда буд. Чӣ ҳодисаҳое бо аробакаш дар пеши назари мо рӯй дода буданд ва чӣ ҳикояҳои аҷибе дар бораи худаш аз забони ӯ шунидем. Ҳоло ҳам дар ҳаёт аст. Ман ба наздикӣ ӯро дида будам. Якдигарро шинохтем. Дар чойхонаи боғи шаҳрӣ чой нӯшида, рӯзҳои гузаштаро ба хотир овардем. Вақте ки ба хона баргашта омадам ба худам суол додам, ки ҷаро Ҳасани аробакашро тимсол карда, достон нанависам?

— Мехоҳед чӣ тавр бо ароба аз Душанбе то Термиз рафтанатонро тасвир намоед?

— Не, ман намехоҳам, ки достони ман ба «Мо аз Помир омадем» монанд шавад. Аз Душанбе то Термиз рафтан баҳона. Мақсади асосӣ дигар аст. Тасаввур кун,

ки Ҳасан то революция батрак буд. Дар революция фаъолона иштирок дошт. Командир аспи хӯҷаини собиқи Ҳасанро ба ӯ ҳадья мекунад. Ҳасан аввал соҳиби асп ва баъд соҳиби ароба мешавад...

— Ин дар ҳамон рӯзҳое, ки дар республикаи ҷавон нақлиёти асосӣ аспу хару ароба буд?

— Дар ҳамон рӯзҳо!

— Лекин бо мурури замон мошинҳои сабукраву боркашонӣ «майдони васеи» ӯро танг мекунанд ва ӯ аробаро партофта шофер мешавад?

— Не! Ҳама гап дар он аст, ки вай то охир аробаашро напартофта, барои пешқадамӣ мубориза мебарад... Вақте ки кӯчаҳои Душанберо мошинҳо зер мекунанд, вай ба маркази вилоят меравад, аз он ҷо ба маркази район, аз маркази район ба колхоз ва аз колхоз ба бригадаи колхозӣ...

— Ва ба ҳар ҷое, ки меравад, аз қафояш мошинҳо меоянд ва майдони амалиёташро маҳдуд мекунанд?

— Ҳамин тавр.

— Пас, дар охири кор ба ӯ порукаширо таклиф мекунанд?..

— Дар ин бора ба ягон фикри муайяне наомадаам ва барои ҳамин ҳам фикри туро гирифтанӣ будам.

— Фикри ман ҳамин аст ва мантиқаш дуруст аст.

— Дар ин бора фикр кардан лозим аст,— гуфт Мирзо ва аз ҷо хеста таклиф кард: — Беҳтараш биё оббозӣ кунем.

Баъд аз наҳори нимарӯзӣ мебоист каме дам мегирифтем, лекин Мирзо таклиф кард, ки ба маркази район равем, барои моҳигирӣ шасту асбобҳои дигаре харидан лозим буд. Маркази район ягон панҷ километр дуртар буд ва пиёда рафтан ба он ҷо он қадар мушкил набуд. Лекин вақте ки ба маркази район расидем, мардум гирду атрофи моро гирифт.

...Мирзо Турсунзода фарзанди косиби ҳамин водист. Тарҷумаи ҳоли вай шарҳи ҳоли халқи вай аст. Дар он солҳое, ки ҳанӯз садои тири зархаридони империалистӣ дар гӯшаҳои дури республика шунида мешуд, халқ бо роҳбарии партия ба кори азнавсозии ҳаёти нав дар шаҳру қишлоқҳо сар карда буд. Одами босавод кам буд ва лозим меомад, ки ҳар шахси босавод «ҳазорҳунар» бошад, ҳар чи аз дасташ ояд, барои Ватан дареғ



надорад. Шоирон ва нависандагони ҷавон дар вазъияти шиддатноки муборизаи синфӣ ба деҳот рафта, муаллими мактабҳои маҳви бесаводӣ, агитатор, котиби шӯрои ҷамоат, муовини раиси колхозҳои навташкилшуда кор мекарданд. Ба сифати ходимони газета, корқунони ташкилотҳои пионериву комсомолӣ, ба районҳову сохтмонҳо рафта хизмат мекарданд ва ҳамаи ин барои онҳо мактаби ҳаёт буд. Яке аз шогирдони фаъоли ин мактаби бузурги ҳаёт Мирзо Турсунзода буд. Мактаби ҳаёт ба Мирзо Турсунзода қудрату тавоно, маҳорату ҷасорат бахшид. Ӯ акнун ходими фаъоли давлатӣ, шоирест, ки синнаш аз шавқи илҳом тангӣ мекунад, қодир аст, ки зуҳуроти ҳаётро ба чашми хирад бинад, омӯзад, ҳарҷониба таҳлил намояд, навро аз кӯҳна ҷудо намуда, ба ғалабаи он ёрӣ расонад, аз ҳаёт назм ва аз назм ҳаёт созад.

Ин аст, вақте ки ба маркази район дохил шудем, пиру ҷавон «Турсунзода!..» гӯён гирду атрофи моро гирифтанд, ба меҳмонӣ даъват мекарданд. Хайрият, ки муаллими мактаб омада, хоҳиш кард, ки бо бачагон вохӯрем. Илоҷи дигаре набуд, розӣ шудем.

...Бачаи бисьёре ҷамъ омада, бодиққат гӯш мекарданд. Мирзо саргузашти бачагиву навҷавонии худро ҳикоя кард, ки мазмуни он чунин буд: Дар қишлоқ мактаби кӯҳнае буд, ки дар он бачагони қишлоқ мехонданд. Падари Мирзо, устои дуредгар «ман ба писарам беҳуда Мирзо ном надодаам. Ман ният карда будам, ки вай одами босавод ва обрӯи қишлоқ шавад!» — гуфта, писарашро ба мактаби кӯҳна медиҳад. Дере нагузашта дар қишлоқи онҳо мактаби нави советӣ ташкил мешавад. Мирзо бо ҷӯраҳояш ба мактаби нави советӣ дохил мешавад. Дар соли 1925 аз қишлоқаш гурехта ба Душанбе меояд ва дар ин ҷо ӯро ба хонаи бачагон қабул мекунанд... Дар соли 1927 як гурӯҳ бачагонро ба аробаи Ҳасани аробакаш савор карда, барои таҳсил ба Тошкент мефиристонанд... Дар охир Мирзо гуфт, ки «баъд аз хатми дорулмуаллимини тоҷикон ба Душанбе омадем. Ҳамроҳони ман яке мудир, дигаре раис, сеюмӣ муовини раис ё котиб ва ҳатто то ба мартабаи олитаре расид. Лекин ман бо майли худ кори газетаро интихоб кардам ва касби шоириро баргузидам.

Ҳар касе бояд аз рӯи тамоилаш кор кунад. Тамоили ман шоирӣ буд ва ман аз ин ҳунари худ розиям!».

Баъд аз шеърхонӣ моро ба «як пиёла чой» даъват

карданд. Бо ҳамин рӯз ба охир расид. Хайрият, ки ба магазини даромада шастро харида будем. Вақте ки ба хуҷраи худ дохил шудем, қавл додем, ки дигар на танҳо ба маркази район намеравем, ҳатто ба касе худро нишон намедиҳем.

Тётя Паша хабар дод, ки «ҳама тайёр аст!».

— Офарин, тётя Паша,— гуфт Мирзо ва узрхоҳӣ намуд.— Мебахшед, ки бо гуноҳи дигарон каме дер кардем.

Дар ошхонаи тобистонии боғдорон столи зиёфат оро дода шуда буд. Байни стол гулдастаи аз гулҳои гуногуни боғиву кӯҳӣ басташуда меистод. Фармонбек чой нӯшида столро боӣ мекард. Бо ҳайрат аз тётя Паша пурсидам:

— Ба кадом муносибат?

— Муносибаташро ҳозир мефаҳмӣ, азизам! — ба ҷои тётя Паша ҷавоб дод Мирзо ва ҳамаро ба нишастан таклиф кард. Маро назди гулдаста шинонданд. Мирзо қадаҳ бардошта гуфт:

— Мо дар ин ҷо чор нафар ҳастем, лекин худро танҳо намешуморем. Бо мо ин булбулони хушхон, ки гулҳои рангоранги боғиву роғӣ, гулҳои бостоние, ки аз будани онҳо то динаякак касе хабар надошт ва раҳмат ба олими машҳур ва дӯстдоштаи мо Вера Ивановна, ки ин гулҳои хеле зеборо кашф карда, аз чанголи марг халос намуда, ба онҳо ҳуқуқи зиндагӣ додааст, ин осмони пурситора, ин кӯҳҳои нooром ва муҳаббати ҷӯшони мо ба якдигар,— бо мо ҳастанд! Дӯстон, имрӯз рӯзи таваллуди дӯсти навҷавонии ман Мирсаид Миршакар аст... Ман ин қадаҳро барои он мебардорам, ки дӯсти мо бо фарзандони наҷиби худ саломат бошад ва бо эҷодиёташ на танҳо қуллаҳои кӯҳҳои Помир, на танҳо қуллаҳои кӯҳҳои Тоҷикистон, балки инчунин қуллаҳои адабиёти сермиллати советии моро сарфароз намояд...

...Маро хоб намебурд. Ин меҳрубонии Мирзо хеле таъсир карда буд. Даврони ҷавонӣ аз пеши назарам мегузашт ва ҳар бор мегуфт: «Роҳҳои каҷукилебе тай кардаед, лекин фаромӯш накунед, ки дар пеш роҳҳои аз ин ҳам мураккабтару ноҳамвортаре интизори шумоянд».

Дар байни ҳаммаҳфилони мо Мирзо серталаб, бераҳм, вале меҳрубон буд. Пеш аз ба район рафтанам барои ночизе шуда сахт ҷанг карда будем ва ман гумон кардам, ки агар баъд аз ин дучор шавем, аз як-



дигар рӯ мегардонем. Баъд аз як сол аз район баргашта омадам. Дар идораи нашриёт касе дӯстона дастамро гирифту фушурд. Нигоҳ кунам наздам Мирзо Турсунзода, бо чеҳраи хандони ба худ хос истодааст. Пеш аз ҳама хабар дод, ки китобчае баромадааст, ки дар он шеърҳои ман ҳам дохил шудаанд... Хоҳиш кардам, ки он китобро ба ман нишон диҳад. «Ман барои ту,— гуфт Мирзо,—дар хонаам нигоҳ доштаам. Рафтем». Хонаи Мирзо аз нашриёт хеле дур буд ва илова бар он пиёда рафтан лозим меомад. Рафтем. Хона қулф буд. Қалид дар ҷояш набуд. Мирзо боғазаб: — «Ин Алӣ Хуш бачаи беақл будааст!» гуфту бо зарби мушт тирезаро шикаста ба хона даромад ва аз он ҷо дуто китобча бароварда ба ман дод...

Дар маҳфили адабии назди рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» дер наистодам. Маро ба районҳо ва дертар ба сохтмони Вахш фиристоданд. Аз дӯстонам ва маслиҳати онҳо маҳрум шудам ва вақте ки дар соли 1937 аз нав ба Душанбе баргашта омадам, таъсири инро ба хубӣ ҳис кардам. Соли 1938 дар маҷлиси комсомолии назди Нашриёти давлатии Тоҷикистон ҳисоботи эҷодии маро шуниданд. Маҷлис дуру дарозе давом кард. Қариб ҳамаи иштироккунандагон ба музокира баромаданд. Ҳар чи дар дил доштанд, гуфтанд. Бештар ва талхтар аз ҳама суханони Мирзо буданд. Маҷлис қарор кард, ки маҷмӯаи аввалини шеърҳоям ба чоп тайёр карда шаванд. Ва барои ману дигарон ғайричашмдошт таҳрири маҷмӯаро Мирзо ба гардан гирифт... Худи ҳамин зиёфату қайдкунии зодрӯзам ҳам ташаббуси Мирзо буд...

Пагоҳӣ, дар соатҳои шаш — шашуним Мирзо маро бедор кард. Вақте ки ба соҳили дарьё рафтем, Мирзо бар санге нишасту «бишин»,— гуфт,— гап дорам!».

— Пеш аз тарбияи ҷисмонӣ? — пурсидам ман.

— Мо ба ин ҷо барои кори эҷодӣ омадаем, на барои тарбияи бадан! Гӯш кун, дар бораи қисмати Ҳасан ман ба фикри ту розӣ нестам. Намехоҳам, ки қаҳрамони дӯстдоштаи ман порукаш шавад. Ман мехоҳам, ки вай дар охир шофер шавад, аммо чӣ тавр? Дар равиши кор маълум мешавад! Умуман ман мехоҳам, ки дар шахси қаҳрамони худ роҳи тайкардаи республикаамро нишон диҳам.

— Ин тавр бошад ихтиёр ба дасти бахтиёр! — гуфтам нобоварона. Росташ, ман ҳатто тасаввур карда наметавонистам, ки дар шахси як аробакаш, ки ба артель даромадан намехоҳад, пайдо шудани мошинҳоро бадбахтӣ медонад, чи тавр Мирзо роҳи тайкардаи республикаро нишон медиҳад. Лекин дар чунин мавридҳо, ки илҳоми шоир ба ҷӯш меояд, агар, кас тавонад ба ӯ ёрӣ диҳад, вале халал нарасонад, дар сари роҳи ӯ мамонна нашавад. Дар охир аз Мирзо пурсидам,— Мирзо, қаҳрамони шумо маҳбубае, маъшуқае, завҷае дорад?

— Дар ин бора фикр ҳам накардаам! — ҷавоб дод Мирзо.

— Бешубҳа, шумо қаҳрамонатонро чун панҷ ангушт мешиносед, метавонед рафтор, кирдор, ахлоқи онро таъриф кунед, ӯро ҳарҷониба ба хонанда шиносонед. Лекин боз як чизи сазовори диққате ҳам ҳаст, ки асари бадеӣ бе он хира аст. Ман занро дар назар дорам. Зан ки иҷрокунандаи нақши маҳбуба аст ё маъшуқа, зан ё хоҳар ё модар, мусбат аст ё манфӣ, лекин барои достон зарур аст, достонро рӯҳ мебахшад, дилнишин мекунад.

— Инро ман дар назар дошта будам... Лекин ба фикрам воқеаҳои достону қаҳрамони хеле наҷиби он достонро оро медиҳанд, дилписанду завқовар менамоянд.

— Боварӣ доред?

Баъд аз наҳори нимрӯзӣ дам нагирифта, ба дарьё, барои моҳигирӣ рафтем. Шастҳоро ҷо ба ҷо карда, ба суҳбати эҷодӣ сар кардем.

— Гапи ту ҳақ! Ҳасан бояд номзад дошта бошад. Ишқи духтари соҳибҷамол ба Ҳасан қувваи тоза мебахшад.

— Тимсоли он соҳибҷамоли «нест андар ҷаҳон»-ро ёфтед?

— Ёфтам, ҳоло ҳам дар пеши назарам бо нозу нузи камбағалонааш намоён аст. Лекин навиштани бобҳои ишқӣ душвортар аст.

— Барои шумо бояд осонтар бошад. Шумо чун муаллифи либреттои «Тоҳиру Зӯҳро» ҳар чи бошад таҷриба доред!

— Замони вайҳо дигар буд...

— Яъне дар замони мо ишқ «бесӯзугудоз», «кампирҳо беоҷинг»?

Мирзо хуб хандиду гуфт:



— Ман он мақолае, ки мунаққид «Ёри шуғнонӣ»-ро танқид мекунад, хондам.

— Вай маро айбдор мекунад, ки ман дар ҳаҷри ёр «шабҳо бехоб ва бо чашми пуроб» будам..

— Агар мунаққид ту барин дар ин ҷову номзадаш дар Помир мебуд ва аз он на хате мегирифту на хабаре... ин гуна даъво намекард. Лекин дар баробари ин мо набояд фаромӯш кунем, ки лирикаи социалӣ, ё чи тавре ки мегӯянд, гражданӣ ҳама вақт ва махсусан ҳозир, ки халқҳои мустамлика ба муқобили мустамликадорон сар бардоштаанд, хеле ҳам зарур аст.

...Ба муборизони зиддимустамликадорӣ бо асарҳои худ ҳамкорӣ намудан раъй ва мароми Мирзо Турсунзода буд. Баъзеҳо гуфтанӣ мешаванд, ки гӯё сабабгори ҷаҳиши эҷодии Мирзо сафари ӯ ба Ҳиндустон бошад. Ин фикри хатост. Дар кори эҷодӣ «ғалабаҳои» тасодуфӣ чун гули бемавридшукуфта бебаҳо ва зуд пажмурдашавандаанд. Мирзо чун шоири интернационалист ба ин сафар пешакӣ тайёр буд.

Ҳиндустони афсонавӣ. Ҳангоме ки шоир ба он ҷо қадам мегузорад, бештар аз он чизе, ки дар Ватанаш аз мӯйсафедон ва ҳиндиҳо дар бораи ин мамлакат шунида буд, бо чашми худ мебинад. Мафтуни дастони қодири табиат мегардад. Дар пеши назараш осмони нилуфар лаълсифат ҷилва мекунад, об дар шуои офтоб чун симоб печутоб мехӯрад, рӯди Ганг дар шабҳои тор ҳамранги Қоҳкашон мешавад ва дар шабҳои маҳтобӣ шамшери фотеҳонро ба хотир меорад, лолаву себарга ба вақти саҳар аз лӯълӯи тар ҳалқабагӯшанд, дарахтон ба ҳавои чаман аз бадан бол мебароранд, дар як сӯ навои булбулон, дар сӯи дигаре фарьёди филон, боғи муаллақи моху солҳо пур аз сайёҳҳони аҷнабӣ ва онро биҳишти рӯи замин меноманд, ҳамеша сабзу хуррам аст ва ранги он дар об чун шӯълаи маҳтоби сабзест, ранги гулҳои зебояш ба рӯҳи ёри соҳибҷамол мемонад, дар соҳили рӯди Ҷамна қасре истодааст, ки машъалосо нурафшон мебошад ва номи он Тоҷмаҳал аст...

Ҳамаи ин зебоиҳо шоирро ба ваҷд меоранд, лекин онҳо барои ӯ нав нестанд. Дар васфи онҳо асрҳо соҳибқаламон қаламронӣ карданд. Шоири дунёи нав мехоҳад ба гулхан то даме нигарад ва он ҷиро кобаду ёбад, ки диданаш кайҳо зарур буд, вале ҳанӯз касе надидаасту наёфтааст. Бо ин мақсад шоир пардаро аз рухи ҳақиқат мебардорад. Дар пеши назари ҷаҳониён ба ҷои

Ҳиндустони афсонавӣ Ҳиндустони ғоратшудае намоён мешавад, ки пур аз бечорагону бенавоён аст, халқи мазлумаш барои лукмаи нон на рӯз роҳат дораду на шаб... Дар баробари ин шахсони сангдиле намудор мешаванд, ки аз мағрибзамин ба Ҳиндустони дуре омадаанд, худро ҳомиёни ин халқи ба ҳалокат дучоршуда меноманд, вале дар амал на парвои оҳу нолаи кӯдакони гурусна доранду на парвои ашки хунолуди падарону модарони онҳо, дар кӯчаҳо гоҳе чун сипоҳ намоён мешаванду гоҳе чун гадо, гоҳе чун гурбаи поюндаи муше ва гоҳе чун аз гурба гурезанда муше...

Шоир бо қаламп худ аз рӯи онҳо низ ниқоб мебардорад ва онҳо дар пеши назари умум чун ғоратгарони молу ҷони Ҳиндустон ва сабабгори ҳамаи бадбахтиҳо, бародаркушиҳо, низоъҳои қабилавӣ мазҳабӣ ва гуруснагиву гадоӣ фош мешаванд.

Аз дидани ин манзара шоир маъюс намешавад ва як бори дигар ба чеҳраи халқи ҷафодидаи Ҳиндустон менигарад ва шод мегардад, ки «Меҳмони» мағрибӣ, «гарчи дусад сол дар ин хона монд, лек бар ин оила бегона монд» ва ҳукми ӯ бебақост ва гарчи сари халқ аз ғам сафед шуда бошад ҳам, вале дили ӯ ҷавон ва пур аз умед аст ва бозувони он барои мубориза қавианд!

Овози шоир дар фазои васеи Ҳиндустон паҳн мешавад, вай дар шахси Ганги муқаддас ба халқи озодихоҳи Ҳиндустони кабир мурочиат мекунад, ки эй рӯди бузурги Ганг,— модари Ҳиндустон, чун рӯдҳои кӯҳӣ зиндагӣ кун, ҷӯш зан, ҷавонӣ кун, ҳамаи мамониатҳоро бераҳмона аз роҳи худ дур андоз ва несту нобуд кун!

Ин овози шоири советии тоҷик, ба қавли шоири маъруфи Ҳиндустон Ғулом Тобони Рабонӣ, ба як чашм задан дар фазои кабири Ҳиндустон паҳн шуда, дар дили миллионҳо муборизони зиддимустамликадорӣ ба худ ҷо ёфт ва тавоноии овози ӯ шояд аз он бошад, ки овози шоирони советӣ бо овози «Аврора» омехтааст.

Силсилаи шеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон» тез паҳн шуда, писанди халқи озодихоҳи Ҳиндустон гардид. Мардуми Ҳиндустон дар шахси Мирзо Турсунзода фарзанди азиз ва аҳли дарди худро дид. Бесабаб набуд, ки рӯзномаҳои прогрессивии ин мамлакат он рӯзҳо ӯро шоири миллии Ҳинд эълон карданд.

Дӯсти мардуми Шарқ, нависандаи бузурги рус Николай Тихонов ҳикоя мекунад, ки боре бо сардории ӯ



чанд нафар нависандагони советӣ, ки Мирзо Турсунзода ҳам дар байни онҳо будаст, ба Қарочӣ сафар мекунанд. Вақте ки ба сарҳад наздик меоянд, сардори посбонон марди танумаид ва ҷасуру диловаре, ки барои озодии ватанаш на яку на ду бор бо мустамликачиён дастбагиребон шуда хун рехтааст, ба назди онҳо меояд ва бо тамоми дастуру қоидаҳои сарҳаддӣ ҳуҷҷатҳои онҳоро талаб мекунад. Онҳо ҳуҷҷатҳоро ба дасти ӯ медиҳанд. Сардор тасодуфан аввал ҳуҷҷати Мирзо Турсунзодаро мекушояд, якбора бар рухи ҷиддии ӯ табассум гул мекунад, ҳуҷҷатҳои дигаронро ҳатто накушода, гардонда медиҳад ва меҳрубонона «Марҳамат як пиёла чой» гуфта, ба хонаи хурде, ки эҳтимол қаровулхона буд, онҳоро даъват мекунад, ҳангоми сӯҳбати хеле самимона сардор гуфтааст, ки дидани дидори шоире, ки аз шеърҳои ӯ садои задани дили муборизони нимҷазираи Ҳиндустон шунида мешавад, барои ӯ шарафи бузургест...

Мавзӯи байналхалқӣ аз ибтидо қисми ҷудонашавандаи адабиёти советии тоҷик буд. Осори ин мавзӯъ навиштаи Мирзо Турсунзода пурҷозиба ва пурҳароратанд. Онҳо дар ибтидо ҳамсадои муборизони Ҳиндустон, баъд бо равиши инкишофи ҳаракати зиддимустамликадорӣ садои муборизони озодихоҳи Осиёву Африко гардиданд...

Моҳиҳоро ба Фармонбек додем, ки доғ кунад. Тётя Паша онҳоро аз дасташ гирифта:

— Вай аз ӯҳдаи чунин корҳо намебарояд,— гуфт.

Мирзо дар ҳайрат афтод.

— Вай чӣ гуна мард будаст, ки моҳиро доғ карда наметавонад? — пурсид Мирзо.

— Ман зиндаро беҷон кардан наметавонам,— гуфт узрхоҳона Фармонбек.

— Лекин гӯшту шӯрбояшро то охир мехӯрад! — таъна зад тётя Паша.

— Ту аз куҷоӣ? — пурсид Мирзо.

— Аз Вахонзамин.

— Ҳамсояи ҳиндуҳо, гӯй! — хандид Мирзо.— Ҳунари ҳофизӣ надорӣ?

— Ду-се сол пеш кам-кам машқ карда будам, бо ҳаваскорон дар клуби районӣ баромад ҳам карда будам... Аммо як бор як мардак аз роҳбарони район ма-

ро барои як ғазали Туғрал сарзаниш кард, аз ҳамон вақт суруд хонданро партофтам.

— Ту худат Туғралро мешиносӣ?

— Не намешиносам.

— Аз кучо буданашро ҳам намедонӣ?

— Аз афташ аз Вахонзамин бошад, шеърҳояшро дар ҳамон чо бисьёр мехонанд ва ҳеч кас ҳам онҳоро манъ намекунад...

Мирзо аз шунидани суханони Фармонбек бо завқ хандид ва ба тётя Паша:

— Моҳиро доғ кунед,— гуфт,— ҳар қадар хоҳед хӯред, боқимондаашро ба мо меоред.

Тётя Пашаву Фармонбек рафтанд. Мирзо ба кат дароз кашида:

— Бечора Туғрал,— гуфт.— Халқ ӯро дӯст медорад, шоири худ мехонад, шеърҳояшро дар тӯйҳо месарояд... Лекин мо? Қайҳо лозим буд, ки масъалаи ба чоп тайёр кардани куллиёти ӯро ҳал намоем.

— Барои куллиёт асар лозим аст.

— Ҳамшаҳриҳояш мегӯянд, ки дар дасти хешонаш шеърҳояш бисьёр аст, барои панч чилд китоб мерасанд! Чӣ қадар шеърҳои баъдиреволюционии ӯ дар дасти Пӯлодов ном шахсе, ки як вақтҳо дар он район ӯ котиби комитети партиявӣ будаст, мебошад!

— Метарсам, ки ҳамаи ин гапҳо ҳавоӣ набошанд.

— Як вақтҳо ба наздам Шанбезода омада, хоҳиш кард, ки барои ба чоп расондани эчодиёти шоири халкии Помир Қудрат ба вай ёрӣ расонам. Баъд аз чанд рӯз бо ҳамин масъала Тилло Пӯлодӣ омад. Дар охир маълум шуд, ки на дар дасти ин чизе ҳасту на дар дасти он.

— Ҳамин тавр ҳам бо Муллоёри Дарвозӣ шуда буд

— Бо вучуди он масъалаи Туғралро ҳал кардан лозим аст. Агар лозим шавад барои чамъ кардани асарҳои парешонаш ба районҳои водии Зарафшон бригадаи нависандагонро мефиристонем.

...Аз рӯи маслиҳат субҳи барвақт тӯшаи роҳ гирифта, барои ревочи тагисангӣ ба сӯи кӯҳ раҳсупор шудем.

Мирзо дар роҳ аз нав масъалаи адабиётро бардошт.

— Мирзо,— гуфтам ман,— дар дуньё ба ғайр аз адабиёт гапи дигаре нест?

— Бародар, дар пеш анчумани Иттифоқи нависандагони Точикистон истодааст. То он вақт бисьёр масъалаҳои муҳими адабиётро ҳал кардан лозим аст. Мана, дирӯз дар бораи лирика сухан кушодему онро ба охир нарасондем. Ба фикри ман яке аз нуқсонҳои мо дар ин соҳа он аст, ки ба проблемаҳои муҳими адабиёт яктарафа нигоҳ мекунем. Шоир, мунаққид, нависанда... бояд тақозои замони худро ба назар гирифта, асар нависад. Дар солҳои чанг асарҳое навиштем, ки барои муҳофизати Ватан аз фашизм даъват мекарданд, дар рӯзҳои аввали баъдичангӣ вазифа иборат аз он буд, ки асарҳои мо барои барҳам додани оқибатҳои чанг халқро сафарбар намоянд. Ман бояд гӯям, ки дар ин давра муваффақ гардидем, ки на танҳо аз доираҳои танги мавзӯи «дохилӣ» бароем, балки инчунин мавзӯъҳои умумииттифоқӣ, байналхалқӣ ва интернационалистиро дар назми точик акс намоем, ба ин восита назми советии точикро дар қатори назми халқҳои бародарӣ ба арсаи чаҳонӣ барорем. Лекин бо ин қонеъ шудан чиноят аст. Бисьёр рафиқони мо дар солҳои охир ба «истироҳати эчодӣ» баромадаанд.

Мирзо дар қатори дигарон ману Боқӣ Раҳимзодаро барои он танқид кард, ки дар давоми соли 1952 дар саҳифаҳои «Шарқи Сурх» ҳатто номи моро надидааст...

Роҳҳои качу килеб, пайраҳаҳои борику беохирро бахскунон тай намудем. Ба доманаи кӯҳ ҳам расидем. Лекин ба чои ревочи тагисангӣ танҳо сангҳои паҳлу гардондашуда ва чукуриҳое дидем, ки аз он чо ревочҳоро канда гирифтаанд. Маълум мешавад, ки пештар аз мо омада «шикор» кардаанд.

— Насибашон будаст,— гуфт Мирзо.

— Баргашта равем?

— Агар монда нашуда бошӣ,— гуфт Мирзо,— боз каме болотар бароем.

— Хайр, болотар бошад, болотар!

Акнун аз роҳу пайраҳаҳо осоре набуд. Ба пеш нигоҳкунон боло баромадан гирифтем. Торафт ба кӯҳи сиёҳдил наздик мешудем. Барф ҳам намоён шуд. Лекин аз ревоч осоре набуд. Дар тарафи дасти рост харсанги калоне намоён шуд. Мирзо «ҳозир меоям», гуфту ба тарафи он равон шуд. Дар ин асно уқобе чунон тезу номаълум ба ӯ ҳамла овард, ки ман танҳо садои даҳшатноки париданашро, ки садои снарядро монанд буд, шунидам. Мирзо фарьёд зад: «Ҳушьёр бош, аз афташ дар ин чо лонаи уқоб аст!» ва таги буттаи калоне пинҳон шуд.

— Мирзо,— гуфтам,— аз афташ лонаи уқоб дар наздикиҳои ҳамин харсанг аст. Ҳарчи зудтар аз ин ҷо гурехтан лозим аст.

Вақте ки ду-се километр поёнтар фаромадем ва бехатариро ҳис намудем, Мирзо «Вақти наҳори нимирӯзӣ шуд!» гуфта, бар рӯи сабзаҳои кӯҳӣ нишаст ва фармон дод:

— Тӯшаро барор, ки ба умеди ревоҷ шуда аз гуснагӣ ҳалок нашавем!

— Ба умеди ревоҷ шуда, қариб буд, ки сайди уқобони кӯҳӣ шавем! Монда нашудаед?

— Не! Ман фарзанди кӯҳам, ҳар қадар болотар бароям ҳамон қадар худро беҳтар ҳис мекунам!

Дар ҳақиқат Мирзо кӯҳбароиро дӯст медошт. Ҳатто дар солҳои шастум, ки синнусоли ӯ аз панҷоҳ гузашта буд, боре ба ману Боқӣ Раҳимзода изҳор кард, ки мехоҳад он ҷоҳоеро, ки як вақтҳо дар он ҷо чӯпонӣ мекард, як бори дигар бинад ва илтимос кард, ки мо ҳамроҳи ӯ бошем. Розӣ шудем. Рӯзи дигар то деҳаи Қаратоғ бо мошин ва аз он ҷо аспакиву харакӣ ба чарогоҳи мазкур раҳсупор шудем. Зиёда аз сӣ километр роҳро тай карда, дар нимаи шаб ба он ҷо расидем ва ҷунон монда шуда будем, ки чизе нахӯрда хоб кардем. Вақте ки пагоҳӣ бедор шудем, Мирзоро бар сари баландие дидам. Ба сӯи мо бо даст ишора карда:

— Биёед,— гуфт,— бо чашмони ман манзараҳои зебои кӯҳистонро тамошо кунед!

Вақте ки ба Қондара наздик омадем, як гурӯҳ духтарон дар либосҳои рангоранг салом дода аз паҳлӯи мо гузаштанд. Аз дур овозашонро мешунидем, ки мегӯфтанд: «— Инҳо ботаникҳо бошанд ё кӯҳканҳо?», «Худо ҷонта бигирад, наход ки нафаҳмӣ, инҳо шоирҳои номдори моанд, чанд вақт боз дар ҳамин ҷоянд!», «Шоирҳо дар ин дараи беодам чӣ кор доранд?», «Рӯз мегарданд, ҳар касе ки дучорашон шавад, кунҷковона суол медиҳанд, шаб ки шуд, нишаста, шунидагиашонро рӯи коғаз навишта, ба шаҳр мебаранд ва ҷувол-ҷувол пул мегиранд...»

Хостем духтараконро ҷеғ зада ҳақиқатро ба онон гӯем, лекин дар ин асно тётя Пашаву Фармонбек бо дастурхони бастагӣ аз пеши мо баромаданд. Хуб гилагузорӣ карданд, ки чаро чизе нагуфта ба кӯҳ баромадем, агар ба хирсе ё паланге дучор мешудем, чӣ кор мекардем? Дастурхонро нишон дода:

— Қамтар таом овардем,— гуфтанд.

Мирзо барои ин ғамхорӣ ва меҳрубонии самимонаашон онҳоро бӯсид ва изҳори ташаккур намуд.

Вақте ки ба ҳуҷра дохил шудем, рӯи стол коғазе дидем, ки ба он навишта шудааст: «Мирзоҷон! Мувофиқи ваъдаам омада будам, дуру дароз интизор шудам, наомадед. Ноумед шуда рафтам. Пагоҳ ба ҳеҷ куҷо наравед, Бобоҷон Ғафуров шуморо диданӣ. Бо саломи коммунистӣ — Тоҳир Пӯлодов».

Дар он вақт Пӯлодов котиб ва Бобоҷон Ғафуров котиби якуми Комитети Марказии Партияи Коммунистии Тоҷикистон буданд. Пӯлодов дар ин муддати кӯтоҳ ду-се бор ба назди мо омада буд. Хабарҳои рӯз меовард, сурати моро мегирифту тайёр карда, тақдим мекард, порчаҳоро аз достон барояш мехондем, шунида мулоҳизаҳояшро мегуфт. Аз афти кор ба он ҷо омадани Ғафуров ҳам бо ташаббуси ҳамон кас бошад, чунки ӯ аз омадани мо ба Қондара хабар надошт.

Бобоҷон Ғафуровро нависандагон дӯсти адабиёти тоҷик меноманд ва ин барои ҳурмат не, балки ҳақиқат аст. Ҳатто дар он солҳое ҳам, ки танҳо мудири шӯъбаи пропагандаи Комитети Марказӣ буд, роҳбарӣ ва ғамхорӣ ба адабиётро вазифаи навбати аввали худ медонист. Бо ташаббуси шахсии вай аз Москва ба Тоҷикистон беҳтарин тарҷумонҳо даъват шуда буданд, ки осори классикҳо ва шоирони муосири тоҷикро ба русӣ тарҷума кунанд. Ба ин восита дар Москва тазкираи комили назми классикиву муосири тоҷик ба чоп расид. Вақте ки дар соли 1946 котиби якуми Комитети Марказии ПК Тоҷикистон интихоб шуда буд, ёрӣ ва ғамхории ӯ дучанд афзуд. Ин аст, ки омадани ӯ ба назди мо шодиву хурсандии калоне буд...

Бобоҷон Ғафуров бо мо ҷанг кард, ки чаро ба ин ҷо омадем? Чаро ба ӯ чизе дар ин бора нагуфтем? Вай метавонист моро дар Харангон, ки истироҳатгоҳи коркунони масъул аст, ҷой диҳад, барои эҷодӣ шароит пайдо кунад... Мо узрхоҳӣ намуда, фаҳмондем, ки дар ин ҷо ҳам гул асту ҳам булбул ва аз ҳама муҳимаш ин ҷо ҳам аз сари роҳу ҳам аз шаҳр дур аст ва телефон надорад...

Баъд Ғафуров ҳикоя кард, ки партия ҳозир барои бардоштани иқтисодиёти мамлакат ва махсусан барои

бардоштани иқтидори хоҷагии деҳот чораҳои амалӣ ди-да истодааст. Партия кӯшиш карда истодааст, ки дӯс-тону душманон набудани Сталинро ҳис накунанд, бо-варӣ ҳосил кунанд, ки пешбарандаи халқ шахсони ало-ҳида не, балки Партияи Коммунистист. «Умуман,— гуфт,— шумо бояд аз материалҳои дар саҳифаҳои га-зетаҳои марказӣ хулоса бароварда бошед, ки партия ба муқобили шахспарастӣ ҷанг эълон кардааст!

Мувофиқи хоҳишаш мазмуни достонҳои худро ба вай ҳикоя кардем. Вай хандида, гуфт:

— Аз рӯи мавзӯъҳои интихобкардаи шумо хулоса баровардан мумкин аст, ки қариб бист сол аз ҳаёт қа-фо мондаед! Республика бо суръати самолёт пеш мера-вад, шумо бошед ҳоло ҳам аробасавор!

Аз хандаҳои завқовари ӯ хулоса баровардем, ки вай шӯхӣ мекунад. Лекин мо хато кардем. Дар съезди на-висандагони Тоҷикистон ҳам баромад карда ҳамин фик-рашро такрор кард. Пас аз чанд сол ин достон бо дос-тони «Садои Осиё» сазовори Мукофоти Ленинӣ гардид. Ғафуров Мирзоро ба ин муносибат оғӯш карда бӯсид ва муборакбод намуд...

Баъд аз рафтани Бобоҷон Ғафуров Мирзо фикрку-нон гуфт:

— Даъвои Бобоҷон Ғафуров ҷон дорад. Мо худро нависандагони муосир меномем, лекин мавзӯъҳои мо таърихӣ... Дар яке аз маҷлисҳои Иттифоқи нависанда-гон доир ба ин масъалаҳо баромад кардан лозим аст.

Субҳи охирини мо дар Кондара. Машғули тарбияи ҷисмонӣ будем, ки аз поён чангу ғубор бархост. Се мо-шин ба сӯи мо метохтанд. Яке аз онҳо мошини худа-мон буд. Дар он вақтҳо идораи мо як мошин дошт ва хизмати ҳамаро ба ҷо меовард.

Дар мошинҳо модарони бачаҳои мо бо бачаҳо ва дугонаҳои худ буданд. Тозон ба пешвози онҳо рафтем...

...Бачагон бозӣ мекарданд, метохтанд, ба сӯи якди-гар об мепошиданд, бо завқ механдиданд.

— Агар инҳо калон шаванд моро бо бозиҳои бача-гонаи худ кӣ хурсанд мекунад? — нохост пурсид Мирзо.

— Набераҳо!

— Наход ки набера ҳам то ба ин дараҷа ширин ме-шавад?



Солҳои бисьёре гузаштанд. Мирзо рӯзҳои охирини ҳаёташро дар беморхона аз сар мегузаронд. Палатае ки дар он Мирзо мехобид, хело гарм шуда буд. Хоҳиш кардам, ки берун бароем, ҳавои тоза хӯрем, палатаро ҳам шамол додан лозим аст. Мирзо розӣ шуд. Бо ёрии ман аз ҷо хест, берун баромадем, ду-се қадам назада будем, ки Мирзо «барои ман бас», гуфт ва дар сояи чи-нор, ки кати чӯбине буд, нишаст. Шикоят кард, ки по-ҳояш ба вай ёрӣ намедиҳанд, барои ҳамин ҳам мадори роҳ гаштан надорад.

Дар ин асно писари Мирзо Парвиз бо писарчааш Фарзон аз дур намоён шуд. Писарча аз дасти падараш худро раҳонда «бобош!» гуфту тозон омадан гирифт. Чеҳраи Мирзо хандон шуд. Дарди поро фаромӯш кар-да, аз ҷо хест, оғӯшашро ба набераааш калон кушода, ба пеш қадам гузошт...

— Чӣ тавр, Мирзоҷон, набера ширин аст? — пурси-дам ман.

Нигоҳи худро аз набераааш, ки дар бағали ӯ буд, на-канда бо мамнуният гуфт Мирзо:

— Давомдиҳандагони умри мо ҳаминҳоянд!

* * *

Мирзо ҳар бор суханони ҳикматноки Саъдии бузург «Гӯям падари ту буд фозил, аз фазли падар туро чӣ ҳосил?»-ро такрор мекард. Вале ин маънои онро на-дошт, ки фазли падарони худро бар замин занему фа-ромӯш кунем. Баръакс вай таъкид мекард, ки фазли падаронро давом диҳем ва ғанӣ гардонем. Дар Москва ду бор (солҳои 1941 ва 1951) ба чоп расидани гулчини (анталогия) назми тоҷик, ҷашн гирифтани зодрӯзи бу-зургони мо — Рӯдакӣ, Ҷомӣ... дар Душанбе, гузарони-дани маҷлисҳои байналхалқӣ доир ба назми имрӯзаи форсизабонон натиҷаи ташаббус ва кӯшишу ғайрати бевоситаи Мирзо Турсунзода буд. Баъд аз гузаронидан ва амалӣ гардондани чунин чорабиниҳои аҳамияти бай-налхалқӣ ҳатто олимон ва адабиётшиносони Эрон ав-валин бор калимаи адабиёти форсу тоҷикро бар забон оварданд. Олим ва шоири номии Эрон Нотил Парвизи Хонларӣ ошкоро гуфт: ин ҳақиқатест, ки аз он рӯ гар-дондан душвор аст.

Мирзо хуб медонист, ки гузашта дар баробари ифти-хори миллӣ буданаш бори гаронест. Вале ҳар касе ки

ни бори гаронро бардошта наметавонад, оянда надорад. Яке бе дигаре намешавад, танҳо аз гузашта ояндаро сохтан мумкин аст.

Дар рӯзҳои аввали Революцияи социалистӣ дар Бухорои Шарқӣ асосгузори адабиёти советии тоҷик Садриддин Айнӣ «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро тайёр карда, ба чоп расонд, то ки ба бинокорони қасри адабиёти нав дастур шавад. Дар айни ҳол устоди хирадманд огоҳ мекард, ки барои сохтани қасри адабиёти нави миллӣ дар баробари адабиёти классикӣ аз ганҷинаи адабиёти ҷаҳонӣ умуман ва ганҷинаи адабиёти революционии рус махсусан истифода бурдан шарти ҳатмист. Инро гаштаю баргашта аз забони устод Лоҳутӣ мешунидем ва инро бо эҷодиёти худ ба мо Мирзо Турсунзода ҳам омӯхт. Мирзо Турсунзода ҳамеша мегуфт, ки маҳорати бадеиро аз классикҳои худ ва ҷаҳонӣ меомӯзам, лекин барои навиштани асар бо чашми шоири дунёи нав ба тақозои замон назар меандозам.

— ...Турсунзода маро Мирсаид ва ман ӯро Мирзо гуфта, ба ҳам муроҷиат мекардем, чун ки аз аввали солҳои сиюм маҳфили адабии назди рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» моро ошно, дӯст, бародар ва ҳаммаслак карда буд. Бист соли комил дар идораи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва идораи управленияи санъати республика ҳам яке сардор ва дигаре ҷонишин шуда кор кардем, сиву ҳафт сол, яъне то охири умраш аъзои президиуми Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва то охири умри пуршарафаш вай раиси Комитети советии якдилии халқҳои Осиёву Африқо ва ман раиси Комитети республикавии якдилии халқҳои Осиёву Африқо будам. Дар равиши кор фикри якдигарро мегирифтем, баҳсу мунозира мекардем, гоҳо дар ибтидои баҳсу мубоҳиса фикрҳои мо он қадар ба ҳамдигар наздик набуданд, вале дар охири мубоҳиса ҳамфикр мешудем. Дар бораи Мирзо Турсунзода хотираҳои бисьёре навиштаам. Лекин дар ин ҷо мехоҳам дар бораи таъбири дӯстдоштаи Мирзо Турсунзода «тақозои замон», ки имрӯз ҳам чун обу ҳаво лозим аст, хотираеро нависам.

...Аминҷон Шукӯҳӣ ба соати дастиаш нигоҳ карда, хандиду гуфт:

— Аз афташ имрӯз мо рӯза гирифтанӣ?

— Куҷо равем? — пурсид Мирзо.

— Чиҳил дарвозаи ҳавлии камина ба рӯятон кушода, марҳамат, аз ҷо хеста, даъват кард Боқӣ Раҳимзода.

— Не,— гуфт Мирзо,— то гузаронидани съезд дару дарвозаҳоро маҳкам пӯшондан лозим меояд.

Аминҷон аз тиреза ба берун нигоҳ карда:

— Шофер дар ҳаминҷост,— гуфт,— рафта самбӯсаи гарме биёрад чӣ?

— Баҳ-баҳ аз самбӯсаи гарм чӣ беҳтар.— Лекин Мирзоҷон самбӯсаи ману шумо мехӯрдагиро ба шофер намедиҳанд. Худамон бояд равем ва муҳимаш аз паҳлуи самбӯсапазҳо сулфакунон гузарем. Чӣ гуфтӣ Аминҷон?

— Даъвати муаллим Боқиро гардондан гуноҳ аст. Марҳамат, мошинаро савор шуда, рафтем,— гуфт Аминҷон.

Мирзо каме фикр карда, гуфт:

— Не, не. Қайҳо боз аз кӯчаҳои шаҳр пиёда гаштанро орзу дорам. Охир ин шаҳр ба қавли Мирсаид, ҳайкали ҷавонии мост...

Дар проспекти Ленин сӯҳбаткунон қадам мезадем. Байни гап Боқӣ Раҳимзода бо қаноатмандӣ изҳор кард, ки Маҳмадназаров Худоназар раиси ҳақиқии шаҳр аст, барои ободонии он на шаб хоб дораду на рӯз роҳат.

— Вай,— завқ карда гуфт Мирзо,— ҳамсояи ман аст. Гоҳо аз вай барвақттар ба кӯча мебароям. Чанде пеш, субҳи барвақт ба ман дучор шуд, аз мошина фаромада, ба наздам омад, салом дод, дастамро фушурд ва бо чеҳраи шукуфон ва лаҳҷаи хоси худаш «Ҳа Мирзоҷон, ин қадар барвақт? — гуфта пурсид. Шоирон саҳархезанд, гуфтам дар ҷавобаш ва пурсидам, аммо ту барои чӣ ин қадар барвақт мехезӣ? Охир идораҳо аз соатҳои нӯҳу даҳ кушода мешаванд. Худоназар бо шӯхӣ гуфт, ки «ман шоири шаҳри худ ҳастам, мехоҳам шаҳри мо рашки ғазалҳои Ҳофизи Шероз гардад». Ман чизе нагуфтам, бо табассум ба сӯяш менигаристам. Вай узрхоҳона «маро бубахшед, гуфт магар бо шоире ки ҷаҳонеро бо ғазалҳои худ сарфароз намуда буд, мусобиқа кардан мумкин аст? Шӯхӣ кардам». Лекин, гуфтам ман, аз шоири дигаре, ки номаш Табиат аст, бисьёр чизро омӯхтан ва аз он гузаштан мумкин аст. Баъд қадамзанон ҳикоя кардам, ки бо Мирсаиду Боқӣ аввалин бор ба Помир сафар карда будам. Ҳарсеи мо соҳибихтиёр будем. Рӯшон, Шуғнон, Ишкошим, Вахон сайргоҳи мо буд. Чи ҷоҳои афсонавиро тамошо кардем. Бо мӯйса-

федони зиндадилу суханпардоз, нишаста ширчой хўрдем, суҳбат кардем, лаззат бурдем. Рақсу сурудхонии халқиро тамошо кардем. Об аз чашмаи шоир Носири Хусрав нушидем. Дар оби шифобахши Гармчашма шино карда будем. Ба Сарои Баҳор, ки бинокори он шоиру табиб Шоҳзодамуҳаммад будаст, рафтем. Росташро гўям Сарои Баҳор музеи кушодаи адабист, ки мислаш дар ҷои дигаре нест. Дарахтҳои мева, гулзор ва дар ҳар кучои боғ тахтасангҳо ва барлавҳи тахтасангҳо ғазалу рубоиву китъаҳои баргузидаи шоирони бузурги классикӣ канда шудааст. Худоназар бо завқ таассуроти маро гўш мекард. Лекин ман вакти ўро гирифтанӣ набудам. Бинобар ин дар охир максадамро баён кардам, дўстам, гуфтам, манзараҳои диёри зебоятро дида, ба шоир будани табиат боварӣ ҳосил кардам. Табиат бузургтарин шоирест, ки сурудҳои вай дар кўҳу дашту бешазорону рўдхонаҳо чун насими саҳар мевазанд... Худоназар, дар ҳол арз кард, «магар ман барои зебоии шаҳр намекўшам?». Мекўшӣ, гуфтам ман, симои шаҳрро тағъир додӣ. Офарин. Лекин дар як кўча чинор, дар дигаре булут, дар сеюме сарв, дар чаҳорумӣ шамшод... агар мешинондӣ, шаҳр борҳо зеботар мебуд. Ба раиси мўҳтарам фикри ман писанд афтид.

— Ин фикратон Мирзоҷон,— гуфт Бокӣ,— ба ман ҳам, ба Миршакар ҳам, ба Аминҷон ҳам маъқул шуд. Фикри оддӣ не, балки фикри бикри шоиронаест. Лекин Мирзоҷон, чизе ки дар васфи табиат гуфтед, агар қофия медошт, ё шеъри лирикӣ мебуд, ё ғазали дилхоҳи ман. Умуман, чаро аз шеъри лирикиву ғазал парҳез мекунед? Ҳол он ки шогирдони шумо аз домани ғазал маҳкам қапидаанд.

— Ғазалҳояшонро,— гуфт Мирзо,— дар газетаву журналҳо мехонам, хурсанд мешавам, ба ғазаб меоям, афсўс ҳам мехўрам. Лекин Боқиҷон, суханони худи сухансарои бузург Ҳофизро фаромўш кардан лозим нест, ки «На ҳар ки оина созад Сикандарӣ донад». Умари Хайём дар умраш беш аз 120 рубой навиштааст. Лекин ҷавонони мо аллакай то сесаду чорсад рубой навиштаанд. На танҳо ману Мирсаид, балки аксари шоирони ҷавон, ки дар оғози солҳои сиюм қалам ба даст гирифта будем, вазифаи асосиву муқаддаси мо он буд, ки дар баҳри ҳаёт ғўта хўрда, ҷўшу хурўши онро бо сухани бадей тасвир намоем. Дар он солҳо на аз рўи соат кор мекардам. Соати мо виҷдони мо буд. Партия вазифа



монд, ки роҳи садсоларо дар даҳ сол тай кунем. Аммо барои Тоҷикистон роҳи ҳазорсоларо дар даҳ сол тай кардан лозим омад. Дигар кардани симои қишлоқ, саноатикунондани мамлакат, Ҷанги Бузурги Ватанӣ, барҳам додани оқибатҳои ҷанг — ҳамаи инҳо дар ҳаёти Ватани мо марҳилаҳои наве буданд, ки рўҳи инқилобӣ доштанд. Мо, нависандагон чун солдатҳои инқилоб бо аслиҳаи тавонои худ — қалам пешсафи мубориз**о**н будем. Барои ман ва эҷодиёти ман сафари аввалинам ба Ҳиндустони афсонавӣ инқилоби наве буд. Ҳиндустон ҳанўз мустамликаи империяи кабири Англия буд. Ман бо чашми худ дидам, ки чи тавр ҳарисона мустамликачиён Ҳиндустонро ғорат карда истодаанд, муборизони роҳи озодии миллиро ба зиндонҳо мепартоянд ва дар айни ҳол дар ҳар куҷо машъалҳои озодихоҳони миллӣ рўз ба рўз бештар меафзуд. Дар чунин вазъияти инқилобии миллӣ бетараф истоданро барои худ раво намедонистам. Ба бедоршудагон қувва бахшидан ва ҳанўз хобрафтагонро бедор намудан вазифаи байналмилалии худ дониста, бо шеърҳо ва достонҳои худ ҳамсафи муборизони озодии миллии Осиёву Африқо шудам. Вақте ки ҳукуматдорони Англия барои ба Лондон рафтани ман иҷозатнома надоданд, ман рўҳафтода нашудам, баръакс қувваи тоза гирифтам, ки шеъру достонҳои ман дар дасти муборизони роҳи озодӣ бар зидди мустамликадорӣ аслиҳаи тавоное шудаанд. Ана, ҳамин тавр дар фароғат нишаста, аз ғами дуньё чашм пўшида ғазал навиштанро машқ карда натавонистам. Лекин афсўс намехўрам. Дар Осиёву Африқо муборизони зидди мустамликадорӣ на ғазал аз ман мепурсиданду на рубоиву мухаммас. Онҳо аз ман шеъре талаб мекарданд, ки чун аслиҳа онро гирифта, ба майдон дароянд.

— Мирсаид,— гуфт Мирзо,— шаби адабии дар Деҳлӣ шударо ҳикоя кун.

Хоҳиши Мирзоро ба ҷо овардам. Ҳақиқатан ҳангоми дар Деҳлӣ буданам бо талаби як гурўҳи нависандагони Панҷоб, ки дар Деҳлӣ зиндагӣ мекарданд ва аксари онҳо забони форсиро медонистанд, бо шоири маҳбуби мо Мирзо Турсунзода вохўрӣ барпо гардид. Мирзо вохўрии адабиро бо ғазалхонӣ сар кард. Ғулғула бархост. Сардори гурўҳ назди Мирзо омада, «Мирзо соҳиб гуфт, дар ғазалсарой мо устухон надорем. Шеърҳои ба мустамликадорон зарбадиҳандаро шунидан мехоҳем». Барои Мирзо ин хоҳиш айни муддао буд. Аз силсилаи

федони зиндадилу суханпардоз, нишаста ширчой хӯрдем, сӯҳбат кардем, лаззат бурдем. Рақсу сурудхонии халқиро тамошо кардем. Об аз чашмаи шоир Носири Хусрав нӯшидем. Дар оби шифобахши Гармчашма шино карда будем. Ба Сарои Баҳор, ки бинокори он шоиру табиб Шоҳзодамуҳаммад будаст, рафтем. Росташро гуям Сарои Баҳор музеи кушодаи адабист, ки мислаш дар ҷои дигаре нест. Дарахтҳои мева, гулзор ва дар ҳар кучои боғ тахтасангҳо ва барлавҳи тахтасангҳо ғазалу рубоиву қитъаҳои баргузидаи шоирони бузурги классикӣ канда шудааст. Худоназар бо завқ таассуроти маро гӯш мекард. Лекин ман вақти ӯро гирифтанӣ набудам. Бинобар ин дар охир мақсадамро баён кардам, дӯстам, гуфтам, манзараҳои диёри зебоятро дида, ба шоир будани табиат боварӣ ҳосил кардам. Табиат бузургтарин шоирест, ки сурудҳои вай дар кӯҳу дашту бешазорону рӯдхонаҳо чун насими саҳар мевазанд... Худоназар, дар ҳол арз кард, «магар ман барои зебоии шаҳр намекӯшам?». Мекӯшӣ, гуфтам ман, симои шаҳрро тағъир додӣ. Офарин. Лекин дар як кӯча чинор, дар дигаре булут, дар сеюме сарв, дар чаҳорумӣ шамшод... агар мешинондӣ, шаҳр борҳо зеботар мебуд. Ба раиси мӯҳтарам фикри ман писанд афтид.

— Ин фикратон Мирзоҷон,— гуфт Боқӣ,— ба ман ҳам, ба Миршакар ҳам, ба Аминҷон ҳам маъқул шуд. Фикри оддӣ не, балки фикри бикри шоиронаест. Лекин Мирзоҷон, чизе ки дар васфи табиат гуфтед, агар қофия медошт, ё шеъри лирикӣ мебуд, ё ғазали дилхоҳи ман. Умуман, чаро аз шеъри лирикиву ғазал парҳез мекунед? Ҳол он ки шогирдони шумо аз домани ғазал маҳкам қапидаанд.

— Ғазалҳояшонро,— гуфт Мирзо,— дар ғазетаву журналҳо мехонам, хурсанд мешавам, ба ғазаб меоям, афсӯс ҳам мехӯрам. Лекин Боқиҷон, суханони худи сухансарои бузург Ҳофизро фаромӯш кардан лозим нест, ки «На ҳар ки оина созад Сикандарӣ донад». Умари Хайём дар умраш беш аз 120 рубоӣ навиштааст. Лекин ҷавонони мо аллакай то сесаду чорсад рубоӣ навиштаанд. На танҳо ману Мирсаид, балки аксари шоирони ҷавон, ки дар оғози солҳои сиюм қалам ба даст гирифта будем, вазифаи асосиву муқаддаси мо он буд, ки дар баҳри ҳаёт ғӯта хӯрда, ҷӯшу хурӯши онро бо сухани бадеӣ тасвир намоем. Дар он солҳо на аз рӯи соат кор мекардам. Соати мо виҷдони мо буд. Партия вазифа



монд, ки роҳи садсоларо дар даҳ сол тай кунем. Аммо барои Тоҷикистон роҳи ҳазорсоларо дар даҳ сол тай кардан лозим омад. Дигар кардани симои қишлоқ, саноатикунондани мамлакат, Ҷанги Бузурги Ватанӣ, барҳам додани оқибатҳои ҷанг — ҳамаи инҳо дар ҳаёти Ватани мо марҳилаҳои наве буданд, ки рӯҳи инқилобӣ доштанд. Мо, нависандагон чун солдатҳои инқилоб бо аслиҳаи тавонои худ — қалам пешсафи мубориз будем. Барои ман ва эҷодиёти ман сафари аввалинам ба Ҳиндустони афсонавӣ инқилоби наве буд. Ҳиндустон ҳанӯз мустамликаи империяи кабири Англия буд. Ман бо чашми худ дидам, ки чи тавр ҳарисона мустамликачиён Ҳиндустонро ғорат карда истодаанд, муборизони роҳи озодии миллиро ба зиндонҳо мепартоянд ва дар айни ҳол дар ҳар куҷо машъалҳои озодихоҳони миллӣ рӯз ба рӯз бештар меафзуд. Дар чунин вазъияти инқилобии миллӣ бетараф истоданро барои худ раво намедонистам. Ба бедоршудагон қувва бахшидан ва ҳанӯз хобрафтагонро бедор намудан вазифаи байналмилалии худ диниста, бо шеърҳо ва достонҳои худ ҳамсафи муборизони озодии миллии Осиёву Африқо шудам. Вақте ки ҳукуматдорони Англия барои ба Лондон рафтани ман иҷозатнома надоданд, ман рӯҳафтода нашудам, баръакс қувваи тоза гирифтам, ки шеъру достонҳои ман дар дасти муборизони роҳи озодӣ бар зидди мустамликадорӣ аслиҳаи тавоное шудаанд. Ана, ҳамин тавр дар фароғат нишаста, аз ғами дунъё чашм пӯшида ғазал навиштанро машқ карда натавонистам. Лекин афсӯс намехӯрам. Дар Осиёву Африқо муборизони зидди мустамликадорӣ на ғазал аз ман мепурсиданду на рубоиву мухаммас. Онҳо аз ман шеъре талаб мекарданд, ки чун аслиҳа онро гирифта, ба майдон дароянд.

— Мирсаид,— гуфт Мирзо,— шаби адабии дар Деҳлӣ шударо ҳикоя кун.

Хоҳиши Мирзоро ба ҷо овардам. Ҳақиқатан ҳангоми дар Деҳлӣ буданам бо талаби як гурӯҳи нависандагони Панҷоб, ки дар Деҳлӣ зиндагӣ мекарданд ва аксари онҳо забони форсиро медонистанд, бо шоири маҳбуби мо Мирзо Турсунзода вохӯрӣ барпо гардид. Мирзо вохӯрии адабиро бо ғазалхонӣ сар кард. Ғулғула бархост. Сардори гурӯҳ назди Мирзо омада, «Мирзо соҳиб гуфт, дар ғазалсарой мо устухон надорем. Шеърҳои ба мустамликадорон зарбадиҳандаро шунидан мехоҳем». Барои Мирзо ин хоҳиш айни муддао буд. Аз силсилаи

шеърҳои ҳиндустонӣ ва «Садои Осиё» порчаҳо хондан гирифту бино ба ҷунбиш даромад...

Агар гӯем, ки Мирзо Турсунзода бо силсилаи шеърҳои ҳиндустонии худ барои ҷаҳониён кушояндаи Ҳиндустони мубориз буд, хато намекунем. Нависандагону шоирони ҷаҳон, аз ҷумла нависандагон ва шоирони советӣ борҳо ба Ҳиндустон мерафтанд ва дар бозгашт ҳикояҳо, очеркҳо, қайдҳо, шеърҳо дар бораи Ҳиндустони афсонавӣ менавиштанд. Мирзо Турсунзода аввалин шоири дилогоҳ буд, ки зебоиҳои Ҳиндустони афсонавиро дида, ба ваҷд омада бошад ҳам, лекин ҳамаи онҳо барои ӯ нав набуданд. Дар васфи онҳо асрҳо соҳибкаламон қаламронӣ кардаанд. Шоир пардаи афсонавиро аз рӯи ҳақиқат мебардорад. Дар пеши назари ҷаҳониён Ҳиндустони ғоратшудае намоён мешавад, ки пур аз бечорагону бенавоён аст, халқи мазлумаш барои луқмаи нон на рӯз роҳат дораду на шаб хоб... Лекин мустамликадорон ганҷу неъмати диёри онҳоро ғорат карда, ба Британияи Кабир кашонда мебурданд. Шоир аз нигоҳи пурғазаби халқи ҷафодида хулоса мебарорад, ки меҳмони мағрибзамин, «гарчи дусад сол дар ин хона монд, лек бар ин оила бегона монд».

Овози шоири советии Тоҷик дар фазои васеи Ҳиндустон паҳн мешавад. Ин овоз, ба қавли шоири маъруфи Ҳиндустон Ғулом Тобони Рабонӣ, ки бо овози «Аврора» омехта шудааст, ба як чашм задан дар фазои Ҳиндустони кабир паҳн шуда, дар дили миллионҳо муборизони зиддимустамликадорӣ ба худ ҷо ёфт...

...Охирин рӯзҳои ҳаёти пурҷӯшу хурӯши Мирзо Турсунзода. Ҳар ду дар беморхона табобат мекардем. Ҳар рӯз баъд аз беморбинии духтурҳо ба ҳавлии беморхона баромада, бо беморон вомехӯрдем, бо завқ сӯҳбат мекардем, ба роҳбарони районҳо ваъда медодем, ки «баъд аз таъмири узвҳо, албатта, бо нависандагон ба районатон омада, шабҳои адабӣ мегузаронем, китобҳои худро тақдим мекунем...» Яке аз посбонҳои беморхона Сардор ном мӯйсафед буд. Ин марди зиндадил, ки худ аз аҳли ашрофи Хуҷанд будаст, дар бораи гузаштаи онҳо, хулқу рафтори неку бади онҳо бисьёр чизҳо медонист, ки дар ягон китоб навишта нашудааст. Ҳар боре ки ӯ навбатдор мешуд, Мирзо ё бо ман, ё танҳо ба наздаш мерафту дуру дароз менишаст ва ҳикояҳои завқовари ӯро гӯш мекард. Боре, Мирзо гилаомез ба ман гуфт, ки Абдураҳим (вай Раҳим Ҷалилро Абдураҳим



меномид), ки дар бораи Хуҷанд «Маъвои дил ном асари хотиравӣ навишта истодааст, чаро бо чунин шахсон, ки энциклопедияи зиндаанд, бештар сӯҳбат намекунад? Охир ин гуна мӯйсафедон кам мондаанд.

Рӯзе Мирзо газетаи «Комсомоли Тоҷикистон»-ро, ки саҳифаи адабӣ дошт, оварда ба ман доду гуфт:

— Бо овози баланд хон, ман гӯш мекунам. Чашмонам намегузаранд.

Газетаро гирифта, ба хондан сар карданӣ будам, ки Боқӣ Раҳимзода, ба зӯр нафас кашида истода, «можно» гуфта ба назди мо даромад. Рост истода, дар пиёла ҷои хунук резонда, нӯшида, нишасту узрхоҳӣ кард:

— Мебахшед, имрӯз каме дер кардам. Шоирбачаҳо омаданд, сӯҳбат кардем.

— Бисьёр нағз. Дар чӣ бора? — пурсид Мирзо.

— Ҷавонҳо дар ташвишанд, ки чаро дар назми мо чунин жанрҳо чун ғазал, мухаммас, рубоӣ, қитъа пешравӣ надоранд?

Мирзо аз ҷо хеста, назди тиреза рафту ба берун нигоҳкунон гуфт:

— Ману Мирсаид имрӯз аз сардухтур хоҳиш кардем, ки ҳар чи зудтар ба мо ҷавоб диҳанд. Ҳамин ки рӯзҳои адабиёти Россияро дар Тоҷикистон гузарондем ва меҳмонҳои мӯҳтарамро гусел кардем, бо шоирони ҷавон сӯҳбат карданиям. Ту Боқиҷон дар институти педагогӣ муаллими адабиёт будӣ, чаро ба онҳо нафаҳмондӣ, ки аз мо пештар дар Эрону Афғонистону Ҳиндустон шеъри нав доираи ғазалу рубоиро танг карда буд. Чӣ илоҷ? Дуруст мегӯянд, ки ҳар қадар адибон дар ҳифзи одоби куҳан бикӯшанд ҳам, лекин аз шеваҳои нав ҷилавгирӣ карда наметавонанд. Ин қонуни прогресс аст. Ташвиши ман дигар аст. Аз як қатор шеъру рубоиҳои ҷавонони мо бӯи яъсу навмедӣ меояд. Ҳол он ки бузургони адабиёти классикии мо дар он муҳити тирафу тор маъюсиву ноумедиро барои эҷодиёти худ бегона медонистанд. Ҷавонҳои мо соҳибистеъдоданд. Ба ҳар жанре, ки хоҳанд навиштан гиранд. Ман муқобил нестам. Лекин фаромӯш накунанд, ки онҳо гражданинҳои мамлакате ҳастанд, ки дар муборизаи бераҳмона бо мушкилиҳо ба пеш рафта истодааст. Ҳар сухани тозаи шоир бояд дар ин мубориза аслиҳаи бурроги Ватани муборизи мо гардад...

# Ӯ БАРОИ ШЕЪР БА ДУНЁ ОМАДА БУД

*То ҷаҳон аст зинда хоҳам буд,*
*Қаламам умри ҷовидони ман аст.*

*ПАЙРАВИ СУЛАЙМОНӢ.*

«Красное солнышко». Ҳамроҳи Деҳотӣ дар пояи ҳайкали чупоне нишаста Кисловодскийро, ки аз он ҷо пурра намоён аст, тамошо мекардем. Дар охир Деҳотӣ рӯ ба ҳайкал гардонда ин байтро хонд:

Биншаста як шубонписаре ной дар даҳон,
Зери дарахти бед, лаби ҷӯи босафо...

Деҳотӣ ин байтро хонда, бо муҳаббат дар бораи муаллифи ин сатрҳо Пайрави Сулаймонӣ хотираҳои аҷиби худро ҳикоя кард ва афсӯс хурд, ки шоир хело ҷавон ва дар айни камолоти шоирӣ чашм аз ҷаҳон пӯшид.

Шахсан худи ман яке аз мухлисони ашъори Пайрав ҳастам, ҳамаи эҷодиёти ӯро чун каломи устод гаштаву баргашта хондаам, куллиёти ӯ ҳамеша китоби дӯстдоштаи ман мебошад. Лекин бо худи шоир танҳо ду ё се бор вохӯрдаам ва он ҳам тасодуфӣ... Вохӯрии аввалини ман ғайриҷашмдошт буд.

Баъд аз хатми мактаби марказии партиявию советӣ, маро барои хизмат ба ихтиёри газетаи «Қомсомоли Тоҷикистон» фиристоданд. Дар он ҷо қариб шаш моҳ кор кардам, сипас Қомитети Марказии комсомол маро бо чанд нафар барои кор ба заводи пахтаи шаҳри Сталинобод фиристод. Дар назди мо вазифа гузошта шуда буд, ки чун узви комсомол дар гузаронидани чорабиниҳои оммавию сиёсӣ ва тарбияи коммунистии меҳнаткашон ба ташкилоти партиявии завод ёрӣ расонем. Ҳамон вақт бори аввал бо шоири маъруф Боқӣ Раҳимзода вохӯрда будам. Вай ҷавонмарди қоматмавзуне буд ва дар завод ба сифати боркаши оддӣ кор мекард. Дар он солҳо ҳам Боқӣ Раҳимзода шеър менавишт, вале на ба касе нишон медоду на ба газетае мефиристод.



Ман акнун расман дар идораи газетаи «Қомсомоли Тоҷикистон» кор намекардам, лекин ҳафтае ду бор ба он ҷо мерафтам, шеърҳоямро нишон медодам, маслиҳат мегирифтам. Дар он солҳо қариб ҳамаи шоирони комсомолӣ дар атрофи ин газета ҷамъ омада буданд, асарҳои якдигарро мехонданд, муҳокима мекарданд, маслиҳат мегирифтанд.

Як рӯз бо шеъри тозаи худ барои маслиҳат ба назди котиби масъули газета Сотим Улуғзода омада будам. Сотим дар идорааш набуд. Дар роҳрав бо муҳаррири газета Ғулом Ализода вохӯрдам. Вай маро ба кабинеташ даъват карда аҳволпурсӣ кард ва чун сабаби омаданамро фаҳмид, шеърамро гирифта хонд ва пурсид:

— Шеърҳои кадом шоиронро бештар мехонӣ?

— Ҳамаи шеърҳоеро, ки дар саҳифаҳои газетаҳо чоп мешаванд, мехонам,— гуфтам ман ва зуд илова кардам: — Шеърҳои шуморо ҳам.

— Шеърҳои Пайрав Сулаймонӣ... Сарвар... Суҳайлиро ҳам?

Муҳаррир номҳои ин шоиронро мад кашида талаффуз карда, лабонашро гаштаю баргашта макид ва интизори ҷавоб нашуда, боз пурсид:

— Мақолаҳое ки дар матбуот дар бораи ин ҳамсафарони дудила чоп мешаванд, мехонӣ?

— Ду мақолаи охирини шуморо хонда будам.

Муҳаррир шеърамро гардонда ба ман дод ва таъкид кард:

— Ту узви комсомоли ленинӣ ҳастӣ... байрақи мубориза синфиро баланд бардор. Ба сатрҳои пурҷилою пучи шоирони буржуазӣ, ки рӯякӣ Давлати Советиро мадҳ мекунанд, фирефта нашав. Бисьёртар шеърҳои онҳоеро хон, ки ба Маяковский пайравӣ мекунанд... Худи ман бо ҳавои махсус сурудҳо нависам ҳам, лекин пайрави Маяковский ҳастам!

Вақти рафтанам муҳаррир:

— Дур нарав,— гуфт,— Сотим ҳамин замон меояд,

шеъратро ба ӯ дода, аз номи ман гӯй, ки ислоҳ карда ба чоп диҳад.

Дар берун ҷавони нуроние ки дар тан костюми сиёҳ, галстуки ҷигаранг дошт, дастҳо дар пушт бо ташвиш қадам мезад. Ман ӯро бори аввал медидам ва кӣ буданашро намедонистам, бо вуҷуди он аз рӯи одоб салом додам.

Вай ҷавоби салом дода як қадам ба пеш гузошт. Дастони якдигарро фушурдем, баъд пурсид:

— Рафиқ, узр мехоҳам, ман одами парешонхотир ҳастам, баъзан чунин мешавад, ки дар як рӯз як касро дубора бинам ҳам, боз фаромӯш мекунам.

Аз муомила ва суханонаш аён буд, ки дар наздам фозиле истодааст ва бо он ошноӣ пайдо кардан шараф аст.

— Мо бори аввал аст, ки якдигарро мебинем,— гуфтам ва худро шиносондам, ки Миршакар ҳастам.

Дар ҷабини ҳамсӯҳбатам аломати хурсандӣ пайдо шуд.

— О, Мирсаиди Миршакар,— шоири комсомол. Аз ин чанд рӯз пеш дар газета шеъратон чоп шуда буд... хондам... ба муқобили миллатчиёни буржуазӣ. Ҳамин тавр?

— Ҳамин тавр.

— Ҳамин тавр, ки бошад шинос шавем... Ман ҳамон Пайрав Сулаймоние ҳастам, ки гоҳу ногоҳ дар саҳифаҳои газетаҳои республикавӣ шеърҳоям чоп мешаванд...

— Ман шуморо ғоибона хуб мешиносам.

— Медонам, хуб медонам... ҳамаи онҳое ки газетахонанд, маро хуб мешиносанд. «Тоҷикистони Сурх» шеърҳои маро чоп мекунад, «Комсомоли Тоҷикистон» бошад, ба муқобили шеърҳоям мақолаҳо мебарорад. Дар ҳар сурат хонандагони газетаҳо хоҳ нохоҳ бо номи Пайрави Сулаймонӣ вомехӯранд.

Чунин менамуд, ки вай ин суханонро шӯхиомез мегӯяд, лекин дар нигоҳҳояш оташи ташвиш, ҳаяҷон ва изтироб шӯълавар буд...

— Ман аз рӯи шеърҳои шумо хулоса бароварда будам, ки ҳамсинни устодони мо Лоҳутию Айнӣ ҳастед,— бо ҳайрат гуфтам ман.

— Онҳо ҳам як вақтҳо ҷавон буданд, мо ҳам намурем, ба синни онҳо мерасем,— гуфт бо шӯхӣ Пайрав ва пурсид: — Ин ҷо дар хизмат ҳастед?



— Хизмат мекардам... ҳозир дар заводи пахта кор мекунам.

— Мехоҳед навискандаи пролетарӣ шавед? — гуфт Пайрав ва ҳайрати маро пай бурда шарҳ дод.— Ҳайрон нашавед, як қатор нависандагони Ӯзбекистон дар заводу фабрикаҳо рафта, ба сифати коргари оддӣ кор карда истодаанд, мехоҳанд, ки пролетар шаванд.

— Дар мо ҳам,— гуфтам,— занҳои баъзе коркунони масъул дар матбаа рафта, ба сифати ҳуруфчин кор карда истодаанд ва ин кор гӯё барои он бошад, ки падарҳои онҳо унсури бегонаанд.

Пайрав бо завқ хандид ва оҳиста гуфт:

— Ҳам он занҳоро мешиносаму ҳам шавҳарҳояшонро... Дар ҳақиқат, падарҳояшон синфан он қадар тоза нестанд... Аҷаб одамоне! Аммо агар ман ба саломатиам нигоҳ накарда, барои кор ба заводе равам, худи ҳамин одамон ин гург мехоҳад пӯсти гӯсфандро пӯшаду дар байни рама дарояд гуфта саҳифаҳои газетаҳоро пур мекунанд... Хайр, ҳаволаашон ба худо, ҳарчи хоҳанд гуфтан гиранд... худоро шукр, ки Пайрав тифли ширмак нест... Роҳ гаштанро ёд гирифтааст...

Сӯҳбати мо торафт гарм шудан гирифт. Аз Сотимхон дарак набуд. Рост истодан ба дил зад, пойҳо монда шуданд, рафта дар ҷои сояноке дар лаби ҷӯ газетаҳо партофта нишастем ва бо сӯҳбат вақтро кӯтоҳ мекардем.

Байни гап Пайрав эҳтиёткорона пурсид:

— Шеъри онрӯзаатон ба вазни арӯз навишта шуда аст... Ба вазни нав ҳам менависед?

Далерона ҷавоб додам:

— Қӯшишам бенатиҷа баромад.

— Маъюс нашавед,— тасалло дод Пайрав,— барои офаридани нав кӯҳнаро ба дараҷаи олӣ аз худ кардан лозим аст. Бе ин навро аз кӯҳна фарқ кардан имконнопазир аст.

Пайрав баъд аз сукуте аз мӯрчаҳое ки монда нашуда бор мекашонданд, нигоҳ наканда, суханашро давом дод:

— Мани бадбахт адабиёти классикиро кам нахондаам ва бад намедонам, ба адабиёти демократӣ ва советии рус ҳам ба қадри имкон ошно ҳастам... Лекин баъзан шеърҳоеро мебинам, ки барои фаҳмидани он, ки ба кадом вазну услуб навишта шудаанд, на ақлам мерасаду на донишам. Хайрият, ки баъзе муаллифони

боинсофтар барои эҳтиёт дар қавс менависанд, ки ин шеър ба «ҳавои махсус» навишта шудааст. Ёбу гир!

Пайрав бо санҷиш ба ман нигарист, хост, ки фикри маро фаҳмад, ман ҳам чизе гуфтанӣ будам, вале садои касе, ки «дар роҳи омаданаш чашмони мо чор буданд», ба гӯши мо расид.

— Ин Сотимхон аст,— гуфта баробар аз ҷо хестем...

Ҳикояи маро шунида Деҳотӣ оромона гуфт:

— Шоири аҷибе буд... афсӯс ки эҷодиёти ӯ ба тавri пурра ва ҳарҷониба омӯхта нашудааст.

Ман Деҳотиро тарафдорӣ кардам.

— Дар солҳои охир дар бораи Пайрав мақолаҳои бисёре навишта шудаанд. Ин мақолаҳо нисбат ба мақолаҳои солҳои 30-юм беғаразона ва ба ҳақиқат наздиктаранд.

Лекин як масъалаи ҷиддӣ ҳаст, ки ба гумонам, ҳанӯз ҳал нашудааст.

Дар мо касалие аз солҳои 30-юм боқӣ мондааст, ки барои дуруст ва ҳартарафа таҳлил кардани эҷодиёти шоире дар бисьёр мавридҳо халал мерасонанд. Мо дар ҳар нутқу мақола зӯр мезанем, ки аз Пайрав Сулаймонӣ, на танҳо аз Пайрав Сулаймонӣ, балки аз ҳамаи шоирони маъруфи муосир Маяковский созем. На ҳамаи шоирони бузурги рус пайравони Маяковский мебошанд, гарчи худро шогирди Маяковский номанд ҳам, лекин ҳар яке соҳиби мактаби шоирии худ мебошад. Сарвати назми сермиллати советии мо ҳам дар он аст, ки дорои равияҳои гуногун мебошад ва ҳамаи ин равияҳо решаи як дарахти пурсамареанд, ки мо онро методи реализми социалистӣ меномем.

Дуруст, ки Пайрав Сулаймонӣ чун ҳамаи мо мекӯшид, ки пайрави Маяковский бошад. Кӯшиш мекард, ки аз анъанаҳои шакли кӯҳнаи тоҷик барояд ва мувофиқи оҳангҳои революционӣ шаклҳои нав ҷустуҷӯ кунад. Лекин ҳарчи бошад ҳам Пайрав бо эҷодиёти худ аз Маяковский дида ба Есенин наздиктар аст. Барои ҳар дуи онҳо Революцияи Октябрь ғайричашмдошт буд, гарчи бо шеърҳои тоза онро пешвоз гирифтанд.

Бузургии Пайрав дар он аст, ки худро гум накард, тавонист, ки ашъори худро ба хизмати инқилоб ва музаффариятҳои он равона кунад. Ин аст, ки шеърҳои ӯ сол то сол замонавитар мешуданд ва дорои мазмуни баланди иҷтимоӣ ва интернационалӣ мегаштанд...



## ДӮСТ ОН БОШАД, КИ ГИРАД ДАСТИ ДӮСТ

*Ҳавои ишқ дар сарам,*
*Висоли ёр раҳбарам.*
*Чу мурғи шавқ мепарам*
*Ба авҷи ифтихорҳо...*

*АБДУСАЛОМ ДЕҲОТӢ.*

Мо се нафар шоир будем,— Деҳотӣ, ман ва ҷавоне, ки номашро Ошиқ монда будем. Ҳар се дар як рӯз, дар як соат ва дар як самолет ба Қисловодский парвоз кардем.

### ИШҚИ ҒОИБОНА

Баъд аз хомӯшии дуру дарозе Абдусалом Деҳотӣ аз шоири ҷавоне, ки ҳамроҳи мо ба Қисловодск мерафт, пурсид:

— Мо-ку барои табобат рафта истодаем, мақсад аз ин сафари шумо чист?

— Мақсад аз ин сафари мо ҷаҳонгардӣ,— ҷавоб дод ӯ.

— Наход, ки ҷаҳони беҳтаре ёфт нашуд? — ба сӯҳбат ҳамроҳ шудам ман.

Ҳамроҳи мо хандид ва ҳикоя кард, ки соли гузашта дар саҳифаи газетаи «Комсомольская правда» ба муносибати хатми институти педагогӣ сурати ӯ чоп шуда буд. Духтаре суратро дида, ба номаш аз Қисловодск хат навиштааст, ки вай ҳам тамомкунандаи институт аст ва орзу дорад, ки бо ӯ вохӯрад, чунки дар нигоҳу

табассумҳои ӯ шахси хело ба худ наздикеро мебинад. Дар охири мактуб духтарак адреси худро навишта, хоҳиш кардааст, ки агар ба Кисловодск ояд, меҳмонаш шавад...

Вақте ки Абдусалом Деҳотӣ ин қиссаро шунид, «қаҳрамони афсонавӣ шуда равед! — гуфт ва илова кард: — Минбаъд номи шумо Ошиқ аст».

Ошиқ шояд аз кушодани рози дил пушаймон шуда бошад, ки бепарвоёна даст афшонда гуфт:

— «Элак баҳонаю дидор ғанимат»,— монда шудаам, хостам, ки ба сиёҳат баромада, дам гирам ва агар илҳом ояд, чизе нависам.

Дар соатҳои даҳи бегоҳӣ ба Кисловодск расидем. Абдусалом Деҳотӣ хотирпарешон буд. Ман суоломез ба ӯ нигаристам, мақсадамро фаҳмида оҳистакак гуфт:

— Ману ту-ку ба санатория меравем. Аммо Ошиқ ҷои муайян надорад. Дар кӯча монданаш хуб нест. Ғами ӯро хӯрдан лозим аст.

Ошиқ асло розӣ набуд, ки мо барои ӯ сарсон шавем.

— Ман барин сағираҳо,— гуфт,— дар ин ҷо пуранд.

— Лекин дар байнашон оё ту барин шоир бошад?

Рост ба меҳмонхона рафтем.

Назди маъмурияти меҳмонхона одами бисьёре меистод. Аён буд, ки ин одамон на як рӯзу ду рӯз, балки чанд рӯз боз дар ин ҷо ба умеди ҷо ёфтан бехобу роҳатанд. Дар рӯ ба рӯи мо лавҳачае истода буд, ки дар он бо ҳарфҳои хело зебо «Ҷой нест!» навишта шудааст. Мо гӯё онро надида бошем, рост ба назди маъмурияти меҳмонхона омадем.

Ин буд, ки дар курсинишастагон асабонӣ аз ҷо частанду ба назди столи маъмурият омаданд. Бо ғазаб гоҳ ба сӯи мо менигаристанду гоҳ ба сӯи шахси маъмур. Дертар Деҳотӣ дуруст гуфт, ки аз нигоҳҳои даҳшатноки ин одамон аён буд, ки агар ба мо дар меҳмонхона ҷой медоданд, онҳо ё маъмурро ё худи моро аз алам пора-пора мекарданд. Ба маъмур дарди худро гуфтем. Вай табассум карда меҳрубонона пурсид: «Телеграмма надода будед?». Не, гуфтем.

Дафтару қаламро гирифта:

— Набошад,— гуфт,— номҳоятонро гӯед. Баъд аз 5—6 рӯз ягон илоҷ мекунем...

Ҳозирон ором шуданду рафта ба ҷояшон нишастанд. Мо ҳам «ташаккур» гуфта баромада рафтем.



Ошиқ бо мо дар автобус нишаста то санатория омад ва адреси ҳамхонаи маъшуқаашро ба мо дода, баргашта ба шаҳр рафт.

Мошин аз назар ғоиб шуд. Деҳотӣ асабонӣ буд, ҳар замон «хуб нашуд» мегуфту папирос мекашид. Хостам, ки ӯро тасалло диҳам:

— Аз дасти мо,— гуфтам,— чӣ меомад?

— Бо вай ба шаҳр рафта дар гӯшае ҷо мегирифтем ва ба навбат хоб мерафтем.

Ду рӯз гузашт, аз Ошиқ дарак набуд. На худаш меомад, на телефон мекард.

— Чаро ин қадар ғам мехӯред, охир. Ошиқ бача нест. Вай ҳама чизро...

Деҳотӣ гапамро буриду бо ғазаб гуфт:

— Агар кӯдак намебуд лоақал телефон мекард.

Баъд аз наҳор ба шаҳр, ба ҷустуҷӯи «Юсуфи гумшуда» рафтем. Пеш аз ҳама ба меҳмонхонаи ошно даромадем. Чун пештара он ҷо пур аз одам буд. Ба назди маъмур рафта, бо эҳтиром салом додем. Вай моро шинохт, ҷавоби салом гардонда, бо табассуми сохта гуфт:

— Ҷӯраи шумо моро хуб ҳақорат дода рафт...

Ҷои тааҷҷубе набуд. Иқтизои табиати ҷӯраи худро медонистем. Муҳимаш ин ки Ошиқ зинда аст. Ӯро ёфтан даркор, эҳтимол ба назди «маъшуқааш» рафта бошад. «Ҷӯянда ёбанда аст» гуфта, кӯча ба кӯча гаштем ва билохир ба даргоҳи «маъшуқа» расидем. Дарро задем. Шахсе дарвозаро кушода суоломез ба сӯи мо назар андохт. Сабаби омаданамонро гуфтем. Он шахс фаҳмонд, ки рафиқи шумо омада буд. Лекин ёри ғоибхонашро дида натавонист, чунки ӯро баъд аз хатми институти педагогӣ ба Доғистон фиристоданд. Рафиқи шумо адресашро навишта, ҳатто як пиёла чой нанӯшида, рафт...

Дар санатория ба мо гуфтанд, ки ҷӯраатон телефон карда, хоҳиш намуд, ба шумо расонем, ки сиҳату саломат аст ва ҷустуҷӯ давом дорад.

— Зинда бошад шудааст,— озод нафас кашида гуфт Деҳотӣ.

## ҚАЛЪАИ «МАКРУ МУҲАББАТ»

Чун дар ҳамаи маҳалҳои курортӣ дар Кисловодск ҳам дар бораи ҳар сою дара, дарьёю ҷӯйбор ва ҳар гиёҳу санг афсонае ё ривояти завқоваре бофтаанд, ки ин гуна чоҳо рӯзҳои дароз пур аз одаманд. Яке аз чунин ҷоҳои аҷиб қалъаи «Макру муҳаббат» мебошад, ки чанд километр аз шаҳр дур аст. Бо таклифи Деҳотӣ ба он ҷо рафтем. Қалъаро дидем. «Номи Рустам беҳ зи Рустам» гуфтагӣ барин қалъа на он қадар мӯҳташаму зебост, ки муҳаббатгоҳ бошад ва на он қадар даҳшатнок, ки маккоронро дар паноҳи худ гирад. Афсонае ки бо номи «Макру муҳаббат» машҳур аст, ба ин қалъа ҳеҷ муносибате надорад.

Мегӯянд, ки як вақтҳо дар ин водӣ марди молдоре зиндагӣ мекардааст. Ба замми молу мулку ғуломони бисьёр духтари соҳибҷамоле низ доштааст. Овозаи ҳусни ӯ то ҷоҳои дуре рафтааст. Аз дуру наздик хостгорон омада, дурру гавҳар ба зери поҳояш нисор менамудаанд, лекин духтар таклифи онҳоро рад мекардааст. Падараш гапи духтари ягонаю нозпарварашро гардонда наметавонистааст.

Як рӯз модари духтар ба шавҳараш мегӯянд, ки эй марди соддадил, духтари мо қадрас шудааст ва ман асло бовар карда наметавонам, ки вай аз ишқу муҳаббат бехабар бошад... Метарсам, ки ба ҷавоне дил дода бошад.

Гумони модар рост мебарояд. Маълум мешавад, ки духтар ба чӯпонписаре дил додааст ва ҳар рӯз аспсавор ба наздаш мерафтааст...

Падару модар дар шубҳа афтида духтарашонро ба назди худ ҷеғ мезананд ва сабаби ҳар рӯз ба чарогоҳ рафтанашро фаҳмиданӣ мешаванд.

Духтар зону зада, бо нолаю зорӣ арз мекунад, ки чӯпонписареро дӯст медорад ва хозир аст, ки ӯро шавҳар кунад.

Падар девонавор фиғон мебардорад, модар мӯю рӯй меканад, вале фоидае намекунад. Сипас зорикунон аз духтарашон хоҳиш мекунанд, ки аз раъяш гардад. Чунки ба чӯпонписар ба шавҳар баромаданаш ӯ барои онҳо таҳқир аст. Лекин духтар розӣ намешавад. Он гоҳ падар бо ханҷари бараҳна бар сари духтараш меояд ва таъкидкунон мегӯяд: «Аз он, ки туро бо либоси арӯсӣ дар паҳлуи ғуломзодае бинам, мурдаатро дар кафани



сафеди хунолуд диданам беҳтар аст...». Бо хоҳиши модар падар ба духтар барои фикр кардан ду соат вақт медиҳад.

Ду соат! Ду соат барои ононе, ки марг аз гулӯяшон гирифтааст, аз бист соат ҳам бештар аст. Дар ин муддат метавон корҳоеро анҷом дод, ки дар тӯли солҳо ба ҷо овардани онҳо ғайриимкон аст.

Чӯпонписар сари харсанги бузурге ки дар паҳлуи он акнун қалъаи «Макру муҳаббат» сохта шудааст, чун ҳаррӯза дар интизори ёраш нишаста най навохта-аст. Дар ин асно аз дур саворе намоён мешавад, ки ба сӯи ӯ меояд. Чӯпон дилбари худро мешиносад. Ба истиқболи ӯ шодон аз ҷо мехезад, гулафшонӣ мекунад...

Духтарак ҷаҳида аз асп мефарояд, худро дар оғӯши чӯпон андохта, зор-зор мегирьяд. Чӯпон ҳис мекунад, ки бадбахтие рӯй додааст, ашки дилбарро пок мекунад, аз лабонаш бӯсида мепурсад: «Эй нозанинам, кӣ туро ранҷонд? Кӣ боис шуд, ки ашки ту чун дурдона бар замин резад?..».

Духтарак бо чашмони пур аз ашк ба дилдори худ нигариста «мехоҳанд, ки моро аз ҳам ҷудо кунанд» мегӯяд. «Ту розӣ шудӣ?» мепурсад чӯпонписар. «Ман гуфтам, ки моро ишқ ба ҳам пайвастааст ва танҳо марг метавонад аз ҳам ҷудо кунад!» ҷавоб медиҳад духтар ва мепурсад, «чӣ бояд кард?». «Агар хоҳӣ гурезем, ба ягон кишвари дигаре рафта зиндагӣ кунем» маслиҳат медиҳад чӯпонписар.

«Мо ба ҳеҷ куҷо гурехта наметавонем,— мегӯяд духтарак,— тамоми роҳҳоро ба рӯи мо бастаанд... Ягона роҳе ки дар интизори мост, марг аст».

Аз дур дар роҳ ғубор мехезад. Аз байни ғубор саворон намоён мешаванд. Духтарак дар байни онҳо падари худро мебинад.

— Нигар,— мегӯяд ба чӯпонписар,— омада истодаанд, мехоҳанд, ки моро умрбод аз ҳам ҷудо кунанд! Барои ман аз ҷудоӣ марг беҳтар аст.

Ҳар ду болои харсанг мебароянд, то аз он ҷо худро ба дараи даҳшатноке ҳаво диҳанд.

Ҷавон хоҳиш мекунад, ки ӯ худро аввал ҳаво диҳад, намехоҳад, ки шоҳиди марги дилбараш бошад. Духтарак розӣ намешавад. «Ман аввал худро ҳаво медиҳам, намехоҳам, ки шоҳиди марги ту бошам», мегӯяд. Лекин чӯпонписар хоҳиш мекунад, ки ӯро наранҷонад

ва иҷоза диҳад, ки ӯ аввал худро партояд. Духтар розӣ мешавад.

Онҳо бори дигар якдигарро оғӯш мекунанду мебӯсанд. Баъд ҷавон «Алвидоъ» гуфта худро ба дара ҳаво медиҳад, бар болои сангҳои сафеду сиёҳ афтида, ҳалок мегардад.

Духтаракро аз дидани ин фоҷиа даҳшат зер мекунад... Беихтиёр аз болои харсанг фаромада, тозон пеш меравад ва якбора худро дар оғӯши гарми модар мебинад...

Вақте ки ровӣ афсонаро ба охир расонду бо ҳасрат «чунин аст,— гуфт,— қиссаи ин дараи пурасрор».— Деҳотӣ оҳиста «саломатиатон даркор аст» гуфту ба ман рӯ овард: «Агар,— гуфт,— кофтан гиред, дар Тоҷикистони мо санге, даръёе, ё буттае нест, ки ба вай ривояте ё достоне начаспонда бошанд. Вақте ки бо Сергей Баласанян ба Дарвозу Балҷувон сафар кардем, ҷохои аҷиброи дидем «Дараи Восеъ», «Чинорҳои Восеъ», «Чиҳилдухтарон...» ва монанди инхо.

Барои тасдиқи фикри Деҳотӣ илова кардам, ки дуртар аз деҳаи Зимчуруд дар соҳили Варзоб дараест, ки «Себи араб» мегӯянд... Афсӯс, ки ягон одами баҳавсала то ба имрӯз қиссаи онро нанавиштааст.

## ДИЛИ ШОИР

Дар ошхона одами бисьёр набуд. Дар як тараф духтарони тоҷику ӯзбек менишастанд, ки сӯҳбаташон дар ҷӯшу хурӯш буд. Диққати ҳама ба либоси рангоранги миллӣ, хандаҳои баланду паст, зулфакони парешон ва чеҳраҳои лолагуни онҳо ҷалб шуда буд. Танҳо Деҳотӣ пушт гардонда асабонӣ менишаст. Ман вазъи ӯро дида ҳатто бо пурсидани сабаби ранҷиданаш ҷуръат накардам.

Абдусалом Деҳотӣ табъи латифе дошт. Барои ҳамин ҳам бо шӯхӣ ӯро сахттар аз оҳан ва нозуктар аз гул меномидем. Вай касеро ранҷонидан намехост ва намехост, ки касе ӯро ранҷонад. Зуд ва сахт меранҷид. Лекин на ба ин дараҷае ки ҳоло медидам. Вай ёрои гап задан надошт. Дуруст аст, ки як бори дигар дар солҳои ҷанг ӯро дар ҳамин ҳолат дида будам.

Ба ёдам ҳаст, ки дар яке аз рӯзҳои баҳор ба магазине, ки дар хиёбони Куйбышев ягон дусад қадам дур-



тар аз хонаи истиқоматии Деҳотӣ ҷойгир шуда буд ва ба ходимони адабиёту санъат хизмат мекард, рафта озуқаи якмоҳаамро гирифта, ба тарафи хона равон шудам.

Дар ин лаҳза худамро «подшоҳи мамлакат» мешумурдам! Ҳазл не! Чанд кило ҳасиб, равған, биринҷ, қанд, як литр арақ дорам ва ҳамаи ин барои як нафари муҷарраде, ки дар кисааш даъватномаи Комиссариати ҳарбӣ дошт ва баъд аз фардо бояд ба хизмати ҳарбӣ равад. Модоме ки ин тавр бошад, сарвати якмоҳаро дар дӯ рӯз сарф кардан лозим аст.

Баногаҳ Деҳотиро дидам, ки дар тан куртаи дӯхти украинӣ ,дар даст портфели чармини пур аз коғаз дошт, бо қавоқҳои овезон аз биное баромад ва ҳатто ба атроф нигоҳ накарда, ба сӯи хонааш, ки дар он тарафи кӯча буд, қадам гузошт. Ман бо овози баланд «Салом, Деҳотӣ» — гуфтам, ӯ роҳ рафта истода базӯр алейк гирифт. «Эҳтимол ягон ҳодисаи нохуше рӯй дода бошад!» аз дил гузарондам ва беихтиёр «Домулло ба шумо кор доштам!» — гуфта аз қафояш тохтам, Деҳотӣ истод.

— Рафтем,— гуфтам,— ба хонаатон рафта гапамро мезанам.

Дар хона касе набуд, зану фарзандонаш ба Самарқанд рафтаанд. Дар ин мавридҳо Деҳотӣ ҳамеша «Эшон бо бачаҳояшон ба командировка рафтанд!» — мегуфт.

Чизе нагуфта аракро рӯи стол гузошта ба реза кардани ҳасиб сар кардам.

Деҳотӣ ҳам чизе нагуфта аз ҷо хест, рафта дастонашро шуст ва пиёзро реза карда ба наздам гузошт.

— Нон ҳам лозим будагист? — пурсид вай.

— Албатта, лозим аст,— ҷавоб додам ман.

Деҳотӣ нони сиёҳро оварда, болои стол монд, баъд оромона гуфт:

— Мана калиди хона дар он ҷост. Вақти рафтан дарро қулф карда, калидро бо худ меоред, ман ба нашриёт меравам.

— «Тоқати меҳмон надошт, хона ба меҳмон гузошт» шуд-ку!

— Мебахшед, намехоҳам ки таънаи рафиқ Неъматуллоевро шунавам.

Чи кор кунам, ки Деҳотиро аз роҳ гардонам! Дар воқеъ, он кас муаммо ва ҳал кардани онро хело дӯст медошт. Ман дарҳол:

— Шумо,— гуфтам,— адреси Сотимро пурсида будед, марҳамат нависед.

Деҳотӣ аз портфелаш қаламу коғаз бароварда, интизор шуд.

— Нависед,— гуфтам,— «Салом Сотими мо!».

Деҳотӣ бо ҳайрат ба сӯям нигарист.

— Ҳайрон нашавед,— гуфтам,— рақамҳои почтаи саҳрони Сотимро аз ҳамин ҷумла ёфтан мумкин аст.

Деҳотӣ «аҷиб» гуфту нишаст. Қалам гирифта ба ҳал кардани муаммо сар кард. Дере нагузашта:

— 673,— гуфт.

— 673,— тасдиқ кардам ман,— ва дарҳол таклиф кардам, ки ба саломатӣ ва бо зафар омадани бародарон ва дӯстони мо нӯшем!

— Охир дар идора будагон чӣ мегуфта бошанд? — мулоим шуда пурсид Деҳотӣ.

— Чанд сол пеш,— ба нақл даромадам,— дар районн Шӯрообод кор мекардам. Як рӯз ба ҷамоаи Хирманҷоҳ рафтам. Раиси ҷамоаро кофта наёфтам. Аз пирамарде ки бар лаби ҷӯ нишаста, ғарқи фикру хаёлоте буд, пурсидем, ки раиси ҷамоа дар куҷост?Мӯйсафед бепарвоёна: «Ба қишлоқи Анҷироб рафт» гуфт.

— Идорааш дар куҷост? — пурсидам дубора.

Мӯйсафед бо тааҷҷуб ба сӯям нигаристу «идорааш дар хӯрҷинаш» гуфт.

Ба Деҳотӣ ҳикоя писанд омад, ки хандид.

— Идораи шумо ҳам, дӯстам Деҳотӣ, дар портфелатон ва ҳамеша бо шумост.

Деҳотӣ портфелашро нишон дода гуфт:

— Дарунаш як китоби калон, нисфаш хонда шудааст, нисфи дигарашро ҳамин шаб мурда-мурда бояд хонам ва ислоҳ карда пагоҳ ба нашриёт супорам.

— Ҳеҷ гапе не, ман ёрӣ медиҳам,— ваъда додам,— пагоҳ дам мегирам, пагоҳи дигар ба Комиссариати ҳарбӣ меравам, вассалом.

— Даъват кардаанд?

— Ҳамин тавр.

— Ин бори чандум аст.

— Худам ҳисобашро гум кардам.

Деҳотӣ хандид.

— Даъватномаро,— гуфт,— боз духтур Шаҳобов нафиристода бошад?

— Магар, ҳоло вақти ҳазлу шӯхист!

— Ҳа, гӯед! Як ҳафта пеш Боқии мо даъватнома



гирифта, тозон ба Комиссариати ҳарбӣ меравад. Дар он ҷо духтур Шаҳобов ӯро пешвоз мегирад, аз дасташ гирифта ба хонаи калоне медарорад. Фармон медиҳад, ки Боқӣ либосҳояшро кашад. Боқӣ луб-луч шуда дар назди Шаҳобов рост меистад. Шаҳобов фармон медиҳад, ки гирд-гирди хона давад. Боқӣ «замон замони ҷанг аст, ҳар чӣ гӯянд, ба ҷо овардан лозим» гуфта давидан мегирад. Шоҳобов ҳар замон «Тезтар! Тезтар!» гуфта фармон медиҳад. Боқӣ тамоми қувваашро як ҷо карда метозад, арақ аввал пешонӣ, баъд рухсор ва баъд тамоми баданашро зер мекунад... Танҳо баъд аз ним соат Шаҳобов «акнун бас!» гуфта, ӯро ба наздаш даъват мекунад, набзашро санҷида, бар китфаш мезанаду мегӯяд: «Аз ҳар ҷиҳат сиҳату саломат ҳастӣ, танҳо баданат ба ман маъқул не, серпашм аст. Илоҷаш бошад, аз ягон артель хоҳиш кун, ки пашматро тарошанд. Ба онҳо фонда, ба ту роҳат!»

Боқӣ пай намебарад, ки духтур шӯхӣ мекунад. Луб-луч рост истода, интизори фармони нав мешавад.

— Чаро шах шуда мондӣ? — мепурсад Шаҳобов,— пӯшокатро пӯшида, рав акнун!

— Ба куҷо? — мепурсад Боқӣ.

— Ба хонаат! Ҳайрон нашав, ин даъватномаро ман навишта фиристондам... Ҳамин рӯзҳо зиқ ҳастам. Қамтар диламро хурсанд кунам гуфта навиштам,— мегӯяд Шаҳобов ва Боқиро ҷавоб медиҳад.

— Тавба,— ба изтироб омадам ман,— дар рӯзҳои мудҳиш ҳам одамон танҳо барои хурсандии худ шуда дигаронро азоб медиҳанд, аз кор мемононанд.

Деҳотӣ аз ҷо хест, ба сӯи тиреза рӯ гардонда ғурғуркунон гуфт:

— Ба Шаҳобов бахшидан мумкин аст. Вай одами фозил ва боодоб, бо кӣ шӯхӣ карданашро медонад. Лекин мулоимхунукҳое ҳастанд, ки...

Ва гапашро ба охир нарасонда, асабонӣ дар ҷояш нишаст: «Хайр, ин ҳам мегузарад», гуфту пурсид:

— Сотим чӣ менависад?

Ман мактуби охирини Сотимро ба ӯ дароз кардам. Деҳотӣ онро аз дастам гирифту ба хондан сар кард. Якбора ашк дар чашмонаш чарх зада бар рухсорааш ҷорӣ шудан гирифтанд. Фаҳмидам, ки назараш ба сатрҳои зерин афтодааст: «...Хабари марги Абдушукур хабари басе ғамангезу аламнок. Сарам шах шуда монд, намедонам чӣ нависам. Ба дӯсти азизи мо Деҳотӣ таъ-

зиян маро баён кунед. Мо хуни ин ҷавони нофаромӯш — Абдушукурро мегирем...».

Баъд аз сукути дуру дарози ҳузнангез Деҳотӣ мактубро гардонда ба ман доду гуфт:

— Ба ман айб аст, боре ҳам ба вай мактуб нанавиштаам, ту боракалло...

Ман фаҳмондам, ки қариб моҳе ду бор хат менависам ва мегирам.

Деҳотӣ аз ҷо хеста:

— Аҷабо,— гуфт,— баъд аз баромади оташинат дар маҷлиси охирини комсомолӣ гумон кардам, ки минбаъд ҳатто агар дар кӯча ба якдигар вохӯред, лаҷоматонро ба дигар тараф мегардонед.

— На танҳо шумо,— гуфтам ман,— бисьёрҳо ҳамин тавр гумон карданд. Дар ҳақиқат, дар он рӯз ман хело ҳам оташин будам. Лекин чӣ илоҷ? Ману Сотим аз соли 1930, аз он рӯзҳое ки дар идораи газетаи «Комсомоли Тоҷикистон» кор мекардем, якдигарро мешиносем. Сотим наср нависад ҳам, завқи шоириаш баланд аст, ҳамеша шеърҳои маро мехонд, маслиҳат медод, таҳрир мекард. Ҳатто дар он солҳое, ки дар сохтмони Вахш ва баъд дар хизмати ҳарбӣ будам, ба номи ӯ мактуб менавиштам, вай ҳам ягон мактуби маро беҷавоб намемонд. Агар хатои маро медид, дар маҷлисҳо ва ғайрирасмӣ маро хуб ҷанг мекард ва ҳамеша мегуфт, ки «Ёр бояд, ки айби ёрашро, ҳамчу оина рӯ ба рӯ гӯяд...».

Баъзеҳо дар он маҷлис ё ба сухан набаромаданд, ё дудилагӣ мекарданд, лекин дар ғайби ӯ чи гапҳое ки назаданд. Мегӯянд, ки дар маҷлис баромадан шарт набуд, гапҳоятро бояд ба худи ӯ мегуфтӣ... Онҳо ҳақ нестанд! Комсомол оилаи мост ва мо ҳеҷ чизро аз вай набояд пинҳон дорем. Гуноҳи дӯсти ман дар он аст, ки ба комсомол дар вақташ муроҷиат накард, ёрию маслиҳат напурсид... Аминам, ки вай инро аз ман хубтар медонад...

Деҳотӣ аз нав адреси Сотимро, ки бо муаммояш навакак ба ӯ гуфта будам, хонда:

— Ой, Миршакар,— гуфт,— ту ин ҳунарро аз кӣ ёд гирифтаӣ?

— Аз шумо,— ҷавоб додам.

Абдусалом Деҳотӣ муаммо ва ҳал кардани онро хеле дӯст медошт, лекин муаммо намесохт. Душвории муаммосозӣ дар он аст, ки номи шахс, ё макone ки дар хусуси он муаммо сохта мешавад, бояд дар муаммо



зикр ёбанд. Масалан Туғрал таърихи анҷоми девонашро бо байти зерин баён кардааст:

Дар баҳри фикр ақлам зад ғӯта ҳамчу гавҳар,
Об аз адаб кашиду гуфто каломи Туғрал.

Абдусалом Деҳотӣ чунин муаммоҳоро дӯст медошт. То ки тааҷҷубаш зиёдтар шавад, пурсидам:

— Соли таваллудамро аз муаммо фаҳмидан мехоҳед?

— Канӣ гӯед!

— М. Миршакар. Достони «Қишлоқи тиллоӣ».

Деҳотӣ қаламро партофта, «то ба ин дараҷа не!» гуфт. Гумон кард, ки ман шӯхӣ мекунам. Бинобар он ҳам «ман гушна мондам» гуфта аз ҷо хест ва ба тарафи буфет равон шуд. Лекин ман барои ҳақ буданам хоҳиш кардам, ки аввал муаммои маро ҳал кунад.

— Оббое,— гуфта Деҳотӣ қаламу коғазро гирифту ба ҳал кардани муаммо сар кард ва дере нагузашта фарёд кашид:

— Ин гуна муаммоҳои рамзнокро бори аввал мебинам. Дар ин ҷо на танҳо соли таваллуди ту, балки худи достони «Қишлоқи тиллоӣ» рамзи таваллуди шоир Миршакар аст. Ман таслим!

— Ин тавр ки бошад, гӯед ки барои чӣ ин пагоҳӣ ранҷидахотир аз ин идора баромадед?

— Ба қавли майпарастон ба ин суол бе сад грамм ҷавоб додан душвор аст.

Деҳотӣ бо алам ҳикоя кард, ки:

— Имрӯз кор бисьёр аст, гуфта барвақттар ба идора рафта будам. Нав панҷ саҳифаро нахонда, телефон занг зад. Гӯшаки телефонро бардошта «Дар назди телефон Деҳотӣ» гуфтаму дар бало мондам. «Худи шуморо ҷустуҷӯ мекунем» гуфт хурсандона шахсе бо телефон ва илова кард: «Ман аз шӯъбаи ҳарбӣ[1] гап зада истодаам. Шефи мо хоҳиш карданд, ки ҳамин замон ба наздашон ҳозир шавед! Фаҳмидед?». Ман ҷавоб додам, ки фаҳмидам. Овоз омад, ки «Набошад такрор кунед». Асабонӣ шуда, гӯшаки телефонро дар ҷояш мондам. Лаҳзае нагузашта буд, ки телефон такроран занг зад, гӯшаки телефонро бардошта дарҳол гуфтам: «Ба шефатон гӯед, ки ҳамин замон ҳозир мешавам». Замон за-

[1] Дар солҳои ҷанг дар назди баъзе идораҳо шӯъбаҳои ҳарбӣ ташкил карда буданд.

мони чанг, ягон кори таъхирнопазир доштагист гуфта, ба шуъбаи ҳарбӣ рафтам.

Вақте ки ба он ҷо расидам, арақи рӯямро бо рӯмолча пок карда, хостам, ки ба кабинети сардор дохил шавам, вале аз нишастагон яке роҳи маро гирифт ва фаҳмонд: «Дар ҳамин ҷо бошед, ман ҳозир дар бораи омадани шумо ба шеф хабар медиҳам». Инро гуфту ба кабинети сардор дохил шуд ва ман ҳанӯз дар ҷустуҷӯи ҷои нишаст будам, ки шахси мазкур аз кабинет баромада бо овози баланд: «Рафиқ П. Деҳотӣ[1],— гуфт,— марҳамат! Шеф интизори шумост!».

Дохили кабинет шудам. Кабинет ба дараҷаи олӣ оро дода шуда буд. Дар рӯ ба рӯям ду портрети калони Сталин ва Ворошиловро дидам. Поёнтар аз онҳо худи сардор менишаст. Болои стол аппаратҳои телефон, графину стаконҳои булӯр, бар рӯи пойгаҳ гилемҳои қиматбаҳо андохтаанд.

Сардор танҳо баъд аз он, ки ба стол наздик омада, салом додам, вазнин аз ҷо хест. Портретҳо чунон устодона овехта шудаанд, ки вақте сардор аз ҷо хест, бо онҳо баробар шуд ва агар намеҷунбид, гумон мекардед, ки ин портрети сеюм аст. Шояд барои ин бошад, ки сардор лаҳзае беҳаракат рост истод ва баъд бо табассуму меҳрубонӣ дастамро фушурда, ба нишастан таклиф кард. Баробар нишастем. Сардор қуттии папироси «Қазбек»-ро кушода, ба сӯям дароз кард. Якеро гирифтам. Сардор зажигалкаро даргиронд. Папиросро ба даҳан гирифтам. Аз он бӯи атр меомад. Бо ҳайрат ба сардор нигаристам. Вай дарҳол пурсид: «бӯи фораме?». Беихтиёр бале гуфтам. Дар ин вақт сардор тукмаи зангро зер кард, дар кушода шуд. Шахсе ки дар тан либоси ҳарбӣ дошт, бонизом дохили кабинет шуда «Хизмат, рафиқ сардор!» гуфт. Сардор аз ҷо нахеста пурсид: «Телеграммаро ба рафиқ Ворошилов фиристодед?». Он шахс бо ҳайрат: «Кадом телеграмма?» гуфт. Сардор худро гум накарда, фармон дод: «Муовинатонро ба назди ман фиристонед! Фармонро иҷро кунед!». Шахси мазкур «итоат» гуфта, ба ақиб баргашт ва баромада рафт.

Сардор шикоятомез чизе гуфтанӣ шуд. Ҳамин вақт шахси дигаре даромада, бонизом арз кард: «Рафиқ сардор, лейтенант ба фармони шумо ҳозир аст!». Сардор дарҳол пурсид: «Телеграммаро фиристондед?». Сардор ин дафъа умуман телеграммаро пурсид, номи Ворошиловро бар забон наовард. Шояд барои ин ҳам шахси даъватшуда бетаъхир ҷавоб гардонд: «Телеграммаро ҳамин ки имзо кардед, мефиристонем!». Сардор фармон дод: «Фалониро ҷеғ занед!». Шахсе ки худро лейтенант номида буд, «итоат» гуфта баромада рафт.

Сардор боз ду-се нафари дигарро ба наздаш ҷеғ зад, пурсид, супориш дод ва дар охир ба ман рӯ оварда «ҳоли мо,— гуфт,— шабу рӯз ана ҳамин тавр аст, на шаб хоб дорем, на рӯз роҳат!». Баъд аз сандуқчаи столаш ду дона термоси нав бароварда болои стол гузошт, аз сандуқчаи дигар ду пиёлаи балғамӣ бароварда пурсид; «Ҷои кабуд ё фомил?». Ба ҷавоб интизор нашуда ҷои кабудро наздам гузошт ва пурсид: «Қонфет майл надоред?». «Ҷои кабуд бе ширинӣ беҳтар аст», ҷавоб додам ман.

Сардор кунҷковона пурсид: «Ба кабинети калони мо даромадаед?». Ҷавоб додам, ки «на як бору ду бор, чандин бор!». Сардор нимхез шуда бонфтихор пурсид: «Росташа гӯед, дабдабаи кӣ зӯртар?». «Аз шумо!» ҷавоб додам ман.

Сардор қоматашро рост карда: «Набошад,— гуфт,— ба ман ҷавоб, ба ЦК меравам, кори заруре дорам. Шумо бемалол чойро ки нӯшидед, ба коратон равед!».

Ман ба ҳайрат аз ҷо хеста, пурсидам:

— Шумо ба ман кори зарур доред гуфтанд?

— Шуморо ҷеғ задам, ки кабинети маро дида фикратонро гӯед! Хайр, агар лозим шавед, боз ҷеғ мезанам,— гуфту хайрухушро нася карда баромада рафт.

Деҳотӣ асабонӣ аз ҷо хесту пурсид:

— Магар аз ин зиёдтар беэътиноӣ мешавад?..

Аз он вақт соли бисёре гузашт ва ҳоло, ки дар ресторани «Қалъаи макру муҳаббат» нишастаем, бори дуюм аст, ки дӯст ва устодамонро ин тавр асабонӣ мебинам.

— Чӣ мехӯрем? — пурсидам.

— Агар бисёр гушна бошед, ягон чизи тайёр гирифта хӯреду равем.

Ман официанткаро ҷеғ зада ба ду кас шашлику коньяку боржом фармудам ва рӯи қуттии папироси «Қазбек» ин байтро навишта ба назди Деҳотӣ гузоштам:

[1] Дар солҳои аввали шоириаш Деҳотӣ номашро Пирмуҳаммадзода Деҳотӣ ё П. Деҳотӣ менавишт.

«Ту мапиндор, ки ғам аз дили маҳзун наравад.
Оташи ишқ, ба ҷон афтаду берун наравад!»

Официантка шашлику коньяку боржомро оварда болои стол гузошта «Нӯши ҷон шавад!» гуфту рафт.

Деҳотӣ байтро хонд ва бо ангушташ ба қуттӣ зада оҳангеро замзама кардан гирифт.

Садои мусиқӣ таваҷҷӯҳи ҳамаро ба худ ҷалб кард. Арманзанаке ба сурудани таронаи форами озарбойҷонӣ сар кард. Суруд ба охир расид. Деҳотӣ шишаи конъякро гирифта ба назди мутрибон рафт ва хоҳиш кард, ки бо ӯ қадаҳ бардоранд. Онҳо таклифро қабул карданд. Вақте ки қадаҳҳо ба дасти соҳибонашон расиданд, Деҳотӣ ба сухан даромад. Диққати ҳама ба сӯи ӯ ҷалб шуд. Танҳо яке аз духтарон суп-сурх шуда, гоҳ-гоҳ ба ҳамроҳонаш чашмак мезад ва аз стол нигоҳ намебардошт. «Мутрибони азиз,— гуфт Деҳотӣ,— навакак дӯстам ба рӯи ин қуттии папирос байти шоиреро навишта ба ман дод, ки он байт ин аст:

«Ту мапиндор, ки ғам аз дили маҳзун наравад.

Оташи ишқ ба ҷон афтаду берун наравад!».

Ман шубҳа доштам, лекин шумо дӯстонам бо сози навои худ ғамро аз дили маҳзунам баровардед! Саломат бошед!

Ҳар чор духтарак омада қадаҳҳои худро бо қадаҳи Деҳотӣ ҷанг андохтанд, яке аз онҳо оҳиста пурсид: «Ғамро-ку аз дили маҳзун баровардаид, аммо оташи ишқро чӣ?...»

Духтарак инро гуфту тозон ба назди дугонаҳояш рафт. Қадаҳ аз дасти Деҳотӣ афтоду шикаст...

## НАВИСАНДА ДАР ҲАМА ҶО НАВИСАНДА АСТ.

Дар санаторияи мо шаби эҷодии Александр Безыменский гузаронда шуд. Сардори корҳои равшаннамоии истироҳатхона бе ҳеҷ сарсухан эълон кард: — «Ҳоло дамгирандаи санаторияи мо, шоири комсомол Александр Безыменский баромад мекунад. Хоҳишмандам бо кафзанӣ ӯро пешвоз гиред!».

Александр Безыменский бо қади баланду қадамҳои калони худ ба саҳна дохил шуд. Мо, ҳозирон, ӯро гарму ҷӯшон пешвоз гирифтем.

Шоир ним соат дар бораи ҳаёту эҷодиёти худ сухан кард. Дар паҳлуи мо Галина Николаева нишаста буд. Ба вай ин кори Безыменский писанд наомад. Ҳар замон ба гӯшам мегуфт: «Дар бораи нависанда бояд дигарон сухан кунанд, вай бояд хоксорона ягон шеър ё ҳикояашро хонаду интизор шавад. Агар талаб кунанд, боз чизе хонад, агар талаб накунанд, рафта дар ҷояш нишинад... Ё гапи ман ҳақ нест?».

Галина Николаева низ дар санаторияи мо дам мегирифт ва барои романи калони худ «Битва в пути» материал ҷамъ мекард. Ба бахти вай дар ҳамон рӯзҳо барои истироҳат ба санаторияи мо директори яке аз заводҳои калони Сталинград Леонид Глекман омада буд. Галина Николаева ҳамин ки аз кӣ будани вай огоҳ шуд, нақшаи романашро ҳикоя карда «акнун ки,— гуфт,— шуморо ба ман худо фиристодааст, то даме ки ба ҳазору як суоли ман ҷавоби қаноатбахш надиҳед, домани шуморо сар нахоҳам дод». Вақте ки Леонид Соломонович эътирозкунон «Ман барои дамгирӣ омадаам» гуфт, Галина Евгеньевна дарҳол: «Ин хело хуб аст,— гуфт,— мекӯшам, ки ба ту халал нарасонам». Леонид Соломонович узрхоҳона гуфт, ки «росташро гӯям, ман ба ин ҷо барои истироҳат наомадаам, супориш дорам, ки дар давоми истироҳат нақшаи тағйиру такмили заводро тартиб диҳам... бо супориши партия». Галина Евгеньевна «Айни муддао,— гуфт,— ман ҳам бо супориши партия дар бораи онҳое ки барои тағиру такмил додани саноати мо мубориза бурда истодаанд, роман бояд нависам. Қаҳрамони романам шумо ҳастед ва аз шумо хоҳиш ва талаб мекунам, ки ба ман кӯмак кунед, ёрӣ расонед!».

Глекман таслим шуд. Минбаъд онҳо ҳатто ба экскурсияҳо ҳам ҳамроҳ мерафтанд.

Як рӯз дар сӯҳбате Галина Евгеньевна фаҳмонд, ки барои донистани дунёи ботинии қаҳрамон вохӯриҳо ва сӯҳбатҳои расмӣ каманд, онҳо ҳаргиз табиат, феълу атвор, хислат, тавоноӣ ё нотавонии шахсро зоҳир карда наметавонанд.

Мана, мо ки аввалин бор ба ҳам вохӯрдаем, мекӯшем, ки дар гуфтору рафтор тамоми қоидаю расмиятро ба ҷо орем, сухани барзиёд нагӯем, чи тавре ки дил мехоҳад, нахандем, ғаму шодии худро пинҳон дорем... Дурусттарашро гӯям, мо дар айни ҳол на он ҳастем, ки ҳастем. Агар баъд аз ин сӯҳбат дар бораи шумо чизе нависам, дӯстони шумо маро дурӯғгӯй меномand. Барои



7—1018

дар ҳаёт чи тавр будани шуморо ҳартарафа донистан ва омӯхтан вақти зиёде лозим аст.

— Танҳо вақт? — пурсидам ман.

— Истеъдоди комил,— ҷавоб дод ӯ ва илова кард,— танҳо соҳиби истеъдоди комил метавонад шодӣ ва азоби эҷодиро ба хубӣ санҷад. Афсӯс, ки ман худро соҳиби истеъдоди комил номида наметавонам, такягоҳи ман қобилияти ман аст.

— Барои нависанда чиро аз ҳама муҳим медонед?— пурсид Деҳотӣ.

— Мақсади олӣ, идроки қавӣ, боварӣ ба худ ва ба дигарон. Боварӣ ба инсон болупар медиҳад. Дар аввали соли 1945 аз Нальчик, ки ман дар он ҷо духтур шуда кор мекардам, шеърҳоямро «ҳарчи бодобод» гуфта ба Тихонов фиристодам. Ва баъд аз лаҳзае худамро сарзаниш кардам, ки барои чӣ ин корро кардам! Охир Тихонов серкор аст, барои сарҳорӣ ҳам вақт надорад, болои ин шоири бузург аст, барои шеърҳои шогирдонаи ман вақти қимати худро беҳуда сарф нахоҳад кард... Лекин ман беҳуда худро коҳондам. Дере нагузашта ҷавоб омад, ки он роҳнамоиояндаи ман шуд. Вай навишта буд, ки дар шеърҳои шумо назмеро мебинам, ки имрӯз барои мо хело зарур аст. Ва дар охир қайд карда буд, ки баояндаи хушбахтонаи шумо боварии комил дорам. Бале, ҳама вобаста ба боварист, ҳатто вазнинтарин бемор, агар ба табибон ва ба саломат шудани худ боварӣ дошта бошад, сиҳат мешавад. Боварӣ... боварӣ... боварӣ...

## ДИДОРИ ДӮСТ

Александр Безыменский баъд аз ба охир расондани нутқаш ба хондани шеъру дубайтиҳои ҳаҷвиаш сар кард. Ба ҳозирон шеърҳояш писанд омаданд. Пеш аз дигарон ҳар сеи мо, Галина Николаева, Деҳотӣ ва ман рафта дасти ӯро фушурдем ва изҳори миннатдорӣ кардем.

Абдусалом Деҳотӣ таклиф кард, ки ба «Храм воздуха» равем. Аз табобатхонаи мо то ресторани «Храм воздуха» як километр роҳ аст. Мо ин масофаро байни як соат базӯр тай кардем. Дар роҳ бо дӯстони бисьёре вохӯрдем, ки мисли мо аз Москва, Ленинград, Киев, Боку, Тошканд, Фрунзе ва дигар шаҳрҳо ба ин ҷо омада будаанд. Дар ҳар қадам бо дӯстон ва ошноён вохӯрда, ҳолпурсӣ мекардем. Байни сӯҳбат яке аз дӯстони мо ки барои «кам кардани чарбуи баданаш» омада буд, бо ҳасрат гуфт:

— Агар байни ин ду-се рӯз як палави серравған нахӯрам, тамом мешавам... Қоре карда дар ягон ҷо як палав пазем, ҳамаи хароҷот ба гардани ман... Шумо танҳо пазандаю хӯранда...

— Ягон илоҷ мекунем... лекин на фардою на пасфардо, дертар,— ваъда дод Деҳотӣ.

Дар роҳ аз Деҳотӣ пурсидам:

— Магар шумо ҳам палавро ёд кардед?

— Эй бародар, ҳоли ӯро дида раҳмам омад. Аз нигоҳҳояш аён буд, ки агар дар ҳамин рӯзҳо палав нахӯрад, девона мешавад.

Деҳотӣ ин суханонро хело ҷиддӣ мегуфт ва барои тасдиқи фикраш мисоли аҷибе овард:

— Боре мо чанд нафар барои саёҳат ба соҳили Панҷ рафтем. Яке аз мо одати аҷибе дошт — кам мехӯрду ҳар дам мехӯрд. Масалан, агар мо рӯзе се бор наҳор мекардем, вай шаш бор. Ин гуна тартиботро дар хона риоя кардан мумкин аст, аммо дар сафар душвор!

Як пагоҳ субҳонаро хӯрда, ба тамошои дарёи зебои Панҷ рафтем. Хеле ҷоҳои хушманзарaро тамошо кардем, дар охир таклиф шуд, ки завраксаворӣ кунем. Ҳамаи мо розӣ шудем, танҳо рафиқи мо ба соаташ нигоҳ карда пурсид:

— Вақти бисёр намегирифтагист?

Роҳбалади мо «аз бист дақиқа зиёд не» гуфт. Рафиқи мо розӣ шуд ва ба ман чашмак зада, оҳиста гуфт:

— Шиками лаънатӣ нағора навохта истодааст. Хайр, бист дақиқа бошад гапе не...

Ноомади корро бинед, ки якбора дар байни дарё мотори заврақ аз кор монд. Моторист ба таъмири он сар кард.

Рафиқи мо тоқат бетоқат мешуд. Ба соаташ нигоҳ карда фарёд кашид:

— Бачаҳо, боз агар ним соати дигар дар ин ҷо монем, чармҳои завракро канда-канда нӯши ҷон мекунам.

Ҳамроҳонам аз ин суханонаш завқ бурда хандиданду «Вай шӯхӣ мекунад» гуфтанд. Вале маро даҳшат зер кард, дар нигоҳаш аз шӯхӣ аломате набуд,— Деҳотӣ ба қафо, ба он тарафи ҳамсӯҳбати мо рафта истода

нигоҳ карда суханашро давом дод,— ин кас ҳам эҳтимол аз он касонест, ки рӯзе то се-чор бор палави равғанин мехӯранд. Ман аминам, ки агар байни ин ду-се рӯз палав нахӯрад, путёвкаро пора карда, гашта ба Сталинобод меравад...

То ба дараҷае саргарми сӯҳбат будем, ки якбора худро дар баландии «Красное солнышко» дидем ва баробар ба якдигар нигариста хандидем.

— Ҳеҷ гап не,— тасалло дод Деҳотӣ,— сайр ҳам сайру саргардонӣ ҳам сайр, гуфтаанд, каме ин ҷо дам гирифта, гашта ба «Храм воздуха» меравем.

Вақте ки ба ошхонаи «Храм воздуха» наздик омадем, воқеаи аҷибе дидем. Ҳамон шахси муштоқи палав пул мешумурд ва ошпази корҷомаи сафедпӯши сиёҳбуруте дар паҳлуи ӯ меистод.

Деҳотӣ ботантана гуфт:

— Нагуфтам, ин гуна одамҳо агар рӯзе ду бор палав нахӯранд, мазаашон меравад!

— Ҷисман чӣ? — пурсидам ман.

— Палавхӯрҳо ҷонсахтанд!

Вақте ки ба ресторан дохил шудем, ба истиқболи мо мӯйсафеди хандонрӯ аз ҷо хест. Дӯсти деринаи мо Нерсесян. Якдигарро оғӯш карда, бӯсидем, аҳволпурсӣ кардем.

— Ман,— гуфт вай,— ба санатория рафта шуморо пурсидам, яке гуфт, ки ба тарафи «Храм воздуха» рафтанд. Дар роҳ шуморо дидам, бо ҳамшаҳриҳои худ саргарми сӯҳбат будед. Ҳалал нарасонда рост ба ин ҷо омадам, ҳам барои шумо ва ҳам барои худ ҷо банд кардам.

Нерсесян аз арманиҳои форсизабонест, ки дар солҳои 30-юм дар Коминтерн кор мекард. Дар соли 1930 дар ҳайати комиссияи Коминтерн бо роҳбарии Домбол ба Тоҷикистон омад. Дар ин ҷо аъзоёни комиссия ба ду гурӯҳ тақсим шуданд. Гурӯҳи якумро худи Домбол ва гурӯҳи дуюмро, ки ба тарафи Қаротегин мерафт, Нерсесян сардорӣ мекард. Ман ҳам дар ҳайати гурӯҳи дуюм будам ва дар ҳамон ҷо бори аввал бо нависандаи соҳибистеъдоди поляк Бруно Ясенский вохӯрда будам.

Баъдтар мувофиқи хоҳиши Комитети Марказии Партияи Коммунистии Тоҷикистон Нерсесян ба Тоҷикистон омад. То солҳои охир дар корҳои партиявӣ ва хоҷагии республика фаъолона иштирок дошт. Ба наздикӣ ба нафақа баромадааст.



Ин марди хоксору фозил инчунин адабиётдӯст ва адабиётшинос аст. Осори классикҳои форсу тоҷик ва фольклори Эронро хуб медонад, ҳамнишин ва ҳамсӯҳбати аҳли адаб аст. Абдусалом Деҳотиро гули сари сабади дӯстони наздики худ мешумурд. Дар солҳои охир, Нерсесян дар Панҷакент кор мекард ва барои ҳамин ҳам кайҳо боз муштоқи дидори якдигар будем ва ин дидорбинӣ боиси хурсандии ҳар сеи мо гардид.

— Шаб,— гуфт Нерсесян,— аз рафиқе фаҳмидам, ки Деҳотии Зарафшонӣ ва Мири Бадахшонӣ дар санаторияи ба номи Орҷоникидзе кайфу сафо доранд ва машғули шеъргӯӣ ва достоннависианд. Фикр кардам, ки равам ба наздашон, ё наравам? Мабодо ба кори эҷодиатон халал расонам ва қарор додам, ки наравам. Лекин якбора ин суханони пири дилогоҳ — Рӯдакӣ маро раҳнамо шуда ба назди шумо оварданд.

> Ҳеҷ шодӣ нест андар ин ҷаҳон
> Бартар аз дидори рӯи дӯстон
> Ҳеҷ талхӣ нест бар дил талхтар
> Аз фироқи дӯстони пурҳунар.

Нерсесян қадаҳҳоро пур карда ба назди мо гузошт ва ҷоми худро бардошта ин байти Ҳофизро хонд:

> Бидеҳ соқӣ маи боқӣ ки дар ҷаннат нахоҳӣ ёфт
> Қанори оби Рукнободу гулгашти Мусаллоро.

— Қанори оби Рукнободу гулгашти Мусалло бояд беҳтарин ва хушманзаратарин ҷойҳои Шероз бошанд? — пурсид Деҳотӣ.

— На хайр! — гуфт Нерсесян,— ман он ҷоҳоро на як бору ду бор, борҳо дидаам. Рукнобод ҳатто аз оби Рӯдак ҳам камтар аст. Ба назди шоир сари таъзим фаровардан лозим аст, ки бо як байт як чизи ночизро ба ҷаҳон машҳур кардааст. Соҳиби ин гуна истеъдоду лаёқат шудан бахт аст.

— Истеъдод, лаёқат ва муҳаббат! — илова кардам ман,— вақте ки ба Маҷнун гуфтанд, чаро ба духтаре дилбастаӣ, ки на ҳусн дораду на назокат? Вай оромона гуфтааст — бо чашмони ман нигаредаш! Ҳама вобаста ба чашмони дили шоир аст!

— Ба ғайр аз ҳамаи он чизе ки шумо мегӯед, масъулият ҳам даркор,— хотирнишон кард Деҳотӣ.

— Агар муҳаббату садоқат набошад, масъулият ҳеҷ аст.

— Танқиду худтанқидкунӣ сар шуд, гӯед,— хандида гуфт Нерсесян.

— Мо аз дина боз мунозира дорем,— шарҳ дод Деҳотӣ.— Дина бо Миршакар сабӯҳӣ доштем.

— Дар ин ҷо ё дар «Красное солнышко»? — пурсид Нерсесян.

— Рӯи айвончаи хобгоҳамон,— ҷавоб дод Деҳотӣ.

— Бале, ба мардуми шоир, ҳатто қоидаю тартиботи санатория ҳам дахл надорад. Гӯё қонун на барои онҳо навишта шудааст,— гуфт ҳазломез Нерсесян ва ба Деҳотӣ нигоҳ карда, узрхоҳӣ кард: — Наранҷед, ман шӯхӣ кардам. Сабӯҳӣ кайфи махсусе дорад.

— Лекин, Миршакар бо дағалии худ кайфи махсуси сабӯҳиро ба ҳайфи махсус табдил дод,— гуфт норозиёна Деҳотӣ.

Нерсесян суоломез ба ман нигарист. Ман хостам чизе гӯям, вале Деҳотӣ аз нав ба сухан даромад.

— Нӯшидем... ашӯла кардем, баъд сухан аз шоиронии ҷавон ба миён омад.

— Қори хубе. Ҷавонон ҷонишинони шумо ҳастанд. Барои дуруст тарбия кардани онҳо пеш аз ҳама шумо масъул ҳастед,— гуфт Нерсесян.

— Ана ман ҳам,— гапи ӯро тасдиқ карда гуфт Деҳотӣ,— ҳаминро мегӯям. Модоме ки онҳо моро устоди худ мехонанд, ба суханони мо бояд эътибор диҳанд. Дар олами назм худсарӣ накунанд. Ҷавонон бошанд ба шумо «ҳа, ҳа» мегӯянду худашон мехостагиашонро кардан мегиранд.

— Ин хуб нест! — розӣ шуд Нерсесян.

— Лекин Миршакар онҳоро тарафдорӣ мекунад,— ба ҷӯш омад Деҳотӣ.

— Ба ту чӣ шуд, Мири Бадахшонӣ? — пурсид Нерсесян ва рӯ ба Деҳотӣ гардонда бо шӯхӣ гуфт: — Миршакар дар солҳои сӣ, ки бори аввал якдигарро дида будем, ҷавонаки камгапе буд, ба сад суол базӯр як ҷавоб мегардонд. Ба фикрам, мансаб ӯро вайрон кардааст.

Ҳар се хандидем, барои тасдиқи фикрам мисоли кашоле овардам.

— Атрофи деҳаи хурди маро, ки иборат аз 5—6 хонавода буд, қалъаҳои вайронае иҳота кардаанд. Қасе хабар надорад, ки онҳо кай ва бо дасти кӣ сохта, кай



ва бо дасти кӣ вайрон шудаанд. Ҳамин қадарашро медонанд, ки ҳар яки онҳо замоне ошёнаи азобу ситам будаанд.

Дар хурдӣ аз модаркалонам шунида будам, ки агар шабҳо касе аз паҳлуи ин харобазор гузарад, аз як тараф садои нолаи канизону ғуломон ба гӯш мерасад, аз тарафи дигар садои базму шодии хӯҷаинҳо. Аз модаркалонам хоҳиш кардам, ки ягон шаб маро ба он ҷо барад, лекин вай бо даҳшат таъкид кард, ки ин кор асло мумкин нест ва ин фикрро як умр аз сарам барорам, набошад арвоҳон ба ғазаб омада деҳаи бе он ҳам қашшоқи моро ба фалокат дучор мегардонанд.

Бо вуҷуди ин таъкидҳои даҳшатангез як шаб, вақте ки тамоми деҳа хобида буд, аз ҷои хобам хестаму либосамро пӯшида, хап-хапак ба он ҷо рафтам. Даме истода гӯш кардам, дар ҳама ҷо хомӯшӣ ҳукмфармо буд. На нолаи ғуломонро шунидаму на садои базми шоҳонро...

— Хулоса? — пурсид Деҳотӣ.

— Хулоса ҳамин, ки,— ҷавоб додам ман,— яке аз хислатҳои хуби ҷавонӣ ҷӯяндагӣ ва кунҷковист. Ҷавонон ҳатто ба гӯши худ бовар надоранд. Мехоҳанд бо чашми худ бинанд ва бо дасти худ санҷанд. Мехоҳанд он чизе, ки устодони онҳо ёфта натавонистанд, дар ҷустуҷӯй ба даст дароранд.

Аз афташ, фикри ман ба Деҳотӣ писанд наомад.

— Намедонам,— гуфт,— кӣ ҳаққу кӣ ноҳақ. Ҳамин қадарашро медонам, ки ман ҳам ҷавон будам, ҷӯяндаю кунҷков будам. Лекин ба суханони устоди мӯҳтарам Айнӣ ҳам гӯшаму ҳам ҳушаму ҳам дастонам боварӣ доштанд. Он чизе ки аз забони устод мешунидам, эҳтиёҷи «бо чашм дидану бо даст санҷидан надошт».

Нерсесян бетоқат шуда:

— Бародарон,— гуфт,— ин ҷо на маҷлиси нависандагон аст, на пленуми коркунони эҷодӣ! Ин ҷо истироҳатгоҳ аст ва хоҳишмандам фаромӯш накунед, ки шумо барои истироҳат омадаед, бар дигараш салавот гӯед.

— Аз гап гап баромад! — гуфт Деҳотӣ.

— Умуман,— гуфт ҳазломез Нерсесян,— агар маро ба раисии Совети Олӣ интихоб мекарданд, аввалин қонуне ки мебаровардам, дар бораи нависандагон мебуд. Дар он махсусан қайд мекардам, ки нависандагон дар вақти кор як ҷо ва дар вақти истироҳат ҷудо-ҷудо бошанд. Набошад истироҳаташон барбод меравад...

— Тақдири мо аз аввал ҳамин будааст,— гуфт Деҳотӣ.

Аз шашликхӯриҳо ва ҳар замон нафаси вазнин кашиданҳои Деҳотӣ аён буд, ки вай ҳоло озурда аст. Нерсесян чанд латифаи эронию арманӣ гуфт, лекин суде набахшид. Баъд қадаҳро ба наздаш монда ин байтро хонд:

Шоир, ту дӯш доғи сабӯҳӣ кашидаӣ,
Мо он шақоиқем, ки бо доғ зодаем!

ва хоҳиш намуд, ки нӯшем.

Деҳотӣ мисраи дуюмро мадкашон такрор кард ва «шайтон медонад!» гуфту қадаҳро бардошт.

Ҳар се берун баромадем, қад-қади роҳ равон шудем. Якбора садои замзамаи Деҳотӣ баланд шуд:

Ту мапиндор, ки ғам аз дили маҳзун наравад,
Оташи ишқ ба ҷон афтаду берун наравад!

Барои чӣ бошад, ки Деҳотӣ ин дафъа ин байтро бо лаҳҷаи имрӯзаи эронӣ замзама кард!

Нерсесян ба сӯям чашмак зада гуфт:

— Аз афташ, ягон духтар ӯро ранҷондааст.

— Кӣ медонад? — худро ба нодонӣ зада гуфтам ман.

Банохост, дуртар аз ресторан қозеро дидем, ки даруни лой бо як пой истодааст. Ман дарҳол бо овози баланд «ин қоз аз афташ галошашро партофтааст!» гуфтам.

Деҳотӣ завқ бурда хандид. Нерсесян ҳайрон шуда монд.

...Дар солҳои сӣ нависандагони ҷавони тоҷик ҳазорҳунара буданд. Ин бесабаб набуд. Одами саводнок ба чашм тӯтиё буд. Бинобар он ба мо лозим омад, ки ҳам шеър нависем, ҳам ҳикоя, ҳам хабар, ҳам мақола, ҳам мухбир бошему ҳам муҳаррир, ҳам дарс диҳему ҳам дарсхон бошем. Ба колхозҳою фабрикаҳо рафта дар байни коргарону колхозчиён хондани шеър ё ҳикояамонро барои худ мукофоти олӣ медонистем.

Албатта, мо танҳо набудем. Нависандагони калонсол ҳам дар ин чорабиниҳо фаъолона иштирок мекарданд. Фаъолтарини онҳо Суҳайлӣ Ҷавҳаризода буд. Дар он солҳое ки дар назди газетаи «Комсомоли Тоҷикистон» маҳфили нависандагони комсомолӣ ташкил шуда буд ва аъзои ин иттиҳодия барои «назми нав» мубориза мебурданд, на ҳамаи шоирони калонсол моро хайрхоҳу тарафдор буданд. Лекин Суҳайлӣ Ҷавҳаризода бо тамоми ҳастии худ тарафдори ҷавонон буд. Дар давоми чандин сол идораҳои газетаю журналҳо ва Иттифоқи нависандагон шеърҳои навқаламонро барои маслиҳат ба ӯ мефиристоданд.

Суҳайлӣ шеърҳои ҷавононро мехонд, таҳлил мекард ва ба муаллифонашон маслиҳатномаҳо менавишт.

Суҳайлӣ ба саломатӣ ва синнусолаш нигоҳ накарда, ҳатто дар рӯзҳои барфу борон ҳам бо мо савораю пиёда ба мактабҳо, корхона ва колхозҳо мерафт, баромад мекард, шеърҳои нави худро мехонд.

Дар яке аз рӯзҳои тирамоҳ ба колхози ба номи Лоҳутӣ рафтем. Суҳайлӣ ҳамроҳи мо буд. Дар колхоз ба ду гурӯҳ тақсим шудем. Вазифаи мо ба ғайр аз шеърхонӣ, инчунин дар бораи интихобот ва вазифаи интихобкунандагон сӯҳбат гузарондан буд.

Вақте ки баъд аз иҷрои вазифа ба тарафи идораи колхоз меомадем, Суҳайлиро дидем, ки даруни лой ба як по истода аз ҳамроҳонаш, ки аз тарафи дигар меомаданд, хоҳиш мекард, ки галошашро аз даҳони саг гирифта ба ӯ диҳанд.

Баъд фаҳмидем, ки устод пеш-пеш мерафтааст, дигарон бо кадом сабабе аз ӯ ақиб мондаанд. Дар ин асно саге ҳамла мекунад, устод илоҷи дигаре наёфта, галошашро кашида, барои тарсондан ба тарафи саг ҳаво медиҳад. Саг галошро дошта мехояд...

Нерсесян ин ҳикояро шунида:

— Чӣ рӯзҳои аҷибе буданд,— гуфт ва ба ман рӯ оварда пурсид: — Дар ёд дорӣ, чӣ тавр Бруно Ясенский айнакашро гум карда буд? Ба дӯстонат ҳикоя накардаӣ?

— Ягон рӯз ҳикоя мекунам,— ваъда додам ман.

## АҶАБ КОМИССИЯҲОЕ БУДАНД

Деҳотӣ хандакунон дохили ҳуҷра шуд. Сабаб пурсидам, гуфт:

— Бо яке аз «аъзои комиссияи номмонӣ»-и солҳои ҷиҳилум вохӯрдам.

Мақсадашро нафаҳмидам.

— Дарбони мӯйсафед маро дида «рафиқ Дихкотӣ гуфт, ба шумо мактуб ҳаст!». Ман мактубро гирифта пурсидам: — «Шумо амакӣ, ягон бор узви комиссияи номмонӣ» набудед? Мӯйсафед китфҳояшро ҷунбонда чизе нагуфт.

...Дар солҳои ҷиҳилум дар Душанбе як қатор комиссияҳои ихтиёрию ҷамъиятӣ ташкил шуда буданд, онҳо дар назди худ вазифаҳои ислоҳот даровардан ба забони адабӣ ва урфу одату анъанаи миллиро гузошта буданд. Барои пурмазмун кардан ва ривоҷ додани одатҳои нек ва анъанаҳои ҳуби миллӣ фикрҳои хубе пешниҳод карданд. Лекин дар баробари ин дар кори онҳо қаҷравиҳо ҳам кам набуданд.

Тоҷикон то революция фамилия надоштанд. Баъд аз революция ҳаёт талаб кард, ки ҳама соҳиби фамилия бошанд. Ҳамаи мо ба номи падарҳои худ «ов» ва «ев» илова намуда, онро ба худ фамилияи қонунӣ эълон кардем. Баъзеҳо ба ҷои «ов» ва «ев» «зода» ва «ӣ»-и қадимиро интихоб карданд. То соли 1940 ба ин ҳеҷ кас аҳамият намедод. Вале якбора дар баробари комиссияи зикршуда комиссияҳои «оид ба номмонӣ» таъсис ёфт.

Программаи ин комиссия хело ҳам васеъ ва иҷронопазир буд. Аз рӯи он тамоми ному номи падару фамилияҳое, ки мазмуни динӣ доранд (Худоёр, Худодод, Раҳим, Рауф...) ё одами озодро «таҳқир» мекунанд (Ғулом, Гадо, Хоркаш, Пахол...) бояд дигар карда мешуданд. Ҳатто Раиси Президиуми Совети Олии онвақта Шоҳгадоев ҳам мебоист фамилияашро дигар мекард.

«Ислоҳотчиён» гумон мекарданд, ки агар ному фамилияи одамон тағьир ёбад, шуурашон ҳам тағьир меёбад, урфу одатҳои боқимондаи феодалӣ ба осонӣ аз миён меравад. Инчунин таклиф шуд, ки дар охири фамилияҳо часпакҳои «зода» ва «ӣ» кор фармуда нашаванд, чунки онҳо гӯё динианд ва хоси мусулмонон мебошанд. Дар асл ин тавр нест. Аксарияти индонезиягиҳо ва қисми хитоиҳо мусулмонанд. Лекин ному фамилияашон тамоман дигар аст. Часпаки «зода» ва «ӣ» асосан барои мардуми форс ва туркизабонҳо хос аст. Бо ин тамом шудани фамилия шуури соҳиби онро муайян карда наметавонад. Имрӯз фамилияи 99 фоизи рӯҳониёни Тоҷикистон дар охир «ов» ва «ев» дорад, вале ин барои диндории онҳо халал намерасонад.

«Ислоҳотчиён» ба хулосаҳои худфиребонаашон бо-



вар доштанд. Барои ин ҳам бо Турсунзода, Ҳусейнзода, Деҳотӣ, Раҳимӣ сӯҳбати махсус гузаронидани буданд.

Ба ман маслиҳат доданд, ки дар бораи зарурати дигар кардани ном ва фамилияи гражданҳои Тоҷикистон мақолае нависам ва ташаббускор шуда номи худ ва номи падарамро дигар кунам!

Дар маҷлисе суол афтид, ки аз рӯи талаб қариб 99 фоизи номҳо бояд дигар шаванд, яъне 99 фоизи аҳолӣ бояд паспорти нав гирад, коммунистон ва комсомолон ва аъзои иттифоқи касаба билетҳояшон, олимон дипломҳояшонро ва ордендорон китобчаҳои ордену медальҳояшонро иваз кунад. Ҳамаи ин ташвиши зиёде ва хароҷоти калоне металабад.

Яке аз аъзои комиссия оромакак ҷавоб дод, ки ҳамаи ин хароҷот ба манфиати халқ мебошад.

Қор ба ҷое расид, ки як рӯз ҳамроҳи Мирзо Турсунзода ба назди Бобоҷон Ғафуров, ки дар Комитети Марказии Партияи Коммунистии Тоҷикистон кор мекард, рафтем ва гуфтем, ки мудохилаи таъҷилии шумо даркор аст, набошад фамилияи шумо ҳам дигар шуданаш мумкин аст, чунки Ғафуров яке аз номҳои худованди ҳаждаҳ ҳазори олам буд...

Онҳоеро ки барои забони адабии тоҷикро ба халқ наздик кардан роҳи дигаре наёфта, забонро камбағал кардани шудаанд, инчунин ба Комитети Марказӣ даъват карда пурсиданд:

— Асосгузори забони адабии рус кӣ буд?

— Александр Сергеевич Пушкин.

— Пас ҷаро шумо бо устодони сухан Айнию Лоҳутӣ маслиҳат намекунед?

— Онҳо гапи моро гӯш кардан ҳам намехоҳанд...

Маданияти тоҷик замоне яке аз гулҳои сари сабади маданияти ҷаҳон буд. Дар натиҷаи тохтутози истилогарони хориҷӣ давлати тоҷикон сарнагун ва маданияти он бо мурури замон аз равнақу ривоҷ монд. Халқ — посбони маданият танҳо он ҳиссаи онро нигоҳ дошта тавонист, ки барои рӯзгораш ниҳоят зарур ва муҳим буд ва барои ин мо халқро гунаҳкор карда наметавонем. Баръакс ба халқ сари таъзим фаровардан лозим аст, ки дар давоми ҳазор соли маҳрумият ва беҳуқуқӣ решаи маданияти худро хушк ва забони худро гум накард.

Ҳоло ки Революцияи Кабири Социалистии Октябрь

## МАШЪАЛИ ИНҚИЛОБ

*Дар ҷабҳаи мубориза умрам тамом шуд,*
*Даврони теғу оташу хун буд замони ман.*

*АБУЛҚОСИМ ЛОҲУТӢ.*

Апрели соли 1978. Радио аз Инқилоби Саври Афғонистон хабар дод. Он рӯзҳо овози Аҳмад Зоҳир ҳар дам ба гӯшам мерасид, ки мехонд: «Бандагӣ гар шарт бошад, зиндагӣ даркор нест». Ин мисраъ аз шеъри машҳури шоири инқилобӣ Лоҳутист, ки соли 1930 навишта шудааст.

Гул-гул мешукуфтам. Охир, ман шарики ғаму шодии халқе ҳастам, ки нону намаки онро чашидаам.

Аз ҳамаи он чизе ки аз ниёгон ба мо расидааст, муқаддастар оташ аст. Лекин бо як оташи ҳазорсола роҳи ояндаро фурӯзон кардан имконнопазир аст. Бо вуҷуди он бе оташи ҳазорсола дур бенур мегардад. Ҳанӯз Саъдии бузург огоҳ карда буд, ки «Гирам падари ту буд фозил, аз фазли падар туро чӣ ҳосил?». Ҳазорсолаи Рӯдакии бузургро бо иштироки аҳли фазли ҳамсояҳои хориҷии худ бо тантана ҷашн гирифтем. Он чароғе, ки Рӯдакӣ барои равшан кардани шаби Шарқ афрӯхта буд, Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ ва Мирзо Турсунзода ба машъали дурахшоне табдил доданд. Имрӯз умеду орзуи ҳар яки мо он аст, ки ҷавонони соҳибқалам анъанаи арбобони адабиёти классикӣ ва советии тоҷикро ғанитар хоҳанд кард. Мо интернационалист, дӯст, бародар ва хайрхоҳи халқҳои тараққипарвари дунё ҳастем. Ҳар чи хубу зебо дорем, аз онҳо пинҳон намекунем ва дар айни ҳол аз хубу зебои онҳо рӯ намегардонем.



Бо ин фикру хаёл ба зиёрати мақбараи дӯст, бародар ва устодам Мирзо Турсунзода равон шудам.

Дар пеши мақбара Мирзо Турсунзода рӯ ба рӯям ҷилвагар шуд.

— Мирзоҷони азиз, дар ёд доред, ки чанд сол муқаддам ҳамроҳи Боқӣ Раҳимзода, Мӯъмин Қаноат дар чойхонаи дилкушои сари роҳи Варзоб бо меҳмони худ, шоири нуктасанҷи афғон Сулаймон Лоиқ нишаста, чои кабуд нӯшида, латифа мегуфтем, шеър хонда, сӯҳбат мекардем. Байни сӯҳбат меҳмони мо дарди дилашро кушод. Шумо, гуфт, дӯстон ва ҳамсоягони умедбахши мо ҳастед. Аз як дарё об мехӯрем ва бо як забон сухан мекунем. Охир, инро ман нагуфтаам, Саъдии бузург фармудааст, ки «Чу узве ба дард оварад рӯзгор, дигар узвҳоро намонад қарор. Рост аст, ки Афғонистони сиёҳбахт рӯз ба рӯз бадбахттар шуда истодааст. Лекин мо дар гирдоби ноумедӣ ғарқ нашудаем. Мардум бедор шуда, паи таъмири ин вайрона меъморе ҷустуҷӯ дорад...»

Дӯстам Мирзо, шоир Сулаймон Лоиқ хато накард. Меъмор ёфт шуд ва ба таъмири Афғонистон сар кард ва хурсандибахш он аст, ки шеъри «Бандагӣ даркор нест»-и шоири тоҷик Лоҳутӣ суруди мардуми инқилобии Афғонистон шудааст.

Дар бозгашт танҳо будам. Лекин танҳо буданамро ҳис намекардам. Ба ман чунин менамуд, ки Лоҳутӣ бо ман аст ва ман хотироти солҳои гуногунамро ҳикоя мекардам ва ӯ бо завқе гӯш медод.

* * *

Поршневи хушманзара, ки як тарафи соҳили Панҷи нооромро бо боғоти сермева дар оғӯш кашидааст, шоҳроҳи Хоруғу Душанбе аз байни он мегузарад. Корвонҳо, почтакашҳо, одамони расмӣ, ки аз Душанбе меомаданд, дар ҳамин ҷо, дар сари чашмаи Шоҳносири Хусрав дам мегирифтанд. Мусофирон дар ҳамин ҷо хоҳу ноҳоҳ аз дида ва шунидаҳои худ ҳикоятҳо мекарданд. Дар ин ҷо хабар паҳн шуда буд, ки дар ҷамоати мо мактаби аввалини советӣ барои фарзандони коргару деҳқон кушода мешавад. Баъди чанде мактаб кушода шуд ва дар ҳақиқат ҳам барои фарзандони коргару деҳқон.

...Муаллими мо Назарбек аз одамони оддӣ буд. Лекин фозил, шоир ва адабиётдӯст буд. Ҳар боре ба Хо-

руг мерафт, дар бозгашт барои мо китоби шеърҳои нав меоварду меомӯзонд. Мо онҳоро хонда ёд мекардем, дар мактаб, кӯча ва тӯйҳо месурудем. Лекин ин дафъа муаллими мо ба бинои мактаб дохил шуда, пеш аз оғози дарс китобе ба мо нишон дода гуфт, ки номи он «Адабиёти сурх» аст ва муаллифи он шоири инқилобии Шарқ Абулқосим Лоҳутист.

— Имсол,— суханашро давом дод охунд,— Якуми Май дар майдони калони ҷамоаи мо гузаронда мешавад. Ба ҷашн аз тамоми қишлоқҳои дуру наздик, ҳатто аз қишлоқҳои Афғонистони ҳамсоя бузкашон, гӯштигирон, ҳофизону раққосон ва тамошобинон меоянд, ҳунарнамоӣ мекунанд. Ба мо, мактаббачагон, супориш шудааст, ки гули сари сабади ин базму тантана бошем. Дар баробари рақсу шамшербозиву аспактозиву гӯштигирӣ аз рӯи ин китоб сурудҳои инқилобӣ хонем ва чунон хонем, ки замину замон ба ларза дарояд.

...Якуми Май! Саҳари барвакт, пеш аз тулӯи хуршедӣ оламафрӯз роҳи мактабро пеш гирифтем. Роҳи калон пур аз саворону пиёда буд, ки аз ду тарафи он ба сӯи майдон мешитофтанд. Майдони кабудро байроқҳои сурх, шиорҳои рангоранг зеботар менамуданд.

...Дар майдони идона вақте ки ҷои худро ишғол кардем, таваҷҷӯҳи меҳмонон ба сӯи мо ҷалб шуд, нигоҳи мо бошад, ба сурати В. И. Ленин дӯхта шуда буд, ки аз минбар бо мо менигарист.

...Ҳангоми сурудхонӣ махсусан меҳмонони афғонӣ, ки асосан деҳқонони камбағалу бенаво буданд, ба мо наздиктар меомаданд ва бо иштиёқ хониши моро гӯш мекарданд. Вақте ки дар охири яке аз сурудҳо «Туро чун нест эҳсосоти Лоҳутӣ, ғами заҳматкашони хоки Эронро чӣ медонӣ»-ро хондем, фарёд кашиданд: — «Ғами заҳматкашони хоки афғонро чӣ медонӣ». Мӯйсафедон бо овози баланд гиря мекарданд, бо фаши салла ашкашонро пок карда, омада, бо миннатдорӣ аз пешонии мо мебӯсиданд ва «офтоби бахти шумо ҳамеша дурахшон бод!» — мегуфтанд. Ҷавонмарди афғоне, ки бар тан либоси аврупоӣ дошт, назди муаллими мо омада, китоби ғазалиёти Лоҳутиро аз дасташ гирифта варақ зад ва ба ваҷд омада, хоҳиш кард, ки онро ба ӯ ҳадя кунад. Муаллим суоломез ба корманди маорифи вилоят Зиннатшоев нигоҳ кард, вай бо ишора розигӣ дод. Ҷавонмарди афғон китобро гирифта, бӯсакунон дар бағалаш пинҳон кард ва дар ҷои аввалааш нишаст. Ростӣ,



ки барои аз даст рафтани китоби дӯстдоштаам қариб буд, ки гиря кунам. Охир, ман кай медонистам, ки баъди чандин сол ин китобро дар дасти мардуми инқилобии Афғонистон хоҳам дид.

* * *

...Дар яке аз тӯйҳо, ки дар он ҳатто эшони бонуфузе иштирок дошт ва муаллими мо дар паҳлӯяш нишаста буд, мо мактаббачагон, ҳунарнамоӣ мекардем. Дар он солҳо дар мактаб, кӯчаҳо базму тӯйҳо сурудҳои замонавӣ хондан ва аз булҳавасӣ, балки аз рӯи супориши ташкилотҳои идеологии вилоят буд. Вақте ки ба тӯй ҳозир шудем, моро бо қарсак пешвоз гирифтанд. Ҳатто эшон бо табассуми сохта чапак зад.

Баъд аз сурудхонии умумӣ навбати ман расид. Ба пеш қадам ниҳода, яке аз шеърҳои Лоҳутиро, ки аз китоби «Адабиёти сурх» аз бар карда будам, иншод кардан гирифтам:

Доро, ки шавад хаста зи осеби саворӣ
Даҳ духтари гулчеҳра бимоланд танашро.
Муздур, ки неъматдеҳи дорост чу мирад
Даҳ рӯз касе нест, ки дӯзад кафанашро.

Дар давоми хониш ба сӯи эшон яке бо ғазаб, дигаре бо ҳайрат менигарист, сеюмӣ бо киноя. Муаллими мо бетоқат шуда, аз ҷояш хестанӣ шуд, аммо эшон бо даст ишора кард, ки шинад. Хониш ба охир расид. Ҳозирон қарсак заданд. Эшон ҳам қарсак заданӣ буд, аммо дастонаш ёрӣ надоданд... Ман, ки иншодкунанда будам, таъзимкунон худро қафо кашидам. Баъд аз хаёлоти дуру дароз эшон бо ишораи ангушт маро ба назди худ даъват кард. Ман ба муаллим нигаристам, вай бо сарҷунбонӣ иҷоза дод. Ба назди эшон омада бо овози бурро «ассалому алейкум» гуфтам. Нигоҳи ҳозирон ба сӯи мо ҷалб буд. Ҳама, хурду калон, фаҳмиданӣ буданд, ки дасти эшонро мебӯсам ё не. Ҳол он, ки муаллими мо навакак бо таъзим дасти ӯро бӯсида буд. Дар айни ҳол интизори дасти эшон будам. Эшон дасти лоғарашро ба сӯям дароз кард, ки бӯсам. Лекин ман чун узви комсомол набӯсидам. Дасташро гирифта фишурдам. Хандаи умумӣ. Ин корам, ки ба эшон ҳам ғайричашмдошт буд, писанд афтид, ки қоҳ-қоҳзанон хандид. Муаллими мо аз ҳама охир хандид. Эшон пурсид:

— Ту ҳамон бачаи хушхат нестӣ, ки ба хонаи ман барои озуқа омада будӣ?
— Бале,— ҷавоб додам ман.
— Ман туро шинохтам. Ҳусни хати хубе дорӣ. Хостам, ки бароят мукофот диҳам, лекин фурсат нашуд. Шунидам, ки бародарам Шоҳзода Муҳаммад ба ту мукофот додааст? Рост мегӯям?
— Бале, китоби Носири Хусравро.
— Пири Шоҳ Носири Хусравро,— дарҳол ислоҳ кард эшон ва пурсид:
— Ин шеърро ҳам, ки ҳозир қироат кардӣ, Шоҳзода Муҳаммад ба ту ёд дод?
— Ин шеъри Абулқосими Лоҳутист! — гуфтам ман.
— Абулқосим Лоҳутӣ?
...Якбора эшон мулоим шуд ва ба ман «фотеҳа» дод:
— Айбе нест... шеърҳои Лоҳутиро хондан гир...

* * *

...Душанбе. Дар мактаби партиявию советӣ мехондам. Гоҳ-гоҳ ба газетаҳои республикавӣ шеъру хабар ҳам менавиштам. Рӯзе дар идораи газетаи «Тоҷикистони сурх» тасодуфан бо Лоҳутӣ, ки дар он рӯзҳо муҳаррири газета буд, вохӯрдам. Қори аҷибе. Охир, бо ин шахс дар кӯчаҳо ду — се бор вохӯрда будам. Аз рӯи одоб салом дода мегузаштам. Аммо Лоҳутӣ буданашро намедонистам. Як ҳафта пеш дар магазини «Ӯзбекторг» ӯро дида будам. Ду нафар деҳқон дар магазин молҳои саноатиро тамошо мекарданд. Он шахси мӯътабар наздашон рафта салом дода, дасташонро фишурда пурсид, ки чиро хариданиед? Яке аз онҳо: «эҳ соҳиб,— гуфт,— ҳардуи мо аз ҷои дуре омадаем, хостем, ки барои фарзандони худ, ки хонадорашон карданием, ягон чиз бихарем. Лекин дирӯз дар чойхона кисабурҳо кисаҳои моро бурида, пуламонро дуздида гурехтанд».
— Аз ин магазин чиро хариданӣ будед? — пурсид он шахс.— «Мана, ҳамин мӯзаҳову ана, ҳамон шоли гулдорро». Он шахс «ҳеҷ гапе набудаст» — гуфта, ба магазинчӣ пул дода, шоли гулдору мӯзаҳоро харида, ба он ду нафар деҳқон бахшид ва дасти ононро фишурда, «афсӯс, ки,— гуфт,— ба тӯи фарзандонатон рафта наметавонам, лекин ин шолу мӯзаро чун тӯёна аз ман қабул кунед»... Ду рӯз пас аз он дар чорбоғ, ки ҳоло боғи маданияту истироҳати ба номи Ленин ном дорад, тарбиягирандагони ятимхонаи шаҳрӣ, ки дар он ҷо сайру гашт доштанд, чун он шахси мӯътабарро диданд, падар гӯён гирду атрофашро печонданд. Он шахс ба навбат онҳоро мебӯсид ва падарона аҳволпурсӣ мекард. Шахси дигаре, ки дуртар нишаста буд, ин ҳолро дида, бо овози баланде «ҳасад мебарам, ки ин қадар писарони шӯху шанг доред» гуфту омада аз киссааш конфет бароварда, ба онҳо тақсим кардан гирифт. Шахси мӯътабар бо ҳасрат гуфт, ки «ҳам хушбахтаму ҳам сияҳбахт. Солхое буд, сардори дастаҳои ихтиёриёне будам, ки бар зидди зархаридони империалистӣ меҷангиданд. Ҷанг бе қурбонӣ намешавад. Инҳо фарзандони онхое ҳастанд, ки ҷону ҷигари ман буданд ва барои республикаи ҷавони худ қурбон шуданд. Дар байни инҳо касоне ҳастанд, ки хору зор, гушнаву ташна дар кӯчаҳо мегаштанду гадоӣ мекарданд. Ҳамроҳи Нисор Муҳаммад онҳоро ба ятимхона овардем. «Инро гуфта он шахс бо чеҳраи хандон ба бачагон рӯ оварда пурсид: — «Нурҳои чашмони ман, ятимхона хуб аст?». Бачагон бо як овоз «хуб аст!» гуфтанд. Росташ, ки ба ин шахс дар худи ҳамон вақт муҳаббат пайдо карда будам, лекин Лоҳутӣ буданашро намедонистам. Гумон кардам, ки ӯ яке аз он командироне бошад, ки барои озодии Тоҷикистон фидокорона мубориза бурдааст. Ҳоло ки ӯро аз нав дидам ва Лоҳутӣ буданашро фаҳмидам, бо овози ларзоне салом дода, чи гуфтанамро намедонистам. Лоҳутӣ ҳаяҷону изтиробамро ҳис карда, маро ба кабинети кориаш даровард, шинонд ва оромона пурсид:
— Ҷонам, ба мо шеър овардай, ё мақолае, ё ягон хушхабари дигаре?
Ман чизе нагуфта, бо дастони ларзон коғазеро, ки дар он чанд мисраи аз ҳар ҷиҳат хароб навишта будам, ба сӯяш дароз кардам. Лоҳутӣ онро гирифта аз назар гузаронд. Лекин чизе нагуфт. Аз куҷо ва ба чи кор машғул буданамро пурсид, баъд гуфт:
— Афсӯс, ки донишкадаатон маҳфили адабӣ надорад. Мо ният дорем, ки назди газетаамон барои шумо барин ҳаваcмандони адабиёт маҳфили адабӣ кушоем. Лекин ин танҳо ниҳоят аст. Ба умеди он нашуда, барои сайқали маҳорати худ кӯшидан лозим меояд. Одам ба ҳар ҳунаре, ки дил мебандад, бояд тамоми умри худро бубахшад. Шумо, ҷавонони тоҷик, фахр кунед, ки устодони ҷаҳоншинохтае чун Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Ҳофиз доред. Аз онҳо омӯхтан лозим аст. Онҳо устодони сухан

хастанд. Дар воқеъ «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро, ки устод Садриддин Айнӣ тартиб додааст, дорӣ?

— Дорам,— гуфтам ман.

— Шеъри бисёре аз он хонда, аз бар кардаӣ?

— Бисёр ҳам кам.

— Афсӯс, ҷонам. Хело ҳам, афсӯс. Қас то чандин ҳазор шоҳбайтҳои классик ва шоирони замонро аз бар накунад, шоири ҳақиқӣ шуда наметавонад. Ҳайрон нашав. Дар сӯҳбате фаҳмидам, ки устод Айнӣ беш аз 20000 шоҳбайт аз ёд медонад, худи ман ҳам, ҳисоб накарда бошам ҳам, ҳамин қадар шоҳбайтро аз ёд медонам. Ба ин қаноат накардаам. Дар солҳои охир аз осори устод Айнӣ ва шоири ҷавону соҳибистеъдоди тоҷик Пайрави Сулаймонӣ даҳҳо шаҳбайт аз ёд кардам. Бешубҳа ин кор душвор ва бори гароне ба дӯши хунарҷӯй аст. Ин суханони ман аз таҷрибаи ҳаёти худам ҳастанд. Ба хушбахтии ман, падарам ҳарчанде ки косибе беш набуд, ба номи Ҳаким Илҳомӣ шӯҳрат ёфта, яке аз намоёнтарин шоирони шаҳр буд. Ба ман хондану навиштанро ёд медод ва гоҳе, ки хеле хаста мешуд, маро пеши худ садо мезад, шеър мегуфт ва ман менавиштам. Ин кор муҳаббати маро ба шеър ва шоирӣ меафзуд. Аз падар пинҳон шеърнависӣ мекардам. Вақти бисёре гузашт. Рӯзе тасодуфан «осор»-и ман ба дасти падарам меафтад. Падарам онҳоро хонда, бо меҳрубонӣ маро айб кард, ки чаро аз ӯ пинҳон доштам. Ман бисёр шарм кардам, лекин падарам маро насиҳат кард, ки ин ҳунарамро то тавонам сайқал диҳам. Барои ин беҳтарин осори шоирони бузургро омӯзам ва дар маҳфилҳои адабӣ фаъолона иштирок кунам. Он солҳо ман 9—10 сола будам. Насиҳатҳои падарам сабаб шуданд, ки ба қатори шоирон дароям, ба қалами худ ба халқу ватанам хизмат кунам.

* * *

...Баъд аз хатми мактаби партиявиву советӣ маро аввал ба райони навташкили Шӯрообод ва баъд аз як сол ба сохтмони Вахш ба кор фиристоданд. Дар он ҷо ба вазифаи муҳаррири газетаи «Зарбдори сохтмони Вахш» ва котиби комитети комсомолии сохтмон кор мекардам. Ба сохтмон аз пойтахти республика нависандагон меомаданд, ки байнашон Мирзо Турсунзода, Рашид Абдулло, Алӣ Хуш ва Ғанӣ Абдулло ҳам буданд. Алӣ Хуш барои повести нав ва Ғанӣ Абдулло барои намоишнома мавод ҷамъ мекарданд. Нависанда Бруно Ясенский, ки аз аввали сохтмон ҳафтаҳо ва моҳҳо меҳмони мо буд, романи худ «Одам пӯсташро дигар мекунад»-ро ба охир расонда, байни коргарон онро мехонд ва фикрашонро мегирифт. Дар яке аз рӯзҳои тобистон муҳаррири газетаи «Ударник Вахшстроя» Ляхович ва маро ба комитети партиявӣ даъват намуда, фаҳмонданд, ки баъд аз ду рӯз шоири инқилобӣ Абулқосим Лоҳутӣ меҳмони сохтмон мешавад. Аз ин рӯ дар ҳар ду газета сурат ва шеърҳои ӯро чоп кардан лозим аст. Супоришро ба ҷо овардем. Шеъри маро, ки бахшида ба Лоҳутӣ навишта будам, яке аз кормандони газета Иван Чурсин ба русӣ ҳам гардонда, ба ҳар ду газета чоп кардем.

* * *

...Сохтмончиён Лоҳутиро гарму ҷӯшон пешвоз гирифтанд. Шоир, ки ҳамроҳи сардори сохтмон мошинсавор буд, пиёда шуд, ба пешвозгирандагон таъзимкунон салом медод, дасти мардонро мефушурд ва аз пешонии занон мебӯсид ва ба кори ҳар яке барор орзу менамуд. Дар ду — се ҷой шеър хонд, ба забонҳои тоҷикӣ, ӯзбекӣ ва русӣ нутқ эрод кард. Ҳар бор дар охири суханаш мегуфт, ки — «дар сохтмони шумо намояндагони тамоми халқҳои Иттифоқи Советӣ ва инчунин коргарони хориҷӣ ҳам, ки ихтиёрӣ омадаанд, кор карда истодаанд. Дар ин дақиқаҳо ба ман чунин менамояд, ки дар маҷлиси бузурги Коминтерн гап мезанам».

...Дар роҳ сардори сохтмон Толстопятков коргарони тоҷикро нишон дода, шикоятомез гуфт, ки «инҳо деҳқон ҳастанд, шубҳа надорам, ки устодони асили касби худ бошанд. Лекин заминканӣ, сангшикофӣ барояшон бегона аст. Барои ин ҳам музди корашон аз рӯи натиҷаи корашон аст. Ҳар бор пеши роҳамро гирифта шикоят мекунанд. Байнашон онҳое ҳам ҳастанд, ки корро партофта, ба қишлоқҳои худ мегурезанд». Аз шунидани ин суханҳо Лоҳутӣ ҳам ғамгин шуду ҳам ба ғазаб омад. «Бародар ва дӯсти гиромии ман,—ба Толстопятков рӯ оварда гуфт,— мақсад аз деҳқонони тоҷикро ба сохтмон овардан танҳо заминканиву сангу кӯҳ таркондан нест. Мо мехоҳем, ки онҳо дар ин ҷо аз коргарони русу миллатҳои дигар ихтисоси коргариро омӯзанд, ба он муҳаббат пайдо кунанд. Бинобар он хуб мебуд, агар

онҳоро ба бригадаҳои пешқадами сохтмон тақсим мекардед. Бигузор онҳо на танҳо заминканиву сангшиканиро, балки ҳунарҳои мошинронӣ, механикиро ба таври аъло омӯзанд. Охир, Тоҷикистони зироатии имрӯза бояд ба республикаи пешқадами зироату саноат мубаддал гардад».

...Лоҳутӣ маро шинохт. Офаринбод кард, ки аз шаҳр ба ин ҷо омадаам. Шеъри ба ӯ бахшидаамро нишон додам. Онро аз назар гузаронда, гуфт:

— Инро ба ман бахшидаӣ, айбе надорад. Лекин бигузор онро дигарон хонанд. Ман меҳоҳам шеъреро, ки ба бинокорони социализм дар дарвозаи Шарқ бахшидаӣ, хонам. Охир, ту шабу рӯз бо онҳо ҳастӣ ва онҳоро аз дигарон дида беҳтар мешиносӣ.

Ман гуфтам, ки дар бораи дӯстӣ ва бародарии халқҳо ва ёрии бародаронаи онҳо ба халқи тоҷик манзумае навишта истодаам. Устод хурсанд шуда, бо мамнуният гуфт:

— Ин мавзӯъ хеле муҳим аст. Ман туро пешакӣ табрик менамоям ва умедворам, ки манзумаатро ба наздикӣ мехонем.

Оре, Лоҳутӣ ғамхори адабиёт ва адибони ҷавони тоҷик буд.

Устод дар яке аз ҷамъомадҳои нависандагон бо иштиёқу ҳаяҷон гуфт:

— Дирӯз дар ҳамин ҷо рафиқ Бруно Ясенский моро табрик карда буд. Нутқи ӯ маро водор мекунад, ки бо шумо мубодилаи афкор кунам. Меҳоҳам фаҳмам: чӣ кор кунем, ки дар байни ҷавонони мо монанди Бруно Ясенский нависандагони баландистеъдод ба камол расанд ва асарҳои бадеии хушсифат эҷод намоянд.

Дар он солҳо доир ба шаклу мазмун ва истифода аз забони халқ баҳсу мунозира мерафт. Яке шаклро, дигаре мазмунро ва сеюмӣ ягонагии шаклу мазмунро бартару дуруст медонист. Забони гуфтугӯи халқӣ гуфта, ҳар касе забони маҳаллии худро таъриф мекард. Бо чунин шахсон пирони сухансарои мо Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ ғамхорона маслиҳатҳо медоданд.

Лоҳутӣ мегуфт, ки «нависандагони тоҷик чун тамоми меҳнаткашони тоҷик ҳамзабони форсизабонони дунё ҳастанд. Пас, бояд осори онҳо чи аз ҷиҳати мазмун ва чи аз ҷиҳати забон айбе надошта бошад. Шаклу мазмун ҷону тананд ва яке бе дигаре мурдааст. Бемуваффақиятии баъзеҳоро дар он мебинам, ки ё шаклро курбони мазмун ва ё мазмунро қурбони шакл мекунанд. Адабиёти мо аз ҷиҳати шакл миллӣ ва аз ҷиҳати мазмун социалистист. Лекин шакл калимаи шахшудае нест, вай бояд бо мурури замон тағйир ёбад ва тараққи кунад. Мо ҳақ надорем дар атрофи адабиёти социалистии худ аз шакли миллии кӯҳна садди Чин барпо намоем... Ман амин ҳастам, ки адабиёти советии тоҷик на танҳо мазмунан нашъунамо мекунад, балки шакли миллии худро низ инкишоф дода, ба сӯи қуллаҳои нави эҷодӣ қадам мегузорад».

Устод таъкид мекард, ки дар асоси шеваҳои халқии забони модарӣ як забони маҳкаму зебои адабии тоҷикӣ ба вуҷуд овардан вазифаи муқаддаси мост. Инро ҳам дар назар доштан лозим аст, ки адабиёти халқ қасри олист, аммо вай ҳам монанди ҳар иморате ба таҳкурсӣ муҳтоҷ аст. Таҳкурсии адабиёт савод аст.

* * *

...Съезди нахустини нависандагони советии тоҷик, ки гули сари сабади он устодони мӯътабари мо Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ буданд, ба иди маданияти республикаи ҷавони советии тоҷик мубаддал гашт. Устод Лоҳутӣ ба вакилон, деҳқонон, коргарон, интеллигенция ва пионерону комсомолон муроҷиат карда, бо ҳаяҷон гуфт:

— Дӯстон, бародарон, падарони меҳрубонтарини мо, ман ба риши сафеду чеҳраи хандони шумо нигоҳкунон Рӯдакиву Фирдавсии ҳазорсоларо мебинам.

Съезди нависандагон бо тантана сар шуду бо тантана анҷом ёфт. Рӯзи дигар чанд нафар аз нависандагони ҷавонро ба боги хукуматӣ даъват карданд. Дар он ҷо устодон Айниву Лоҳутӣ интизори мо буданд.

Дар шаҳри хурд ҳеҷ чиз пинҳон намемонад,— мегӯянд. Дирӯз овоза шуда буд, ки устодон ва роҳбарони нави Иттифоқи нависандагони моро роҳбарони партияву хукумати республика қабул карда, доир ба адабиёт суҳбат гузарондаанд. Аён буд, ки устодон дар ин мавзӯъ бо мо суҳбат хоҳанд кард.

— Шумо,— давом дод суханашро Лоҳутӣ,— гумон накунед, ки падаратон Лоҳутӣ чунин табъи равоне дорад, ки метавонад рӯзе чандин шеър ё достоне нависад. Не, фарзандонам, барои офаридани як шеър гоҳҳо рӯзҳо ва ҳафтаҳо сарф мешавад. Бовар кунед, бемуболиға

мегӯям, барои як мисраи як рубоӣ чаҳор сол сарсон будам. Хушбахтона як рӯз на дар хонаву на дар боғу бӯстоне, ки макони илҳоми шоирон аст, балки дар бозор гашта он мисраъро ёфтам. Байти охирини он рубоӣ ин аст:

> Гуфтам аӯси дахр кобини ту чист?
> Гуфт: Огаҳии синфи ту кобини ман аст.

Дар охир Лоҳутӣ фаҳмонд, ки назм вазифаи насрро ва наср вазифаи назмро ҳеҷ ба ҷо оварда наметавонад. Афсӯс, рафиқоне ҳастанд, ки вазифаи насрро бар дӯши назм бор карданианд. Намедонам то чи андоза дуруст бошад, лекин мегӯянд, ки як нафар шоири мо меҳоҳад, ки рақамҳои панҷсоларо ба назм дароварад. Дуруст аст, ки нақшаи панҷсолаи мо назми ҳаёт аст, лекин ин маънои рамзист».

Суханони Лоҳутиро қувват дода, устод Айнӣ тасдиқ карданд, ки дар замони пурҷӯшу хурӯши инқилобии мо бо як назм хизмати халқро ба ҷо овардан душвор аст.

Сухан аз забони адабӣ ба миён омад. Ҳарду устод дар ташвиш буданд, ки забони адибони ҷавон камбағал аст ва ҷавонон барои ғанӣ гардондани он кам мекӯшанд.

Устод Лоҳутӣ хотиррасон кард, ки «адабиёти социалистии тоҷик дар Эрон, Афғонистон ва аз форсизабонҳои Ҳиндустону мамлакатҳои дигар мухлисони бисёре дорад. Онҳо ташнаи адабиёти наванд, ҳар як асари нави моро ҳарисона мехонанд... Ин масъулияти моро дучанд мекунад...

Устод Айнӣ ба ҷӯш омада, бо овози баланд:

— Бародарон,— гуфт,— як замон забони адабии мо, ки устоди он Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ буд, тоҷи сари форсизабонони дунё буд. Лекин дар натиҷаи тохтутози аҷнабиён ва ҷаҳолати ҳокимони бефаросат забон аз равнақ монд. Ҳоло сиёсати миллии партия он аст, ки забони ҳар халқ чи хурд аст ва ё чи бузург, тараққӣ ёбад, бой шавад... Армон ва орзуи ман ҳамин аст, ки забони адабии тоҷикро аз нав барқарор бинам, асарҳои шуморо, ки бо забони ширину фасеҳи равони тоҷик навишта шудаанд, бо завқ хонам ва гул-гул шукуфта, бо қаноатмандӣ гӯям: — ана, акнун армон ба дил надорам.

Дар рухсори пурчини марде ашк равон шуд, ки замоне ба зарби 75 чӯб тоб оварда, на зорӣ карда буду на нолиш...



* * *

Мо вакилони Съезди нахустини нависандагони Умумиттифоқ фахр мекардем, ки устодони мо Айниву Лоҳутӣ ба ҳайати раёсати съезд интихоб шудаанд. Дар съезд баъд аз маърӯзаҳои асосӣ сухан ба намояндагони адабиётҳои советии миллӣ дода шуд. Доир ба адабиёти советии тоҷик устод Абулқосим Лоҳутӣ маърӯза кард. Маърӯза умумӣ набуд, балки ҳикояти ғамангези ғазабоваре дар бораи бефаросатии амирони ҷоҳил ва достони шодиоваре дар бораи гул-гулшукуфии маданияти тоҷик дар даврони советӣ буд. Ин буд, ки таваҷҷӯҳи вакилони советиву меҳмонони хориҷиро, торафт бештар ба худ ҷалб мекард. Вақте маърӯзачӣ мисол овард, ки тамоми ғамхории амири охирини Бухоро дар роҳи ободии мамлакат сохтани як кӯпрук шуд, ҳозирбудагон бо завқ хандиданд. Лекин вақте ки маърӯзачӣ бо ифтихор баён кард, ки тоҷикон дорои мероси пурсарвате чун назми классикии форс-тоҷик мебошанд, шоирони асрҳои гуногун: Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Дақиқӣ, Абӯалӣ Сино, Саъдӣ, Ҳофиз, Носири Хусрав, Умари Хайём ва даҳҳо дигар устодони сухан ва мардуми оддии Тоҷикистон имрӯз ҳам навиштаи онҳоро ба хубӣ мефаҳмад,— вакилон бо ҳайрат ба ҳамдигар нигаристанд ва вақте ки маърӯзачӣ бо ифтихор гуфт, ки дар Тоҷикистон ҳоло наздики сад нафар ҳаст, ки осори худро чоп мекунанд, вакилон қарсак заданд...

Устод Айнӣ нозири рафтору кирдори мо вакилони тоҷикистонӣ буд. Устод Лоҳутӣ дар тараддуди он буд, ки моро ба шахсони мӯътабар, ходимони барҷастаи партия ва Давлати Советӣ, ки дар съезд иштирок доштанд, нависандагони номии советиву хориҷӣ ошно кунад, дар ҳаққи мо ба онҳо суханони нек гӯяд ва суратгиронро даъват мекард, ки бо ҳамсӯҳбатон сурат гиранд. Бо ташаббуси бевоситаи Лоҳутӣ ҳатто Максим Горький ба саломатиаш нигоҳ накарда, меҳмони мо шуд ва зиёда аз се соат вақти худро дар сӯҳбату шеърхонии мо нишаст.

Таассуротамро дар бораи он рӯзи фаромӯшнашавандa худи устод Лоҳутӣ чунин тасвир намуда буд:

«Метавон гуфт, ман ҳаргиз Горькийро чунин зиндадилу рӯҳбаланд надида будам, ки дар базми ҳайати намояндагони Тоҷикистон, дар маҷлиси зиёфатие, ки баъд аз Съезди якуми нависандагони советӣ барпо шуда буд,

дидаам. Горький аввал ният надошт беш аз даҳ дақиқа дар он маҷлис иштирок намояд. Вале ашъор, сурудҳо, рақсҳо ва мусиқии тоҷикӣ чунон диққати ӯро ба худ ҷалб намуд, ки ӯ нияти аввалаи худро фаромӯш карда, то охири базм дар он ҷо монд ва ҳангоми видоъ бо нутқи гарму ҷӯшон ва пурҳаяҷоне ба ҳозирон муроҷиат кард.

Ин хурсандии идонаи дуюмбора буд, ки Горький ба Тоҷикистон насиб намуд. Шодии якуми мо оид ба замонест, ки ӯ дар Италия мезист. Он замон ба вай як шумора газетаи «Коммунист Таджикистана» фиристода шуда буд, ӯ дар ҷавоб номаи хурсандонае навишта, республикаи ҷавони Тоҷикистонро табрик намуд. Расидани ин номаи вай ба мо як иди бузурге гардид».

* * *

...Аз омадани устод Лоҳутӣ ба Сталинобод истифода бурда, дар колхози ба номи Лоҳутӣ, ки дар деҳаи Шоҳмансур воқеъ буд, вохӯрӣ бо колхозчиён ташкил кардем. Чун маро дид, бо чеҳраи хандон ба истиқболам, қадам гузошт. Вақте ки наздик шудам: «Ту шакарзода най, балки шакар зодаи туст», гуфту даст дароз кард. Дасти маро сар надода пурсид:

— Пиёда?

— Пиёда,— ҷавоб додам ман.

— Чунки номи амалат «котиб» аст, агар «директор» мебуд, соҳиби мошин мебудӣ,— инро гуфта устод хандид ва — айбе надорад,— гуфт,— ҳардуи мо ҷавонҳои бардам ҳастем, пиёда гаштан аз фоида холӣ нест.

Дар роҳ устод ҳикоя кард, ки ин саҳар дар хиёбони меҳмонхона пионерон дар либоси тоза, дар даст рубобу ғижжаку доира, маро дида тохта омаданд. «Падари мо Лоҳутӣ»,— гуфта, гирдамро печида гирифтанд. Ман ҳар якеро бӯсидам. Дар чашмонашон ашки шодӣ чарх мезад. Беихтиёр гиристам. Бачагон дар ҳайрат монданд. Яке, ки калонтар буд, сабаб пурсид. Гуфтам, ки бачагонам, шумо хушбахтаконро дида фарзандони ятиму сарбараҳнаву пойбараҳнаамро, ки дар Эрони тирабахт ҳастанд, ёд кардам. Бачагон суханонамро шунида, бо ҳайрату ҳасрат ба ҳамдигар менигаристанд. Ҳис кардам, ки барои тасаллии ман чизе гуфтаниანд, вале ҷуръат намекунанд... Сипас ба утоқам даромада ин чанд мисраъро навиштам, гӯш кун, хонам:



Равшании борад зи рӯшон, насли рахшонро бубин,
Лолаҳои навраси Хоруғу Рӯшонро бубин.
Гар надидӣ гавҳари рақсону лаъли нағмахон,
Ғунчаҳои санъати кӯҳи Бадахшонро бубин...

Шеърро то охир хонда, устод беихтиёр пурсид:

— Фикратро фаҳмиданиям?

— Шеъри хубе,— ҷавоб додам ман.

— Ту аз рӯи хурмат мегӯӣ. Лекин ман мехоҳам, ки нуқсони шеърамро, ки ман онро дида наметавонам, ба ман гӯӣ.

— Шумо устоди сухан ҳастед.

— Не, ҷонам, то даме зиндаам, шогирдам. Он тарафашро хонандагон ва қадршиносони ман муайян мекунанд. Ҳайрон нашав, ман шогирдам, хонандагон ва дӯстонам устодони ман ҳастанд. Аксари ғазалҳои нави худро пеш аз интишор барои маслиҳат одатан ба Садриддин Айнӣ мефиристонам ва аз рӯи маслиҳатҳои ӯ, агар лозим шавад, ислоҳ мекунам. Ба шумо ҷавонҳо ҳам маслиҳат ҳамин аст, ки шогирди якдигар бошед.

* * *

...Раиси колхоз Саъдуллоев, Лоҳутиро оғӯш кард, гаштаву баргашта бӯсид.

Сари ҳавз мардуми бисьёре ҷамъ омада буд. Турсунзода ва Деҳотӣ шеърхонӣ мекарданд. Ҳамин, ки Лоҳутӣ намоён шуд, одамон ба хурмати ӯ аз ҷой хестанд. Лоҳутӣ бо ишораи даст фаҳмонд, ки аз ҷо нахезанд ва аз Мирзо Турсунзодаву раис иҷоза пурсида, ба сухан даромад:

— Бародарони азиз, қасам ба ҷони шумо, ҳар дафъа, ки ба колхози шумо меоям ва чеҳраҳои хандону корҳои тоза ба тозаи шуморо мебинам, беихтиёр гузаштан дуре ба хотирам меояд. Дар айёми ҷавониям, дар Эрон бори аввал калимаи «тоҷик»-ро дар шеъри Саъдӣ дидам. Чун маънои ин калимаро надонистам, дар ҷустуҷӯи он ба китобҳои луғат муроҷиат кардам. Дар китобе навишта шуда буд: — «Тоҷик номи қабилаест, ки як замон вуҷуд доштааст», дар луғатҳои туркӣ ба маънои форс ҳам омадааст. Лекин вақте ки ба Иттифоқи Советӣ омадам, ба ман бо телефон хабар доданд, ки раиси комитети революционӣ ва саркотиби бюрои Партияи Коммунистии (большевикони) Тоҷикистон мехоҳад ма-

ро бубинад. Бо шунидани калимаи «Тоҷикистон» аз ҷо паридам, ба рақс даромадам. Охир, дар луғатҳо кадоме навиштааст, ки «тоҷик номи қабилаест, ки як замон вуҷуд доштааст...» Акнун маълум шуд, ки «халқи як замон вуҷуд дошта» ва як замон аз ҳаёти сиёсӣ маҳрум — дар Иттифоқи Советӣ зинда ва на танҳо зинда, балки аз ҷиҳати сиёсӣ халқи мустақили муташаккиле шудааст, халқе шудааст, ки барои инкишофи иқтисодиёт ва маданияти худ асос ва имконияти тамом дорад. Илова бар ҳамин ин Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Ҳофиз асарҳои ҳамеша зиндаи худро бо забони ҳамин халқ навиштаанд. Қасам ёд карда, ба хизмати халқи озоди тоҷик камар бастам.

...Рӯзи якшанбеи соли 1941. Дар рӯи ҳавлии нависандагон, ки дар кӯчаи Орҷоникидзе воқеъ буд, гирди шоири маҳбуби худ Абулқосим Лоҳутӣ ҷамъ омада, байтбарак мекардем. Дар атрофи як шеъри Ҳофизи Шерозӣ баҳсу мунозира сар шуд. Бо ишораи Мирзо Турсунзода барои гулчини Ҳофиз ба хона даромадам. Беихтиёр гӯшаки радиоро тоб додам. Суханони даҳшатнокеро шунидам: «Германияи фашистӣ аҳдшиканона ба мамлакати мо ҳуҷум овардаст...».

Бе гулчини Ҳофиз, бо ранги парида, аз хона берун баромадам. Лоҳутӣ парешониямро ҳис карда, сабаб пурсид. Ман рост истода, чи гуфтанро намедонистам, ба гуфтан забонам нагашт. Билохир он чӣ шунидам, гуфтам. Лоҳутӣ чизе нагуфта, аз ҷо хесту ба ҳуҷрааш даромад.

Худи ҳамон рӯз дар боғи маданият ва истироҳати пойтахт митинги умумихалқӣ барпо гардид. Аз минбар овози шоири инқилоб Лоҳутӣ бо садои ғазаболуду интиқомталаби коргарон, деҳқонон, олимон, комсомолон, студентон омехта шуда, даъват кард, ки «Ҳиммат кунед, эй дӯстон душман ба майдон омадаст...».

Устод назди оилааш ба Москва рафт. Дар он ҷо дер наистод. Бо тамоми оилааш ба Сталинобод кӯчид. Бо фармони ҳукумати республика дар ҷои хушбоду ҳавое, дур аз шоҳроҳи мошингард барояш хона сохта шуд. Гирду атрофи онро бо хишти пухта девор гирифтанд. Ҳамроҳи Мирзо Турсунзода, мо шоирони ҷавон вақт ба вақт ба ҳавлии устод мерафтем. Устод хурсандона моро қабул мекард. Гоҳо писари хурдаш Гевро даъват карда мефармуд, ки чизе аз «Шоҳнома» хонад. Гев китоби калонро мекушод ва бехато хондан мегирифт. Устод бо завқ гӯш мекард ва дам ба дам ба мо менигарист.



Мо ҷавонон шеърҳои тозаи худро мехондем, аз устод маслиҳат мегирифтем. Устод Айнӣ ҳам, ки дар боғи ҳукуматӣ дам мегирифт, ҳамроҳи мо ба ҳавлии Лоҳутӣ меомаданд. Дар чунин мавридҳо байтбарак аз осори яке аз бузургони адабиёти классикии мо авҷ мегирифт.

Артистҳои дӯстдоштаи устод дар ҳавлиаш базм meоростанд. Худи устод шеърҳои навашро бо навои эҷодкардаи худ завқ карда месуруд, ба рақс медаромад...

Лекин, дар он солҳои сахти ҷанг ҳамаи ин шеъргӯиву сурудхониҳо чун офтоби осмони абролуде буданд, ки гоҳ-гоҳ намоён шуда, боз пинҳон мегаштанд. Худи устод борҳо такрор мекард, ки ҳар ахбори тозаи радио аз майдони ҷанг тирест, ки аз дили азобдидаи ӯ мегузарад. «Дилам,— мегуфт ӯ,— пора-пора шудааст. Марҳами захмамро танҳо дар ҷабҳа ёфта метавонам. Охир, бародаронам, синну солам аз панҷоҳ гузашта бошад ҳам қодир ҳастам, ки байни дуду оташу хун истода биҷангам. Борҳо, махфӣ аз Бонуяму фарзандонам, ба Комиссарияти ҳарбӣ рафтам. Жуков гуфтанӣ одам дар он ҷо комиссар аст. Ҳар боре, ки маро мебинад, аз ҷо хеста ҳарбиёна салом дода, ба нишастан таклиф мекунад, наздам пиёлаи чой мегузорад. Лекин хоҳиши маро бо ҷиддият рад мекунад. Мегӯяд, ки «агар Лоҳутиро ба фронт фиристонам, дар худи ҳамон рӯз халқи тоҷик маро зинда ба зинда ба он дунё мафиристонад».

Гурӯҳи нависандагоне, ки ба муносибати кушода шудани наҳри Ҳисор ба Сталинобод омада буданд, бо сардории Ҳамид Олимҷон меҳмони устод Лоҳутӣ шуданд. Устод боғаш, гулзораш, хонаашро нишон дода, «Ин боргоҳи шоҳонаро дар рӯзҳое, ки ҳар як тин бояд ба ҷабҳа хизмат кунад, бароям, меҳрубонӣ карда сохтаанд. Росташ, ки хиҷолат мекашам. Барои ману фарзандонам як ҳуҷраи назарнонамоёне кофӣ буд». Охир мо дар ин ҷо доимӣ нестем.

Шеъру достонҳои замони ҷангиро устод асосан дар «боргоҳи шоҳона»-и худ эҷод карда буд. Устод, ба синну солаш нигоҳ накарда, ҳамроҳи мо савораву пиёда ба фабрикаҳову заводҳову колхозҳо мерафт, шеър мехонд, нутқи насиҳатомез эрод мекард...

Ҷанговарони советӣ диловарона остонаҳои шаҳри Москваро аз сагҳои фашистӣ тоза намуданд. Дарвоза-

ҳои Москва ба аҳолии муҳоҷиршудааш кушода шуд. Раворавӣ сар шуд, ташкилотҳои партиявиву советии республика ба муҳоҷирон муроҷиат мекарданд, ки фабрику заводҳоро бе коргар намонанд, то зафари комил кор кунанд. Лекин аксарияти муҳоҷирон розӣ нашуданд. «Метарсем, ки хонаҳои мо аз даст нараванд»,— гуфтанд.

«Аз даст рафтани хонаҳои москвагӣ» аҳли оилаи устоди моро ҳам ба ташвиш андохта буд. На танҳо хона, балки инчунин барои нигаҳдории тандурустии устод, ки бевосита дар поликлиникаи ҳукуматӣ табобат мекард ва барои ҳамаҷониба такомули ақлу фаросати фарзандонаш Москва нисбат ба Сталинобод бартарӣ дошт...

* * *

Соли 1949, дар арафаи шастсолагии пуршараф устод Лоҳутӣ бо достони нави худ «Парии бахт» ба Сталинобод омад. Достонро ба муҳокимаи нависандагон гузошт. Бо шавқу завқу ҷӯшу хурӯш онро барои мо мехонд. Чун ҳунарпешаи соҳибистеъдод ба роли худ даромада буд. Гоҳе овози пурҷӯшу хурӯшаш баланд мегашт, гоҳе гиря гулӯяшро мегирифт ва ашк бар чашмони оташбораш чарх мезад, аммо вай хонданро давом медод. Танҳо гоҳ-гоҳ қулти обе менӯшид. Борҳо «хаста-ку нашудаед...» гуфта мепурсидем мо. Лекин вай аҳамият намедод.

Достони «Парии бахт», ки шоҳасари устод аст ҳамаи моро мафтуни худ гардонд. Лекин...

Дар он рӯзҳо вазъият вазнин буд. Моҳияти қарорҳои партияро дар бораи журнали «Звезда», кино, симфонияҳо, антипартиотизм ва космополитизмро на ҳамаи мо дуруст ва ҳаматарафа мефаҳмидем. Онҳое ҳам буданд, ки ҳатто ин қарорҳоро то охир нахонда, «камари ҳиммат» баста, ба ҷои «салла аз калла» мекапиданд. Қариб буд, ки натурализм ҷои реализмро гирад. Мунаққидони ҳавобаланд дар доираи иттифоқӣ исбот карданӣ шуданд, ки аллегория (истиора, маҷоз, рамз, киноя) ба методи реализми социалистӣ бегонааст. Мақолаи «оташбори»-и мунаққид Н. Қладо дар бораи «Парии бахт» чароғи охирини фикрҳову андешаҳои мусбати моро хомӯш гардонд.

Дар зиёфате, ки ба муносибати шастсолагии устод дода шуда буд, меҳмони нохондае напурсида, аз ҷо хес-



ту қадаҳ бардошт. Бо сӯзу гудозе эълон кард, ки маорифпарвари маъруф Шакурӣ, ки ҳамсинну сол ва ҳамсафи устод Лоҳутӣ буд, моро ятим кард. Ва хоҳиш кард, ки ҳозирон ба хотираи ӯ аз ҷо хезанд.

Устод хело ҳам ранҷид. Ба яке аз ҳампаҳлӯёнаш бо алам изҳор кард, ки «ин хар дақиқаи хуштарини ҳаётамро ба мотам табдил дод».

Агар устод Айнӣ мебуд «меҳмони нохондаву бефаросат»-ро хуб ҳақорат карда, аз зал баровարда ҳай мекард ва дилашро аз ғилаву озор тоза менамуд. Дили нозуки шоиронаи устод Лоҳутӣ гирифтори касалии «шубҳабарӣ» буд ва ин сабаб дошт. Дар Эрон рӯзу шаб зархаридони жандарм ва полис аз қафояш мегаштанд. Дар Иттифоқи Советӣ ҳам душманонаш кам набуданд. Дар байни муҳоҷирони эронӣ, ки дар Иттифоқи Советӣ ҳам буданд, зархаридони идораҳои сиёсии Эрон пинҳонӣ кор мебурданд. Бар зидди Лоҳутӣ ба Коминтерн, ҚМ ВКП(б) мактубҳои беимзо менавиштанд, ба номи Лоҳутӣ мактубҳои масхараомез, пур аз дӯғу таҳдид мефиристоданд. Мудохилаи Коминтерн ва ҚМ ВКП(б) ба хуҷуми иғвогарон хотима дод. Дар саҳифаҳои матбуот мақолаҳо доир ба осор ва фаъолияти устод ва сураатҳои ӯ бештар нашр шудан гирифтанд. Дар Съезди нахустини нависандагони СССР дар бораи адабиёти советии тоҷик Абулқосим Лоҳутӣ маърӯза кард ва котиби Иттифоқи нависандагони СССР интихоб шуд...

Ба қавли Рӯдакии бузург «Ҷаҳон ҳамеша... гирдгардон аст» Тундбоди фоҷиаи соли 1937 шишаҳои хонаи Лоҳутиро ҳам ларзонд. Лоҳутие, ки ба воситаи И. Сталин мушкили чандин одамони фозилро осон карда буд, гапаш бо Сталин гурехт...

Ин аст, ки устод на Қладоро барои мақолааш ва на Сталинро айбдор мекард. «Ҳамаи ин,— мегуфт вай, кори душманони иғвогари ман аст, ки сари мардумро гаранг мекунанд...». Дар бисьёр мавридҳо «нобоварӣ» бар «боварӣ» ғолиб мебаромад ва боиси ранҷиши устод ва гоҳо боиси низои беасосе мегардид.

* * *

Ҳар боре, ки сафарам ба Москва меафтид, албатта ё бо телефон, ё бевосита ба наздаш рафта, ҳолпурсӣ мекардам, аз навигариҳои адабии республика ва умуман аз кору бори он аз рӯи донистаам ӯро хабардор менаму-

дам. Лекин дар солҳои охири умраш саломатии устод имкон намедод, ки ӯро ташвиш диҳем.

Боре ҳамроҳи ҳамсарам Гулчеҳра ба боғи тобистонаи устод рафтам.

Устод ва шарики ҳаёташон шоира Бону моро шодон истиқбол гирифтанд, бо муҳаббат оғӯш карда бӯсиданд, дар чашмони аз бехобӣ азобдидаи устод ашки шодӣ чарх зад. Ба нишастан таклиф карданд. Нишастем.

— Худоё,— гуфт устод,— ин боғчаи ман ба ташрифи шумо фарзандони тоҷики ман ба гӯшаи хуртараку дилкушои Тоҷикистони ман мубаддал гаштааст. Хуш омадеду ҳамеша хушвақт бошед.

...Сӯҳбати мо торафт гармтару ширинтар мегашт. Устод аз кору бори республика, театрҳо нависандагон ва кори эҷодиамон бо иштиёқ мепурсид ва ҷавоби моро бо завқ мешунид. Ба ногаҳ устод Гулчеҳраро ба ғамхор ва илҳомбахши худ нишон дода:

— Ҷонам Бону, ин парии бахти Мири шакари моро шинохтӣ?! Ин ҳамон булбули Бадахшонист, ки аз саҳна бо овози дилнавози худ суруда буд: «Дарьё, ки калон шавад шинояш кӣ кунад, ду дил, ки яке шавад ҷудояш кӣ кунад?». Ману ту гӯш мекардему фаҳмиданӣ будем, ки он дили дуюм аз они ана ҳамин шакарзодаи мо будаст,— устод ҳар дуи моро бӯсид, ду даст бардошта.— Илоҳӣ гуфт, ду дили якшудаатон умрбод рӯи ҷудоиро набинад.

...Сӯҳбат дуру дароз давом кард. Шоира Бону бо ташвиш таъкид кард, ки:

— Падар, сӯҳбататон ширин бошад ҳам, барои одамони мариз меваи талх медиҳад.

— Ҷонаки ҷонам,— гуфт бо тантана устод,— магар аз рангу рӯям, суханрониҳоям, хандаҳои осмонкафи ман аён нест, ки ман Лоҳутии ту, дар ин дақиқаҳо худро ҷавони сиҳату саломати бистсола барин ҳис мекунам.

Бонуюю Гулчеҳра ба тарафи ошхона рафтанд. Устод аз қафояшон нигаҳкунон, тасдиқ кард:

— Албатта, ҳақ ба ҷониби Бонуи ман. Мариз ҳастам, бояд истироҳат кунам. Лекин агар охири умрамро танҳо бо истироҳат гузаронам, аз будани ман чӣ суд аст гардунро?

— Наход, ки барои истироҳат ду ё се соат вақт наёбед?

— Вақт кам мондааст, хело ҳам кам. Аммо кор бисьёр... Идораи нашриёти забонҳои хориҷӣ гулчини ма-



ро ба чоп расонданист, ман бояд дастнависро ҳар чи зудтар аз назар гузаронда, ба нашриёт фиристонам. Охир соли оянда Революцияи Кабири Социалистии Октябр чиҳилсола мешавад. Мехоҳам бо ин гулчин ҷашни бузургро истиқбол кунам...

— Устоди мӯҳтарам,— арз кардам ман,— соли оянда боз як ҷашни дигаре ҳам аст, ки онро фаромӯш набояд кард. Ман зодрӯзи пуршарафи он шоири инқилобиро дар назар дорам, ки дар ҷашни чиҳилу панҷсолагиаш дар Сталинобод яке аз аҳли фазли тоҷик дар васфаш чунин гуфта буд: «Адабиёти ҳазорсолаи тоҷикро мисли як занҷири гусастанашаванда тасаввур кунед. Дар як сари ин занҷир Абулқосим Фирдавсӣ меистад ва дар як сари он Абулқосим Лоҳутӣ».

Устод дар фикр афтод. Баъд аз ҷо хеста:

— Ҷонам, ман бояд каме қадам занам,— гуфт.

Ман ҳам аз ҷо хестам. Қадамзанон сӯҳбатро давом додем.

— Қасам ба ҷонат,— гуфт устод,— дар бораи ҳафтодсолагиям чизе гуфтанӣ набудам. Ба шоир бояд аз рӯи осораш баҳо дод. Чунин аст ақидаи ман. Лекин...— устод ҳар тарафро аз назар гузаронда,— «дардо, ки рози пинҳон хоҳад шуд ошкоро», гуфтагӣ барин рози пинҳоне дорам, ки ҳатто Бонуи ман аз он бехабар аст. Аммо ба ту, на чун ба котиби правленияи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, балки чун ба писару бародари содиқи худ, барои маслиҳат мегӯям. Як ҳафта пеш, барои табобат ба шаҳр рафта будам. Баъд аз табобат дар клиника, аз рӯи одат ба «Тоҷик-постпредство» рафтам. Дар он ҷо маро дидан замоно ҳама чапак заданд. Намояндаи доимӣ маро ба мошинааш савор карда, рост ба идораи дӯсти деринам, ки кайҳо боз якдигарро надида будем, бурд.

Дӯстам, аз ҷо хеста, ба пешвозам омад, салом додем, якдигарро оғӯш карда бӯсидем. Баъд аз рафтани намояндаи доимӣ, дӯстам маро аз кабинети кориаш ба ҳуҷраи хосаш бурд. Нишастем. Рӯи стол аллакай чой, кофе, оби маъданӣ, шарбати анор гузошта шуда буданд. Дӯстам бо муҳаббат ба ман нигариста «кайҳо боз якдигарро надидаем,— гуфт,— лекин гумон накунед, ки фаромӯш кардаам. Ҳар боре, ки ба Кремль медароям, шумо шоири азизам бо достони дӯстдоштаам «Кремль» пеши назарам намоён мешавед. Хуб шуд, ки омадед. Доир ба як масъалаи шодиоваре маслиҳат лозим буд».

Баъд дар ҷомҳо шарбати анор рехта, якеро назди ман ва дигареро назди худ гузошт ва бо мамнуният гуфт: — «Одамон аз қадимулайём барои давоми умр оби Хизрро меҷӯянд, намедонанд, ки ҳамон оби Хизр шарбати анори Тоҷикистон аст».

Чой нӯшида, сӯҳбаткунон аз гузашти айём, имрӯзу фардо бо шодиву хандаву ҳасрат сухан рондем. Билохир дӯстам бар сари мақсад омад. «...Маслиҳати шуморо,— гуфт,— фаҳмиданиям. Медонед, аз республикаи шумо хабари хуше расид. Соли оянда, шоири маҳбубам Лоҳутӣ бо қадамҳои марди хушрафтор роҳи ҳафтодумини пуршарафро тай намуда, ба сарҳади ҳафтоду якум по мегузорад. Роҳи сафед!».

Ман чизе гуфтанӣ будам, лекин дӯстам аҳамият надода, мулоҳизакунон суханашро давом додан гирифт.— «Роҳбарони республика ҷашни муборакн шуморо дар Тоҷикистон гузаронданӣ. Лекин мо мехоҳем, ки дар Москва гузаронем. Фикри шумо чист?». Ман бо ҳайрат пурсидам — «Барои чӣ дар Москва? Барои чӣ дар Тоҷикистон не?». Дӯстам ба ман дуру дарозе нигоҳ карда — «Албатта,— гуфт дар Тоҷикистон ҳам гузарондан лозим аст. Лекин дар Москва шарт аст. Солҳои охир дар бораи шумо душманҳои идеологии мо чӣ афсонаҳои тӯҳматангезе бофта, паҳн карда истодаанд... Аз саҳву хатоҳои ночизи зиндагии мо истифода мебаранд. Аз пашша фил месозанд».

Занги телефон шуд. Дӯстам ба кабинети кориаш рафт ва зуд баргашт. «Ба Никита Сергеевич лозим шудаам. Суҳбат боқӣ».

Чун сӯҳбат ба охир нарасидааст, дар ин бора ба касе, ҳатто ба наздиктарини худ Бону чизе нагуфтаам.

Ба устод фаҳмондам, ки дар бораи гузарондани ҷашни ҳафтодсолагиашон собиқ котиби Комитети Марказии Партияи Коммунистии Тоҷикистон Т. Ӯлҷабоев моро даъват карда, супориш дода буд...

...Дар арафаи гузарондани ҷашни 70-солагии устод ману Мирзо Турсунзода назди Т. Ӯлҷабоев даромадем. Мирзо аз рафти тайёрӣ ба гузарондани маҷлиси тантанавӣ ва шабҳои адабӣ дар миқьёси республика мухтасар итлоъ дод. Т. Ӯлҷабоев аз тиреза теппаеро нишон дода, «ана, болоӣ он теппа, ки аз он ҷо тамоми водии Ҳисорро дидан мумкин аст, барои шоири мубориэи худ Лоҳутӣ гунбази мармарин бино карданием. Чӣ мегӯед?» Мирзо сар набардошта, гуфт: — «Лекин Бону хокистари ҷасади устодро надод, ба зодгоҳаш ба Эрон мебарам, мегӯяд». Т. Ӯлҷабоев аз ҷо ҷаҳида,— «Чаро,— гуфт — нафаҳмондед, ки зодгоҳи дуюми Лоҳутӣ, чун шоири мубориз Тоҷикистон аст. Тамоми достонҳо ва аксарияти шеърҳои дар ҷаҳон машҳуршудаашро дар Тоҷикистон эҷод кардааст... Тақдири фардои осори ӯ ҳам дар дасти халқи тоҷик аст...»



* * *

Бо ин фикру хаёлоти талху ширине ба хона расидам ва боз радиоро ба кор андохтам. Ғулғулаи мардуми инқилобии Афғонистон ва овози дилнавози ҳофизи инқилоб Аҳмад Зоҳир, ки «Бандагӣ гар шарт бошад зиндагӣ даркор нест», месуруд, шунида, худ ба худ гуфтам — Оре, Лоҳутиву осори ӯ машъали хомӯшнашавандае аст.

## ТУ ҶАВОН БУДИВУ МЕМОНӢ ҶАВОН

*Менависам ман суруди сулҳро бо хуни дил,*
*Бо тапиданҳои бeороми рӯзафзуни дил.*

МИРЗО ТУРСУНЗОДА.

Сафари Қондара барои ман тасодуфӣ буд. Дуюми май дар яке аз мактабҳои райони Сталинобод баромад карда, аз он ҷо бо хоҳиши худи Мирзо рост ба ҳавлии ӯ рафтем.

— Чаро худатон танҳо? — пурсид бо ҳайрат модари фарзандони наҷибн Мирзо Сабоҳатхон.

— Имрӯз рӯзи ид аст, ихтиёри ҳар кас ба худаш, бачагони Миршакар бошанд, имрӯз ба меҳмонӣ рафтаанд. Ман ӯро бо худ ба ин ҷо овардам. Маслиҳат дорам.

— Ба хона дароед!

— Не, имрӯз ҳаво хеле ҳам форам аст, дар берун мешинем.

Дар ҳавои софу офтобии моҳи май нишаста, зодрӯзи Мирзоро қайд кардем. Мирзо хандида, гуфт:

— Дар як сол ду рӯзи таваллуд дорам ва ҳар дуяш ҳам тахминӣ! Лекин соли таваллудам ҳақиқист!

Воқиаи рӯзи таваллуди дуюми Мирзо чунин аст. Боре аз нашриёт барои тақвимномаи Тоҷикистон соли таваллуди нависандагонро пурсиданд. Мирзо рӯзи таваллуди маро пурсид. Ман 5 май ғуфтам. «Набошад,— гуфт,— азони ман 2 май нависед!» ва хандида илова кард, «Ман аз Миршакар ду рӯз пештар зоида шудаам». Аз ҳамон рӯз Мирзо, агар имконият медошту дар



сафар намебуд, зодрӯзашро соле ду бор (2 маю 26 ноябрь) қайд мекард.

Ба саломатии Мирзову аҳли оилааш қадаҳ бардошта, ҳамаашонро ба хона даъват кардам. Мирзо даъватамро қабул кард:

— Лекин,— гуфт ӯ,— рӯзи таваллудатро дар Қондара қайд мекунем. Ҳайрон нашав, бо Вера Ивановна Запрягаева,— директори боғи ботаникии АФ Тоҷикистон дар Қондара,— гапро пазондаам. Аллакай як ҳуҷраи олиҷанобе ҳам барои мо ҷудо кардаанд.

— Гапи нав-ку? — пурсид Сабоҳатхон.

— Мо бояд достонҳои худро ба охир расонем, дар шаҳр барои ин имконият надорем. Якчанд рӯз аз маҷлисҳову телефонҳо дуртар истодан лозим аст.

— Мо бо Гулчеҳрахон халал намерасонем? — пурсид бо шӯхӣ Сабоҳатхон.

— Рӯзҳои истироҳат дар ихтиёри шумоем...

Рӯзи дигар кӯрпаву дегу табақро ба мошин бор карда, лаб-лаби дарьёи шӯхи Варзоб ба Қондара раҳсупор шудем. Дар Қондара касе моро пешвоз нагирифт. Дурусттараш касе набуд. Дарҳо қулф.

Баъд аз чанде аз боло ду нафар — мӯйсафеду кампире,— намоён шуданд. Моро дида, бо ҳайрат истоданд, чизе ба якдигар гуфта, ба сӯи мо равон шуданд.

Баъд аз саломy алейк Мирзо пурсид:

— Калонҳоятон дар куҷост?

— Имрӯз рӯзи неки эҳьёст. Дар ин рӯз кор кардан гуноҳ аст... ҷавоб дод, меҳрубонона, кампир.

Ба шофери мо дядя Миша нафорид:

— Аз афташ унсури бегонаӣ, момо?

— Худоё, агар инҳо ранҷанд, айбе нест, аммо ту одами рус, исавимазҳаб ҳастӣ, хуб медонӣ, ки имрӯз рӯзи эҳьёст ва дар ин рӯз кор карданро худо манъ кардааст...

— Аммо хӯҷаинҳо, буржуҳо падарони моро рӯзу шаб кор мефармуданд, на рӯзи аҳёро риоя мекарданду на дигарашро, Революцияи Октябрь ин рӯзро барои ҳамаи мо рӯзи истироҳат эълон кард!..

Дядя Миша боз чизе гуфтанӣ буд, аммо Мирзо хоҳиш кард, ки мунозираро бас кунад... Баъд ба соҳибони боғ муроҷиат кард, ки калиди ҳуҷраро диҳанд. Мӯйсафед хандиду гуфт:

— Вай ҳуҷраи нодаркор аст, на дар дораду на калид!

Ба кампир нафорид:

— Фармонбек, ту чиҳо гуфта истодаӣ?

— Тётя Паша, бигузор пешакӣ фаҳманд, ки...

— Шуд, шуд! — тётя Паша гапи ӯро бурида, ба мо муроҷиат кард: — Биёед, ҳуҷраатонро ба шумо нишон диҳам.

Мирзо аҳволи ҳуҷраро дида:

— Бому девору тиреза дорад, барои мо ҳаминаш бас!

— Тётя Паша ва амаки Фармонбек, шумо шанбегӣ барин гапҳоро медонед? — пурсидам ман.

— На ин ки медонем, балки дар шанбегиҳои бисёре иштирок кардаем!

— Набошад, ҷорӯбу меху болғаро оварда, даруну беруни ҳуҷраро рӯбем, катҳои чӯбинашу даршро таъмир кунем!

Мирзову Фармонбеку тётя Паша рӯфтани хонаву атрофро ба гардан гирифтанд. Таъмири кату дарро ба ману дядя Миша супурданд. Вакте ки хама ҷоро ба тартиб даровардем, тётя Паша фотеҳона ба Фармонбек рӯ оварда гуфт:

— Ана, дидӣ! Он ҷиро, ки ту нодаркор гуфтӣ, даркорӣ шуд. Қадами одам муборак аст, агар ба чӯли харобазор расад, чӯл гулистон мешавад!

— Ой кампире, корат фақат насиҳат кардан асту халос...

Баъд аз наҳори шом, ки бо ёрии якдигар тайёр карда будем, дядя Миша баргашта ба шаҳр рафт, тётя Пашаву Фармонбек ба ҳуҷраҳои худ. Мирзо фаҳмиданӣ шуд, ки фикри ман дар бораи ҳуҷра чист? Ман «ба ҳамин ҳам шукр гӯй!»,— гуфтам. Мирзо хандиду гуфт:

— Дар ёд дорӣ, чӣ хел Боқиро бо хона таъмин карда будем?

...Дар ибтидои солҳои чиҳилум шоири халқии Тоҷикистон Боқӣ Раҳимзода, ки он вақт шоири ҷавон буд, баъд аз хатми Институти педагогии шаҳри Душанбе ба Президиуми Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ариза дод, ки ӯро бо ҷои хоб таъмин кунем. Ман, ки дар он солҳо котиби Правленияи Иттифоқи нависандагон будам, илоҷи дигаре наёфта, дар правления таклиф кардам, ки диване, ки дар клуби Литфонд бекор истодааст, ба ихтиёри Боқӣ дода шавад, бигузор онро гирифта, дар ҳавлии хобгоҳи мо, зери кадом дарахте, ки хоҳад, ба худ ҷои хоб интихоб кунад ва то зимистон дар ҳамон ҷо хобад. Вақте ки Мирзо аз сафар баргашт ва Боқиро дар ҳамон ҷо дид, маро чеғ зада «Ту, чӣ кор кардӣ?» — гуфта пурсид. Ман оромона ҷавоб додам, ки вай ҷои хоб пурсида буд, ман ҷои хоб ба ӯ додам ва илова бар он дивани Литфондро ҳам ба ихтиёри ӯ додам. «Ин хуб нест,— гуфт Мирзо,— ман, беҳтараш пагоҳ ҳамроҳ ба идораҳои даркорӣ рафта, хоҳиш кунам, ки ягон ҷорае бинад». Боқӣ, ки дар сӯҳбат иштирок дошт: — «Мирзоҷон,— гуфт,— ғам нахӯред, барои ман дар ҳамин ҷо хеле ҳам хуб аст. Дар ин вазъият ман меҳмони ҳамаи бошандагони ин хобгоҳ ҳастам. Ҳамеша дасти ман дар равған!»...

Мо озуқаворин якҳафтаина оварда будем. Дар ин ҷо яхдон набуд. Бинобар он гӯштро дар як кӯза андохта, равғанро дар дигаре, даҳанҳояшонро маҳкам баста, ба дарьё гузоштем, ки вайрон нашавад.

Мирзо хеле барвақт бедор шуд ва маро ҳам бедор кард.

— Дар Ҳиндустон,—гуфт,—мегӯянд, ки баъд аз соати 7 танҳо сагҳо ва хориҷиҳо аз хоб мехезанд!

— Дар яке аз маҷлисҳои интихоботии колхозӣ яке аз музокирачиён гуфтааст, ки «Раиси мо худи намояндагони район барин то соатҳои 12 мехобад»,— гуфта, сабукак аз ҷои хоб ҷаҳидам.

Мирзо коғази ба девор овехташударо нишон дода:

— Мана,—гуфт,—тартиботи рӯзгузарониро тахт карда овехтам, минбаъд аз рӯи он рафтор мекунем.

Маълум мешавад, ки Мирзо кайҳо бедор шудааст. Дар зери сигорини вай 4 дона сигорета хобида буд ва сигори панҷум дар даҳон дошт. Ман қатъиян таклиф кардам:

— Дар режими рӯз илова карда шавад, ки дар ҳеҷ мавриде пеш аз наҳори саҳарӣ папирос кашидан мумкин нест!

Мирзо розӣ шуд. Вале, афсӯс, ки ин қоидаро риоя кардан душвор буд. Гоҳо дар соатҳои панҷ бедор шуда ба навиштан сар мекард ва сигоретааш чун трубаи заводҳои кӯҳна муттасил дуд мекард.

Боре ба Мирзо гуфтам:

— Мирзо, шумо тартиботи муайянкардаи худатонро риоя накарда истодаед, ба ҷои соати ҳафт соати панҷ

мехезед, пеш аз наҳории саҳарӣ сигорета мекашед... Ин коратон ба ман маъқул не!

— Нависанда бояд мушоҳидакор бошад,— гуфт Мирзо.— Магар дирӯз надида будӣ, ки ин дарьёчаи хурд баъди борон чи қадар сангҳои калонро чаппагардон кард, соҳилро хароб ва дар баъзе ҷоҳо ҷараёнашро тағьир дод.

— Гуноҳи рӯд чист? Гунаҳкор борон аст!
— Гуноҳи ман чист? Гунаҳкор илҳом аст!

Панҷуми май Мирзоро аз хоб ман бедор кардам. Даст ба тарафи қуттии папирос дароз кард. Намондам. Мирзо хандиду ин сатри шеъри Носири Хусравро замзама кард: «Гуфто зи кӣ нолем, ки аз мост, ки бар мост!».

Дар соҳили дарьё либосҳоро кашида, ҳар кас аз рӯи фаҳмидагии худ «тарбияи ҷисмонӣ» гуфта, дасту пову сарро ҷунбондан гирифт, хайрият, ки бегонае дар он ҷо набуд, ки ба ҳоли мо хандад. Об беандоза хунук буд. Лекин номус карда, оббозӣ ҳам кардем, хунук хӯрдем. Зуд либосро пӯшида, тозон рафтем.

Баъд аз наҳори саҳарӣ Мирзо таклиф кард, ки соатҳои эҷодиро имрӯз дар лаби дарьё гузаронем.

Соябони мо дарахти бед ва намади мо реги мулоими соҳил буд. Мирзо ба сухан даромад:

— Пеш аз оне, ки мавзӯи достонамро ҳикоя кунам, хоҳишмандам ба суоли ман ҷавоб деҳ...

— Марҳамат.

— Дар солҳои охир дар бораи қаҳрамони мусбату манфӣ қариб ҳар рӯз мақола мебароянд. Ин хуб аст, лекин фикрҳо гуногун ва мухталифанд. Баъзеҳо ҳатто таклиф мекунанд, ки қаҳрамонҳоро пешакӣ тарошидан лозим аст ва баъд аз рӯи афту башараи онҳо асар нависем... Фикри ту чист?

— Ба ман аз газетаҳои марказӣ борҳо таклиф карда буданд, ки доир ба ин масъала фикрамро нависам, лекин ман нанавиштам. Росташро гӯям чи навиштанамро намедонам. Гап дар он аст, ки ман ягон боре қаҳрамонҳои худро, ки мусбатанд ё манфӣ бар тарозуи танқидӣ нагузоштаам, ҳатто бе ягон илова ва ҳамон тавре ки дар равиши кори эҷодӣ онҳоро тасаввур мекардам, ба онҳо дар асарҳои худ ҷо медодам. Ба фикрам қаҳрамонон на бо хоҳиши асарнавис ба вуҷуд меоянд, балки ҳаёт онҳоро меофарад ва онҳоро бо кору рафторҳои ба худ хос дар дили атрофиён, аз ҷумла дар дили нависанда, ба худ муҳаббат зоҳир мекунанд. Ин муҳаббат гоҳо ҷунон гарму ҷӯшоне, ки нуқсонҳои соҳибашро рӯпӯш мекунад. Бо ибораи дигаре гӯям қаҳрамони мусбате, ки маро барои навиштани асари наврӯҳбаланд карда, илҳом мебахшад, ба ман ҷун падару модари ман аст ва ман дар назди он ҷун кӯдаки маъсуме, ки ғайр аз накӯиашон чизе намебинам...

— Ҳасани аробакаш ҳам барои ман шахси тасодуфӣ нест, ман ӯро аз хурдӣ мешиносам ва барои ман як шахси муқаддас менамояд. Ман ҳеҷ чиз ба он илова кардан намехоҳам, мехоҳам ӯро ҳамон тавре ки ҳаст, шоирона тасвир кунам.

— Сабаби ин аён аст. Нависандаи бузурги рус Достоевский дар яке аз мактубҳои худ ба Майков иқрор мешавад, ки тасвири одами мусбату зебо хеле ҳам душвор аст. Чунки зебоӣ — идеал аст, аммо идеал на дар мо «ба таври бояду шояд кор карда шудааст на дар Европаи мутамаддин». Лекин дар олами социалистии мо зебоиву идеалро худи одамони советӣ дар процесси меҳнати диловаронаи худ ба таври бояду шояд кор карда баромадаанд. Қаҳрамонҳои асарҳои мо хаёлӣ нестанд, одамони воқеианд, соҳиби зебоӣ ва идеали бузурганд ва мо, агар онҳоро тавре ки ҳастанд тасвир намоем, ба мақсад мерасем!

— Ба ту маълум аст, ки достоне, ки ба навиштанаш сар кардаам, дурусттараш сар карданиям, «Ҳасани аробакаш» ном дорад. Қаҳрамонаш одами воқеӣ. Ин ҳамон шахсест, ки соли 1927 моро, ки барои таҳсил ба Тошкент мерафтем, бо аробааш аз Душанбе то Термиз бурда буд. Чӣ ҳодисаҳое бо аробакаш дар пеши назари мо рӯй дода буданд ва чӣ ҳикояҳои аҷибе дар бораи худаш аз забони ӯ шунидем. Ҳоло ҳам дар ҳаёт аст. Ман ба наздикӣ ӯро дида будам. Якдигарро шинохтем. Дар чойхонаи боғи шаҳрӣ чой нӯшида, рӯзҳои гузаштаро ба хотир овардем. Вақте ки ба хона баргашта омадам ба худам суол додам, ки ҷаро Ҳасани аробакашро, тимсол карда, достон нанависам?

— Мехоҳед чӣ тавр бо ароба аз Душанбе то Термиз рафтанатонро тасвир намоед?

— Не, ман намехоҳам, ки достони ман ба «Мо аз Помир омадем» монанд шавад. Аз Душанбе то Термиз рафтан баҳона. Мақсади асосӣ дигар аст. Тасаввур кун,

ки Ҳасан то революция батрак буд. Дар революция фаъолона иштирок дошт. Командир аспи хӯҷаини собиқи Ҳасанро ба ӯ ҳадья мекунад. Ҳасан аввал соҳиби асп ва баъд соҳиби ароба мешавад...

— Ин дар ҳамон рӯзҳое, ки дар республикаи ҷавон нақлиёти асосӣ аспу хару ароба буд?

— Дар ҳамон рӯзҳо!

— Лекин бо мурури замон мошинҳои сабукраву боркашонӣ «майдони васеи» ӯро танг мекунанд ва ӯ аробаро партофта шофер мешавад?

— Не! Ҳама гап дар он аст, ки вай то охир аробаашро напартофта, барои пешқадамӣ муборизa мебарад... Вақте ки кӯчаҳои Душанберо мошинҳо зер мекунанд, вай ба маркази вилоят меравад, аз он ҷо ба маркази район, аз маркази район ба колхоз ва аз колхоз ба бригадаи колхозӣ...

— Ва ба ҳар ҷое, ки меравад, аз қафояш мошинҳо меоянд ва майдони амалиёташро маҳдуд мекунанд?

— Ҳамин тавр.

— Пас, дар охири кор ба ӯ порукаширо таклиф мекунанд?..

— Дар ин бора ба ягон фикри муайяне наомадаам ва барои ҳамин ҳам фикри туро гирифтанӣ будам.

— Фикри ман ҳамин аст ва мантиқан дуруст аст.

— Дар ин бора фикр кардан лозим аст,— гуфт Мирзо ва аз ҷо хеста таклиф кард: — Беҳтараш биё оббозӣ кунем.

Баъд аз наҳори нимарӯзӣ мебоист каме дам мегирифтем, лекин Мирзо таклиф кард, ки ба маркази район равем, барои моҳигирӣ шасту асбобҳои дигаре харидан лозим буд. Маркази район ягон панҷ километр дуртар буд ва пиёда рафтан ба он ҷо он қадар мушкил набуд. Лекин вақте ки ба маркази район расидем, мардум гирду атрофи моро гирифт.

...Мирзо Турсунзода фарзанди косиби ҳамин водист. Тарҷумаи ҳоли вай шарҳи ҳоли халқи вай аст. Дар он солҳое, ки ҳанӯз садои тири зархаридони империалистӣ дар гӯшаҳои дури республика шунида мешуд, халқ бо роҳбарии партия ба кори азнавсозии ҳаёти нав дар шаҳру қишлоқҳо сар карда буд. Одами босавод кам буд ва лозим меомад, ки ҳар шахси босавод «ҳазорҳунар» бошад, ҳар чи аз дасташ ояд, барои Ватан дареғ



надорад. Шоирон ва нависандагони ҷавон дар вазъияти шиддатноки муборизаи синфӣ ба деҳот рафта, муаллими мактабҳои маҳви бесаводӣ, агитатор, котиби шӯрои ҷамоат, муовини раиси колхозҳои навташкилшуда кор мекарданд. Ба сифати ходимони газета, коркунони ташкилотҳои пионериву комсомолӣ, ба районҳову сохтмонҳо рафта хизмат мекарданд ва ҳамаи ин барои онҳо мактаби ҳаёт буд. Яке аз шогирдони фаъоли ин мактаби бузурги ҳаёт Мирзо Турсунзода буд. Мактаби ҳаёт ба Мирзо Турсунзода қудрату тавоно, маҳорату ҷасорат бахшид. Ӯ акнун ходими фаъоли давлатӣ, шоирест, ки синнаш аз шавқи илҳом тангӣ мекунад, қодир аст, ки зуҳуроти ҳаётро ба чашми хирад бинад, омӯзад, ҳарҷониба таҳлил намояд, навро аз кӯҳна ҷудо намуда, ба ғалабаи он ёрӣ расонад, аз ҳаёт назм ва аз назм ҳаёт созад.

Ин аст, вақте ки ба маркази район дохил шудем, пиру ҷавон «Турсунзода!..» гӯён гирду атрофи моро гирифтанд, ба меҳмонӣ даъват мекарданд. Хайрият, ки муаллими мактаб омада, хоҳиш кард, ки бо бачагон вохӯрем. Илоҷи дигаре набуд, розӣ шудем.

...Бачаи бисьёре ҷамъ омада, бодиққат гӯш мекарданд. Мирзо саргузашти бачагиву навҷавонии худро ҳикоя кард, ки мазмуни он чунин буд: Дар қишлоқ мактаби кӯҳнае буд, ки дар он бачагони қишлоқ мехонданд. Падари Мирзо, устои дуредгар «ман ба писарам беҳуда Мирзо ном надодаам. Ман ният карда будам, ки вай одами босавод ва обрӯи қишлоқ шавад!» — гуфта, писарашро ба мактаби кӯҳна медиҳад. Дере нагузашта дар қишлоқи онҳо мактаби нави советӣ ташкил мешавад. Мирзо бо ҷӯраҳояш ба мактаби нави советӣ дохил мешавад. Дар соли 1925 аз қишлоқаш гурехта ба Душанбе меояд ва дар ин ҷо ӯро ба хонаи бачагон қабул мекунанд... Дар соли 1927 як гурӯҳ бачагонро ба аробаи Ҳасани аробакаш савор карда, барои таҳсил ба Тошкент мефиристонанд... Дар охир Мирзо гуфт, ки «баъд аз хатми дорулмуаллимини тоҷикон ба Душанбе омадем. Ҳамроҳони ман яке мудир, дигаре раис, сеюмӣ муовини раис ё котиб ва ҳатто то ба мартабаи олитаре расид. Лекин ман бо майли худ кори газетаро интихоб кардам ва касби шоириро баргузидам.

Ҳар касе бояд аз рӯи тамоилаш кор кунад. Тамоили ман шоирӣ буд ва ман аз ин ҳунари худ розиям!».

Баъд аз шеърхонӣ моро ба «як пиёла чой» даъват

карданд. Бо хамин рӯз ба охир расид. Хайрият, ки ба магазини даромада шастро харида будем. Вақте ки ба хучраи худ дохил шудем, қавл додем, ки дигар на танхо ба маркази район намеравем, ҳатто ба касе худро нишон намедиҳем.

Тётя Паша хабар дод, ки «ҳама тайёр аст!».

— Офарин, тётя Паша,— гуфт Мирзо ва узрхоҳӣ намуд.— Мебахшед, ки бо гунохи дигарон каме дер кардем.

Дар ошхонаи тобистонии боғдорон столи зиёфат оро дода шуда буд. Байни стол гулдастаи аз гулҳои гуногуни боғиву кӯҳӣ басташуда меистод. Фармонбек чой нӯшида столро бонӣ мекард. Бо ҳайрат аз тётя Паша пурсидам:

— Ба кадом муносибат?

— Муносибаташро ҳозир мефаҳмӣ, азизам! — ба ҷои тётя Паша ҷавоб дод Мирзо ва ҳамаро ба нишастан таклиф кард. Маро назди гулдаста шинонданд. Мирзо қадаҳ бардошта гуфт:

— Мо дар ин ҷо чор нафар ҳастем, лекин худро танҳо намешуморем. Бо мо ин булбулони хушхон, ки гулҳои рангоранги боғиву роғӣ, гулҳои бостоние, ки аз будани онҳо то динаякак касе хабар надошт ва раҳмат ба олими машҳур ва дӯстдоштаи мо Вера Ивановна, ки ин гулҳои хеле зеборо кашф карда, аз чанголи марг халос намуда, ба онҳо ҳуқуқи зиндагӣ додааст, ин осмони пурситора, ин кӯҳҳои нооромn ва муҳаббати ҷӯшони мо ба якдигар,— бо мо ҳастанд! Дӯстон, имрӯз рӯзи таваллуди дӯсти навҷавонии ман Мирсаид Миршакар аст... Ман ин қадаҳро барои он мебардорам, ки дӯсти мо бо фарзандони наҷиби худ саломат бошад ва бо эҷодиёташ на танҳо қуллаҳои кӯҳҳои Помир, на танҳо қуллаҳои кӯҳҳои Тоҷикистон, балки инчунин қуллаҳои адабиёти сермиллати советии моро сарфароз намояд...

...Маро хоб намебурд. Ин меҳрубонии Мирзо хеле таъсир карда буд. Даврони ҷавонӣ аз пеши назарам мегузашт ва ҳар бор мегуфт: «Роҳҳои каҷукилебе тай кардаед, лекин фаромӯш накунед, ки дар пеш роҳҳои аз ин ҳам мураккабтару ноҳамвортаре интизори шумоянд».

Дар байни ҳаммаҳфилони мо Мирзо серталаб, бераҳм, вале меҳрубон буд. Пеш аз ба район рафтанам барои ночизе шуда сахт ҷанг карда будем ва ман гумон кардам, ки агар баъд аз ин дучор шавем, аз як-



дигар рӯ мегардонем. Баъд аз як сол аз район баргашта омадам. Дар идораи нашриёт касе дӯстона дастамро гирифту фушурд. Нигоҳ кунам наздам Мирзо Турсунзода, бо чеҳраи хандони ба худ хос истодааст. Пеш аз ҳама хабар дод, ки китобчае баромадааст, ки дар он шеърҳои ман ҳам дохил шудаанд... Хоҳиш кардам, ки он китобро ба ман нишон диҳад. «Ман барои ту,— гуфт Мирзо,—дар хонаам нигоҳ доштаам. Рафтем». Хонаи Мирзо аз нашриёт хеле дур буд ва илова бар он пиёда рафтан лозим меомад. Рафтем. Хона қулф буд. Қалид дар ҷояш набуд. Мирзо боғазаб: — «Ин Алӣ Хуш бачаи беақл будааст!» гуфту бо зарби мушт тирезаро шикаста ба хона даромад ва аз он ҷо дуто китобча бароварда ба ман дод...

Дар маҳфили адабии назди рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» дер наистодам. Маро ба районҳо ва дертар ба сохтмони Вахш фиристоданд. Аз дӯстонам ва маслиҳати онҳо маҳрум шудам ва вақте ки дар соли 1937 аз нав ба Душанбе баргашта омадам, таъсири инро ба хубӣ ҳис кардам. Соли 1938 дар маҷлиси комсомолии назди Нашриёти давлатии Тоҷикистон ҳисоботи эҷодии маро шуниданд. Маҷлис дуру дарозе давом кард. Қариб ҳамаи иштироккунандагон ба музокира баромаданд. Ҳар чи дар дил доштанд, гуфтанд. Бештар ва талхтар аз ҳама суханони Мирзо буданд. Маҷлис қарор кард, ки маҷмӯаи аввалини шеърҳоям ба чоп тайёр карда шаванд. Ва барои ману дигарон ғайричашмдошт таҳрири маҷмӯаро Мирзо ба гардан гирифт... Худи ҳамин зиёфату қайдкунии зодрӯзам ҳам ташаббуси Мирзо буд...

Пагоҳӣ, дар соатҳои шаш — шашуним Мирзо маро бедор кард. Вақте ки ба соҳили дарьё рафтем, Мирзо бар санге нишасту «бишин»,— гуфт,— гап дорам!».

— Пеш аз тарбияи ҷисмонӣ? — пурсидам ман.

— Мо ба ин ҷо барои кори эҷодӣ омадаем, на барои тарбияи бадан! Гӯш кун, дар бораи қисмати Ҳасан ман ба фикри ту розӣ нестам. Намехоҳам, ки қаҳрамони дӯстдоштаи ман порукаш шавад. Ман мехоҳам, ки вай дар охир шофер шавад, аммо чӣ тавр? Дар равиши кор маълум мешавад! Умуман ман мехоҳам, ки дар шахси қаҳрамони худ роҳи тайкардаи республикаамро нишон диҳам.

— Ин тавр бошад ихтиёр ба дасти бахтиёр! — гуфтам нобоварона. Росташ, ман ҳатто тасаввур карда наметавонистам, ки дар шахси як аробакаш, ки ба артель даромадан намехоҳад, пайдо шудани мошинҳоро бадбахтӣ медонад, чи тавр Мирзо роҳи тайкардаи республикаро нишон медиҳад. Лекин дар чунин мавридҳо, ки илҳоми шоир ба ҷӯш меояд, агар, кас тавонад ба ӯ ёрӣ диҳад, вале халал нарасонад, дар сари роҳи ӯ мамонеа нашавад. Дар охир аз Мирзо пурсидам,— Мирзо, қаҳрамони шумо маҳбубае, маъшуқае, завҷае дорад?

— Дар ин бора фикр ҳам накардаам! — ҷавоб дод Мирзо.

— Бешубҳа, шумо қаҳрамонатонро чун панҷ ангушт мешиносед, метавонед рафтор, кирдор, ахлоқи онро таъриф кунед, ӯро ҳарҷониба ба хонанда шиносонед. Лекин боз як чизи сазовори диққате ҳам ҳаст, ки асари бадеӣ бе он хира аст. Ман занро дар назар дорам. Зан ки иҷрокунандаи нақши маҳбуба аст ё маъшуқа, зан ё хоҳар ё модар, мусбат аст ё манфӣ, лекин барои достон зарур аст, достонро рӯҳ мебахшад, дилнишин мекунад.

— Инро ман дар назар дошта будам... Лекин ба фикрам воқеаҳои достону қаҳрамони хеле наҷиби он достонро оро медиҳанд, дилписанду завқовар менамоянд.

— Боварӣ доред?

Баъд аз наҳори нимрӯзӣ дам нагирифта, ба дарьё, барои моҳигирӣ рафтем. Шастҳоро ҷо ба ҷо карда, ба сӯҳбати эҷодӣ сар кардем.

— Гапи ту ҳақ! Ҳасан бояд номзад дошта бошад. Ишқи духтари соҳибҷамол ба Ҳасан қувваи тоза мебахшад.

— Тимсоли он соҳибҷамоли «нест андар ҷаҳон»-ро ёфтед?

— Ёфтам, ҳоло ҳам дар пеши назарам бо нозу нузи камбағалонааш намоён аст. Лекин навиштани бобҳои ишқӣ душвортар аст.

— Барои шумо бояд осонтар бошад. Шумо чун муаллифи либреттои «Тоҳиру Зӯҳро» ҳар чи бошад таҷриба доред!

— Замони вайҳо дигар буд...

— Яъне дар замони мо ишқ «бесӯзугудоз», «кампирҳо беоҷинг»?

Мирзо хуб хандиду гуфт:



— Ман он мақолае, ки мунаққид «Ёри шуғнонӣ»-ро танқид мекунад, хондам.

— Вай маро айбдор мекунад, ки ман дар ҳаҷри ёр «шабҳо бехоб ва бо чашми пуроб» будам..

— Агар мунаққид ту барин дар ин ҷову номзадаш дар Помир мебуд ва аз он на хате мегирифту на хабаре... ин гуна даъво намекард. Лекин дар баробари ин мо набояд фаромӯш кунем, ки лирикаи социалӣ, ё чи тавре ки мегӯянд, гражданӣ ҳама вақт ва махсусан ҳозир, ки халқҳои мустамлика ба муқобили мустамликадорон сар бардоштаанд, хеле ҳам зарур аст.

...Ба муборизони зиддимустамликадорӣ бо асарҳои худ ҳамкорӣ намудан раъй ва мароми Мирзо Турсунзода буд. Баъзеҳо гуфтанӣ мешаванд, ки гӯё сабабгори ҷаҳиши эҷодии Мирзо сафари ӯ ба Ҳиндустон бошад. Ин фикри хатост. Дар кори эҷодӣ «ғалабаҳои» тасодуфӣ чун гули бемавридшукуфта бебаҳо ва зуд пажмурдашавандаанд. Мирзо чун шоири интернационалист ба ин сафар пешакӣ тайёр буд.

Ҳиндустони афсонавӣ. Ҳангоме ки шоир ба он ҷо қадам мегузорад, бештар аз он чизе, ки дар Ватанаш аз мӯйсафедон ва ҳиндиҳо дар бораи ин мамлакат шунида буд, бо чашми худ мебинад. Мафтуни дастони қодири табиат мегардад. Дар пеши назараш осмони нилуфар лаълсифат ҷилва мекунад, об дар шуои офтоб чун симоб печутоб мехӯрад, рӯди Ганг дар шабҳои тор ҳамранги Қоҳкашон мешавад ва дар шабҳои маҳтобӣ шамшери фотеҳонро ба хотир меорад, лолаву себарга ба вақти саҳар аз лӯълӯи тар ҳалқабагӯшанд, дарахтон ба ҳавои чаман аз бадан бол мебароранд, дар як сӯ навои булбулон, дар сӯи дигаре фарьёди филон, боғи муаллақи моху солҳо пур аз сайёҳҳони аҷнабӣ ва онро биҳишти рӯи замин меноманд, ҳамеша сабзу хуррам аст ва ранги он дар об чун шӯълаи маҳтоби сабзест, ранги гулҳои зебояш ба рӯҳи ёри соҳибҷамол мемонад, дар соҳили рӯди Ҷамна қасре истодааст, ки машъалосо нурафшон мебошад ва номи он Тоҷмаҳал аст...

Ҳамаи ин зебоиҳо шоирро ба ваҷд меоранд, лекин онҳо барои ӯ нав нестанд. Дар васфи онҳо асрҳо соҳибқаламон қаламронӣ карданд. Шоири дунёи нав мехоҳад ба гулхан то даме нигарад ва он чиро кобаду ёбад, ки диданаш кайҳо зарур буд, вале ҳанӯз касе надидаасту наёфтааст. Бо ин мақсад шоир пардаро аз рухи ҳақиқат мебардорад. Дар пеши назари ҷаҳониён ба ҷои

Ҳиндустони афсонавӣ Ҳиндустони ғоратшудае намоён мешавад, ки пур аз бечорагону бенавоён аст, халқи мазлумаш барои луқмаи нон на рӯз роҳат дораду на шаб... Дар баробари ин шахсони сангдиле намудор мешаванд, ки аз мағрибзамин ба Ҳиндустони дуре омадаанд, худро ҳомиёни ин халқи ба ҳалокат дучоршуда меноманд, вале дар амал на парвои оҳу нолаи кӯдакони гурусна доранду на парвои ашки хунолуди падарону модарони онҳо, дар кӯчаҳо гоҳе чун сипоҳ намоён мешаванду гоҳе чун гадо, гоҳе чун гурбаи поядаи муше ва гоҳе чун аз гурба гурезанда муше...

Шоир бо қаламй худ аз рӯи онҳо низ ниқоб мебардорад ва онҳо дар пеши назари умум чун ғоратгарони молу ҷони Ҳиндустон ва сабабгори ҳамаи бадбахтиҳо, бародаркушиҳо, низоъҳои қабилавӣ мазҳабӣ ва гуруснагиву гадоӣ фош мешаванд.

Аз дидани ин манзара шоир маъюс намешавад ва як бори дигар ба чеҳраи халқи ҷафодидаи Ҳиндустон менигарад ва шод мегардад, ки «Меҳмони» мағрибӣ, «гарчи дусад сол дар ин хона монд, лек бар ин оила бегона монд» ва ҳукми ӯ бебақост ва гарчи сари халқ аз ғам сафед шуда бошад ҳам, вале дили ӯ ҷавон ва пур аз умед аст ва бозувони он барои мубориза қавианд!

Овози шоир дар фазои васеи Ҳиндустон паҳн мешавад, вай дар шахси Ганги муқаддас ба халқи озодихоҳи Ҳиндустони кабир мурочиат мекунад, ки эй рӯди бузурги Ганг,— модари Ҳиндустон, чун рӯдҳои кӯҳӣ зиндагӣ кун, ҷӯш зан, ҷавонӣ кун, ҳамаи мамониатҳоро бераҳмона аз роҳи худ дур андоз ва несту нобуд кун!

Ин овози шоири советии тоҷик, ба қавли шоири маъруфи Ҳиндустон Ғулом Тобони Рабонӣ, ба як чашм задан дар фазои кабири Ҳиндустон паҳн шуда, дар дили миллионҳо муборизони зиддимустамликадорӣ ба худ ҷо ёфт ва тавоноии овози ӯ шояд аз он бошад, ки овози шоирони советӣ бо овози «Аврора» омехтааст.

Силсилаи шеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон» тез паҳн шуда, писанди халқи озодихоҳи Ҳиндустон гардид. Мардуми Ҳиндустон дар шахси Мирзо Турсунзода фарзанди азиз ва аҳли дарди худро дид. Бесабаб набуд, ки рӯзномаҳои прогрессивии ин мамлакат он рӯзҳо ӯро шоири миллии Ҳинд эълон карданд.

Дӯсти мардуми Шарқ, нависандаи бузурги рус Николай Тихонов хикоя мекунад, ки боре бо сардории ӯ



чанд нафар нависандагони советӣ, ки Мирзо Турсунзода ҳам дар байни онҳо будаст, ба Қарочӣ сафар мекунанд. Вақте ки ба сарҳад наздик меоянд, сардори посбонони марди тануманд ва ҷасуру диловаре, ки барои озодии ватанаш на яку на ду бор бо мустамликачиён дастбагиребон шуда хун рехтааст, ба назди онҳо меояд ва бо тамоми дастуру қоидаҳои сарҳаддӣ ҳуҷҷатҳои онҳоро талаб мекунад. Онҳо ҳуҷҷатҳоро ба дасти ӯ медиҳанд. Сардор тасодуфан аввал ҳуҷҷати Мирзо Турсунзодаро мекушояд, якбора бар рухи ҷиддии ӯ табассум гул мекунад, ҳуҷҷатҳои дигаронро ҳатто накушода, гардонда медиҳад ва меҳрубонона «Марҳамат як пиёла чой» гуфта, ба хонаи хурде, ки эҳтимол қаровулхона буд, онҳоро даъват мекунад, ҳангоми суҳбати хеле самимона сардор гуфтааст, ки дидани дидори шоире, ки аз шеърҳои ӯ садои задани дили муборизони нимҷазираи Ҳиндустон шунида мешавад, барои ӯ шарафи бузургест...

Мавзӯи байналхалқӣ аз ибтидо қисми ҷудонашавандаи адабиёти советии тоҷик буд. Осори ин мавзӯъ навиштаи Мирзо Турсунзода пурҷозиба ва пурҳароратанд. Онҳо дар ибтидо ҳамсадои муборизони Ҳиндустон, баъд бо равиши инкишофи ҳаракати зиддимустамликадорӣ садои муборизони озодихоҳи Осиёву Африко гардиданд...

Моҳиҳоро ба Фармонбек додем, ки доғ кунад. Тётя Паша онҳоро аз дасташ гирифта:

— Вай аз ӯҳдаи чунин корҳо намебарояд,— гуфт.

Мирзо дар ҳайрат афтод.

— Вай чӣ гуна мард будаст, ки моҳиро доғ карда наметавонад? — пурсид Мирзо.

— Ман зиндаро беҷон кардан наметавонам,— гуфт узрхоҳона Фармонбек.

— Лекин гӯшту шӯрбояшро то охир мехӯрад! — таъна зад тётя Паша.

— Ту аз куҷоӣ? — пурсид Мирзо.

— Аз Вахонзамин.

— Ҳамсояи ҳиндуҳо, гӯй! — хандид Мирзо.— Ҳунари ҳофизӣ надорӣ?

— Ду-се сол пеш кам-кам машқ карда будам, бо ҳаваскорон дар клуби районӣ баромад ҳам карда будам... Аммо як бор як мардак аз роҳбарони район ма-

ро барои як ғазали Туғрал сарзаниш кард, аз ҳамон вақт суруд хонданро партофтам.

— Ту худат Туғралро мешиносӣ?

— Не намешиносам.

— Аз куҷо буданашро ҳам намедонӣ?

— Аз афташ аз Вахонзамин бошад, шеърҳояшро дар ҳамон ҷо бисьёр мехонанд ва ҳеҷ кас ҳам онҳоро манъ намекунад...

Мирзо аз шунидани суханони Фармонбек бо завқ хандид ва ба тётя Паша:

— Моҳиро доғ кунед,— гуфт,— ҳар қадар хоҳед хӯред, боқимондаашро ба мо меоред.

Тётя Пашаву Фармонбек рафтанд. Мирзо ба кат дароз кашида:

— Бечора Туғрал,— гуфт.— Халқ ӯро дӯст медорад, шоири худ мехонад, шеърҳояшро дар тӯйҳо месарояд... Лекин мо? Қайҳо лозим буд, ки масъалаи ба чоп тайёр кардани куллиёти ӯро ҳал намоем.

— Барои куллиёт асар лозим аст.

— Ҳамшаҳриҳояш мегӯянд, ки дар дасти хешонаш шеърҳояш бисьёр аст, барои панҷ ҷилд китоб мерасанд! Чӣ қадар шеърҳои баъдиреволюционии ӯ дар дасти Пӯлодов ном шахсе, ки як вақтҳо дар он район ӯ котиби комитети партиявӣ будаст, мебошад!

— Метарсам, ки ҳамаи ин гапҳо ҳавоӣ набошанд.

— Як вақтҳо ба наздам Шанбезода омада, хоҳиш кард, ки барои ба чоп расондани эҷодиёти шоири халқии Помир Қудрат ба вай ёрӣ расонам. Баъд аз чанд рӯз бо ҳамин масъала Тилло Пӯлодӣ омад. Дар охир маълум шуд, ки на дар дасти ин чизе ҳасту на дар дасти он.

— Ҳамин тавр ҳам бо Муллоёри Дарвозӣ шуда буд

— Бо вуҷуди он масъалаи Туғралро ҳал кардан лозим аст. Агар лозим шавад барои ҷамъ кардани асарҳои парешонаш ба районҳои водии Зарафшон бригадаи нависандагонро мефиристонем.

...Аз рӯи маслиҳат субҳи барвақт тӯшаи роҳ гирифта, барои ревоҷи тагисангӣ ба сӯи кӯҳ раҳсупор шудем.

Мирзо дар роҳ аз нав масъалаи адабиётро бардошт.

— Мирзо,— гуфтам ман,— дар дуньё ба ғайр аз адабиёт гапи дигаре нест?

— Бародар, дар пеш анҷумани Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон истодааст. То он вақт бисьёр масъалаҳои муҳими адабиётро ҳал кардан лозим аст. Мана, дирӯз дар бораи лирика сухан кушодему онро ба охир нарасондем. Ба фикри ман яке аз нуқсонҳои мо дар ин соҳа он аст, ки ба проблемаҳои муҳими адабиёт яктарафа нигоҳ мекунем. Шоир, мунаққид, нависанда... бояд тақозои замони худро ба назар гирифта, асар нависад. Дар солҳои ҷанг асарҳое навиштем, ки барои муҳофизати Ватан аз фашизм даъват мекарданд. дар рӯзҳои аввали баъдиҷангӣ вазифа иборат аз он буд, ки асарҳои мо барои барҳам додани оқибатҳои ҷанг халқро сафарбар намоянд. Ман бояд гӯям, ки дар ин давра муваффақ гардидем, ки на танҳо аз доираҳои танги мавзӯи «дохилӣ» бароем, балки инчунин мавзӯъҳои умумииттифоқӣ, байналхалқӣ ва интернационалистиро дар назми тоҷик акс намоем, ба ин восита назми советии тоҷикро дар қатори назми халқҳои бародарӣ ба арсаи ҷаҳонӣ барорем. Лекин бо ин қонеъ шудан ҷиноят аст. Бисьёр рафиқони мо дар солҳои охир ба «истироҳати эҷодӣ» баромадаанд.

Мирзо дар қатори дигарон ману Боқӣ Раҳимзодаро барои он танқид кард, ки дар давоми соли 1952 дар саҳифаҳои «Шарқи Сурх» ҳатто номи моро надидааст...

Роҳҳои каҷу килеб, пайраҳаҳои борику беохирро бахскунон тай намудем. Ба доманаи кӯҳ ҳам расидем. Лекин ба ҷои ревоҷи тагисангӣ танҳо сангҳои паҳлу гардондашуда ва чуқуриҳое дидем, ки аз он ҷо ревоҷҳоро канда гирифтаанд. Маълум мешавад, ки пештар аз мо омада «шикор» кардаанд.

— Насибашон будаст,— гуфт Мирзо.

— Баргашта равем?

— Агар монда нашуда бошӣ,— гуфт Мирзо,— боз каме болотар бароем.

— Хайр, болотар бошад, болотар!

Акнун аз роҳу пайраҳаҳо осоре набуд. Ба пеш нигоҳкунон боло баромадан гирифтем. Торафт ба кӯҳи сиёҳдил наздик мешудем. Барф ҳам намоён шуд. Лекин аз ревоҷ осоре набуд. Дар тарафи дасти рост харсанги калоне намоён шуд. Мирзо «ҳозир меоям», гуфту ба тарафи он равон шуд. Дар ин асно уқобе чунон тезу номаълум ба ӯ ҳамла овард, ки ман танҳо садои даҳшатноки париданашро, ки садои снарядро монанд буд, шунидам. Мирзо фарьёд зад: «Хушьёр бош, аз афташ дар ин ҷо лонаи уқоб аст!» ва таги буттаи калоне пинҳон шуд.

— Мирзо,— гуфтам,— аз афташ лонаи уқоб дар наздикиҳои ҳамин харсанг аст. Ҳарчи зудтар аз ин ҷо гурехтан лозим аст.

Вақте ки ду-се километр поёнтар фаромадем ва бехатариро ҳис намудем, Мирзо «Вақти наҳори нимирӯзӣ шуд!» гуфта, бар рӯи сабзаҳои кӯҳӣ нишаст ва фармон дод:

— Тӯшаро барор, ки ба умеди ревоҷ шуда аз гуснагӣ ҳалок нашавем!

— Ба умеди ревоҷ шуда, қариб буд, ки сайди уқобони кӯҳӣ шавем! Монда нашудаед?

— Не! Ман фарзанди кӯҳам, ҳар қадар болотар бароям ҳамон қадар худро беҳтар ҳис мекунам!

Дар ҳақиқат Мирзо кӯҳбароиро дӯст медошт. Ҳатто дар солҳои шастум, ки синнусоли ӯ аз панҷоҳ гузашта буд, боре ба ману Боқӣ Раҳимзода изҳор кард, ки мехоҳад он ҷоҳоеро, ки як вақтҳо дар он ҷо чӯпонӣ мекард, як бори дигар бинад ва илтимос кард, ки мо ҳамроҳи ӯ бошем. Розӣ шудем. Рӯзи дигар то деҳаи Қаратоғ бо мошин ва аз он ҷо аспакиву харакӣ ба чарогоҳи мазкур раҳсупор шудем. Зиёда аз сӣ километр роҳро тай карда, дар нимаи шаб ба он ҷо расидем ва чунон монда шуда будем, ки чизе нахӯрда хоб кардем. Вақте ки пагоҳӣ бедор шудем, Мирзоро бар сари баландие дидам. Ба сӯи мо бо даст ишора карда:

— Биёед,— гуфт,— бо чашмони ман манзараҳои зебои кӯҳистонро тамошо кунед!

Вақте ки ба Қондара наздик омадем, як гурӯҳ духтарон дар либосҳои рангоранг салом дода аз паҳлӯи мо гузаштанд. Аз дур овозашонро мешунидем, ки мегуфтанд: «— Инҳо ботаникҳо бошанд ё кӯҳканҳо?», «Худо ҷонта бигирад, наход ки нафаҳмӣ, инҳо шоирҳои номдори моанд, чанд вақт боз дар ҳамин ҷоянд!», «Шоирҳо дар ин дараи беодам чӣ кор доранд?», «Рӯз мегарданд, ҳар касе ки дучорашон шавад, кунҷковона суол медиҳанд, шаб ки шуд, нишаста, шунидагиашонро рӯи коғаз навишта, ба шаҳр мебаранд ва ҷувол-ҷувол пул мегиранд...»

Хостем духтараконро ҷеғ зада ҳақиқатро ба онон гӯем, лекин дар ин асно тётя Пашаву Фармонбек бо дастурхони бастагӣ аз пеши мо баромаданд. Хуб гилагузорӣ карданд, ки чаро чизе нагуфта ба кӯҳ баромадем, агар ба хирсе ё паланге дучор мешудем, чӣ кор мекардем? Дастурхонро нишон дода:

— Қамтар таом овардем,— гуфтанд.

Мирзо барои ин ғамхорӣ ва меҳрубонии самимонаашон онҳоро бӯсид ва изҳори ташаккур намуд.

Вақте ки ба ҳуҷра дохил шудем, рӯи стол коғазе дидем, ки ба он навишта шудааст: «Мирзоҷон! Мувофиқи ваъдаам омада будам, дуру дароз интизор шудам, наомадед. Ноумед шуда рафтам. Пагоҳ ба ҳеҷ куҷо наравед, Бобоҷон Ғафуров шуморо диданӣ. Бо саломи коммунистӣ — Тоҳир Пӯлодов».

Дар он вақт Пӯлодов котиб ва Бобоҷон Ғафуров котиби якуми Комитети Марказии Партияи Коммунистии Тоҷикистон буданд. Пӯлодов дар ин муддати кӯтоҳ ду-се бор ба назди мо омада буд. Хабарҳои рӯз меовард, сурати моро мегирифту тайёр карда, тақдим мекард, порчаҳоро аз достон барояш мехондем, шунида мулоҳизаҳояшро мегуфт. Аз афти кор ба он ҷо омадани Ғафуров ҳам бо ташаббуси ҳамон кас бошад, чунки ӯ аз омадани мо ба Қондара хабар надошт.

Бобоҷон Ғафуровро нависандагон дӯсти адабиёти тоҷик меноманд ва ин барои ҳурмат не, балки ҳақиқат аст. Ҳатто дар он солҳое ҳам, ки танҳо мудири шӯъбаи пропагандаи Комитети Марказӣ буд, роҳбарӣ ва ғамхорӣ ба адабиётро вазифаи навбати аввали худ медонист. Бо ташаббуси шахсии вай аз Москва ба Тоҷикистон беҳтарин тарҷумонҳо даъват шуда буданд, ки осори классикҳо ва шоирони муосири тоҷикро ба русӣ тарҷума кунанд. Ба ин восита дар Москва тазкираи комили назми классикиву муосири тоҷик ба чоп расид. Вақте ки дар соли 1946 котиби якуми Комитети Марказии ПК Тоҷикистон интихоб шуда буд, ёрӣ ва ғамхории ӯ дучанд афзуд. Ин аст, ки омадани ӯ ба назди мо шодиву хурсандии калоне буд...

Бобоҷон Ғафуров бо мо ҷанг кард, ки чаро ба ин ҷо омадем? Чаро ба ӯ чизе дар ин бора нагуфтем? Вай метавонист моро дар Харангон, ки истироҳатгоҳи коркунони масъул аст, ҷой диҳад, барои эҷодӣ шароит пайдо кунад... Мо узрхоҳӣ намуда, фаҳмондем, ки дар ин ҷо ҳам гул асту ҳам булбул ва аз ҳама муҳимаш ин ҷо ҳам аз сари роҳу ҳам аз шаҳр дур аст ва телефон надорад...

Баъд Ғафуров ҳикоя кард, ки партия ҳозир барои бардоштани иқтисодиёти мамлакат ва махсусан барои

бардоштани иктидори хочагии дехот чорахои амалй дида истодааст. Партия кӯшиш карда истодааст, ки дӯстону душманон набудани Сталинро хис накунанд, боварй хосил кунанд, ки пешбарандаи халқ шахсони алохида не, балки Партияи Коммунистист. «Умуман,— гуфт,— шумо бояд аз материалхои дар сахифахои газетахои марказй хулоса баровварда бошед, ки партия ба мукобили шахспарастй чанг эълон кардааст!

Мувофики хохишаш мазмуни достонхои худро ба вай хикоя кардем. Вай хандида, гуфт:

— Аз рӯи мавзӯъхои интихобкардаи шумо хулоса баровардан мумкин аст, ки кариб бист сол аз хаёт кафо мондаед! Республика бо суръати самолёт пеш меравад, шумо бошед холо хам аробасавор!

Аз хандахои завкоcвари ӯ хулоса баровардем, ки вай шӯхй мекунад. Лекин мо хато кардем. Дар съезди нависандагони Точикистон хам баромад карда хамин фикрашро такрор кард. Пас аз чанд сол ин достон бо достони «Садои Осиё» сазовори Мукофоти Ленинй гардид. Ғафуров Мирзоро ба ин муносибат оғӯш карда бӯсид ва муборакбод намуд...

Баъд аз рафтани Бобочон Ғафуров Мирзо фикркунон гуфт:

— Даъвои Бобочон Ғафуров чон дорад. Мо худро нависандагони муосир меномем, лекин мавзӯъхои мо таърихй... Дар яке аз мачлисхои Иттифоки нависандагон доир ба ин масъалахо баромад кардан лозим аст.

Субхи охирини мо дар Кондара. Машғули тарбияи чисмонй будем, ки аз поён чангу ғубор бархост. Се мошин ба сӯи мо метохтанд. Яке аз онхо мошини худамон буд. Дар он вактхо идораи мо як мошин дошт ва хизмати хамаро ба чо меоварад.

Дар мошинхо модарони бачахои мо бо бачахо ва дугонахои худ буданд. Тозон ба пешвози онхо рафтем...

...Бачагон бозй мекарданд, метохтанд, ба сӯи якдигар об мепошиданд, бо завк механдиданд.

— Агар инхо калон шаванд моро бо бозихои бачагонаи худ кй хурсанд мекунад? — нохост пурсид Мирзо.

— Наберахо!

— Наход ки набера хам то ба ин дарача ширин мешавад?



Солхои бисьёре гузаштанд. Мирзо рӯзхои охирини хаёташро дар беморхона аз сар мегузаронд. Палатае ки дар он Мирзо мехобид, хело гарм шуда буд. Хохиш кардам, ки берун бароем, хавои тоза хӯрем, палатаро хам шамол додан лозим аст. Мирзо розй шуд. Бо ёрии ман аз чо хест, берун баромадем, ду-се кадам назада будем, ки Мирзо «барои ман бас», гуфт ва дар сояи чинор, ки кати чӯбине буд, нишаст. Шикоят кард, ки пояш ба вай ёрй намедиханд, барои хамин хам мадори рох гаштан надорад.

Дар ин асно писари Мирзо Парвиз бо писарчааш Фарзон аз дур намоён шуд. Писарча аз дасти падараш худро рахонда «бобош!» гуфту тозон омадан гирифт. Чехраи Мирзо хандон шуд. Дарди поро фаромӯш карда, аз чо хест, оғӯшашро ба набераaш калон кушода, ба пеш кадам гузошт...

— Чй тавр, Мирзочон, набера ширин аст? — пурсидам ман.

Нигохи худро аз набераaш, ки дар бағали ӯ буд, наканда бо мамнуният гуфт Мирзо:

— Давомдихандагони умри мо хаминхоянд!

* * *

Мирзо хар бор суханони хикматноки Саъдии бузург «Гӯям падари ту буд фозил, аз фазли падар туро чй хосил?»-ро такрор мекард. Вале ин маънои онро надошт, ки фазли падарони худро бар замин занему фаромӯш кунем. Баръакс вай таъкид мекард, ки фазли падаронро давом дихем ва ғанй гардонем. Дар Москва ду бор (солхои 1941 ва 1951) ба чоп расидани гулчини (анталогия) назми точик, чашн гирифтани зодрӯзи бузургони мо — Рӯдакй, Чомй... дар Душанбе, гузаронидани мачлисхои байналхалкй доир ба назми имрӯзаи форсизабонон натичаи ташаббус ва кӯшишу ғайрати бевоситаи Мирзо Турсунзода буд. Баъд аз гузаронидан ва амалй гардондани чунин чорабинихои ахамияти байналхалкй хатто олимон ва адабиётшиносони Эрон аввалин бор калимаи адабиёти форсу точикро бар забон оварданд. Олим ва шоири номии Эрон Нотил Парвизи Хонларй ошкоро гуфт: ин хакикатест, ки аз он рӯ гардондан душвор аст.

Мирзо хуб медонист, ки гузашта дар баробари ифтихори миллй буданаш бори гаронест. Вале хар касе ки

ии бори гаронро бардошта наметавонад, оянда надорад. Яке бе дигаре намешавад, танҳо аз гузаштаояндаро сохтан мумкин аст.

Дар рӯзҳои аввали Революцияи социалистӣ дар Бухорои Шарқӣ асосгузори адабиёти советии тоҷик Садриддин Айнӣ «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро тайёр карда, ба чоп расонд, то ки ба бинокорони қасри адабиёти нав дастур шавад. Дар айни ҳол устоди хирадманд огоҳ мекард, ки барои сохтани қасри адабиёти нави миллӣ дар баробари адабиёти классикӣ аз ганҷинаи адабиёти ҷаҳонӣ умуман ва ганҷинаи адабиёти революционии рус махсусан истифода бурдан шарти ҳатмист. Инро гаштаю баргашта аз забони устод Лоҳутӣ мешунидем ва инро бо эҷодиёти худ ба мо Мирзо Турсунзода ҳам омӯхт. Мирзо Турсунзода ҳамеша мегуфт, ки маҳорати бадеиро аз классикҳои худ ва ҷаҳонӣ меомӯзам, лекин барои навиштани асар бо чашми шоири дунёи нав ба тақозои замон назар меандозам.

— ...Турсунзода маро Мирсаид ва ман ӯро Мирзо гуфта, ба ҳам муроҷиат мекардем, чун ки аз аввали солҳои сиюм маҳфили адабии назди рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» моро ошно, дӯст, бародар ва ҳаммаслак карда буд. Бист соли комил дар идораи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва идораи управленияи санъати республика ҳам яке сардор ва дигаре ҷонишин шуда кор кардем, сиву ҳафт сол, яъне то охири умраш аъзои президиуми Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва то охири умри пуршарафаш вай раиси Комитети советии якдилии халқҳои Осиёву Африқо ва ман раиси Комитети республикавии якдилии халқҳои Осиёву Африқо будам. Дар равиши кор фикри якдигарро мегирифтем, баҳсу мунозира мекардем, гоҳо дар ибтидои баҳсу мубоҳиса фикрҳои мо он қадар ба ҳамдигар наздик набуданд, вале дар охири мубоҳиса ҳамфикр мешудем. Дар бораи Мирзо Турсунзода хотираҳои бисьёре навиштаам. Лекин дар ин ҷо мехоҳам дар бораи таъбири дӯстдоштаи Мирзо Турсунзода «тақозои замон», ки имрӯз ҳам чун обу ҳаво лозим аст, хотираеро нависам.

...Аминҷон Шукӯҳӣ ба соати дастиаш нигоҳ карда, хандиду гуфт:

— Аз афташ имрӯз мо рӯза гирифтанӣ?

— Куҷо равем? — пурсид Мирзо.

— Чиҳил дарвозаи ҳавлии камина ба рӯятон кушо-



да, марҳамат, аз ҷо хеста, даъват кард Боқӣ Раҳимзода.

— Не,— гуфт Мирзо,— то гузаронидани съезд дару дарвозаҳоро маҳкам пӯшондан лозим меояд.

Аминҷон аз тиреза ба берун нигоҳ карда:

— Шофер дар ҳаминҷост,— гуфт,— рафта самбӯсаи гарме биёрад чӣ?

— Баҳ-баҳ аз самбӯсаи гарм чӣ беҳтар.— Лекин Мирзоҷон самбӯсаи ману шумо мехӯрдагиро ба шофер намедиҳанд. Худамон бояд равем ва муҳимаш аз паҳлуи самбӯсапазҳо сулфакунон гузарем. Чӣ гуфтӣ Аминҷон?

— Даъвати муаллим Боқиро гардондан гуноҳ аст. Марҳамат, мошинаро савор шуда, рафтем,— гуфт Аминҷон.

Мирзо каме фикр карда, гуфт:

— Не, не. Қайҳо боз аз кӯчаҳои шаҳр пиёда гаштанро орзу дорам. Охир ин шаҳр ба қавли Мирсаид, ҳайкали ҷавонии мост...

Дар проспекти Ленин сӯҳбаткунон қадам мезадем. Байни гап Боқӣ Раҳимзода бо қаноатмандӣ изҳор кард, ки Маҳмадназаров Худоназар раиси ҳақиқии шаҳр аст, барои ободонии он на шаб хоб дораду на рӯз роҳат.

— Вай,— завқ карда гуфт Мирзо,— ҳамсояи ман аст. Гоҳо аз вай барвақттар ба кӯча мебароям. Чанде пеш, субҳи барвақт ба ман дучор шуд, аз мошина фаромада, ба наздам омад, салом дод, дастамро фушурд ва бо чеҳраи шукуфон ва лаҳҷаи хоси худаш «Ҳа Мирзоҷон, ин қадар барвақт? — гуфта пурсид. Шоирон саҳархезанд, гуфтам дар ҷавобаш ва пурсидам, аммо ту барои чӣ ин қадар барвақт мехезӣ? Охир идораҳо аз соатҳои нӯҳу даҳ кушода мешаванд. Худоназар бо шӯхӣ гуфт, ки «ман шоири шаҳри худ ҳастам, мехоҳам шаҳри мо рашки ғазалҳои Ҳофизи Шероз гардад». Ман чизе нагуфтам, бо табассум ба сӯяш менигаристам. Вай узрхоҳона «маро бубахшед, гуфт магар бо шоире ки ҷаҳонеро бо ғазалҳои худ сарфароз намуда буд, мусобиқа кардан мумкин аст? Шӯхӣ кардам». Лекин, гуфтам ман, аз шоири дигаре, ки номаш Табиат аст, бисьёр чизро омӯхтан ва аз он гузаштан мумкин аст. Баъд қадамзанон ҳикоя кардам, ки бо Мирсаиду Боқӣ аввалин бор ба Помир сафар карда будам. Ҳарсеи мо соҳибихтиёр будем. Рӯшон, Шуғнон, Ишкошим, Вахон сайргоҳи мо буд. Чи ҷоҳои афсонавиро тамошо кардем. Бо мӯйса-

федони зиндадилу суханпардоз, нишаста ширчой хўрдем, суҳбат кардем, лаззат бурдем. Рақсу сурудхонии халқиро тамошо кардем. Об аз чашмаи шоир Носири Хусрав нӯшидем. Дар оби шифобахши Гармчашма шино карда будем. Ба Сарои Баҳор, ки бинокори он шоиру табиб Шоҳзодамуҳаммад будаст, рафтем. Росташро гўям Сарои Баҳор музеи кушодаи адабист, ки мислаш дар ҷои дигаре нест. Дарахтҳои мева, гулзор ва дар ҳар кучаи боғ тахтасангҳо ва барлавҳи тахтасангҳо ғазалу рубоиву китъаҳои баргузидаи шоирони бузурги классикӣ канда шудааст. Худоназар бо завқ таассуроти маро гўш мекард. Лекин ман вақти ўро гирифтанӣ набудам. Бинобар ин дар охир мақсадамро баён кардам, дўстам, гуфтам, манзараҳои диёри зебоятро дида, ба шоир будани табиат боварӣ ҳосил кардам. Табиат бузургтарин шоирест, ки сурудҳои вай дар кўҳу дашту бешазорону рўдхонаҳо чун насими саҳар мевазанд... Худоназар, дар ҳол арз кард, «магар ман барои зебоии шаҳр намекўшам?». Мекўшӣ, гуфтам ман, симои шаҳрро тағйир додӣ. Офарин. Лекин дар як кўча чинор, дар дигаре булут, дар сеюме сарв, дар чаҳорумӣ шамшод... агар мешинондӣ, шаҳр борҳо зеботар мебуд. Ба раиси мўҳтарам фикри ман писанд афтид.

— Ин фикратон Мирзоҷон,— гуфт Бокӣ,— ба ман ҳам, ба Миршакар ҳам, ба Аминҷон ҳам маъқул шуд. Фикри оддӣ не, балки фикри бикри шоиронаест. Лекин Мирзоҷон, чизе ки дар васфи табиат гуфтед, агар қофия медошт, ё шеъри лирикӣ мебуд, ё ғазали дилхоҳи ман. Умуман, чаро аз шеъри лирикиву ғазал парҳез мекунед? Ҳол он ки шогирдони шумо аз домани ғазал маҳкам қапидаанд.

— Ғазалҳояшонро,— гуфт Мирзо,— дар газетаву журналҳо мехонам, хурсанд мешавам, ба ғазаб меоям, афсўс ҳам мехўрам. Лекин Боқиҷон, суханони худи сухансарои бузург Ҳофизро фаромўш кардан лозим нест, ки «На хар ки оина созад Сикандарӣ донад». Умари Хайём дар умраш беш аз 120 рубой навиштааст. Лекин ҷавонони мо аллакай то сесаду чорсад рубой навиштаанд. На танҳо ману Мирсаид, балки аксари шоирони ҷавон, ки дар оғози солҳои сиюм қалам ба даст гирифта будем, вазифаи асосиву муқаддаси мо он буд, ки дар баҳри ҳаёт ғўта хўрда, ҷўшу хурўши онро бо сухани бадеи тасвир намоем. Дар он солҳо на аз рўи соат кор мекардам. Соати мо виҷдони мо буд. Партия вазифа



монд, ки роҳи садсоларо дар даҳ сол тай кунем. Аммо барои Тоҷикистон роҳи ҳазорсоларо дар даҳ сол тай кардан лозим омад. Дигар кардани симои қишлоқ, саноатикунондани мамлакат, Ҷанги Бузурги Ватанӣ, барҳам додани оқибатҳои ҷанг — ҳамаи инҳо дар ҳаёти Ватани мо марҳилаҳои наве буданд, ки рўҳи инқилобӣ доштанд. Мо, нависандагон чун солдатҳои инқилоб бо аслиҳаи тавонои худ — қалам пешсафи муборизон будем. Барои ман ва эҷодиёти ман сафари аввалинам ба Ҳиндустони афсонавӣ инқилоби наве буд. Ҳиндустон ҳанўз мустамликаи империяи кабири Англия буд. Ман бо чашми худ дидам, ки чи тавр ҳарисона мустамликачиён Ҳиндустонро ғорат карда истодаанд, муборизони роҳи озодии миллиро ба зиндонҳо мепартоянд ва дар айни ҳол дар ҳар кучо машъалҳои озодихоҳони миллӣ рўз ба рўз бештар меафзуд. Дар чунин вазъияти инқилобии миллӣ бетараф истоданро барои худ раво намедонистам. Ба бедоршудагон қувва бахшидан ва ҳанўз хобрафтагонро бедор намудан вазифаи байналмилалии худ дониста, бо шеърҳо ва достонҳои худ ҳамсафи муборизони озодии миллии Осиёву Африқо шудам. Вақте ки ҳукуматдорони Англия барои ба Лондон рафтани ман иҷозатнома надоданд, ман рўҳафтода нашудам, баръакс қувваи тоза гирифтам, ки шеъру достонҳои ман дар дасти муборизони роҳи озодӣ бар зидди мустамликадорӣ аслиҳаи тавоное шудаанд. Ана, ҳамин тавр дар фароғат нишаста, аз ғами дуньё чашм пўшида ғазал навиштанро машқ карда натавонистам. Лекин афсўс намехўрам. Дар Осиёву Африқо муборизони зидди мустамликадорӣ на ғазал аз ман мепурсидаанду на рубоиву мухаммас. Онҳо аз ман шеъре талаб мекарданд, ки чун аслиҳа онро гирифта, ба майдон дароянд.

— Мирсаид,— гуфт Мирзо,— шаби адабии дар Деҳлӣ шударо ҳикоя кун.

Хоҳиши Мирзоро ба ҷо овардам. Ҳақиқатан ҳангоми дар Деҳлӣ буданам бо талаби як гурўҳи нависандагони Панҷоб, ки дар Деҳлӣ зиндагӣ мекарданд ва аксари онҳо забони форсиро медонистанд, бо шоири маҳбуби мо Мирзо Турсунзода вохўрӣ барпо гардид. Мирзо вохўрии адабиро бо ғазалхонӣ сар кард. Ғулғула бархост. Сардори гурўҳ назди Мирзо омада, «Мирзо соҳиб гуфт, дар ғазалсарой мо устухон надорем. Шеърҳои ба мустамликадорон зарбадиҳандаро шунидан мехоҳем». Барои Мирзо ин хоҳиш айни муддао буд. Аз силсилаи

федони зиндадилу суханпардоз, нишаста ширчой хӯрдем, сӯҳбат кардем, лаззат бурдем. Рақсу сурудхонии халқиро тамошо кардем. Об аз чашмаи шоир Носири Хусрав нӯшидем. Дар оби шифобахши Гармчашма шино карда будем. Ба Сарои Баҳор, ки бинокори он шоиру табиб Шоҳзодамуҳаммад будаст, рафтем. Росташро гуям Сарои Баҳор музеи кушодаи адабист, ки мислаш дар ҷои дигаре нест. Дарахтҳои мева, гулзор ва дар ҳар кучҷои боғ тахтасангҳо ва барлавҳи тахтасангҳо ғазалу рубоиву қитъаҳои баргузидаи шоирони бузурги классикӣ канда шудааст. Худоназар бо завқ таассуроти маро гӯш мекард. Лекин ман вақти ӯро гирифтанӣ набудам. Бинобар ин дар охир мақсадамро баён кардам, дӯстам, гуфтам, манзараҳои диёри зебоятро дида, ба шоир будани табиат боварӣ ҳосил кардам. Табиат бузургтарин шоирест, ки сурудҳои вай дар кӯҳу дашту бешазорону рӯдхонаҳо чун насими саҳар мевазанд... Худоназар, дар ҳол арз кард, «магар ман барои зебоии шаҳр намекӯшам?». Мекӯшӣ, гуфтам ман, симои шаҳрро тағъир додӣ. Офарин. Лекин дар як кӯча чинор, дар дигаре булут, дар сеюме сарв, дар чаҳорумӣ шамшод... агар мешинондӣ, шаҳр борҳо зеботар мебуд. Ба раиси мӯҳтарам фикри ман писанд афтид.

— Ин фикратон Мирзоҷон,— гуфт Боқӣ,— ба ман ҳам, ба Миршакар ҳам, ба Аминҷон ҳам маъқул шуд. Фикри оддӣ не, балки фикри бикри шоиронаест. Лекин Мирзоҷон, чизе ки дар васфи табиат гуфтед, агар қофия медошт, ё шеъри лирикӣ мебуд, ё ғазали дилхоҳи ман. Умуман, чаро аз шеъри лирикиву ғазал парҳез мекунед? Ҳол он ки шогирдони шумо аз домани ғазал маҳкам қапидаанд.

— Ғазалҳояшонро,— гуфт Мирзо,— дар ғазетаву журналҳо мехонам, хурсанд мешавам, ба ғазаб меоям, афсӯс ҳам мехӯрам. Лекин Боқиҷон, суханони худи сухансарои бузург Ҳофизро фаромӯш кардан лозим нест, ки «На ҳар ки оина созад Сикандарӣ донад». Умари Хайём дар умраш беш аз 120 рубоӣ навиштааст. Лекин ҷавонони мо аллакай то сесаду чорсад рубоӣ навиштаанд. На танҳо ману Мирсаид, балки аксари шоирони ҷавон, ки дар оғози солҳои сиюм қалам ба даст гирифта будем, вазифаи асосиву муқаддаси мо он буд, ки дар баҳри ҳаёт ғӯта хӯрда, ҷӯшу хурӯши онро бо сухани бадеӣ тасвир намоем. Дар он солҳо на аз рӯи соат кор мекардам. Соати мо виҷдони мо буд. Партия вазифа



монд, ки роҳи садсоларо дар даҳ сол тай кунем. Аммо барои Тоҷикистон роҳи ҳазорсоларо дар даҳ сол тай кардан лозим омад. Дигар кардани симои қишлоқ, саноатикунондани мамлакат, Ҷанги Бузурги Ватанӣ, барҳам додани оқибатҳои ҷанг — ҳамаи инҳо дар ҳаёти Ватани мо марҳилаҳои наве буданд, ки рӯҳи инқилобӣ доштанд. Мо, нависандагон чун солдатҳои инқилоб бо аслиҳаи тавонои худ — қалам пешсафи мубориизон будем. Барои ман ва эҷодиёти ман сафари аввалинам ба Ҳиндустони афсонавӣ инқилоби наве буд. Ҳиндустон ҳанӯз мустамликаи империяи кабири Англия буд. Ман бо чашми худ дидам, ки чи тавр ҳарисона мустамликачиён Ҳиндустонро ғорат карда истодаанд, муборизони роҳи озодии миллиро ба зиндонҳо мепартоянд ва дар айни ҳол дар ҳар куҷо машъалҳои озодихоҳони миллӣ рӯз ба рӯз бештар меафзуд. Дар чунин вазъияти инқилобии миллӣ бетараф истоданро барои худ раво намедонистам. Ба бедоршудагон қувва бахшидан ва ҳанӯз хобрафтагонро бедор намудан вазифаи байналмилалии худ дониста, бо шеърҳо ва достонҳои худ ҳамсафи муборизони озодии миллии Осиёву Африқо шудам. Вақте ки ҳукуматдорони Англия барои ба Лондон рафтани ман иҷозатнома надоданд, ман рӯҳафтода нашудам, баръакс қувваи тоза гирифтам, ки шеъру достонҳои ман дар дасти муборизони роҳи озодӣ бар зидди мустамликадорӣ аслиҳаи тавоное шудаанд. Ана, ҳамин тавр дар фароғат нишаста, аз ғами дунъё чашм пӯшида ғазал навиштанро машқ карда натавонистам. Лекин афсӯс намехӯрам. Дар Осиёву Африқо муборизони зидди мустамликадорӣ на ғазал аз ман мепурсиданду на рубоиву мухаммас. Онҳо аз ман шеъре талаб мекарданд, ки чун аслиҳа онро гирифта, ба майдон дароянд.

— Мирсаид,— гуфт Мирзо,— шаби адабии дар Деҳлӣ шударо ҳикоя кун.

Хоҳиши Мирзоро ба ҷо овардам. Ҳақиқатан ҳангоми дар Деҳлӣ буданам бо талаби як гурӯҳи нависандагони Панҷоб, ки дар Деҳлӣ зиндагӣ мекарданд ва аксари онҳо забони форсиро медонистанд, бо шоири маҳбуби мо Мирзо Турсунзода вохӯрӣ барпо гардид. Мирзо вохӯрии адабиро бо ғазалхонӣ сар кард. Ғулғула бархост. Сардори гурӯҳ назди Мирзо омада, «Мирзо соҳиб гуфт, дар ғазалсарой мо устухон надорем. Шеърҳои ба мустамликадорон зарбадиҳандаро шунидан мехоҳем». Барои Мирзо ин хоҳиш айни муддао буд. Аз силсилаи

шеърҳои ҳиндустонӣ ва «Садои Осиё» порчаҳо хондан гирифту бино ба ҷунбиш даромад...

Агар гӯем, ки Мирзо Турсунзода бо силсилаи шеърҳои ҳиндустонии худ барои ҷаҳониён кушояндаи Ҳиндустони мубориз буд, хато намекунем. Нависандагону шоирони ҷаҳон, аз ҷумла нависандагон ва шоирони советӣ борҳо ба Ҳиндустон мерафтанд ва дар бозгашт ҳикояҳо, очеркҳо, қайдҳо, шеърҳо дар бораи Ҳиндустони афсонавӣ менавиштанд. Мирзо Турсунзода аввалин шоири дилогоҳ буд, ки зебоиҳои Ҳиндустони афсонавиро дида, ба ваҷд омада бошад ҳам, лекин ҳамаи онҳо барои ӯ нав набуданд. Дар васфи онҳо асрҳо соҳибқаламон қаламронӣ кардаанд. Шоир пардаи афсонавиро аз рӯи ҳақиқат мебардорад. Дар пеши назари ҷаҳониён Ҳиндустони ғоратшудае намоён мешавад, ки пур аз бечорагону бенавоён аст, халқи мазлумаш барои луқмаи нон на рӯз роҳат дораду на шаб хоб... Лекин мустамликадорон ганҷу неъмати диёри онҳоро ғорат карда, ба Британияи Кабир кашонда мебурданд. Шоир аз нигоҳи пурғазаби халқи ҷафодида хулоса мебарорад, ки меҳмони мағрибзамин, «гарчи дусад сол дар ин хона монд, лек бар ин оила бегона монд».

Овози шоири советии Тоҷик дар фазои васеи Ҳиндустон паҳн мешавад. Ин овоз, ба қавли шоири маъруфи Ҳиндустон Ғулом Тобони Рабонӣ, ки бо овози «Аврора» омехта шудааст, ба як чашм задан дар фазои Ҳиндустони кабир паҳн шуда, дар дили миллионҳо мубориизони зиддимустамликадорӣ ба худ ҷо ёфт...

...Охирин рӯзҳои ҳаёти пурҷӯшу хурӯши Мирзо Турсунзода. Ҳар ду дар беморхона табобат мекардем. Ҳар рӯз баъд аз беморбинии духтурҳо ба ҳавлии беморхона баромада, бо беморон вомехӯрдем, бо завқ сӯҳбат мекардем, ба роҳбарони районҳо ваъда медодем, ки «баъд аз таъмири узвҳо, албатта, бо нависандагон ба районатон омада, шабҳои адабӣ мегузаронем, китобҳои худро тақдим мекунем...» Яке аз посбонҳои беморхона Сардор ном мӯйсафед буд. Ин марди зиндадил, ки худ аз аҳли ашрофи Хуҷанд будаст, дар бораи гузаштаи онҳо, хулқу рафтори неку бади онҳо бисьёр чизҳо медонист, ки дар ягон китоб навишта нашудааст. Ҳар боре ки ӯ навбатдор мешуд, Мирзо ё бо ман, ё танҳо ба наздаш мерафту дуру дароз менишаст ва ҳикояҳои завқовари ӯро гӯш мекард. Боре, Мирзо гилаомез ба ман гуфт, ки Абдураҳим (вай Раҳим Ҷалилро Абдураҳим



меномид), ки дар бораи Хуҷанд «Маъвои дил ном асари хотиравӣ навишта истодааст, ҷаро бо чунин шахсон, ки энциклопедияи зиндаанд, бештар сӯҳбат намекунад? Охир ин гуна мӯйсафедон кам мондаанд.

Рӯзе Мирзо газетаи «Комсомоли Тоҷикистон»-ро, ки саҳифаи адабӣ дошт, оварда ба ман доду гуфт:

— Бо овози баланд хон, ман гӯш мекунам. Чашмонам намегузаранд.

Газетаро гирифта, ба хондан сар карданӣ будам, ки Боқӣ Раҳимзода, ба зӯр нафас кашида истода, «можно» гуфта ба назди мо даромад. Рост истода, дар пиёла ҷои хунук резонда, нӯшида, нишасту узрхоҳӣ кард:

— Мебахшед, имрӯз каме дер кардам. Шоирбачаҳо омаданд, сӯҳбат кардем.

— Бисьёр нағз. Дар чӣ бора? — пурсид Мирзо.

— Ҷавонҳо дар ташвишанд, ки чаро дар назми мо чунин жанрҳо чун ғазал, мухаммас, рубоӣ, қитъа пешравӣ надоранд?

Мирзо аз ҷо хеста, назди тиреза рафту ба берун нигоҳкунон гуфт:

— Ману Мирсаид имрӯз аз сардухтур хоҳиш кардем, ки ҳар чи зудтар ба мо ҷавоб диҳанд. Ҳамин ки рӯзҳои адабиёти Россияро дар Тоҷикистон гузарондем ва меҳмонҳои мӯҳтарамро гусел кардем, бо шоирони ҷавон сӯҳбат карданиям. Ту Боқиҷон дар институти педагогӣ муаллими адабиёт будӣ, чаро ба онҳо нафаҳмондӣ, ки аз мо пештар дар Эрону Афғонистону Ҳиндустон шеъри нав доираи ғазалу рубоиро танг карда буд. Чӣ илоҷ? Дуруст мегӯянд, ки ҳар қадар адибон дар ҳифзи одоби куҳан бикӯшанд ҳам, лекин аз шеваҳои нав ҷилавгирӣ карда наметавонанд. Ин қонуни прогресс аст. Ташвиши ман дигар аст. Аз як қатор шеъру рубоиҳои ҷавонони мо бӯи яъсу навмедӣ меояд. Ҳол он ки бузургони адабиёти классикии мо дар он муҳити тиреву тор маъюсиву ноумедиро барои эҷодиёти худ бегона медонистанд. Ҷавонҳои мо соҳибистеъдоданд. Ба ҳар жанре, ки хоҳанд навиштан гиранд. Ман муқобил нестам. Лекин фаромӯш накунанд, ки онҳо гражданинҳои мамлакате ҳастанд, ки дар мубориизаи бераҳмона бо мушкилиҳо ба пеш рафта истодааст. Ҳар сухани тозаи шоир бояд дар ин мубориза аслиҳаи бурроӣ Ватани мубориизи мо гардад...

# Ӯ БАРОИ ШЕЪР БА ДУНЁ ОМАДА БУД

*То ҷаҳон аст зинда хоҳам буд,*
*Қаламам умри ҷовидони ман аст.*

ПАЙРАВИ СУЛАЙМОНӢ.

«Красное солнышко». Ҳамроҳи Деҳотӣ дар пояи ҳайкали ҷупоне нишаста Кисловодскийро, ки аз он ҷо пурра намоён аст, тамошо мекардем. Дар охир Деҳотӣ рӯ ба ҳайкал гардонда ин байтро хонд:

Биншаста як шубонписаре ной дар даҳон,
Зери дарахти бед, лаби ҷӯи босафо...

Деҳотӣ ин байтро хонда, бо муҳаббат дар бораи муаллифи ин сатрҳо Пайрави Сулаймонӣ хотираҳои аҷиби худро ҳикоя кард ва афсӯс хурд, ки шоир хело ҷавон ва дар айни камолоти шоирӣ чашм аз ҷаҳон пӯшид.

Шахсан худи ман яке аз мухлисони ашъори Пайрав ҳастам, ҳамаи эҷодиёти ӯро чун каломи устод гаштаву баргашта хондаам, куллиёти ӯ ҳамеша китоби дӯстдоштаи ман мебошад. Лекин бо худи шоир танҳо ду ё се бор вохӯрдаам ва он ҳам тасодуфӣ... Вохӯрии аввалини ман ғайричашмдошт буд.

Баъд аз хатми мактаби марказии партиявию советӣ, маро барои хизмат ба ихтиёри газетаи «Комсомоли Тоҷикистон» фиристоданд. Дар он ҷо қариб шаш моҳ кор кардам, сипас Комитети Марказии комсомол маро бо чанд нафар барои кор ба заводи пахтаи шаҳри Сталинобод фиристод. Дар назди мо вазифа гузошта шуда буд, ки чун узви комсомол дар гузаронидани чорабиниҳои оммавию сиёсӣ ва тарбияи коммунистии меҳнаткашон ба ташкилоти партиявии завод ёрӣ расонем. Ҳамон вақт бори аввал бо шоири маъруф Боқӣ Раҳимзода вохӯрда будам. Вай ҷавонмарди қоматмавзуне буд ва дар завод ба сифати боркаши оддӣ кор мекард. Дар он солҳо ҳам Боқӣ Раҳимзода шеър менавишт, вале на ба касе нишон медоду на ба газетае мефиристод.

Ман акнун расман дар идораи газетаи «Комсомоли Тоҷикистон» кор намекардам, лекин ҳафтае ду бор ба он ҷо мерафтам, шеърҳоямро нишон медодам, маслиҳат мегирифтам. Дар он солҳо қариб ҳамаи шоирони комсомолӣ дар атрофи ин газета ҷамъ омада буданд, асарҳои якдигарро мехонданд, муҳокима мекарданд, маслиҳат мегирифтанд.

Як рӯз бо шеъри тозаи худ барои маслиҳат ба назди котиби масъули газета Сотим Улуғзода омада будам. Сотим дар идорааш набуд. Дар роҳрав бо муҳаррири газета Ғулом Ализода вохӯрдам. Вай маро ба кабинеташ даъват карда аҳволпурсӣ кард ва чун сабаби омаданамро фаҳмид, шеърамро гирифта хонд ва пурсид:

— Шеърҳои кадом шоиронро бештар мехонӣ?

— Ҳамаи шеърҳоеро, ки дар саҳифаҳои газетаҳо чоп мешаванд, мехонам,— гуфтам ман ва зуд илова кардам: — Шеърҳои шуморо ҳам.

— Шеърҳои Пайрав Сулаймонӣ... Сарвар... Суҳайлиро ҳам?

Муҳаррир номҳои ин шоиронро мад кашида талаффуз карда, лабонашро гаштаю баргашта макид ва интизори ҷавоб нашуда, боз пурсид:

— Мақолаҳое ки дар матбуот дар бораи ин ҳамсафарони дудила чоп мешаванд, мехонӣ?

— Ду мақолаи охирини шуморо хонда будам.

Муҳаррир шеърамро гардонда ба ман дод ва таъкид кард:

— Ту узви комсомоли ленинӣ ҳастӣ... байрақи мубориза синфиро баланд бардор. Ба сатрҳои пурҷилою пучи шоирони буржуазӣ, ки рӯякӣ Давлати Советиро мадҳ мекунанд, фирефта нашав. Бисьёртар шеърҳои онҳоеро хон, ки ба Маяковский пайравӣ мекунанд... Худи ман бо ҳавои махсус сурудҳо нависам ҳам, лекин пайрави Маяковский ҳастам!

Вақти рафтанам муҳаррир:

— Дур нарав,— гуфт,— Сотим ҳамин замон меояд,

шеъратро ба ӯ дода, аз номи ман гӯй, ки ислоҳ карда ба чоп диҳад.

Дар берун ҷавони нуроние ки дар тан костюми сиёҳ, галстуки ҷигаририанг дошт, дастҳо дар пушт бо ташвиш қадам мезад. Ман ӯро бори аввал медидам ва кӣ буданшро намедонистам, бо вуҷуди он аз рӯи одоб салом додам.

Вай ҷавоби салом дода як қадам ба пеш гузошт. Дастони якдигарро фушурдем, баъд пурсид:

— Рафиқ, узр мехоҳам, ман одами парешонхотир ҳастам, баъзан чунин мешавад, ки дар як рӯз як касро дубора бинам ҳам, боз фаромӯш мекунам.

Аз муомила ва суханонаш аён буд, ки дар наздам фозиле истодааст ва бо он ошноӣ пайдо кардан шараф аст.

— Мо бори аввал аст, ки якдигарро мебинем,— гуфтам ва худро шиносондам, ки Миршакар ҳастам.

Дар ҷабини ҳамсӯҳбатам аломати хурсандӣ пайдо шуд.

— О, Мирсаиди Миршакар,— шоири комсомол. Аз ин чанд рӯз пеш дар газета шеъратон чоп шуда буд... хондам... ба муқобили миллатчиёни буржуазӣ. Ҳамин тавр?

— Ҳамин тавр.

— Ҳамин тавр, ки бошад шинос шавем... Ман ҳамон Пайрав Сулаймоние ҳастам, ки гоҳу ногоҳ дар саҳифаҳои газетаҳои республикавӣ шеърҳоям чоп мешаванд...

— Ман шуморо ғоибона хуб мешиносам.

— Медонам, хуб медонам... ҳамаи онҳое ки газетахонанд, маро хуб мешиносанд. «Тоҷикистони Сурх» шеърҳои маро чоп мекунад, «Комсомоли Тоҷикистон» бошад, ба муқобили шеърҳоям мақолаҳо мебарорад. Дар ҳар сурат хонандагони газетаҳо хоҳ нохоҳ бо номи Пайрави Сулаймонӣ вомехӯранд.

Чунин менамуд, ки вай ин суханонро шӯхиомез мегӯяд, лекин дар нигоҳҳояш оташи ташвиш, ҳаяҷон ва изтироб шӯълавар буд...

— Ман аз рӯи шеърҳои шумо хулоса бароварда будам, ки ҳамсинни устодони мо Лоҳутию Айнӣ ҳастед,— бо ҳайрат гуфтам ман.

— Онҳо ҳам як вақтҳо ҷавон буданд, мо ҳам намурем, ба синни онҳо мерасем,— гуфт бо шӯхӣ Пайрав ва пурсид: — Ин ҷо дар хизмат ҳастед?



— Хизмат мекардам... ҳозир дар заводи пахта кор мекунам.

— Мехоҳед нависандаи пролетарӣ шавед? — гуфт Пайрав ва ҳайрати маро пай бурда шарҳ дод.—Ҳайрон нашавед, як қатор нависандагони Ӯзбекистон дар заводу фабрикаҳо рафта, ба сифати коргари оддӣ кор карда истодаанд, мехоҳанд, ки пролетар шаванд.

— Дар мо ҳам,— гуфтам,— занҳои баъзе коркунони масъул дар матбаа рафта, ба сифати ҳуруфчин кор карда истодаанд ва ин кор гӯё барои он бошад, ки падарҳои онҳо унсури бегонаанд.

Пайрав бо завқ хандид ва оҳиста гуфт:

— Ҳам он занҳоро мешиносаму ҳам шавҳарҳояшонро... Дар ҳақиқат, падарҳояшон синфан он қадар тоза нестанд... Аҷаб одамоне! Аммо агар ман ба саломатиам нигоҳ накарда, барои кор ба заводе равам, худи ҳамин одамон ин гург мехоҳад пӯсти гӯсфандро пӯшаду дар байни рама дароянд гуфта саҳифаҳои газетаҳоро пур мекунанд... Хайр, ҳаволаашон ба худо, ҳарчи хоҳанд гуфтан гиранд... худоро шукр, ки Пайрав тифли ширмак нест... Роҳ гаштанро ёд гирифтааст...

Сӯҳбати мо торафт гарм шудан гирифт. Аз Сотимхон дарак набуд. Рост истодан ба дил зад, пойҳо монда шуданд, рафта дар ҷои сояноке дар лаби ҷӯ газетахо партофта нишастем ва бо сӯҳбат вақтро кӯтоҳ мекардем.

Байни гап Пайрав эҳтиёткорона пурсид:

— Шеъри онрӯзаатон ба вазни арӯз навишта шуда аст... Ба вазни нав ҳам менависед?

Далерона ҷавоб додам:

— Кӯшишам бенатиҷа баромад.

— Маъюс нашавед,— тасалло дод Пайрав,— барои офаридани нав кӯҳнаро ба дараҷаи олӣ аз худ кардан лозим аст. Бе ин навро аз кӯҳна фарқ кардан имконнопазир аст.

Пайрав баъд аз сукуте аз мӯрчаҳое ки монда нашуда бор мекашонданд, нигоҳ наканда, суханашро давом дод:

— Мани бадбахт адабиёти классикиро кам нахондаам ва бад намедонам, ба адабиёти демократӣ ва советии рус ҳам ба қадри имкон ошно ҳастам... Лекин баъзан шеърҳоеро мебинам, ки барои фаҳмидани он, ки ба кадом вазну услуб навишта шудаанд, на аќлам мерасаду на донишам. Хайрият, ки баъзе муаллифони

6—1018

боиисофтар барои эҳтиёт дар қавс менависанд, ки ин шеър ба «ҳавои махсус» навишта шудааст. Ёбу гир!

Пайрав бо санҷиш ба ман нигарист, хост, ки фикри маро фаҳмад, ман ҳам чизе гуфтанӣ будам, вале садои касе, ки «дар роҳи омаданаш чашмони мо чор буданд», ба гӯши мо расид.

— Ин Сотимхон аст,— гуфта баробар аз ҷо хестем...

Ҳикояи маро шунида Деҳотӣ оромона гуфт:

— Шоири аҷибе буд... афсӯс ки эҷодиёти ӯ ба таври пурра ва ҳарҷониба омӯхта нашудааст.

Ман Деҳотиро тарафдорӣ кардам.

— Дар солҳои охир дар бораи Пайрав мақолаҳои бисьёре навишта шудаанд. Ин мақолаҳо нисбат ба мақолаҳои солҳои 30-юм беғаразона ва ба ҳақиқат наздиктаранд.

Лекин як масъалаи ҷиддӣ ҳаст, ки ба гумонам, ҳанӯз ҳал нашудааст.

Дар мо касалие аз солҳои 30-юм боқӣ мондааст, ки барои дуруст ва ҳартарафа таҳлил кардани эҷодиёти шоире дар бисьёр мавридҳо халал мерасонанд. Мо дар ҳар нутқу мақола зӯр-мезанем, ки аз Пайрав Сулаймонӣ, на танҳо аз Пайрав Сулаймонӣ, балки аз ҳамаи шоирони маъруфи муосир Маяковский созем. На ҳамаи шоирони бузурги рус пайравони Маяковский мебошанд, гарчи худро шогирди Маяковский номанд ҳам, лекин ҳар яке соҳиби мактаби шоирии худ мебошад. Сарвати назми сермиллати советии мо ҳам дар он аст, ки дорои равияҳои гуногун мебошад ва ҳамаи ин равияҳо решаи як дарахти пурсамареанд, ки мо онро методи реализми социалистӣ меномем.

Дуруст, ки Пайрав Сулаймонӣ чун ҳамаи мо мекӯшид, ки пайрави Маяковский бошад. Кӯшиш мекард, ки аз анъанаҳои шакли кӯҳнаи тоҷик барояд ва мувофиқи оҳангҳои революционӣ шаклҳои нав ҷустуҷӯ кунад. Лекин ҳарчи бошад ҳам Пайрав бо эҷодиёти худ аз Маяковский дида ба Есенин наздиктар аст. Барои ҳар дуи онҳо Революцияи Октябрь ғайричашмдошт буд, гарчи бо шеърҳои тоза онро пешвоз гирифтанд.

Бузургии Пайрав дар он аст, ки худро гум накард, тавонист, ки ашъори худро ба хизмати инқилоб ва музаффариятҳои он равона кунад. Ин аст, ки шеърҳои ӯ сол то сол замонавитар мешуданд ва дорои мазмуни баланди иҷтимоӣ ва интернационалӣ мегаштанд...



## ДӮСТ ОН БОШАД, КИ ГИРАД ДАСТИ ДӮСТ

*Ҳавои ишқ дар сарам,*
*Висоли ёр раҳбарам.*
*Чу мурғи шавқ мепарам*
*Ба авҷи ифтихорҳо...*

*АБДУСАЛОМ ДЕҲОТӢ.*

Мо се нафар шоир будем,— Деҳотӣ, ман ва ҷавоне, ки номашро Ошиқ монда будем. Ҳар се дар як рӯз, дар як соат ва дар як самолет ба Кисловодский парвоз кардем.

### ИШҚИ ҒОИБОНА

Баъд аз хомӯшии дуру дарозе Абдусалом Деҳотӣ аз шоири ҷавоне, ки ҳамроҳи мо ба Кисловодск мерафт, пурсид:

— Мо-ку барои табобат рафта истодаем, мақсад аз ин сафари шумо чист?

— Мақсад аз ин сафари мо ҷаҳонгардӣ,— ҷавоб дод ӯ.

— Наход, ки ҷаҳони беҳтаре ёфт нашуд? — ба суҳбат ҳамроҳ шудам ман.

Ҳамроҳи мо хандид ва ҳикоя кард, ки соли гузашта дар саҳифаи газетаи «Комсомольская правда» ба муносибати хатми институти педагогӣ сурати ӯ чоп шуда буд. Духтаре суратро дида, ба номаш аз Кисловодск хат навиштааст, ки вай ҳам тамомкунандаи институт аст ва орзу дорад, ки бо ӯ вохӯрад, чунки дар нигоҳу

табассумҳои ӯ шахси хело ба худ наздикеро мебинад. Дар охири мактуб духтарак адреси худро навишта, хоҳиш кардааст, ки агар ба Кисловодск ояд, меҳмонаш шавад...

Вақте ки Абдусалом Деҳотӣ ин қиссаро шунид, «қаҳрамони афсонавӣ шуда равед! — гуфт ва илова кард: — Минбаъд номи шумо Ошиқ аст».

Ошиқ шояд аз кушодани рози дил пушаймон шуда бошад, ки бепарвоёна даст афшонда гуфт:

— «Элак баҳонаю дидор ғанимат»,— монда шудаам, хостам, ки ба сиёҳат баромада, дам гирам ва агар илҳом ояд, чизе нависам.

Дар соатҳои даҳи бегоҳӣ ба Кисловодск расидем. Абдусалом Деҳотӣ хотирпарешон буд. Ман суоломез ба ӯ нигаристам, мақсадамро фаҳмида оҳистакак гуфт:

— Ману ту-ку ба санатория меравем. Аммо Ошиқ ҷои муайян надорад. Дар кӯча монданаш хуб нест. Ғами ӯро хӯрдан лозим аст.

Ошиқ асло розӣ набуд, ки мо барои ӯ сарсон шавем.

— Ман барин сағираҳо,— гуфт,— дар ин ҷо пуранд.

— Лекин дар байнашон оё ту барин шоир бошад?

Рост ба меҳмонхона рафтем.

Назди маъмурияти меҳмонхона одами бисьёре меистод. Аён буд, ки ин одамон на як рӯзу ду рӯз, балки чанд рӯз боз дар ин ҷо ба умеди ҷо ёфтан бехобу роҳатанд. Дар рӯ ба рӯи мо лавҳачае истода буд, ки дар он бо ҳарфҳои хело зебо «Ҷой нест!» навишта шудааст. Мо гӯё онро надида бошем, рост ба назди маъмурияти меҳмонхона омадем.

Ин буд, ки дар курсинишастагон асабонӣ аз ҷо ҷастанду ба назди столи маъмурият омаданд. Бо ғазаб гоҳ ба сӯи мо менигаристанду гоҳ ба сӯи шахси маъмур. Дертар Деҳотӣ дуруст гуфт, ки аз нигоҳҳои даҳшатноки ин одамон аён буд, ки агар ба мо дар меҳмонхона ҷой медоданд, онҳо ё маъмурро ё худи моро аз алам пора-пора мекарданд. Ба маъмур дарди худро гуфтем. Вай табассум карда меҳрубонона пурсид: «Телеграмма надода будед?». Не, гуфтем.

Дафтару қаламро гирифта:

— Набошад,— гуфт,— номҳоятонро гӯед. Баъд аз 5—6 рӯз ягон илоҷ мекунем...

Ҳозирон ором шуданду рафта ба ҷояшон нишастанд. Мо ҳам «ташаккур» гуфта баромада рафтем.



Ошиқ бо мо дар автобус нишаста то санатория омад ва адреси ҳамхонаи маъшуқаашро ба мо дода, баргашта ба шаҳр рафт.

Мошин аз назар ғоиб шуд. Деҳотӣ асабонӣ буд, ҳар замон «хуб нашуд» мегуфту папирос мекашид. Хостам, ки ӯро тасалло диҳам:

— Аз дасти мо,— гуфтам,— чӣ меомад?

— Бо вай ба шаҳр рафта дар гӯшае ҷо мегирифтем ва ба навбат хоб мерафтем.

Ду рӯз гузашт, аз Ошиқ дарак набуд. На худаш меомад, на телефон мекард.

— Ҷаро ин қадар ғам мехӯред, охир. Ошиқ бача нест. Вай ҳама чизро...

Деҳотӣ гапамро бурида бо ғазаб гуфт:

— Агар кӯдак намебуд лоақал телефон мекард.

Баъд аз наҳор ба шаҳр, ба ҷустуҷӯи «Юсуфи гумшуда» рафтем. Пеш аз ҳама ба меҳмонхонаи ошно даромадем. Чун пештара он ҷо пур аз одам буд. Ба назди маъмур рафта, бо эҳтиром салом додем. Вай моро шинохт, ҷавоби салом гардонда, бо табассуми сохта гуфт:

— Ҷӯраи шумо моро хуб ҳақорат дода рафт...

Ҷои тааҷҷубе набуд. Иқтизои табиати ҷӯраи худро медонистем. Муҳимаш ин ки Ошиқ зинда аст. Ӯро ёфтан даркор, эҳтимол ба назди «маъшуқааш» рафта бошад. «Ҷӯянда ёбанда аст» гуфта, кӯча ба кӯча гаштем ва билохир ба даргоҳи «маъшуқа» расидем. Дарро задем. Шахсе дарвозаро кушода суоломез ба сӯи мо назар андохт. Сабаби омаданамонро гуфтем. Он шахс фаҳмонд, ки рафиқи шумо омада буд. Лекин ёри ғоибхонашро дида натавонист, чунки ӯро баъд аз хатми институти педагогӣ ба Доғистон фиристоданд. Рафиқи шумо адресашро навишта, ҳатто як пиёла чой нанӯшида, рафт...

Дар санатория ба мо гуфтанд, ки ҷӯраатон телефон карда, хоҳиш намуд, ба шумо расонем, ки сиҳату саломат аст ва ҷустуҷӯ давом дорад.

— Зинда бошад шудааст,— озод нафас кашида гуфт Деҳотӣ.

## ҚАЛЪАИ «МАКРУ МУҲАББАТ»

Чун дар ҳамаи маҳалҳои курортӣ дар Қисловодск ҳам дар бораи ҳар сою дара, дарьёю ҷӯйбор ва ҳар гиёҳу санг афсонае ё ривояти завқоваре бофтаанд, ки ин гуна чоҳо рӯзҳои дароз пур аз одаманд. Яке аз чунин ҷоҳои аҷиб қалъаи «Макру муҳаббат» мебошад, ки чанд километр аз шаҳр дур аст. Бо таклифи Деҳотӣ ба он ҷо рафтем. Қалъаро дидем. «Номи Рустам беҳ зи Рустам» гуфтагӣ барин қалъа на он қадар мӯҳташаму зебост, ки муҳаббатгоҳ бошад ва на он қадар даҳшатнок, ки маккоронро дар паноҳи худ гирад. Афсонае ки бо номи «Макру муҳаббат» машҳур аст, ба ин қалъа ҳеҷ муносибате надорад.

Мегӯянд, ки як вақтҳо дар ин водӣ марди молдоре зиндагӣ мекардааст. Ба замми молу мулку ғуломони бисьёр духтари соҳибҷамоле низ доштааст. Овозаи ҳусни ӯ то ҷоҳои дуре рафтааст. Аз дуру наздик хостгорон омада, дурру гавҳар ба зери поҳояш нисор менамудаанд, лекин духтар таклифи онҳоро рад мекардааст. Падараш гапи духтари ягонаю нозпарварашро гардонда наметавонистааст.

Як рӯз модари духтар ба шавҳараш мегӯянд, ки эй марди соддадил, духтари мо қадрас шудааст ва ман асло бовар карда наметавонам, ки вай аз ишқу муҳаббат бехабар бошад... Метарсам, ки ба ҷавоне дил дода бошад.

Гумони модар рост мебарояд. Маълум мешавад, ки духтар ба чӯпонписаре дил додааст ва ҳар рӯз аспсавор ба наздаш мерафтааст...

Падару модар дар шубҳа афтида духтарашонро ба назди худ ҷеғ мезананд ва сабаби ҳар рӯз ба чарогоҳ рафтанашро фаҳмиданӣ мешаванд.

Духтар зону зада, бо нолаю зорӣ арз мекунад, ки чӯпонписареро дӯст медорад ва ҳозир аст, ки ӯро шавҳар кунад.

Падар девонавор фиғон мебардорад, модар мӯю рӯй меканад, вале фоидае намекунад. Сипас зорикунон аз духтарашон хоҳиш мекунанд, ки аз раъяш гардад. Чунки ба чӯпонписар ба шавҳар баромаданаш ӯ барои онҳо таҳқир аст. Лекин духтар розӣ намешавад. Он гоҳ падар бо ханҷари бараҳна бар сари духтараш меояд ва таъкидкунон мегӯяд: «Аз он, ки туро бо либоси арӯсӣ дар паҳлуи ғуломзодае бинам, мурдаатро дар кафани



сафеди хунолуд диданам беҳтар аст...». Бо хоҳиши модар падар ба духтар барои фикр кардан ду соат вақт медиҳад.

Ду соат! Ду соат барои ононе, ки марг аз гулӯяшон гирифтааст, аз бист соат ҳам бештар аст. Дар ин муддат метавон корҳоеро анҷом дод, ки дар тӯли солҳо ба ҷо овардани онҳо ғайриимкон аст.

Чӯпонписар сари харсанги бузурге ки дар паҳлуи он акнун қалъаи «Макру муҳаббат» сохта шудааст, чун ҳаррӯза дар интизори ёраш нишаста най навохтааст. Дар ин асно аз дур саворе намоён мешавад, ки ба сӯи ӯ меояд. Чӯпон дилбари худро мешиносад. Ба истиқболи ӯ шодон аз ҷо мехезад, гулафшонӣ мекунад...

Духтарак ҷаҳида аз асп мефарояд, худро дар оғӯши чӯпон андохта, зор-зор мегирьяд. Чӯпон ҳис мекунад, ки бадбахтие рӯй додааст, ашки дилбарро пок мекунад, аз лабонаш бӯсида мепурсад: «Эй нозанинам, кӣ туро ранҷонд? Кӣ боис шуд, ки ашки ту чун дурдона бар замин резад?..».

Духтарак бо чашмони пур аз ашк ба дилдори худ нигариста «мехоҳанд, ки моро аз ҳам ҷудо кунанд» мегӯяд. «Ту розӣ шудӣ?» мепурсад чӯпонписар. «Ман гуфтам, ки моро ишқ ба ҳам пайвастааст ва танҳо марг метавонад аз ҳам ҷудо кунад!» ҷавоб медиҳад духтар ва мепурсад, «чӣ бояд кард?». «Агар хоҳӣ гурезем, ба ягон кишвари дигаре рафта зиндагӣ кунем» маслиҳат медиҳад чӯпонписар.

«Мо ба ҳеҷ куҷо гурехта наметавонем,— мегӯяд духтарак,— тамоми роҳҳоро ба рӯи мо бастаанд... Ягона роҳе ки дар интизори мост, марг аст».

Аз дур дар роҳ ғубор мехезад. Аз байни ғубор саворон намоён мешаванд. Духтарак дар байни онҳо падари худро мебинад.

— Нигар,— мегӯяд ба чӯпонписар,— омада истодаанд, мехоҳанд, ки моро умрбод аз ҳам ҷудо кунанд! Барои ман аз ҷудоӣ марг беҳтар аст.

Ҳар ду болои харсанг мебароянд, то аз он ҷо худро ба дараи даҳшатноке ҳаво диҳанд.

Ҷавон хоҳиш мекунад, ки ӯ худро аввал ҳаво диҳад, намехоҳад, ки шоҳиди марги дилбараш бошад. Духтарак розӣ намешавад. «Ман аввал худро ҳаво медиҳам, намехоҳам, ки шоҳиди марги ту бошам», мегӯяд. Лекин чӯпонписар хоҳиш мекунад, ки ӯро наранҷонад

ва иҷоза диҳад, ки ӯ аввал худро партояд. Духтар розӣ мешавад.

Онҳо бори дигар якдигарро оғӯш мекунанду мебӯсанд. Баъд ҷавон «Алвидоъ» гуфта худро ба дара ҳаво медиҳад, бар болои сангҳои сафеду сиёҳ афтида, ҳалок мегардад.

Духтаракро аз дидани ин фоҷиа даҳшат зер мекунад... Беихтиёр аз болои харсанг фаромада, тозон пеш меравад ва якбора худро дар оғӯши гарми модар мебинад...

Вақте ки ровӣ афсонаро ба охир расонду бо ҳасрат «чунин аст,— гуфт,— қиссаи ин дараи пурасрор».— Деҳотӣ оҳиста «саломатиатон даркор аст» гуфту ба ман рӯ овард: «Агар,— гуфт,— кофтан гиред, дар Тоҷикистони мо санге, даръёе, ё буттае нест, ки ба вай ривояте ё достоне начаспонда бошанд. Вақте ки бо Сергей Баласанян ба Дарвозу Балҷувон сафар кардем, ҷоҳои аҷибро дидем «Дараи Восеъ», «Чинорҳои Восеъ», «Чиҳилдухтарон...» ва монанди инҳо.

Барои тасдиқи фикри Деҳотӣ илова кардам, ки дуртар аз деҳаи Зимчуруд дар соҳили Варзоб дараест, ки «Себи араб» мегӯянд... Афсӯс, ки ягон одами баҳавсала то ба имрӯз қиссаи онро нанавиштааст.

## ДИЛИ ШОИР

Дар ошхона одами бисьёр набуд. Дар як тараф духтарони тоҷику ӯзбек менишастанд, ки сӯҳбаташон дар ҷӯшу хурӯш буд. Диққати ҳама ба либоси рангоранги миллӣ, хандаҳои баланду паст, зулфакони парешон ва чеҳраҳои лолагуни онҳо ҷалб шуда буд. Танҳо Деҳотӣ пушт гардонда асабонӣ менишаст. Ман вазъи ӯро дида ҳатто бо пурсидани сабаби ранҷиданаш ҷуръат накардам.

Абдусалом Деҳотӣ табъи латифе дошт. Барои ҳамин ҳам бо шӯхӣ ӯро сахттар аз оҳан ва нозуктар аз гул меномидем. Вай касеро ранҷонидан намехост ва намехост, ки касе ӯро ранҷонад. Зуд ва сахт меранҷид. Лекин на ба ин дараҷае ки ҳоло медидам. Вай ёрои гап задан надошт. Дуруст аст, ки як бори дигар дар солҳои ҷанг ӯро дар ҳамин ҳолат дида будам.

Ба ёдам ҳаст, ки дар яке аз рӯзҳои баҳор ба магазине, ки дар хиёбони Куйбышев ягон дусад қадам дур-



тар аз хонаи истиқоматии Деҳотӣ ҷойгир шуда буд ва ба ходимони адабиёту санъат хизмат мекард, рафта озуқаи якмоҳаамро гирифта, ба тарафи хона равон шудам.

Дар ин лаҳза худамро «подшоҳи мамлакат» мешумурдам! Ҳазл не! Чанд кило ҳасиб, равған, биринҷ, қанд, як литр арақ дорам ва ҳамаи ин барои як нафари муҷарраде, ки дар кисааш даъватномаи Комиссариати ҳарбӣ дошт ва баъд аз фардо бояд ба хизмати ҳарбӣ равад. Модоме ки ин тавр бошад, сарвати якмоҳаро дар дӯ рӯз сарф кардан лозим аст.

Баногаҳ Деҳотиро дидам, ки дар тан куртаи дӯхти украинӣ ,дар даст портфели чармини пур аз коғаз дошт, бо қавокҳои овезон аз биное баромад ва ҳатто ба атроф нигоҳ накарда, ба сӯи хонааш, ки дар он тарафи кӯча буд, қадам гузошт. Ман бо овози баланд «Салом, Деҳотӣ» — гуфтам, ӯ роҳ рафта истода базӯр алейк гирифт. «Эҳтимол ягон ҳодисаи нохуше рӯй дода бошад!» аз дил гузарондам ва беихтиёр «Домулло ба шумо кор доштам!» — гуфта аз қафояш тохтам, Деҳотӣ истод.

— Рафтем,— гуфтам,— ба хонаатон рафта гапамро мезанам.

Дар хона касе набуд, зану фарзандонаш ба Самарқанд рафтаанд. Дар ин мавридҳо Деҳотӣ ҳамеша «Эшон бо бачаҳояшон ба командировка рафтанд!» — мегуфт.

Чизе нагуфта аракро рӯи стол гузошта ба реза кардани ҳасиб сар кардам.

Деҳотӣ ҳам чизе нагуфта аз ҷо хест, рафта дастонашро шуст ва пиёзро реза карда ба наздам гузошт.

— Нон ҳам лозим будагист? — пурсид вай.

— Албатта, лозим аст,— ҷавоб додам ман.

Деҳотӣ нони сиёҳро оварда, болои стол монд, баъд оромона гуфт:

— Мана калиди хона дар он ҷост. Вақти рафтан дарро қулф карда, калидро бо худ меоред, ман ба нашриёт меравам.

— «Тоқати меҳмон надошт, хона ба меҳмон гузошт» шуд-ку!

— Мебахшед, намехоҳам ки таънаи рафиқ Неъматуллоевро шунавам.

Чи кор кунам, ки Деҳотиро аз роҳ гардонам! Дар воқеъ, он кас муаммо ва ҳал кардани онро хело дӯст медошт. Ман дарҳол:

— Шумо,— гуфтам,— адреси Сотимро пурсида будед, марҳамат нависед.
Деҳотӣ аз портфелаш қаламу коғаз баровардa, интизор шуд.
— Нависед,— гуфтам,— «Салом Сотими мо!».
Деҳотӣ бо ҳайрат ба сӯям нигарист.
— Ҳайрон нашавед,— гуфтам,— рақамҳои почтаи саҳрони Сотимро аз ҳамин ҷумла ёфтан мумкин аст.
Деҳотӣ «аҷиб» гуфту нишаст. Қалам гирифта ба ҳал кардани муаммо сар кард. Дере нагузашта:
— 673,— гуфт.
— 673,— тасдиқ кардам ман,— ва дарҳол таклиф кардам, ки ба саломатӣ ва бо зафар омадани бародарон ва дӯстони мо нӯшем!
— Охир дар идора будагон чӣ мегуфта бошанд? — мулоим шуда пурсид Деҳотӣ.
— Чанд сол пеш,— ба нақл даромадам,— дар райони Шӯрообод кор мекардам. Як рӯз ба ҷамоаи Хирманҷоҳ рафтам. Раиси ҷамоаро кофта наёфтам. Аз пирамарде ки бар лаби ҷӯ нишаста, ғарқи фикру хаёлоте буд, пурсидем, ки раиси ҷамоа дар куҷост?Мӯйсафед бепарвоёна: «Ба қишлоқи Анҷироб рафт» гуфт.
— Идорааш дар куҷост? — пурсидам дубора.
Мӯйсафед бо тааҷҷуб ба сӯям нигаристу «идорааш дар хӯрҷинаш» гуфт.
Ба Деҳотӣ ҳикоя писанд омад, ки хандид.
— Идораи шумо ҳам, дӯстам Деҳотӣ, дар портфелатон ва ҳамеша бо шумост.
Деҳотӣ портфелашро нишон дода гуфт:
— Дарунаш як китоби калон, нисфаш хонда шудааст, нисфи дигарашро ҳамин шаб мурда-мурда бояд хонам ва ислоҳ карда пагоҳ ба нашриёт супорам.
— Ҳеҷ гапе не, ман ёрӣ медиҳам,— ваъда додам,— пагоҳ дам мегирам, пагоҳи дигар ба Комиссариати ҳарбӣ меравам, вассалом.
— Даъват кардаанд?
— Ҳамин тавр.
— Ин бори чандум аст.
— Худам ҳисобашро гум кардам.
Деҳотӣ хандид.
— Даъватномаро,— гуфт,— боз духтур Шаҳобов нафиристода бошад?
— Магар, ҳоло вақти ҳазлу шӯхист!
— Ҳа, гӯед! Як ҳафта пеш Боқии мо даъватнома гирифта, тозон ба Комиссариати ҳарбӣ меравад. Дар он ҷо духтур Шаҳобов ӯро пешвоз мегирад, аз дасташ гирифта ба хонаи калоне медарорад. Фармон медиҳад, ки Боқӣ либосҳояшро кашад. Боқӣ луб-луч шуда дар назди Шаҳобов рост меистад. Шаҳобов фармон медиҳад, ки гирд-гирди хона давад. Боқӣ «замон замони ҷанг аст, ҳар чӣ гӯянд, ба ҷо овардан лозим» гуфта давидан мегирад. Шоҳобов ҳар замон «Тезтар! Тезтар!» гуфта фармон медиҳад. Боқӣ тамоми қувваашро як ҷо карда метозад, арақ аввал пешонӣ, баъд рухсор ва баъд тамоми баданашро зер мекунад... Танҳо баъд аз ним соат Шаҳобов «акнун бас!» гуфта, ӯро ба наздаш даъват мекунад, набзашро санҷида, бар китфаш мезанаду мегӯяд: «Аз ҳар ҷиҳат сиҳату саломат ҳастӣ, танҳо баданат ба ман маъқул не, серпашм аст. Иловаш бошад, аз ягон артель хоҳиш кун, ки пашматро тарошанд. Ба онҳо фонда, ба ту роҳат!»
Боқӣ пай намебарад, ки духтур шӯхӣ мекунад. Луб-луч рост истода, интизори фармони нав мешавад.
— Чаро шах шуда мондӣ? — мепурсад Шаҳобов,— пӯшокатро пӯшида, рав акнун!
— Ба куҷо? — мепурсад Боқӣ.
— Ба хонаат! Ҳайрон нашав, ин даъватномаро ман навишта фиристондам... Ҳамин рӯзҳо зиқ ҳастам. Қамтар диламро хурсанд кунам гуфта навиштам,— мегӯяд Шаҳобов ва Боқиро ҷавоб медиҳад.
— Тавба,— ба изтироб омадам ман,— дар рӯзҳои мудҳиш ҳам одамон танҳо барои хурсандии худ шуда дигаронро азоб медиҳанд, аз кор мемононанд.
Деҳотӣ аз ҷо хест, ба сӯи тиреза рӯ гардонда ғурғуркунон гуфт:
— Ба Шаҳобов бахшидан мумкин аст. Вай одами фозил ва боодоб, бо кӣ шӯхӣ карданашро медонад. Лекин мулоимхунукҳое ҳастанд, ки...
Ва гапашро ба охир нарасонда, асабонӣ дар ҷояш нишаст: «Хайр, ин ҳам мегузарад», гуфту пурсид:
— Сотим чӣ менависад?
Ман мактуби охирини Сотимро ба ӯ дароз кардам. Деҳотӣ онро аз дастам гирифту ба хондан сар кард. Якбора ашк дар чашмонаш чарх зада бар рухсорааш ҷорӣ шудан гирифтанд. Фаҳмидам, ки назараш ба сатрҳои зерин афтодааст: «...Хабари марги Абдушукур хабари басе ғамангезу аламнок. Сарам шах шуда монд, намедонам чӣ нависам. Ба дӯсти азизи мо Деҳотӣ таъ-

зияи маро баён кунед. Мо хуни ин ҷавони нофаромӯш — Абдушукурро мегирем...».

Баъд аз сукути дуру дарози ҳузнангез Деҳотӣ мактубро гардонда ба ман доду гуфт:

— Ба ман айб аст, боре ҳам ба вай мактуб нанавиштаам, ту боракалло...

Ман фаҳмондам, ки қариб моҳе ду бор хат менависам ва мегирам.

Деҳотӣ аз ҷо хеста:

— Аҷабо,— гуфт,— баъд аз баромади оташинат дар маҷлиси охирини комсомолӣ гумон кардам, ки минбаъд ҳатто агар дар кӯча ба якдигар вохӯред, лаҷоматонро ба дигар тараф мегардонед.

— На танҳо шумо,— гуфтам ман,— бисьёрҳо ҳамин тавр гумон карданд. Дар ҳақиқат, дар он рӯз ман хело ҳам оташин будам. Лекин чӣ илоҷ? Ману Сотим аз соли 1930, аз он рӯзҳое ки дар идораи газетаи «Комсомоли Тоҷикистон» кор мекардем, якдигарро мешиносем. Сотим наср нависад ҳам, завқи шоириаш баланд аст, ҳамеша шеърҳои маро мехонд, маслиҳат медод, таҳрир мекард. Ҳатто дар он солҳое, ки дар сохтмони Вахш ва баъд дар хизмати ҳарбӣ будам, ба номи ӯ мактуб менавиштам, вай ҳам ягон мактуби маро беҷавоб намемонд. Агар хатои маро медид, дар маҷлисҳо ва ғайрирасмӣ маро хуб ҷанг мекард ва ҳамеша мегуфт, ки «Ёр бояд, ки айби ёрашро, ҳамчу оина рӯ ба рӯ гӯяд...».

Баъзеҳо дар он маҷлис ё ба сухан набаромаданд, ё дудилагӣ мекарданд, лекин дар ғайби ӯ чи гапҳое ки назаданд. Мегӯянд, ки дар маҷлис баромадан шарт набуд, гапҳоятро бояд ба худи ӯ мегуфтӣ... Онҳо ҳақ нестанд! Комсомол оилаи мост ва мо ҳеҷ чизро аз вай набояд пинҳон дорем. Гуноҳи дӯсти ман дар он аст, ки ба комсомол дар вақташ муроҷиат накард, ёрию маслиҳат напурсид... Аминам, ки вай инро аз ман хубтар медонад...

Деҳотӣ аз нав адреси Сотимро, ки бо муаммояш навакак ба ӯ гуфта будам, хонда:

— Ой, Миршакар,— гуфт,— ту ин ҳунарро аз кӣ ёд гирифтаӣ?

— Аз шумо,— ҷавоб додам.

Абдусалом Деҳотӣ муаммо ва ҳал кардани онро хеле дӯст медошт, лекин муаммо намесохт. Душвории муаммосозӣ дар он аст, ки номи шахс, ё макони ки дар хусуси он муаммо сохта мешавад, бояд дар муаммо



зикр ёбанд. Масалан Туғрал таърихи анҷоми девонашро бо байти зерин баён кардааст:

> Дар баҳри фикр ақлам зад ғӯта ҳамчу гавҳар,
> Об аз адаб кашиду гуфто каломи Туғрал.

Абдусалом Деҳотӣ чунин муаммоҳоро дӯст медошт. То ки тааҷҷубаш зиёдтар шавад, пурсидам:

— Соли таваллудамро аз муаммо фаҳмидан мехоҳед?

— Канӣ гӯед!

— М. Миршакар. Достони «Қишлоқи тиллоӣ».

Деҳотӣ қаламро партофта, «то ба ин дараҷа не!» гуфт. Гумон кард, ки ман шӯхӣ мекунам. Бинобар он ҳам «ман гушна мондам» гуфта аз ҷо хест ва ба тарафи буфет равон шуд. Лекин ман барои ҳақ буданам хоҳиш кардам, ки аввал муаммои маро ҳал кунад.

— Оббое,— гуфта Деҳотӣ қаламу коғазро гирифту ба ҳал кардани муаммо сар кард ва дере нагузашта фарёд кашид:

— Ин гуна муаммоҳои рамзнокро бори аввал мебинам. Дар ин ҷо на танҳо соли таваллуди ту, балки худи достони «Қишлоқи тиллоӣ» рамзи таваллуди шоир Миршакар аст. Ман таслим!

— Ин тавр ки бошад, гӯед ки барои чӣ ин пагоҳӣ ранҷидахотир аз ин идора баромадед?

— Ба қавли майпарастон ба ин суол бе сад грамм ҷавоб додан душвор аст.

Деҳотӣ бо алам ҳикоя кард, ки:

— Имрӯз кор бисьёр аст, гуфта барвақттар ба идора рафта будам. Нав панҷ саҳифаро нахонда, телефон занг зад. Гӯшаки телефонро бардошта «Дар назди телефон Деҳотӣ» гуфтаму дар бало мондам. «Худи шуморо ҷустуҷӯ мекунем» гуфт хурсандона шахсе бо телефон ва илова кард: «Ман аз шӯъбаи ҳарбӣ [1] гап зада истодаам. Шефи мо хоҳиш карданд, ки ҳамин замон ба наздашон ҳозир шавед! Фаҳмидед?». Ман ҷавоб додам, ки фаҳмидам. Овоз омад, ки «Набошад такрор кунед». Асабонӣ шуда, гӯшаки телефонро дар ҷояш мондам. Лаҳзае нагузашта буд, ки телефон такроран занг зад, гӯшаки телефонро бардошта дарҳол гуфтам: «Ба шефатон гӯед, ки ҳамин замон ҳозир мешавам». Замон за-

[1] Дар солҳои ҷанг дар назди баъзе идораҳо шӯъбаҳои ҳарбӣ ташкил карда буданд.

мони чанг, ягон кори таъхирнопазир доштагист гуфта, ба шӯъбаи ҳарбӣ рафтам.

Вақте ки ба он ҷо расидам, арақи рӯямро бо рӯмолча пок карда, хостам, ки ба кабинети сардор дохил шавам, вале аз нишастагон яке роҳи маро гирифт ва фаҳмонд: «Дар ҳамин ҷо бошед, ман ҳозир дар бораи омадани шумо ба шеф хабар медиҳам». Инро гуфту ба кабинети сардор дохил шуд ва ман ҳанӯз дар ҷустуҷӯи ҷои нишаст будам, ки шахси мазкур аз кабинет баромада бо овози баланд: «Рафиқ П. Деҳотӣ [1],— гуфт,— марҳамат! Шеф интизори шумост!».

Дохили кабинет шудам. Кабинет ба дараҷаи олӣ оро дода шуда буд. Дар рӯ ба рӯям ду портрети калони Сталин ва Ворошиловро дидам. Поёнтар аз онҳо худи сардор менишаст. Болои стол аппаратҳои телефон, графину стаконҳои булӯр, бар рӯи пойгаҳ гилемҳои қиматбаҳо андохтаанд.

Сардор танҳо баъд аз он, ки ба стол наздик омада, салом додам, вазнин аз ҷо хест. Портретҳо чунон устодона овехта шудаанд, ки вақте сардор аз ҷо хест, бо онҳо баробар шуд ва агар намеҷунбид, гумон мекардед, ки ин портрети сеюм аст. Шояд барои ин бошад, ки сардор лаҳзае беҳаракат рост истод ва баъд бо табассуму меҳрубонӣ дастамро фушурда, ба нишастан таклиф кард. Баробар нишастем. Сардор қуттии папироси «Қазбек»-ро кушода, ба сӯям дароз кард. Якеро гирифтам. Сардор зажигалкаро даргиронд. Папиросро ба даҳан гирифтам. Аз он бӯи атр меомад. Бо ҳайрат ба сардор нигаристам. Вай дарҳол пурсид: «бӯи форáме?». Беихтиёр бале гуфтам. Дар ин вақт сардор тукмаи зангро зер кард, дар кушода шуд. Шахсе ки дар тан либоси ҳарбӣ дошт, бонизом дохили кабинет шуда «Хизмат, рафиқ сардор!» гуфт. Сардор аз ҷо нахеста пурсид: «Телеграммаро ба рафиқ Ворошилов фиристодед?». Он шахс бо ҳайрат: «Кадом телеграмма?» гуфт. Сардор худро гум накарда, фармон дод: «Муовинатонро ба назди ман фиристонед! Фармонро иҷро кунед!». Шахси мазкур «итоат» гуфта, ба ақиб баргашт ва баромада рафт.

Сардор шикоятомез чизе гуфтанӣ шуд. Ҳамин вақт шахси дигаре даромада, бонизом арз кард: «Рафиқ сардор, лейтенант ба фармони шумо ҳозир аст!». Сардор дарҳол пурсид: «Телеграммаро фиристондед?». Сардор ин дафъа умуман телеграммаро пурсид, номи Ворошиловро бар забон наовард. Шояд барои ин ҳам шахси даъватшуда бетаъхир ҷавоб гардонд: «Телеграммаро ҳамин ки имзо кардед, мефиристонем!». Сардор фармон дод: «Фалониро ҷеғ занед!». Шахсе ки худро лейтенант номида буд, «итоат» гуфта баромада рафт.

Сардор боз ду-се нафари дигарро ба наздаш ҷеғ зад, пурсид, супориш дод ва дар охир ба ман рӯ оварда «ҳоли мо,— гуфт,— шабу рӯз ана ҳамин тавр аст, на шаб хоб дорем, на рӯз роҳат!». Баъд аз сандуқчаи столаш ду дона термоси нав бароварда болои стол гузошт, аз сандуқчаи дигар ду пиёлаи балғамӣ бароварда пурсид; «Чои кабуд ё фомил?». Ба ҷавоб интизор нашуда чои кабудро наздам гузошт ва пурсид: «Қонфет майл надоред?». «Чои кабуд бе ширинӣ беҳтар аст», ҷавоб додам ман.

Сардор кунҷковона пурсид: «Ба кабинети калони мо даромадаед?». Ҷавоб додам, ки «на як бору ду бор, чандин бор!». Сардор нимхез шуда бонфтихор пурсид: «Росташа гӯед, дабдабаи кӣ зӯртар?». «Аз шумо!» ҷавоб додам ман.

Сардор қоматашро рост карда: «Набошад,— гуфт,— ба ман ҷавоб, ба ЦК меравам, кори заруре дорам. Шумо бемалол чойро ки нӯшидед, ба кoратон равед!».

Ман ба ҳайрат аз ҷо хеста, пурсидам:

— Шумо ба ман кори зарур доред гуфтанд?

— Шуморо ҷеғ задам, ки кабинети маро дида фикратонро гӯед! Хайр, агар лозим шавед, боз ҷеғ мезанам,— гуфту хайрухушро насия карда баромада рафт.

Деҳотӣ асабонӣ аз ҷо хесту пурсид:

— Магар аз ин зиёдтар беэътиноӣ мешавад?..

Аз он вақт соли бисёре гузашт ва ҳоло, ки дар ресторани «Қалъаи макру муҳаббат» нишастаем, бори дуюм аст, ки дӯст ва устодамонро ин тавр асабонӣ мебинам.

— Чӣ мехӯрем? — пурсидам.

— Агар бисёр гушна бошед, ягон чизи тайёр гирифта хӯреду равем.

Ман официанткаро ҷеғ зада ба ду кас шашлику коньяку борҷом фармудам ва рӯи қуттии папироси «Қазбек» ин байтро навишта ба назди Деҳотӣ гузоштам:

[1] Дар солҳои аввали шоириаш Деҳотӣ номашро Пирмуҳаммадзода Деҳотӣ ё П. Деҳотӣ менавишт.

«Ту мапиндор, ки ғам аз дили маҳзун наравад.
Оташи ишқ, ба ҷон афтаду берун наравад!»

Официантка шашлику коньяку боржомро оварда болои стол гузошта «Нӯши ҷон шавад!» гуфту рафт.

Деҳотӣ байтро хонд ва бо ангушташ ба қуттӣ зада оҳангеро замзама кардан гирифт.

Садои мусиқӣ таваҷҷӯҳи ҳамаро ба худ ҷалб кард. Арманзанаке ба сурудани таронаи форами озарбойҷонӣ сар кард. Суруд ба охир расид. Деҳотӣ шишаи конякро гирифта ба назди мутрибон рафт ва хоҳиш кард, ки бо ӯ қадаҳ бардоранд. Онҳо таклифро қабул карданд. Вақте ки қадаҳҳо ба дасти соҳибонашон расиданд, Деҳотӣ ба сухан даромад. Диққати ҳама ба сӯи ӯ ҷалб шуд. Танҳо яке аз духтарон суп-сурх шуда, гоҳ-гоҳ ба ҳамроҳонаш чашмак мезад ва аз стол нигоҳ намебардошт. «Мутрибони азиз,— гуфт Деҳотӣ,— навакак дӯстам ба рӯи ин қуттии папирос байти шоиреро навишта ба ман дод, ки он байт ин аст:

«Ту мапиндор, ки ғам аз дили маҳзун наравад.
Оташи ишқ ба ҷон афтаду берун наравад!».

Ман шубҳа доштам, лекин шумо дӯстонам бо сози навои худ ғамро аз дили маҳзунам баровардед! Саломат бошед!

Ҳар чор духтарак омада қадаҳҳои худро бо қадаҳи Деҳотӣ ҷанг андохтанд, яке аз онҳо оҳиста пурсид: «Ғамро-ку аз дили маҳзун баровардед, аммо оташи ишқро чӣ?...»

Духтарак инро гуфту тозон ба назди дугонаҳояш рафт. Қадаҳ аз дасти Деҳотӣ афтоду шикаст...

## НАВИСАНДА ДАР ҲАМА ҶО НАВИСАНДА АСТ.

Дар санаторияи мо шаби эҷодии Александр Безыменский гузаронда шуд. Сардори корҳои равшаннамоии истироҳатхона бе ҳеҷ сарсухан эълон кард: — «Ҳоло дамгирандаи санаторияи мо, шоири комсомол Александр Безыменский баромад мекунад. Хоҳишмандам бо кафзанӣ ӯро пешвоз гиред!».

Александр Безыменский бо қади баланду қадамҳои калони худ ба саҳна дохил шуд. Мо, ҳозирон, ӯро гарму ҷӯшон пешвоз гирифтем.

Шоир ним соат дар бораи ҳаёту эҷодиёти худ сухан



кард. Дар паҳлуи мо Галина Николаева нишаста буд. Ба вай ин кори Безыменский писанд наомад. Ҳар замон ба гӯшам мегуфт: «Дар бораи нависанда бояд дигарон сухан кунанд, вай бояд хоксорона ягон шеър ё ҳикояашро хонаду интизор шавад. Агар талаб кунанд, боз чизе хонад, агар талаб накунанд, рафта дар ҷояш нишинад... Ё гапи ман ҳақ нест?».

Галина Николаева низ дар санаторияи мо дам мегирифт ва барои романи калони худ «Битва в пути» материал ҷамъ мекард. Ба бахти вай дар ҳамон рӯзҳо барои истироҳат ба санаторияи мо директори яке аз заводҳои калони Сталинград Леонид Глекман омада буд. Галина Николаева ҳамин ки аз кӣ будани вай огоҳ шуд, нақшаи романашро ҳикоя карда «акнун ки,— гуфт,— шуморо ба ман худо фиристодааст, то даме ки ба ҳазору як суоли ман ҷавоби қаноатбахш надиҳед, домани шуморо сар нахоҳам дод». Вақте ки Леонид Соломонович эътирозкунон «Ман барои дамгирӣ омадаам» гуфт, Галина Евгеньевна дарҳол: «Ин хело хуб аст,— гуфт,— мекӯшам, ки ба ту халал нарасонам». Леонид Соломонович узрхоҳона гуфт, ки «росташро гӯям, ман ба ин ҷо барои истироҳат наомадаам, супориш дорам, ки дар давоми истироҳат нақшаи тағиру такмили заводро тартиб диҳам... бо супориши партия». Галина Евгеньевна «Айни муддао,— гуфт,— ман ҳам бо супориши партия дар бораи онҳое ки барои тағиру такмил додани саноати мо мубориза бурда истодаанд, роман бояд нависам. Қаҳрамони романам шумо ҳастед ва аз шумо хоҳиш ва талаб мекунам, ки ба ман кӯмак кунед, ёрӣ расонед!».

Глекман таслим шуд. Минбаъд онҳо ҳатто ба экскурсияҳо ҳам ҳамроҳ мерафтанд.

Як рӯз дар сӯҳбате Галина Евгеньевна фаҳмонд, ки барои донистани дунёи ботинии қаҳрамон вохӯриҳо ва сӯҳбатҳои расмӣ каманд, онҳо ҳаргиз табиат, феълу атвор, хислат, тавоноӣ ё нотавонии шахсро зоҳир карда наметавонанд.

Мана, мо ки аввалин бор ба ҳам вохӯрдаем, мекӯшем, ки дар гуфтору рафтор тамоми қоидаю расмиятро ба ҷо орем, сухани барзиёд нагӯем, чи тавре ки дил мехоҳад, нахандем, ғаму шодии худро пинҳон дорем... Дурусттарашро гӯям, мо дар айни ҳол на он ҳастем, ки ҳастем. Агар баъд аз ин сӯҳбат дар бораи шумо чизе нависам, дӯстони шумо маро дурӯғгӯй меномаанд. Барои

дар ҳаёт чи тавр будани шуморо ҳартарафа донистан ва омӯхтан вақти зиёде лозим аст.

— Танҳо вақт? — пурсидам ман.

— Истеъдоди комил,— ҷавоб дод ӯ ва илова кард,— танҳо соҳиби истеъдоди комил метавонад шодӣ ва азоби эҷодиро ба хубӣ санҷад. Афсӯс, ки ман худро соҳиби истеъдоди комил номида наметавонам, такягоҳи ман қобилияти ман аст.

— Барои нависанда чиро аз ҳама муҳим медонед?— пурсид Деҳотӣ.

— Мақсади олӣ, идроки қавӣ, боварӣ ба худ ва ба дигарон. Боварӣ ба инсон болупар медиҳад. Дар аввали соли 1945 аз Нальчик, ки ман дар он ҷо духтур шуда кор мекардам, шеърҳоямро «ҳарчи бодобод» гуфта ба Тихонов фиристодам. Ва баъд аз лаҳзае худамро сарзаниш кардам, ки барои чӣ ин корро кардам! Охир Тихонов серкор аст, барои сархорӣ ҳам вақт надорад, болои ин шоири бузург аст, барои шеърҳои шогирдонаи ман вақти қимати худро беҳуда сарф нахоҳад кард... Лекин ман беҳуда худро коҳондам. Дере нагузашта ҷавоб омад, ки он роҳнамоиояндаи ман шуд. Вай навишта буд, ки дар шеърҳои шумо назмеро мебинам, ки имрӯз барои мо хело зарур аст. Ва дар охир қайд карда буд, ки баояндаи хушбахтонаи шумо боварии комил дорам. Бале, ҳама вобаста ба боварист, ҳатто вазнинтарин бемор, агар ба табибон ва ба саломат шудани худ боварӣ дошта бошад, сиҳат мешавад. Боварӣ... боварӣ... боварӣ...

## ДИДОРИ ДӮСТ

Александр Безыменский баъд аз ба охир расондани нутқаш ба хондани шеъру дубайтиҳои ҳаҷвиаш сар кард. Ба ҳозирон шеърҳояш писанд омаданд. Пеш аз дигарон ҳар сеи мо, Галина Николаева, Деҳотӣ ва ман рафта дасти ӯро фушурдем ва изҳори миннатдорӣ кардем.

Абдусалом Деҳотӣ таклиф кард, ки ба «Храм воздуха» равем. Аз табобатхонаи мо то ресторани «Храм воздуха» як километр роҳ аст. Мо ин масофаро байни як соат базӯр тай кардем. Дар роҳ бо дӯстони бисьёре вохӯрдем, ки мисли мо аз Москва, Ленинград, Киев, Боку, Тошканд, Фрунзе ва дигар шаҳрҳо ба ин ҷо омада будаанд. Дар ҳар қадам бо дӯстон ва ошноён вохӯрда, ҳолпурсӣ мекардем. Байни сӯҳбат яке аз дӯстони мо ки барои «кам кардани чарбуи баданаш» омада буд, бо ҳасрат гуфт:

— Агар байни ин ду-се рӯз як палави серравған нахӯрам, тамом мешавам... Қоре карда дар ягон ҷо як палав пазем, ҳамаи хароҷот ба гардани ман... Шумо танҳо пазандаю хӯранда...

— Ягон илоҷ мекунем... лекин на фардою на пасфардо, дертар,— ваъда дод Деҳотӣ.

Дар роҳ аз Деҳотӣ пурсидам:

— Магар шумо ҳам палавро ёд кардед?

— Эй бародар, ҳоли ӯро дида раҳмам омад. Аз нигоҳҳояш аён буд, ки агар дар ҳамин рӯзҳо палав нахӯрад, девона мешавад.

Деҳотӣ ин суханонро хело ҷиддӣ мегуфт ва барои тасдиқи фикраш мисоли аҷибе овард:

— Боре мо чанд нафар барои саёҳат ба соҳили Панҷ рафтем. Яке аз мо одати аҷибе дошт — кам мехӯрду ҳар дам мехӯрд. Масалан, агар мо рӯзе се бор наҳор мекардем, вай шаш бор. Ин гуна тартиботро дар хона риоя кардан мумкин аст, аммо дар сафар душвор!

Як пагоҳ субҳонаро хӯрда, ба тамошои дарёи зебои Панҷ рафтем. Хеле ҷоҳои хушманзараро тамошо кардем, дар охир таклиф шуд, ки завраксаворӣ кунем. Ҳамаи мо розӣ шудем, танҳо рафиқи мо ба соаташ нигоҳ карда пурсид:

— Вақти бисёр намегирифтагист?

Роҳбаладй мо «аз бист дақиқа зиёд не» гуфт. Рафиқи мо розӣ шуд ва ба ман чашмак зада, оҳиста гуфт:

— Шиками лаънатӣ нағора навохта истодааст. Хайр, бист дақиқа бошад гапе не...

Ноомади корро бинед, ки якбора дар байни дарё мотори заврақ аз кор монд. Моторист ба таъмири он сар кард.

Рафиқи мо торафт бетоқат мешуд. Ба соаташ нигоҳ карда фарёд кашид:

— Бачаҳо, боз агар ним соати дигар дар ин ҷо монем, чармҳои завракро канда-канда нӯши ҷон мекунам.

Ҳамроҳонам аз ин суханонаш завқ бурда хандиданду «Вай шӯхӣ мекунад» гуфтанд. Вале маро даҳшат зер кард, дар нигоҳаш аз шӯхӣ аломате набуд,— Деҳотӣ ба қафо, ба он тарафи ҳамсӯҳбати мо рафта истода

нигоҳ карда суханашро давом дод,— ин кас ҳам эҳтимол аз он касонест, ки рӯзе то се-чор бор палави равғанин мехӯранд. Ман аминам, ки агар байни ин ду-се рӯз палав нахӯрад, путёвкаро пора карда, гашта ба Сталинобод меравад...

То ба дараҷае саргарми сӯҳбат будем, ки якбора худро дар баландии «Красное солнышко» дидем ва баробар ба якдигар нигариста хандидем.

— Ҳеҷ гап не,— тасалло дод Деҳотӣ,— сайр ҳам сайру саргардонӣ ҳам сайр, гуфтаанд, каме ин ҷо дам гирифта, гашта ба «Храм воздуха» меравем.

Вақте ки ба ошхонаи «Храм воздуха» наздик омадем, воқеаи аҷибе дидем. Ҳамон шахси муштоқи палав пул мешумурд ва ошпази корҷомаи сафедпӯши сиёҳбуруте дар паҳлуи ӯ меистод.

Деҳотӣ ботантана гуфт:

— Нагуфтам, ин гуна одамҳо агар рӯзе ду бор палав нахӯранд, мазаашон меравад!

— Ҷисман чӣ? — пурсидам ман.

— Палавхӯрҳо ҷонсахтанд!

Вақте ки ба ресторан дохил шудем, ба истиқболи мо мӯйсафеди хандонрӯ аз ҷо хест. Дӯсти деринаи мо Нерсесян. Якдигарро оғӯш карда, бӯсидем, аҳволпурсӣ кардем.

— Ман,— гуфт вай,— ба санатория рафта шуморо пурсидам, яке гуфт, ки ба тарафи «Храм воздуха» рафтанд. Дар роҳ шуморо дидам, бо ҳамшаҳриҳои худ саргарми сӯҳбат будед. Ҳалал нарасонда рост ба ин ҷо омадам, ҳам барои шумо ва ҳам барои худ ҷо банд кардам.

Нерсесян аз арманиҳои форсизабонест, ки дар солҳои 30-юм дар Коминтерн кор мекард. Дар соли 1930 дар ҳайати комиссияи Коминтерн бо роҳбарии Домбол ба Тоҷикистон омад. Дар ин ҷо аъзоёни комиссия ба ду гурӯҳ тақсим шуданд. Гурӯҳи якумро худи Домбол ва гурӯҳи дуюмро, ки ба тарафи Қаротегин мерафт, Нерсесян сардорӣ мекард. Ман ҳам дар ҳайати гурӯҳи дуюм будам ва дар ҳамон ҷо бори аввал бо нависандаи соҳибистеъдоди поляк Бруно Ясенский вохӯрда будам.

Баъдтар мувофиқи хоҳиши Комитети Марказии Партияи Коммунистии Тоҷикистон Нерсесян ба Тоҷикистон омад. То солҳои охир дар корҳои партиявӣ ва хоҷагии республика фаъолона иштирок дошт. Ба наздикӣ ба нафақа баромадааст.



Ин марди хоксору фозил инчунин адабиётдӯст ва адабиётшинос аст. Осори классикҳои форсу тоҷик ва фольклори Эронро хуб медонад, ҳамнишин ва ҳамсӯҳбати аҳли адаб аст. Абдусалом Деҳотиро гули сари сабади дӯстони наздики худ мешумурд. Дар солҳои охир, Нерсесян дар Панҷакент кор мекард ва барои ҳамин ҳам кайҳо боз муштоқи дидори якдигар будем ва ин дидорбинӣ боиси хурсандии ҳар сеи мо гардид.

— Шаб,— гуфт Нерсесян,— аз рафиқе фаҳмидам, ки Деҳотии Зарафшонӣ ва Мири Бадахшонӣ дар санаторияи ба номи Орҷоникидзе кайфу сафо доранд ва машғули шеъргӯӣ ва достоннависианд. Фикр кардам, ки равам ба наздашон, ё наравам? Мабодо ба кори эҷодиатон халал расонам ва қарор додам, ки наравам. Лекин якбора ин суханони пири дилогоҳ — Рӯдакӣ маро раҳнамо шуда ба назди шумо оварданд.

Ҳеҷ шодӣ нест андар ин ҷаҳон
Бартар аз дидори рӯи дӯстон
Ҳеҷ талхӣ нест бар дил талхтар
Аз фироқи дӯстони пурхунар.

Нерсесян қадаҳҳоро пур карда ба назди мо гузошт ва ҷоми худро бардошта ин байти Ҳофизро хонд:

Бидеҳ соқӣ маи боқӣ ки дар ҷаннат нахоҳӣ ёфт
Қанори оби Рукнободу гулгашти Мусаллоро.

— Қанори оби Рукнободу гулгашти Мусалло бояд беҳтарин ва хушманзаратарин ҷойҳои Шероз бошанд?— пурсид Деҳотӣ.

— На хайр! — гуфт Нерсесян,— ман он ҷоҳоро на як бору ду бор, борҳо дидаам. Рукнобод ҳатто аз оби Рӯдак ҳам камтар аст. Ба назди шоир сари таъзим фаровардан лозим аст, ки бо як байт як чизи ночизро ба ҷаҳон машҳур кардааст. Соҳиби ин гуна истеъдоду лаёқат шудан бахт аст.

— Истеъдод, лаёқат ва муҳаббат! — илова кардам ман,— вақте ки ба Маҷнун гуфтанд, чаро ба духтаре дилбастаӣ, ки на ҳусн дораду на назокат? Вай оромона гуфтааст — бо чашмони ман нигаредаш! Ҳама вобаста ба чашмони дили шоир аст!

— Ба ғайр аз ҳамаи он чизе ки шумо мегӯед, масъулият ҳам даркор,— хотирнишон кард Деҳотӣ.

— Агар муҳаббату садоқат набошад, масъулият ҳеҷ аст.

— Танқиду худтанқидкунӣ сар шуд, гӯед,— хандида гуфт Нерсесян.

— Мо аз дина боз мунозира дорем,— шарҳ дод Деҳотӣ.— Дина бо Миршакар сабӯҳӣ доштем.

— Дар ин ҷо ё дар «Красное солнышко»? — пурсид Нерсесян.

— Рӯи айвончаи хобгоҳамон,— ҷавоб дод Деҳотӣ.

— Бале, ба мардуми шоир, ҳатто қоидаю тартиботи санатория ҳам дахл надорад. Гӯё қонун на барои онҳо навишта шудааст,— гуфт ҳазломез Нерсесян ва ба Деҳотӣ нигоҳ карда, узрхоҳӣ кард: — Наранҷед, ман шӯхӣ кардам. Сабӯҳӣ кайфи махсусе дорад.

— Лекин, Миршакар бо дағалии худ кайфи махсуси сабӯҳиро ба ҳайфи махсус табдил дод,— гуфт норозиёна Деҳотӣ.

Нерсесян суоломез ба ман нигарист. Ман хостам чизе гӯям, вале Деҳотӣ аз нав ба сухан даромад.

— Нӯшидем... ашӯла кардем, баъд сухан аз шоирони ҷавон ба миён омад.

— Кори хубе. Ҷавонон ҷонишинони шумо ҳастанд. Барои дуруст тарбия кардани онҳо пеш аз ҳама шумо масъул ҳастед,— гуфт Нерсесян.

— Ана ман ҳам,— гапи ӯро тасдиқ карда гуфт Деҳотӣ,— ҳаминро мегӯям. Модоме ки онҳо моро устоди худ мехонанд, ба суханони мо бояд эътибор диҳанд. Дар оламн назм худсарӣ накунанд. Ҷавонон бошанд ба шумо «ҳа, ҳа» мегӯянду худашон мехостагиашонро кардан мегиранд.

— Ин хуб нест! — розӣ шуд Нерсесян.

— Лекин Миршакар онҳоро тарафдорӣ мекунад,— ба ҷӯш омад Деҳотӣ.

— Ба ту чӣ шуд, Мири Бадахшонӣ? — пурсид Нерсесян ва рӯ ба Деҳотӣ гардонда бо шӯхӣ гуфт: — Миршакар дар солҳои сӣ, ки бори аввал якдигарро дида будем, ҷавонаки камгапе буд, ба сад суол базӯр як ҷавоб мегардонд. Ба фикрам, мансаб ӯро вайрон кардааст.

Ҳар се хандидем, барои тасдиқи фикрам мисоли кашоле овардам.

— Атрофи деҳаи хурди маро, ки иборат аз 5—6 хонавода буд, қалъаҳои вайронае иҳота кардаанд. Қасе хабар надорад, ки онҳо кай ва бо дасти кӣ сохта, кай



ва бо дасти кӣ вайрон шудаанд. Ҳамин қадарашро медонанд, ки ҳар яки онҳо замоне ошёнаи азобу ситам будаанд.

Дар хурдӣ аз модаркалонам шунида будам, ки агар шабҳо касе аз паҳлуи ин харобазор гузарад, аз як тараф садои нолаи канизону ғуломон ба гӯш мерасад, аз тарафи дигар садои базму шодии хӯҷаинҳо. Аз модаркалонам хоҳиш кардам, ки ягон шаб маро ба он ҷо барад, лекин вай бо даҳшат таъкид кард, ки ин кор асло мумкин нест ва ин фикрро як умр аз сарам барорам, набошад арвоҳон ба ғазаб омада деҳаи бе он ҳам қашшоқи моро ба фалокат дучор мегардонанд.

Бо вуҷуди ин таъкидҳои даҳшатангез як шаб, вақте ки тамоми деҳа хобида буд, аз ҷои хобам хестаму либосамро пӯшида, хап-хапак ба он ҷо рафтам. Даме истода гӯш кардам, дар ҳама ҷо хомӯшӣ ҳукмфармо буд. На нолаи ғуломонро шунидаму на садои базми шоҳонро...

— Хулоса? — пурсид Деҳотӣ.

— Хулоса ҳамин, ки,— ҷавоб додам ман,— яке аз хислатҳои хуби ҷавонӣ ҷӯяндагӣ ва кунҷковист. Ҷавонон ҳатто ба гӯши худ бовар надоранд. Мехоҳанд бо чашми худ бинанд ва бо дасти худ санҷанд. Мехоҳанд он чизе, ки устодони онҳо ёфта натавонистанд, дар ҷустуҷӯй ба даст даронанд.

Аз афташ, фикри ман ба Деҳотӣ писанд наомад.

— Намедонам,— гуфт,— кӣ ҳаққу кӣ ноҳақ. Ҳамин қадарашро медонам, ки ман ҳам ҷавон будам, ҷӯяндаю кунҷков будам. Лекин ба суханони устоди мӯҳтарам Айнӣ ҳам гӯшаму ҳам ҳушаму ҳам дастонам боварӣ доштанд. Он чизе ки аз забони устод мешунидам, эҳтиёҷи «бо чашм дидану бо даст санҷидан надошт».

Нерсесян бетоқат шуда:

— Бародарон,— гуфт,— ин ҷо на маҷлиси нависандагон аст, на пленуми коркунони эҷодӣ! Ин ҷо истироҳатгоҳ аст ва хоҳишмандам фаромӯш накунед, ки шумо барои истироҳат омадаед, бар дигараш салавот гӯед.

— Аз гап гап баромад! — гуфт Деҳотӣ.

— Умуман,— гуфт ҳазломез Нерсесян,— агар маро ба раисии Совети Олӣ интихоб мекарданд, аввалин қонуне ки мебаровардам, дар бораи нависандагон мебуд. Дар он махсусан қайд мекардам, ки нависандагон дар вақти кор як ҷо ва дар вақти истироҳат ҷудо-ҷудо бошанд. Набошад истироҳаташон барбод меравад...

— Тақдири мо аз аввал ҳамин будааст,— гуфт Деҳотӣ.

Аз шашликхӯриҳо ва ҳар замон нафаси вазнин кашиданҳои Деҳотӣ аён буд, ки вай ҳоло озурда аст. Нерсесян чанд латифаи эронию арманӣ гуфт, лекин суде набахшид. Баъд қадаҳро ба наздаш монда ин байтро хонд:

Шоир, ту дӯш доғи сабӯҳӣ кашидаӣ,
Мо он шақоиқем, ки бо доғ зодаем!

ва хоҳиш намуд, ки нӯшем.

Деҳотӣ мисраи дуюмро мадкашон такрор кард ва «шайтон медонад!» гуфту қадаҳро бардошт.

Ҳар се берун баромадем, қад-қади роҳ равон шудем. Якбора садои замзамаи Деҳотӣ баланд шуд:

Ту мапиндор, ки ғам аз дили маҳзун наравад,
Оташи ишқ ба ҷон афтаду берун наравад!

Барои чӣ бошад, ки Деҳотӣ ин дафъа ин байтро бо лаҳҷаи имрӯзаи эронӣ замзама кард!

Нерсесян ба сӯям чашмак зада гуфт:

— Аз афташ, ягон духтар ӯро ранҷондааст.

— Кӣ медонад? — худро ба нодонӣ зада гуфтам ман.

Банохост, дуртар аз ресторан қозеро дидем, ки даруни лой бо як пой истодааст. Ман дарҳол бо овози баланд «ин қоз аз афташ галошашро партофтааст!» гуфтам.

Деҳотӣ завқ бурда хандид. Нерсесян ҳайрон шуда монд.

...Дар солҳои сӣ нависандагони ҷавони тоҷик ҳазорҳунара буданд. Ин бесабаб набуд. Одами саводнок ба чашм тӯтиё буд. Бинобар он ба мо лозим омад, ки ҳам шеър нависем, ҳам ҳикоя, ҳам хабар, ҳам мақола, ҳам мухбир бошему ҳам муҳаррир, ҳам дарс диҳему ҳам дарсхон бошем. Ба колхозҳою фабрикаҳо рафта дар байни коргарону колхозчиён хондани шеър ё ҳикояамонро барои худ мукофоти олӣ медонистем.

Албатта, мо танҳо набудем. Нависандагони калонсол ҳам дар ин чорабиниҳо фаъолона иштирок мекарданд. Фаъолтарини онҳо Суҳайлӣ Ҷавҳаризода буд. Дар он солҳое ки дар назди газетаи «Комсомоли Тоҷикистон» маҳфили нависандагони комсомолӣ ташкил шуда буд ва аъзои ин иттиҳодия барои «назми нав» мубориза мебурданд, на ҳамаи шоирони калонсол моро хайрхоҳу тарафдор буданд. Лекин Суҳайлӣ Ҷавҳаризода бо тамоми ҳастии худ тарафдори ҷавонон буд. Дар давоми чандин сол идораҳои газетаю журналҳо ва Иттифоқи нависандагон шеърҳои навқаламонро барои маслиҳат ба ӯ мефиристоданд.

Суҳайлӣ шеърҳои ҷавононро мехонд, таҳлил мекард ва ба муаллифонашон маслиҳатномаҳо менавишт.

Суҳайлӣ ба саломатӣ ва синнусолаш нигоҳ накарда, ҳатто дар рӯзҳои барфу борон ҳам бо мо савораю пиёда ба мактабҳо, корхона ва колхозҳо мерафт, баромад мекард, шеърҳои нави худро мехонд.

Дар яке аз рӯзҳои тирамоҳ ба колхози ба номи Лоҳутӣ рафтем. Суҳайлӣ ҳамроҳи мо буд. Дар колхоз ба ду гурӯҳ тақсим шудем. Вазифаи мо ба ғайр аз шеърхонӣ, инчунин дар бораи интихобот ва вазифаи интихобкунандагон сӯҳбат гузарондан буд.

Вақте ки баъд аз иҷрои вазифа ба тарафи идораи колхоз меомадем, Суҳайлиро дидем, ки даруни лой ба як по истода аз ҳамроҳонаш, ки аз тарафи дигар меомаданд, хоҳиш мекард, ки галошашро аз даҳони саг гирифта ба ӯ диҳанд.

Баъд фаҳмидем, ки устод пеш-пеш мерафтааст, дигарон бо кадом сабабе аз ӯ ақиб мондаанд. Дар ин асно саге ҳамла мекунад, устод илоҷи дигаре наёфта, галошашро кашида, барои тарсондан ба тарафи саг ҳаво медиҳад. Саг галошро дошта мехояд...

Нерсесян ин ҳикояро шунида:

— Чӣ рӯзҳои аҷибе буданд,— гуфт ва ба ман рӯ оварда пурсид: — Дар ёд дорӣ, чӣ тавр Бруно Ясенский айнакашро гум карда буд? Ба дӯстонат ҳикоя накардаӣ?

— Ягон рӯз ҳикоя мекунам,— ваъда додам ман.

## АҶАБ КОМИССИЯҲОЕ БУДАНД

Деҳотӣ хандакунон дохили ҳуҷра шуд. Сабаб пурсидам, гуфт:

— Бо яке аз «аъзои комиссияи номмонӣ»-и солҳои ҷиҳилум вохӯрдам.

Мақсадашро нафаҳмидам.

— Дарбони мӯйсафед маро дида «рафиқ Дихкотӣ гуфт, ба шумо мактуб ҳаст!». Ман мактубро гирифта пурсидам: — «Шумо амакӣ, ягон бор узви комиссияи номмонӣ» набудед? Мӯйсафед китфҳояшро ҷунбонда чизе нагуфт.

...Дар солҳои ҷиҳилум дар Душанбе як қатор комиссияҳои ихтиёрию ҷамъиятӣ ташкил шуда буданд, онҳо дар назди худ вазифаҳои ислоҳот даровардан ба забони адабӣ ва урфу одату анъанаи миллиро гузошта буданд. Барои пурмазмун кардан ва ривоҷ додани одатҳои нек ва анъанаҳои ҳуби миллӣ фикрҳои хубе пешниҳод карданд. Лекин дар баробари ин дар кори онҳо қаҷравиҳо ҳам кам набуданд.

Тоҷикон то революция фамилия надоштанд. Баъд аз революция ҳаёт талаб кард, ки ҳама соҳиби фамилия бошанд. Ҳамаи мо ба номи падарҳои худ «ов» ва «ев» илова намуда, онро ба худ фамилияи қонунӣ эълон кардем. Баъзеҳо ба ҷои «ов» ва «ев» «зода» ва «ӣ»-и қадимиро интихоб карданд. То соли 1940 ба ин ҳеҷ кас аҳамият намедод. Вале якбора дар баробари комиссияи зикршуда комиссияҳои «оид ба номмонӣ» таъсис ёфт.

Программаи ин комиссия хело ҳам васеъ ва иҷронопазир буд. Аз рӯи он тамоми ному номи падару фамилияҳое, ки мазмуни динӣ доранд (Худоёр, Худодод, Раҳим, Рауф...) ё одами озодро «таҳқир» мекунанд (Ғулом, Гадо, Хоркаш, Пахол...) бояд дигар карда мешуданд. Ҳатто Раиси Президиуми Совети Олии онвақта Шоҳгадоев ҳам мебоист фамилияашро дигар мекард.

«Ислоҳотчиён» гумон мекарданд, ки агар ному фамилияи одамон тағьир ёбад, шуурашон ҳам тағьир меёбад, урфу одатҳои боқимондаи феодалӣ ба осонӣ аз миён меравад. Инчунин таклиф шуд, ки дар охири фамилияҳо часпакҳои «зода» ва «ӣ» кор фармуда нашаванд, чунки онҳо гӯё динианд ва хоси мусулмонон мебошанд. Дар асл ин тавр нест. Аксарияти индонезиягиҳо ва қисми хитоиҳо мусулмонанд. Лекин ному фамилияашон тамоман дигар аст. Часпаки «зода» ва «ӣ» асосан барои мардуми форс ва туркизабонҳо хос аст. Бо ин тамом шудани фамилия шуури соҳиби онро муайян карда наметавонад. Имрӯз фамилияи 99 фоизи рӯҳониёни Тоҷикистон дар охир «ов» ва «ев» дорад, вале ин барои диндории онҳо халал намерасонад.

«Ислоҳотчиён» ба хулосаҳои худфиребонаашон бовар доштанд. Барои ин ҳам бо Турсунзода, Ҳусейнзода, Деҳотӣ, Раҳимӣ сӯҳбати махсус гузарониданӣ буданд.



Ба ман маслиҳат доданд, ки дар бораи зарурати дигар кардани ном ва фамилияи гражданҳои Тоҷикистон мақолае нависам ва ташаббускор шуда номи худ ва номи падарамро дигар кунам!

Дар маҷлисе суол афтид, ки аз рӯи талаб қариб 99 фоизи номҳо бояд дигар шаванд, яъне 99 фоизи аҳолӣ бояд паспорти нав гирад, коммунистон ва комсомолон ва аъзои иттифоқи касаба билетҳояшон, олимон дипломҳояшонро ва ордендорон китобчаҳои ордену медальҳояшонро иваз кунад. Ҳамаи ин ташвиши зиёде ва хароҷоти калоне металабад.

Яке аз аъзои комиссия оромакак ҷавоб дод, ки ҳамаи ин хароҷот ба манфиати халқ мебошад.

Қор ба ҷое расид, ки як рӯз ҳамроҳи Мирзо Турсунзода ба назди Бобоҷон Ғафуров, ки дар Комитети Марказии Партияи Коммунистии Тоҷикистон кор мекард, рафтем ва гуфтем, ки мудохилаи таъҷилии шумо даркор аст, набошад фамилияи шумо ҳам дигар шуданаш мумкин аст, чунки Ғафуров яке аз номҳои худованди ҳаждаҳ ҳазори олам буд...

Онҳоеро ки барои забони адабии тоҷикро ба халқ наздик кардан роҳи дигаре наёфта, забонро камбағал карданӣ шудаанд, инчунин ба Қомитети Марказӣ даъват карда пурсиданд:

— Асосгузори забони адабии рус кӣ буд?

— Александр Сергеевич Пушкин.

— Пас ҷаро шумо бо устодони сухан Айнию Лоҳутӣ маслиҳат намекунед?

— Онҳо гапи моро гӯш кардан ҳам намехоҳанд...

Маданияти тоҷик замоне яке аз гулҳои сари сабади маданияти ҷаҳон буд. Дар натиҷаи тохтутози истилогарони хориҷӣ давлати тоҷикон сарнагун ва маданияти он бо мурури замон аз равнақу ривоҷ монд. Халқ — посбони маданият танҳо он ҳиссаи онро нигоҳ дошта тавонист, ки барои рӯзгораш ниҳоят зарур ва муҳим буд ва барои ин мо халқро гунаҳкор карда наметавонем. Баръакс ба халқ сари таъзим фаровардан лозим аст, ки дар давоми ҳазор соли маҳрумият ва беҳуқуқӣ решаи маданияти худро хушк ва забони худро гум накард.

Ҳоло ки Революцияи Кабири Социалистии Октябрь

тоҷиконро соҳиби давлати тавонои социалистӣ, соҳиби ҳуқуқу озодӣ кардааст, мо вазифадорем, ки баробари бардоштани иқтисодиёти он тамоми мамониатҳоро аз сари роҳи инкишофи маданияти социалистии он бардорем. Забони адабӣ ҳам, ки воситаи тавонои инкишофи маданият аст, бояд озодона ва ҳарҷониба тараққӣ кунад ва аз ҳисоби калимаҳои нав ва интернационалӣ пурратар ва ғанитар гардад.

Яке аз воситаҳои хуби комилан наздик намудани забони адабӣ ба халқ он аст, ки ҳар соле садҳо деҳқон ва коргарбачагон ба мактабҳои олӣ омада мехонанд, забони адабӣ ва дониши худро такмил дода, ба деҳот мераванд, дар мактабҳои миёна дарс медиҳанд.

Халқ забонро ифтихори миллии худ медонад. Дар солҳои сиюм булҳавасоне алифбои шуғниро ихтироъ карданд. Ихтироъгарон мағрурона мегуфтанд, ки дар осмон ҳар қадар ситора зиёдтар бошад, вай ҳамон қадар зеботар менамояд. Дар давоми панҷ-шаш сол ба ин забон китобҳои дарсӣ мебароварданд, китобҳои сиёсию бадеӣ тарҷима мекарданд ва ба нашр мерасонданд. Барои ин кор меҳнати зиёди одамон ва миллионҳо сӯм сарф шуд, вале маълум гашт, ки китобҳои ба забони шуғнонӣ нашршуда дар анборҳои мактабу маориф хобидаанд. Талабагон аз рӯи китобҳои тоҷикӣ дарс мехонанд. Кор ба ҷое расидааст, ки одамон махфӣ ба Душанбе омада, китоби дарсӣ харида ба Шуғнон мебаранд. Вақте ки Раиси Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон Шоҳгадоев ба Шуғнон рафта, сабабро фаҳмиданӣ шудааст, аҳолӣ бо як овоз гуфтааст, ки мо тоҷик будему ҳастем ва барои мо забону миллати нав ихтироъ кардан лозим нест. Ба мунаҷҷимон гӯед, ки дар шаб зебоии осмон аз бисёрии ситораҳост, лекин барои ин зебоӣ шуда ситораи калони тоҷикро ба ситораҳо табдил додан ҷиноят аст...

## ОШИҚИ ГУМГАШТА

Дар тақ-тақ шуд. «Дароед» гуфтам. «Юсуфи гумгашта» — Ошиқ «Ана ман», гуфта ба ҳуҷра даромад.

Аз омадани Ошиқ хурсанд шудем.

Вай ҳикоя кард, ки шабро дар ҳуҷраи шофере, ки моро ба табобатхона оварда буд, гузарондааст, пагоҳ барвақт рост ба ҳавлии маъшуқаи ғоибонааш рафта-



аст. Хешовандонаш гуфтаанд, ки ӯро баъд аз хатми институт барои кор ба Доғистон фиристодаанд. Ошиқ ҳамон замон билет гирифтаасту рост ба Махачқалъа раҳсупор шудааст. Дар он ҷо мефаҳмад, ки маъшуқаро ба маҳалле мефиристонанд, ки на роҳи оҳан дораду на мошингард. Алқисса Ошиқ хараквиву аспакӣ худро ба назди дилбараш мерасонад. Ва аз ҳама аҷибаш, баъд аз «салому алейк» алвидоъ гуфта баргашта, ба Кисловодск меояд ва лозим медонад, ки боқимонда вақташро дар он ҷо гузаронад. Пас аз мо хоҳиш кард, ки ба Душанбе ҳамроҳ баргардем.

Баъд аз шунидани қиссаи муҳаббати Ошиқ Деҳотӣ қадаҳ бардошта:

— Бале,— гуфт,— агар ин қиссаи муҳаббати туро ба шакли бадеӣ нависам, касе ба воқеӣ будани он бовар намекунад ва албатта мегӯяд, ки ба қаҳрамонони Низомию Ҷомӣ либоси нав пӯшонидаанд. Хайр, ҳарчи хоҳанд гуфтан гиранд. Аммо ҳоло ки духтур наомадааст, ҷомҳоро холӣ кардан лозим аст. Ман ба саломатии ту менӯшам ва бо боварӣ мегӯям, ки ҳар духтаре, ки ба ту мерасад, хушбахт мешавад, чунки ту ба қадри муҳаббат расида метавонӣ, қатъи назар аз характерат.

Мо нӯшидем. Ошиқ бо ҳайрат қадаҳро дошта пурсид:

— Ба характери мо чӣ бало задааст?

Ба бахти мо он рӯз духтур наомад. То соати як дар айвони ошёнаи чаҳорум нишаста сӯҳбат кардем, баъд сурудхонӣ сар шуд. Хайрият, ки на чашме рӯи моро медиду на гӯше ҳарфи моро мешунид. Ошиқ бештар рубоиҳои халқиро мехонд, ману Деҳотӣ сурудҳоеро мехондем, ки дар хонаҳои бачагон ва мактабҳои аввалини советӣ ёд дода буданд — «Аз Шарқ хуршед», «Мо ранҷбарзодагонем», «Чӣ медонӣ», «Бонги шайпури дунёи мазлум» ва монанди инҳо.

Деҳотӣ гуфт:

— Аҷиб! Шумо дар Помир, ман дар Самарқанд мехондам, лекин сурудҳои мо як буданд. Беҳуда нагуфтаанд, ки суруд болупар дорад, ба ҳар куҷое, ки мехоҳад, парвоз мекунад.

Ошиқ тасдиқ кард, ки дар хонаи бачагони Кӯлоб ҳам ин сурудҳоро мехонданд.

Деҳотӣ ҳасрат кард, ки чаро ҳозир дар мактабҳо сурудхонӣ нест.

— Ҳаст,— гуфтам ман,— дар ҳама ҷо ҳаст. Ба наздикӣ ба яке аз хонаҳои бачагон, ки дар Шоҳмансур воқеъ аст, рафта будам. Бачагони хурдсол якҷоя ва дӯстона мехонданд:

«Дасти ман гар ба доманат нарасад,
Эй санам хуни ман ба гардани ту...»

Ман бо мудири хонаи бачагон ҷанг кардам, вай «агар суруди дигар набошад, чӣ кунем?» гуфта ғолибона интизори ҷавоб шуд. Дар ҷавобаш чизе гуфта натавонистам. Ҳақ ба ҷониби ӯ буд.

— Саломатиатон даркор! — эътироз кард Деҳотӣ,— ҳақ на ба ҷониби ӯсту на ба ҷониби ману шумо. Дар солҳои аввали революция ин қадар шоир, ки ҳоло дорем, надоштем, бастакор ҳам набуд. Лекин тарона буд, мо онро бо муҳаббат ёд мекардему мехондем. Дар ин кор саҳми муаллимон ва тарбиятдиҳандагони мо калон буд. Ҳамааш шуда чор суруд доштем ва онҳоро тамоми Тоҷикистон мехонд.

Чаро дур равем, дар солҳои сиюм шоирон шеър, бастакорон мусиқӣ навиштанд ва дар натиҷаи ин ҳамкорӣ сурудҳои «Ба Стаханов», «Мамлакати мо», «Чор писар» ва ғайра ба вуҷуд омаданд ва тамоми республика онҳоро мехонд.

Ман бемуболиға мегӯям, барои бачаҳо таронаҳои бисёр навишта шудаанд, танҳо онҳоро дар боғчаҳо, мактабҳо ва ба воситаи радио омӯзондан, фаҳмондан ва паҳн кардан лозим аст.

— Бо вуҷуди он таронаҳои хубу завқовар каманд,— гуфтам ман ва ба Ошиқ муроҷиат кардам,— ё нодуруст мегӯям?

— Худи ман дар суруднависӣ он қадар усто набошам ҳам, лекин сурудҳое ки дигарон менависанд, ба ғайр аз якто-нимто дигарашон белатофатанд ва ба ман маъқул нестанд.

— Кӯрпаро дида по дароз кардан лозим аст,— гуфт Деҳотӣ.

Ошиқ ҷӯшид:

— Асло ба ин фикратон розӣ шудан мумкин нест. Агар тавонанд, нағз нависанд, натавонанд нанависанд. Истисно набояд кард....

— Бародар,— гапашро бурида гуфт Деҳотӣ,— дар адабиёти рус ҳам ҳама баробар нестанд ва ҳеҷ кас талаб карда наметавонад, ки ё ҷун Твардовскию Маршак нависи ё навиштанро бас кун.

— «Худо зад» дар дил андешидам. Иloҷе карда лаҷоми сӯҳбатро ба дигар тараф гардондан лозим аст, набошад сабӯҳии мо ба дилсиёҳӣ мубаддал мегардад. Ошиқ шахсест, ки то ноҳақ буданашро исбот накунед, аз гапаш намегардад ва тайёр аст, ки то субҳи дигар баҳс кунад. Деҳотӣ бошад, одати дуру дароз баҳс кардан надорад, тез меранҷаду дер оштӣ мекунад. Дар бораи Деҳотӣ барин касон Аҳмади Ҷомӣ хеле хуб гуфтааст:

«Шишаи садпорарo пайванд кардан метавон,
Дил ки ранҷид аз касе хурсанд кардан мушкил аст».

— Даъвои шуморо гӯш карда истода,— ба гап ҳамроҳ шудам,— як ҳикояи Ҷалолиддини Румӣ ба хотирам омад. Мазмуни ин ҳикоя чунин аст: — Марде ба чаҳор кас, ки яке араб, дигаре форс, сеюме турк ва чаҳорумӣ румӣ будааст, пул медиҳад, ки аз бозор чизи дилхоҳашонро бихаранд.

Форс гуфтааст, ки ба ин дирам ангур мехарем, араб гуфтааст, ман анаб мехоҳам, турк гуфтааст, «на ангуратон ба ман лозим асту на анабатон, ман узум мехоҳам». Марди румӣ даст афшонда «ҳар сеаш ҳам табъи дили ман нестанд, ман истафил мехоҳам»,— гуфтааст.

Чун мақсади якдигарро намефаҳманд, даст ба гирербон мешаванд. Мусофире онҳоро ҷудо мекунад ва чун гапашонро мешунавад, хандида, «пулро ин ҷо диҳед, ман дилхоҳатонро харида меорам»,— гуфтааст...

Баъд аз чанде ангури бисёре оварда дар наздашон гузошта гуфтааст: «Ин аст он чизе ки яке ангур, дигаре анаб, сеюм узум ва чаҳорум истафил меномад».

Мақсади ҳарсеи мо ҳам як аст—мубориза барои сифат, бадеият ва ғоянокии адабиёт...

Баҳс хотима ёфт, ман Ошиқро то истгоҳи автобус гусел кардам.

## ОҲ, ТАМАРА!

Ошиқ омада:

— Дар хонаи як холаи меҳрубоне ҷойгир шудам,— гуфт,— шавҳараш дар Сталинобод мудири дӯкони шароб будааст. Ин хола бошад бо фарзандонаш дар ин

чо истиқомат мекунад, ҳавлии калон ва ҳуҷраҳои васеъ дорад. Даромадаш аз ҳисоби иҷора будааст. Агар майли палави хонагӣ дошта бошед, марҳамат, ташкил мекунем. дегу табақу ҳезум муҳайёст!

Мо таклифи ӯро хурсандона қабул кардем.

Ошпазӣ яке аз корҳои дӯстдоштаи Деҳотӣ буд. «Ин ҳам хизмат ба дӯстон аст»,— мегуфт ҳар бор.

Ҳоло ҳам «дар сафар ба дӯстон хизмат кардан савоб аст» гуфта, пешдоман баста, машғули ошпазӣ шуд.

— Оғои Деҳотӣ, гӯед, ки боз чӣ намерасад? — пурсид Нерсесян.

— Ҳама чиз ҳаст, ба ғайр аз Барно Аҳмадоваю Шоҳназар Соҳибов,— кор карда истода ҷавоб дод Деҳотӣ.

Палавро дам карда Деҳотӣ омада нишаст ва чой рехта бо қанд нӯшидан гирифт.

Нерсесян пурсид:

— Магар чои кабудро бо қанд менӯшанд?

Деҳотӣ даст афшонда:

— Чои кабудро аз хурдсолӣ бо қанд менӯшидам, ки имрӯз даҳанам ба қавли Миршакар саноатӣ шудааст.

Кампир аз ҳуҷраи дигаре тахтаи шоҳмотро баровардa, дар назди Деҳотӣ гузошта, шумо аз дигарон бисёртар кор кардед, гуфт, барои дамгирӣ шоҳмот воситаи хубест.

Деҳотӣ дарҳол:

— Саломатиатон даркор,— гуфт ва тахтаро ба тарафи ман тела дод. Ҳамаи мо баробар хандидем. Кампир ҳайрон монд...

Деҳотӣ шоҳмотбозиро бад медид. Боре дар вагон яке аз мусофирони ҳамкупеаш шоҳмотбозӣ метавонед гуфта пурсад, «хӯше» гуфтааст, мусофир картабозиро таклиф кардааст, боз ҳамон ҷавобро шунидааст. Мусофир «набошад,— гуфтааст,— аз бозиҳо кадом бозиро дӯст медоред?». Дар ҷавобаш Деҳотӣ кайф карда «ишқбозӣ»-ро гуфтааст.

Ошпаз палавро кашида ба дастархон гузошт ва гӯштро реза карда истода гуфт:

— Як вақт чаҳор-панҷ нависанда маслиҳат карда, дар боғ палави дастӣ пухтем. Ҳамроҳи мо як меҳмони мӯътабаре ҳам буд, ки бори аввал палав ва чи тавр пухтани онро бо чашми худ медид. Ошпаз чун ҳарвақта камина буд. Вақте ки палавро кашидем, гӯштро реза карда истода устухони калонтарро ба назди меҳмони мӯътабар ва дигарашро ба назди дигарҳо гузоштам. Ба худам ва Миршакар нарасид.

Меҳмон бо завқ дандон зада-дандон зада, устухонро хоида истода гуфт:

— Дар ҳақиқат ҳам устухон бомазза будааст.

Миршакари ранҷида дарҳол гуфт:

— Сагҳо барояш беҳуда намеҷанганд.

— Гӯште ки имрӯз Ошиқ харидааст, умуман устухон надорад. Ин хуб аст, ҳеҷ кас намеранҷад.

Кампир бо ҳайрат гуфт:

— Дар Кисловодск бори аввал аст, ки гӯшти беустухонро мебинам. Қассобон ҳеҷ инсоф надоранд. Ба як кило гӯшт ним кило устухону агар бошад, рагу пою чарбу ҳам зам мекунанд.

— Ба ман ҳам,— гуфт Ошиқ,— гӯшти серустухон дод. Як дӯғаш зада будам, ки устухонҳоро мокиёни гушна барин чида гирифт.

Байни мо ду мӯйсафед буданд, яке Нерсесян, ки мӯйҳояш мувофиқи синнусолаш сафед шудаанду дигаре Деҳотӣ, он Деҳотие ки «Дар 27-солагӣ мӯям сафед шуд»,— гуфтааст. Бо хоҳиши мӯйсафеди ҷавон вазифаи соқигиро Нерсесян ба зимма гирифт.

— Бародарон,— гуфт соқӣ,— ҳазрати Ҳофиз мегӯяд, ки:

Гул бе рухи ёр хуш набошад
Бе бода баҳор хуш набошад.

Хело хуб гуфтааст ва мо абераҳои ӯ талабашро панҷоҳ фоиз ба ҷо овардаем. Бинед, ёр нест, аммо гул ҳаст, баҳор нест, аммо бода ҳаст. Пас биёед ба ёди ёру баҳор бода нӯшем ва гулро бӯ кунем.

Дар рӯ ба рӯи мо сурати духтараки рӯкандаю мӯкандае овезон буд. Деҳотӣ ба наздаш омад ва аз кампир кӣ буданашро пурсид. Кампир фаҳмонд, ки ин амали писари ӯст.

— Писарам,— гуфт кампир,— шеъри Туманян «Оҳ Тамара»-ро хонда, писандаш омадааст ва ба хотири ошиқи ноком ин суратро кашидааст.

Мо хоҳиш кардем, ки мазмуни шеърро ҳикоя кунад. Пиразан хоҳиши моро ба ҷо овард:

— Дар кӯли Ван ҷазирае будааст ва дар он ҷазира одамон зиндагӣ мекардаанд. Як бегоҳӣ ҷавонони ҷазира мебинанд, ки духтараки соҳибҷамоли ин ҷазира Тамара пинҳонӣ омада, дар лаби баҳр оташ меафрӯ-

зад, оташро дида аз он тарафи соҳил ҷавони қавибозуе безаврақ шинокунон ба ҷазира меояд, духтарак оғӯш кушода ӯро пешвоз мегирад.

Ҷавонони ҷазира рашк мекунанд ва барои худ таҳқир медонанд, ки аз соҳили дигар ҷавоне омада духтари ҷазираро оғӯш мекунад, мебӯсад. «Мо магар мурдаем, ки бегонагон омада духтарони моро баранд» гуфта ба қасди ҷавон камар мебанданд.

Бегоҳии дигар ҷавонон омада машъали афрӯхтаро хомӯш мекунанд. Ошиқи диловар дар торикии бахр роҳашро гум мекунад. Бисёр шино мекунад, вале на аз соҳил дараке меёбаду на аз ҷазира. Баъд «Оҳ Тамара» гӯён ғарқ мешавад.

Субҳдам бахр ҷасадашро ба соҳил баровард мепартояд. Одамон бар сараш ҷамъ меоянд ва дар лабони сардаш ин ду калимаро мехонанд: «Оҳ Тамара».

Ба ёди ошиқи ноком номи ҷазираро «Оҳ Тамара» мемонанд...

Деҳотӣ бо табассум гуфт:

— Кӣ медонад ба кадом ҷазира ё маҳалле «Оҳ Деҳотӣ» ном мемонда бошанд.

## ЧИ ДУХТАРАКОНИ ШӮХЕ!

Пагоҳӣ хоҳари шафқат омада, ба мо қоғазе дод:

«Лутфан ба кабинети стоматологӣ ташриф фармоед» гуфт ва ишвакунон аз назди мо рафт. Деҳотӣ аз кафояш нигоҳ карда: «бо ин қаду қомату нозу ишва саломатиат даркор» гуфту ба қоғаз нигоҳ кард ва «тавба,— гуфт,— албатта бояд калимаҳои ҳазорошёнаро кор фармоянд!

Охир кабинети дандон гӯянд намешавад!»

— Маънои стоматология,— гуфтам ман,— васеътар будагист.

— Ҳамааш як гап. Соли 1940 ба ман тарҷумаи мақолаи яке аз олимони мӯътабарро фармуданд. Одати бади баъзе олимон хушк шавад, гапҳои тӯппа тӯғрию осонро монда, алфози мураккаби сеошёна ва нест андар ҷаҳонро кор мефармоянд, ки ҷумлаҳои алоҳидаашонро калима ба калима аз луғату энциклопедияҳо ёфтан лозим меояд. Дар мақолаи мазкур «менестрели» шоирони халқ гуфтанӣ гап будааст. Аз барои савоб, мардум гумон мекунанд, ки агар соддатар нависанд, донишмандиашон маълум нашуда мемонад. Мутаассифона, ҳамаи мо ҳам ба ин касалӣ гирифторем.

— Акнун ҳамаи мо дар даст «Деҳотӣ-ул-луғот» дорем-ку!

Ҳозир ин луғат қариб дар ҳамаи идораҳои илмӣ, адабӣ мавҷуд аст. Яке аз он розӣ «хайрият, ки ҳамин ҳаст» мегӯяд, дигаре норозӣ, «на ҳамаи калимаҳои даркорӣ дар он мавҷуданд» мегӯяд ва касоне ҳам ҳастанд, ки тартиб додани луғатро аз қарорнависӣ осонтар мешуморанд.

...Барои тартиб додани луғати мазкур, ки иборат аз 45000 калима аст, даҳ сол сарф шуд. Дар таҳриру тартиби он хизмати Абдусалом Деҳотӣ сазовори тақдир аст.

Чанд зимистон Деҳотӣ дар Москва, дар меҳмонхонаҳо мезист ва луғат таҳрир мекард.

Ёд дорам, ба пленуми нависандагон ба Москва рафта истода, дар наздикиҳои Москва барои Деҳотӣ як қозн калон харидам.

Азбаски Деҳотӣ дар меҳмонхонаҳо дуру дароз зиндагӣ мекард, навбатчиёни ошёнҳо ба вай иҷозат медоданд, ки дар ҳуҷрааш таом пазад.

— Аҷдодони мо,— мегуфт вай,— кӯчманчӣ набуданд, лекин ин луғат маро кӯчманчӣ кард.

Ин сафар Деҳотиро дар ошёнаи 8-уми меҳмонхонаи «Москва» ёфтам. Дарро задам, накушод, ҷавоб ҳам надод. Лекин аён буд, ки дар он ҷост, чунки бӯи шӯрбои кашниздор меомад. Навбатчӣ аз куҷо буданамро пурсид ва чун фаҳмид, ки аз Сталинобод ва ҷӯраи Деҳотиям, дарҳол телефон кард.

Дар кушода шуд. Дар рӯ ба рӯям Деҳотии ришнотарошидаю мӯйсарпарешон истода буд.

Ҳуҷра пур аз китобу қоғазу бӯи шӯрбову дуди папирос буд. Ҷои хоб бетартиб, болои телефон болишту китоби вазнине.

— Ихтирои нав-ку? — телефонро нишон дода пурсидам.

— Ҳамон вақте ки лозим аст, телефон намекунанд, лекин дар лаҳзаҳое, ки барои сархорӣ вақт нест, даркору нодаркор, ошнову бегона телефон кардан мегиранд. Садои занги телефонҳои меҳмонхона чунон баланд, ки мурдаро аз гӯр мехезонад.

— Пагоҳ пленуми Правленияи Иттифоқи нависандагон кушода мешавад, ман бояд дар он ҷо бошам. Биёед «идораатон»-ро бандед, ба кӯча бароем.

— Шўрбо чӣ мешавад?
— Гашта ки омадем, мехўрем.
— Набошад на ба магазине медароему на ба ресторан ва на ба ҷои дигаре. Ба тарафи шарқ нигоҳ карда рафтан ҳаст.

Шартро қабул кардам.

Абдусалом шикоят кард, ки на шаб хоб дораду на рўз роҳат. Кор бағоят бисёр аст.

— Матбаа ҳар рўз таъкид мекунад, ки агар материалро дар вақташ хонда насупорам, аввал штраф, баъд аз нашри луғат даст мекашад. Ман бошам ҳам таҳриру ҳам корректурахонию ҳам дигар корҳои ташкилиро бояд худам ба ҷо орам. Ба дидори рўи ҳамдиёронам пазмон шудаам. Гоҳо аз балкон ба поён менигарам ва агар ягон тўппии чустипўшро бинам, бояд аз шиносонам бошад, гуфта тозон ба истиқболаш мебароям... Як рўз ҳамин тавр тўппипўшеро дида давида рафтам, бинам як нафар африкоӣ будааст.

— Ба сараш тўппии чустӣ буд? — пурсидам ман.
— Не, тўппии тоҷикӣ.
— Тўппии чустӣ ҳам тоҷикӣ аст-ку. Охир чустиҳо тоҷиканд.

То як поси шаб дар кўчаҳо гашта, сўҳбат мекардем. Мавзўи сўҳбати мо хело парешон буд. Як вақтҳо Деҳотӣ тамоми Дарвозу Қаротегину Балҷувонро савораю пиёда гашта буд. Ин сафари шоир барои кўҳистониёни шеъру шоирдўст ҳодисаи хурсандибахше буд.

Дар кўчаҳои Москва гашта истода Деҳотӣ он рўзҳои сафарашро ба ёд меовард.

— Барои ман,— гуфт ў,— ҳамаи он чиз ки дар он ҷо медидам, нав ва завқовар буд. Занони рўкушода бо мардон ба кўча мебаромаданд, ба истиқболи мо даф мезаданд, чанг менавохтанд ва ҳатто бе ҳеҷ такаллуфе ба майдон баромада мерақсиданд, ба сўи мо гул пошида, рубоиҳо мехонданд. Яке аз он рубоиҳо ин аст:

> Ситора ба боми мо қатор омаду рафт,
> Шоҳзода ба мулки мо шикор омаду рафт.
> Мардум пурсад, ки ў ҷаро омаду рафт,
> Дилгир шудай, дидани ёр омаду рафт,

Байни гап муаллими ҳамон деҳа аз ман пурсид:
— Духтарони кўҳистон ба шумо маъқуланд?
Ман ҷавоб додам:



—Агар духтарони водӣ гули ишқ бошанд, духтарони кўҳистон гулҳои сари сабади ишқанд!

Мо дар соҳили рўди ноороми кўҳи нишаста чой менўшидем. Қадре дуртар духтарҳои бисёре аз паси девори буттаҳо моро тамошо мекарданд. Онҳо оҳиста ва боэҳтиёт сухан мекарданд. Мо суханони онҳоро мешунидем, вале чунон вонамуд мекардем, ки на онҳоро мебинему на суханонашонро мешунавем. Яке шишаи шароб оварда дар пиёлаҳо рехту назди мо гузошт. Дигарон нўшиданд, ман узр хоста нанўшидам. Дар ин асно ба гўшам садои ғолибонае расид, ки мегуфт: «Нагуфтам, ки шоирони ҳақиқӣ дар бораи шароб нависанд ҳам, худашон наменўшанд! Онҳо масти шароби ишқанд!». Ин суханро аз забони занони оддии Дарвоз шунидем! Аммо чӣ ҷои таҷҷуб. Дар он ҷо хонае бе мусиқию сароянда нест. Ба қавли худашон, агар аз осмон санг афтад, бар сари шоиру ҳофиз меафтад.

Қариб нисфи аҳолӣ шеърдон, шеърбоф, шоиранд ва беқофия гап намезананд. Дарвоз маро мафтуни худ кард.

Духтаракон омада хоҳиш мекарданд, ки шеър навишта ба онҳо тақдим кунам. Худ ба худ ҳасраткунон мегуфтам, ки ҷаро лаёқати устод Лоҳутӣ дар ман нест. Агар он кас дар ҷои ман мебуд, духтаронро шеърборон мекард. Ҳар чи бошад, дар бораи Дарвоз шеър навиштам...

Оре, духтарони кўҳсор дар шахси шоир одами муқаддасеро мебинанд, ки масти ишқ аст ва танҳо барои он ба дунё омадааст, ки шеър нависад, то ки мардум онро ба мусиқӣ даровардa сароянд, дилҳои ошиқу маъшуқро ба ларза дарорад...

## ДЎСТИ АДАБИЁТИ ТОҶИК

Ба Деҳотӣ телефон кардам, ҷавоб надод. «Эҳтимол кораш бисёр будагист, барои ин ҳам ҷавоб намедиҳад»,— гуфта ба наздаш рафтам.

Ҳуҷраи Деҳотӣ ошпазхонаи тангеро ба хотир меовард. Бўи гўшти қоз на танҳо ҳуҷраро, балки коридори ошёнаро ҳам «муаттар» карда буд. Ҳатто навбатчии ошёна маро дида ғурбат кардан гирифт. «Ин қози сабилмондаро намедонам аз куҷо овардед? Рўзи сеюм аст, ки бўяш тамом намешавад. Хайрият, ки дар таги мо ошпазхонаи ресторан аст ва одамон гумон мекунанд, ки ин бўй аз он ҷо меояд».

Деҳотӣ гила кард, ки ҳар рӯз чашмаш чор аст, вале ман бедарак.

Узрхоҳӣ кардам, ки вақт набуд, телефон кардан фоида надошт.

— Пленум чӣ тавр гузашт? — пурсид Деҳотӣ.

Ман чой нӯшида истода, ҳикоя кардам:

— Пленумро Фадеев кушод. Ба муҳокимаи пленум ду масъалаи муҳим гузошта шуда буд. Яке дар бораи драматургия ва дуюм дар бораи кинодраматургия.

Ман дар қатори аввал нишаста будам. Фадеев маро дида бо табассум чашмакӣ зад. Ин саломи ӯ буд. Ман ҳам ба ҷои ваалейкум табассум кардам. Фадеев атрофро аз назар гузаронда, чизе ба Петр Скосарьев гуфт. Скосарьев ба наздам омада гуфт: «Александр Александрович фаҳмонданӣ ҳаст, ки Мирзо Турсунзода омадагӣ ё на? Ғайр аз ин аз шумо боз киҳо омадаанд ва кӣ баромад мекунад?» Ман фаҳмондам, ки аз Тоҷикистон танҳо ман омадаам ва агар навбат расад, баромад мекунам.

Маърӯза ба охир расид. Музокира сар шуд.

Баъд аз танаффус Сергей Михалков ба маҷлисгоҳ даромада рост ба назди Фадеев рафт, чизе гуфт. Фадеев аввал муқобилият кард, вале баъд розӣ шуд. Михалков омада дар паҳлуи ман нишаст ва пурсид: «Ту баромад кардӣ?», ман «ҳанӯз не» гуфтам. «Ман,— гуфт,— дар бораи драматургияи бачагон ва наврасон гап заданӣ, ту дар баромадат маро тарафдорӣ мекунӣ!». «Хуб!» гуфтам.

Ҳамин ки нотиқ суханашро ба охир расонд, бенавбат сухан ба Михалков доданд.

Михалков нотиқи аҷибест, одамонро ҳам механдонаду ҳам мегирёнад. Нисфи зиёди нутқаш дар бораи таҷрибаҳои песанависии ӯ барои бачагон ва наврасон, дар бораи кори ӯ бо театр ва тамошобинон буд.

Нотиқ баъд аз нутқи завқовараш ҳанӯз чапакзаниҳо ба охир нарасида буданд, ки бо Фадеев хайрухуш карда баромада рафт.

Рӯзи дуюм ҳам ҳамин, ки музокира аз рӯи масъалаи дуюм сар шуд, Михалков ҳозир гашт. Аз нав бо Фадеев ғапашро пазонда, омада дар паҳлуям нишаст. «Чӣ тавр,— гуфт,— баромадам ба ту маъқул шуд? Ҳанӯз ҷавоб надода будам, ки Фадеев номи Михалковро эълон кард.

Михалков дар охири нутқаш боз дар бораи таҷри-



баҳои худ гап задан гирифт. Фадеев шӯхикунон гуфт:

— Серёжа, ту аз нав ба худтаърифкунӣ сар кардӣ!

— Саша,— ҷавоб дод дарҳол Михалков,— дар атрофи ту косалесони бисёре ҷамъ омадаанд, росту дурӯғ туро таъриф мекунанд, маро онҳо таъриф намекунанд, бинобар он худам худамро таъриф карда истодаам...

Баъд аз пленум Фадеев маро ба наздаш даъват карда:

— Ахволи мӯйсафед Раҳимӣ чӣ хел — гуфта пурсид.

— Сиҳат саломат ва машғули кори эҷодист.

— Оё дуруст аст, ки вай дар назм кӯҳнапараст аст?

— На ҳама вақт.

— Ман ҳар бор бо ӯ дар ин бора сӯҳбат мекунам. Лекин вай асло тан намедиҳад. Боре якчанд шеъру достонҳояшро ки Державин тарҷума кардааст, оварда ба ман нишон дод. Завқоваранд!

— Раҳимӣ Муҳаммадҷон шоир ва шеършинос аст, як байти ӯ дар бораи Ленин вирди забонҳо шудааст.

Дило на ишқ
на оташ,
на офтобу замин
Надорад ин ҳама қувват, ки халқ бо Ленин.

— Канӣ як бори дигар хонед.

Ман дубора хондам. Фадеев бо ҳайрат гуфт:

— Лекин шеърхониҳои Раҳимӣ тамоман дигар хел аст. Ба шоирони араб хело шабоҳат дорад. Пурсед ва гӯед, ки ба Москва ояд, албатта ба наздам дарояд.

Фадеев оҳанги гапро дигар карда боэҳтиёт ва санҷишомез пурсид:

— Шоирони тоҷик ҳасад намебаранд, ки Мирзо чунин силсилаи шеърҳои баланде навиштааст?

— Барои чӣ ҳасад барем? — гуфтам ман.

— Афсӯс,— гуфт Фадеев ва фаҳмонд,— ҳасад бурдан даркор аст, бо ибораи дигар гӯем, миёнро маҳкам баста, мусобиқа кардан даркор.

— Ҳар яки мо орзу мекунем, ки чун Мирзо бошем.

— Орзу бе ғайрату кӯшиш амалӣ намешавад.

— Ғайрату кӯшиш ҳам карда истодаем.

— Танҳо бо ин роҳ ба равнақу ривоҷи назм боис шудан мумкин аст. Шеърҳои ҳиндустонии Мирзо маро хело хурсанд карданд. Ба вуҷуд омадани онҳо махсусан дар назми тоҷик як ҷаҳиши калоне ба пеш аст.

— Маънии давом додани анъанаи аҷдодони худ дар ҳамин аст.

— Аҷдодон гуфтеду ба ёдам омад. Ба наздикӣ олимҳои адабиётшиносро даъват карда нағзакак боб кардам. То кай, гуфтам, мероси бои адабиёти тоҷиконро чун моли шахсии худ ба ҳар касе ки хоҳед, тақсим кардан мегиред?

— Хуб кардед!

— Мехоҳам доир ба ин масъала ё дар маҷлиси калоне ё ба воситаи «Правда» баромад кунам.

Баъд сухан аз ёддоштҳои Садриддин Айнӣ рафт. Фадеев онҳоро таъриф карда, байни гап ба ман рӯ оварда «Қишлоқи тиллоӣ»-ро хондам, акнун хонанда интизори қишлоқи воқеист!

...Ҳангоми муҳокимаи плани нашриёти «Советский писатель» муҳаррири нашриёт дар қатори китобҳое ки ба соли дигар гузаронда мешаванд, маҷмӯаи шеъру достонҳои тарҷумашудаи маро ҳам номбар кард.

Ман таваккал карда аз ҷо хестам ва норозиёна гуфтам:

— Маҷмӯаи ман кӯчманчӣ шудааст, ҳар сол ба соли дигар гузаронда мешавад.

Фадеев фаҳмонд, ки дар плани имсола китобҳое дохил мешаванд, ки дар мавзӯи рӯз навишта шудаанд. Агар имрӯз онҳоро чоп накунем, фардо дер мешавад. Асарҳое, ки ба соли оянда гузаронда мешаванд, кӯҳна намешаванд, оянда доранд.

Ман дарҳол:

— Пас,— гуфтам,— минбаъд асарҳоиояндадорро нанависем?

Ҳама хандиданд. Ман оҳистекак барои папироскашӣ баромадам.

Дар роҳрав ба яке аз дӯстонам вохӯрдам, нишастем, аҳволпурсӣ кардем, аз муваффақиятҳои эҷодии худ ва республикаҳои худ ба якдигар «рапорт» додем. Ман саргарми сӯҳбат шуда, фаромӯш кардам, ки маҷлис рафта истодааст.

Баногоҳ Скосарьев бар сари ман ҳозир шуд.

— Александр Александрович мегӯяд, ки Миршакар, аз афташ, ранҷида рафт.

— Шӯхӣ мекунед!

— Ба худо қасам! Ҳатто аз ноширон хоҳиш кард, ки маҷмӯаатро ба плани имсола дохил кунанд.

Вақте ки ба маҷлисгоҳ дохил шудем, Фадеев дарҳол:



— Азизам Миршакар,— гуфт,— ту ғолиб баромадӣ. Маҷмӯаатро ба плани имсола дохил кардем. Илова бар он, муҳаррири нашриёти бачагон ба зимма гирифтааст, ки «Қишлоқи тиллоӣ»-ро имсол ба табъ расонад.

Деҳотӣ нақламро шунида:

— Муборак,— гуфт,— ҳазил не,— яку якбора дар Москва ду маҷмӯа ба чоп мерасад.— Баъд бо ҳасрат гапашро давом дод: — Ман дар ин даҳ сол банди луғат будам, қариб ҳеҷ чиз нанавиштаам,— варақҳоро нишон дода,— як давраи айёми ҷавониам ба тартибу таҳрири ин варақҳо сарф шуд. Барои беҳтар шудани сифати кор он чи аз дастам омад, дареғ надоштам. Понздаҳ ҳазор нусха чоп мешавад ва ман ҳар бор худро ба он таскин медиҳам, ки ҳар рӯз камаш 15 ҳазор нафар барои ёфтани маънои калимае китобро мекушоянду хоҳу нохоҳ дар қатори номҳои бисёре номи маро ҳам мебинанд ва ба онҳо аён мегардад, ки барои чӣ дар ин даҳ сол шеъру ҳикоя кам навиштаам ва аминам, ки аз гуноҳи ман мегузаранд...

## ҒУНЧАҲОИ ХАНДОН

Даҳ нафар ба Пятигорск рафтем, чун ба он ҷо расидем, моро ба хоначае ки дар он шоири баландтабъи рус Лермонтов чанд вақт истиқомат мекардааст, бурданд. Роҳбари экскурсия дар бораи рӯзҳои охирини умри кӯтоҳи Лермонтов, ки дар Пятигорск гузарондааст, муфассал ҳикоя карда, дар айни ҳол коғаз, қалам, сиёҳидон, стол ва стулҳои аз Лермонтов мондаро нишон дод.

...Дар пойтахт мондани Лермонтовро хатарнок дониста амалдорони подшоҳ ба ӯ фармон медиҳанд, ки Петербургро тарк карда ба Кавказ, ба ихтиёри полки пиёда равад.

Дар роҳ Лермонтов барои барқарор кардани саломатиаш муддате дар Пятигорск манзил мегирад. Дар ин ҷо бо ошноёни петербургии худ вомехӯрад. Дар байни ошноёнаш онҳое ҳам буданд, ки нисбат ба шоир кинаю адовати ниҳонӣ доштанд. Онҳо дар охир офицер Мартыновро ба муқобили шоир мехезонанд. 15 июль дар доманаи кӯҳи Маъшуқ дар дуэль Лермонтов кушта мешавад. Ин марги шоир тасодуфӣ набуд. Ҳамон вақтҳо мегуфтанд, ки агар Мартынов намебуд, дигарон ӯро халок мекарданд.

Дар ҷои дуэль рафтем, дар назди ҳайкали шоир сар фаровarda истодем, дар пояи он гул гузоштем, Деҳотӣ гулҳоро гузошта истода, ба шоир мурочиат намуд:

— Гулдастаҳои бехтарини мо ба ту, эй шоири маҳбуб, он аст, ки осори туро тоҷикон бо забони модарии худ мехонанд ва туро шоири миллии худ медонанд.

Вақти наҳор шуд. Бар рӯи сабзаҳо аз газета дастурхон ороста тӯшаро аз халтачаҳои махсус бароварда рӯи дастурхон гузоштем ва ҳарисона ба хӯрдан сар кардем.

— Вақти дамгирии мо,— ҳасрат намудам ман,— ба охир расида истодааст. Мо бошем ҳанӯз мисрае нанавиштаем!

— Саломатиатон даркор аст! — гуфт бо нигоҳи хандоне Деҳотӣ,— ҳоло нағзакак дам гирифтан лозим аст. Дар пеш кори бисёре аз шеър ҳам зарууртар. Китобҳои хонише, ки барои бачаҳо навиштаанд, аз нуқсон холӣ нестанд. Борҳо бо муаллифонашон сӯҳбат кардем, лекин онҳо ба ҷои раҳмат бо писханд ба сӯям нигоҳ мекунанд, яъне мо дар киса диплом дорем, аммо ту ба чӣ менозӣ. Ҳатто дар ғайбам гуфтаанд, ки ба ҷои айбнишондиҳӣ ҳунарашро нишон диҳад! Барои ин ҳам меxоҳам як зӯрозмоӣ кунам. Илова бар он меxоҳам, ба қавли ту, «Бино созам аз хишт кохе баланд!» Солҳо боз ман дар Сталинобод, падару модарам дар Самарқанд. Рӯз то рӯз пир шуда истодаанд. Лекин овардани онҳо ба Сталинобод осон нест, барои ин як ҳавлии алоҳидае доштан лозим асту бас. Хуб медонам, ки «ҳар-ки дар банди иморат мешавад, ҳар чи дорад, ҷумла ғорат мекунад». Аммо чӣ илоҷ?

Дар охир пурсидам:

— Ман ҳам яке аз онҳое будам, ки ба устод навиштани сарф ва наҳви забони тоҷикро тарғиб мекардам. Устод розӣ ҳам шуд. Лекин дар ин миён ёддоштҳо баромаданд. Устод на шаб хоб дораду на рӯз роҳат. Саргарми ёддоштнависист. Ба фикрам, ба вай халал додан хуб нест. Сарфу наҳв бе вай ҳам навишта мешавад.

Абдусалом Деҳотӣ ҳамеша мекӯшид, ки барои бачаҳо чунон китобҳои дарсӣ, шеъру ҳикояҳое навишта шаванд, ки ҳар як сухани онҳо то охири умр дар ёди



кас монад. Барои ин ҳам нисбат ба муаллифони китобҳои дарсӣ ва шоирону нависандагони бачаҳо серталаб буд.

Дар ибтидои солҳои сӣ дар газета шеъре хондам, ки муаллифи он Абдусалом Деҳотии 18-сола буд. Дар он солҳо Деҳотӣ тахаллуси шоирона надошт. Шеъру ҳикояҳояш бо имзои Абдусалом Пирмуҳаммадзода чоп мешуданд. Ҳар боре ки асарҳояшро мехондем, гумон мекардем, ки нависандаашон аз ҳамсиннуҳои Айнӣ, Лоҳутӣ ё Пайрав Сулаймонӣ мебошад. Дертар фаҳмидем, ки вай мо барин «комсомолча ҳасту мактабхон!» ва тавоноии ӯ дар он аст, ки устодаш Садриддин Айнӣ мебошад.

Дар соли 1934 анҷумани якуми нависандагони Тоҷикистон даъват шуда буд. Хушбахтона ман ҳам вакили ин анҷумани таърихӣ будам. Ба ман муяссар шуд, ки бо ҳама нависандагоне, ки то ҳоло танҳо номашонро мешунидам, вохӯрам, ошно шавам. Бо Абдусалом Деҳотӣ ҳам бори аввал бо шарофати ҳамин анҷуман ошно шуда будам. Дар он рӯзҳо ҳамаи нависандагони ҷавон мӯи сар монда буданд, либосашон ҳам аз рӯи «мӯди» ҳамон солҳо буд ва баъзеҳо ҳатто галстук мебастанд, папиросҳои «Казбек» ё дигаре, либосаш ҳам оддӣ буд. Баъзеҳо ҳатто бо шӯхӣ мегуфтанд, ки вай аз рӯи тахаллусаш либос мепӯшад...

Дар яке аз танаффусҳо Деҳотӣ ба наздам омада, пурсид:

— Рафиқ Миршакар шумо ҳастед?

— Миршакар ман ҳастам,— ҷавоб додам ман.

— Шинос шавем, ман муҳаррири достони шумо, номам Деҳотӣ.

— Абдусалом Пирмуҳаммадзода Деҳотӣ шумо ҳастед? — беихтиёр пурсидам ман.

Деҳотӣ бо табассум гуфт:

— Бале, ба қавли нашриётчиён ҳамон «Айн Деҳотӣ» ман ҳастам.

Деҳотӣ хеле ҷиддӣ сухан мекард. Ин ҳолат маро ба ташвиш андохт, гумон кардам, ки достонам ба вай нафоридааст ва ӯ аз таҳрири он даст кашиданист. Вале якбора бар чеҳрааш табассум намоён шуд. Байни сӯҳбат ба ман фаҳмонд, ки достонамро устод Айнӣ аз назар гузаронидааст ва бо тавсияи ҳамон кас таҳрирашро ба Деҳотӣ супурдаанд. Дар охир Деҳотӣ афсӯс хӯрд,

ки ман дар Самарқанд нестам, набошад достонро ҳамроҳ мехондем ва таҳрир мекардем.

...Оре, бо Деҳотӣ кор кардан омӯзиши эҷодӣ буд. Вай адабиётро дӯст медошт, нисбат ба ҳамкасбони худ ва осори онҳо дилсӯзона ва серталабона рафтор менамуд, масъулияти муҳарририро бо хубӣ ҳис мекард. Боре, дастнависи «Марги судхӯр»-ро ба ман нишон дода «Мана,— гуфт,— ҳамаи ҳаминро дар байни як ҳафта бояд таҳрир карда ба нашриёт супорам! Болои ин «Тоҷикистони Сурх» аз ман очерк талаб кардааст, ту бошӣ «Ба институти педагогӣ рафта, маҳфили адабиро гузарон!» — мегӯӣ! Охир ман бо як сари коқам кадом яки ин талаботҳоро ба ҷо орам?...» Ман мутаҳайирона пурсидам: «— Наход, ки Айниро ҳам таҳрир мекунед?». Деҳотӣ боҷиддият гуфт, ки «Агар ин гапатро назди худи Айнӣ мегуфтӣ, вай меранҷид. Устод вақте ки дар нашриёт кор мекард, ба муҳаррирон ҳамеша таъкид мекард, ки ҳангоми таҳрири асар кӣ будани муаллифи онро фаромӯш кунед, тасаввур кунед, ки вай асари худи шумост ва барои беҳтар шудани он қуввату дониши худро дареғ надоред. Барои ман суханони устод дастуранд ва хуб медонам, ки вай аз ҷуръати ҳаққонии муҳаррирон намеранҷад».

Нашриёти давлати Тоҷикистон маҷмӯаи шеърҳои барои бачагон навиштаамро баровардани шуд. Ман хоҳиш намудам, ки муҳаррири он Абдусалом Деҳотӣ бошад. Ходимони нашриёт ноумедона гуфтанд, ки вай ин рӯзҳо чунон серкор аст, ки гапи моро шунидан намехоҳад, агар шумо ӯро розӣ карда тавонед, марҳамат мо розӣ!

Ба идораи журнали «Барои адабиёти социалистӣ», ки Деҳотӣ муҳаррири он буд, рафтам. Идора пур аз дуд, байни дуд Деҳотӣ ва котиби масъули журнал Додохон Усмонов дуд карда истода, плани навбатии журналро тартиб медоданд. Деҳотӣ маро дида, хуб шуд, ки омадӣ гуфт ва шеърамро талаб кард. Шеърро, аз киса баровар̆да супурдам. Деҳотӣ онро ба Додохон дода — «Барои шумораи оянда»,— гуфт ва таъкид кард, ки аъзоёни ҳайати таҳририяро бо он ошно кунад. Дар ин асно Муҳаммадҷон Раҳимӣ дохил шуд. Деҳотӣ шеърамро аз дасти Додохон гирифта ба ӯ дод ва фаҳмонд, ки ин шеъри Миршакар аст. Раҳимӣ аз кисаи бағалӣ айнакашро баровар̆да, оромона тоза карда, бар чашм гузошт ва бо қироат хондан гирифт, баъд ба ман бо чеҳраи хандон назар андохта «Пушкин шуда равед! гуфту шеърро гашта дод. Деҳотӣ бо ҷиддият гуфт, ки ин шеър дар журнал чоп мешавад ва ӯ чун аъзои ҳайати таҳририя бояд фикрашро гӯяд!

Раҳимӣ аз нав шеърро аз дасти Додохон гирифта бодиққат хондан гирифт...

Ҳайрон нашудем. Ба қавли Деҳотӣ шоирон ҳардамхаёланд! Раҳимӣ ҳам шоир аст.

Раҳимиро аз солҳои 1928 мешиносам. Чунин шеърҳои ӯ: «Бадахшону Зарафшон аст Помир», «Об агар сад пора гардад...» шеърҳои вирди забони мардум ва ҳаяҷонангези он солҳо буданд.

Ин шоири сермаҳсул ба ҷавонон ёрӣ доданро на танҳо вазифаи шоиронаи худ медонист, балки пеш аз ҳама ва ин хеле муҳим аст, дӯст медошт! Ба Иттифоқи нависандагон меомад, шеърҳои навқаламонро бо худ гирифта ба хонааш мебурд, мехонд, ислоҳ мекард ва ба радиову газетаҳо тавсия медод. Гоҳҳо шеърҳои ҷавононро ҷунон таҳрир мекард, ки аз муаллиф ҷизе намемонд. Боре Мирзо Турсунзода барои ин кораш бо вай ҷанг кард. Лекин ӯ «Мирзоҷон,— гуфт,— бечораҳо шеърро бо як умеде навиштаанд, ба онҳо ёрӣ расондан даркор аст». Оре, Муҳаммадҷон Раҳимӣ серталаб буд. Лекин серталабии вай шакли дигаре дошт. Баъзе серталабон ба асар аз рӯи завқи шахсии худ баҳо медиҳанд, гурӯҳи дигаре танҳо дар он сурат ба муаллиф маслиҳат медоданд, ки агар аз асар бӯи умеде бошад ва онҳое ҳам ҳастанд, ки маслиҳаташон аз се калима зиёд нест: «асаратон корталаб аст», лекин Муҳаммадҷон Раҳимӣ муаллифро ранҷондан намехост, шеърашро «хафа нашавад» гуфта, ислоҳ ҳам мекард...

Муваффақияти дӯстонашро муваффақияти худ медонист. Ҳатто беҳтарин шеърҳои рафиқони ҳамқаламашро бо навиштаҷоту асноди худ эҳтиёткорона нигоҳ медошт. Дар вақти тартиб додани маҷмӯаҳои худ, агар ягон шеъре намерасид, ба ӯ муроҷиат мекардем. Боре ба Мирзо Турсунзода, ҳатто дастнависи солҳои сиюмашро оварда дод.

...Соати сеи шаб, касе дарро зад. Аз хоб хеста, дарро кушода бинам Муҳаммадҷон Раҳимӣ назди дар истодааст. Бо достони «Қишлоқи тиллоӣ» маро муборакбод намуда, гуфт, ки баъд аз хондани достон баъзе фикру мулоҳизаҳо пайдо шудаанд ва мехоҳад, ки онҳоро ба ман баён намояд.

Сӯҳбати мо он шаб то соати панҷи пагоҳӣ давом дошт. Аввал достонро хондем, баъд мазмуни онро дида баромадем, ки то чи андоза ба талаби замон мувофиқ аст. Билохир, ба муҳокимаи сатр ба сатри достон сар кардем. Ин кор аз ҳама душвортар буд. Муҳаммадҷон одами эҳтиёткор буд, калимаҳои думаънодорро асло кор намефармуд ва ба дигарон ҳам тавсия намекард. Хайрият, ки дар достонам ин гуна калимаҳои «дурӯя» дучор нашуданд. Муҳокимаи сатр ба сатри достон ҳам ба охир расид. Лекин Муҳаммадҷон конеъ набуд, қадам мезад, пешониашро молида, фикр мекард ва билохир «медонӣ,— гуфт,— ин байти достонат шоҳбайт аст: «Ба ҷои тӯша бигрифта алафро, Ба чашмон об гаштем ҳар тарафро!». Хеле хуб гуфта шудааст, лекин дар калимаи «гаштем» «е»-ро вазн намебардорад. Мекӯшам, вале илоҷи ислоҳашро наёфта каме хобам. Пагоҳ боз вомехӯрем...»

Соатҳои ҳашти пагоҳӣ Муҳаммадҷон Раҳимӣ аз тиреза фарёд кард: «Миршакар, хез! Масъала пухт». Чун ба назди тиреза омадам, ӯ гуфт: «Майнаатро беҳуда об накун! Ҳатто устоди назм Пайрави Сулаймонӣ дар мисраи «Завраки ишқ шикаста шуд афсӯс» мазмунро қурбони шакл накардааст!...

Занги телефон. Деҳотӣ гӯшаки телефонро бардошт, гӯш кард ва «хуб шудааст» гуфту гӯшаки телефонро гузошт ва ба Додохон таъин кард, ки агар касе пурсад, гӯяд, ки ба Комитети Марказӣ рафт.

Дар роҳ арзамро шунида, Деҳотӣ узрхоҳӣ кард:

— Худат медонӣ, ки дар журнал ду кас мондаем. Қор чунон ҳам бисёр, ки ҳатто барои сар хоридан вақт нест...

Ҷавобашро шунида маъюс шудам. Деҳотӣ инро ҳис кард ва дарҳол меҳрубонона гуфт:

— Майлаш, ман худам барои маҷмӯаат муҳаррири хубе меёбам!

Ман фаҳмондам, ки маҷмӯа барои бачагон аст, меҳоҳам онро шахсе таҳрир кунад, ки аз адабиёти бачагон бохабар бошад, дар равиши кор ҳам шеърҳоямро таҳрир кунаду ҳам ба худам ёрӣ расонад.

Деҳотӣ дарҳол ҷавоб надод. Хомӯшии дуру дарозе ҳукмфармо буд. Танҳо ҳангоми хайрухуш «Майлаш,— гуфт,— пагоҳ маҷмӯаатро биёр...»



Маҷмӯаро оварда супурдам. Рӯзи сеюм ба таҳрири он сар кардем. Серталабии муҳаррир ба ҷое расид, ки таҳрири шеърҳои ҷудогона гоҳо то ду соат вақт мегирифт. Аз ин ду соат якунимаш қурбони баҳсу мунозира ва панду насиҳат мегашт. Баъзан дар вазъияти баде мемондам. Агар фикрамро рӯирост гӯям, муҳаррир меранҷид, агар нагӯям гумон мекард, ки ман ба фикраш розиям.

Муҳаррир асосан ба бадеияти шеър аҳамият медод, вале ман ғуломи мазмунаш шуда, на ҳама вақт бадеиятро бояду шояд риоя мекардам...

Абдусалом ҳар бор бо ташвиш мегуфт, ки дар ҳама замонҳо дар адабиёт навҷӯӣ буд ва давом дорад. Вале дар ин рӯзҳо навҷӯёне пайдо шудаанд, ки як мисраашон дароз, дигаре кӯтоҳ, вазн ҳис карда намешавад, қофия зӯр ба зӯр, аммо даъвои навоварӣ доранд. Шояд ҳақ ба ҷониби онҳо бошад! Лекин як хоҳиши бародарӣ ҳамин аст, ки сартароширо бар сари кӯдаки масъум ёд нагиранд! Бачагон ҳамин ки гап заданро ёд гирифтанд, бо қофия гап мезананд. Бо ибораи дигар гуем гӯшту пӯсту устухонашон мусиқист. Шоири бачагон ин хусусияти хонандаашро бояд чун ҳалқа бар гӯш овезад...

Таҳрири маҷмӯа анҷом ёфт. Бо хоҳиши Деҳотӣ номи онро «Ғунчаҳои хандон» мондем.

Ман ҳамеша номҳои муаллифони китобҳои дарсиёро, ки дар бачагӣ хондаам, ба некӣ ёд мекунам. Онҳо мондa нашуда меҷустанд ва шеъру ҳикояҳои ҳикматнокеро ёфта ба китобҳои дарсӣ дохил мекарданд. «Яке бозе ба бозе гуфт дар дашт»-ро аввалин бор аз китоби дарсӣ хонда ёд гирифта будем...

«Ғунчаҳои хандон»-ро таҳрир карда ба нашриёт супурдем. Ба ин муносибат ба боғи шаҳрӣ рафта шашлик фармудем.

Шашликпаз шашликро оварда болои стол гузошт ва оҳистакак пурсид:

— Ҷои сиёҳ ё кабуд?

Мо ташна будем ва барои ҳамин ҳам аз ин илтифоти ӯ хурсанд шуда «кабуд» гирифтем.

Шашликпаз чойнику пиёлаҳоро дар назди мо гузошта рафт.

Вақте ки чойро дар пиёла рехтем, хандидем. Шашликпаз ба ҷои чой ба мо арақ овардааст.

Аз кучои рассом Зобнин пайдо шуд. Хурсандона ба назди мо омаду нишаст.

— Зиёфат ба кадом муносибат? — пурсид Павел Васильевич.

— Аз ҳисоби сагбача,— гуфтам ман ва ҳарду баробар хандидем. Деҳотӣ ҳайрон монд. Мо таърихи сагбачаро ба вай ҳикоя кардем.

Павел Зобнин рассоми нашриёт буд. Ба ӯ супурда шуд, ки барои китобчаи аввалини бачагонаам «Сагбачаю гурбача» расм кашад. Ҳар ду ба бозор рафта сагбачаи хело аҷибе харидем. Зобнин аз рӯи он барои китобча сурат кашид. Сурат ба нашриёт маъқул омад. Сагбача дигар лозим набуд. Мо ӯро аз нав бурда ба соҳибаш супурдем ва пивои бисёре харида, дар соҳили дарьёи Душанбе бо дӯстон ба саломатии «Сагбача» қадаҳ бардоштем.

Зобнин хоҳиш намуд, ки барои бачагон як китоби хушрӯй оро додашудае дар бораи паррандагон баровардан лозим аст. Ороиши онро ба зимма гирифт.

Абдусалом гуфт, ки вай шеъре барои бачагон навиштанист, ки дар он овози ҳайвонот тасвир ёбад.

Деҳотӣ ба ваъда вафо кард. Шеърро навишт, оварда хондем ва бурда ба газета додем. Газета онро чоп кард. Аммо...

Баъд аз чанд рӯз Деҳотиро хотирпарешон дидам. Сабаб пурсидам, вай бо дили озурда гуфт:

— Яке аз одамони нимфозил овоза кардааст, ки гӯё аз шеъри дирӯзаи ман бӯи футуристӣ меояд!

Ман барои тасалло гуфтам:

— Нависанда корвони роҳи тайнашудае мебошад.

Деҳотӣ гапамро бурида бепарвоёна гуфт:

— Саломатиатон даркор, мӯҳтарам, корвонбошӣ!

Вакте ки он рӯзҳоро ба ёд овардем, Деҳотӣ хандиду:

— Ҳамон шеърро,— гуфт,— ба маҷмӯаам дохил накардам.

— Тарсидед?

— Аз чаламуллоҳо худо нигоҳ дорад.

— Қасе ки барои бачагон асар навиштан хоҳад, бояд пеш аз ҳама завқи баҷаро донад.



## ХОТИМА

Бо Кисловодск хайрухуш карда, Деҳотӣ, Ошиқ ва ман ба тарафи Минеральные Воды раҳсупор шудем.

Дар он ҷо эълон карданд, ки самолёте ки ба Душанбе бояд парвоз кунад, ҳанӯз наомадааст.

Борҳоямонро супурда, ба ресторан даромаданӣ шудем, лекин ҷо набуд. Ба буфети пивофурӯшӣ даромадем, аз официанткае ки ба мо пиво оварда буд, хоҳиш кардем, ки аз шашликхона барои мо шашлик орад, вай розӣ нашуд. Ошиқро ба кор андохтем, вай рафта бо зорию тавалло официанткаро розӣ кунонд, ки ба мо шашлик орад. Ҳамин ки шашликро оварданд, ду каси дигар ки аз мо дуртар нишаста буданд, ғавғо бардоштанд, ки барои чӣ ба онҳо шашлик намеорад, официантка рафта оҳистекак ба гӯши онҳо гуфт, ки инҳо «хориҷиёнанд!». Ғавғогарон бодиққат мӯи ҷингилаи Ошиқ ва чеҳраи Деҳотиро аз назар гузаронда хомӯш шуданд.

Буфетро бастанд. Ба ғайр аз мо дигарон ҳама баромада рафтанд. Мо ҳам мерафтем, аммо ба куҷо? То омадани самолёт ду соат вакт буд. Домино надоштем, шоҳмотро Деҳотӣ бад медид.

Ба латифагӯӣ сар кардем. Лекин кайф надод. Ба байтбарак гузаштем. Пешакӣ медонистем, ки Деҳотӣ осори классикиро аз мо хубтар медонад, барои ин ҳам таклиф шуд, ки байтбаракро аз рӯи рубоиёти халқӣ гузаронем.

Деҳотӣ розӣ нашуд, лекин мо ду кас аксарият будем. Деҳотӣ «хайр, гӯрба» гуфту яке аз рубоиҳои Юсуф Вафоро хонд.

Ҳар яке даҳтоӣ рубоӣ гуфтем. Деҳотӣ ду-се бор таклиф кард, ки аз рубоиёти классикӣ ҳам истифода барем, мо розӣ нашудем, нахостем, ки ӯ ғолиб барояд.

Чунон саргарми байтбарак будем, ки ҳатто аз омадани самолёт бехабар мондем.

* * *

Самолёт бар болои шаҳри азизи мо чарх мезад, мо чеҳраи пойтахти республикаи худро, ки аз революция ҷавонтар аст, тамошо карда, фахр мекардем, ки дили Тоҷикистони азизи мо чунин мусаффо, зебо ва тавоност.

*1970—1977*

## ШОДИИ ДИЛ

*Ҳар субҳ шитобон биравам бар сари роҳе,*
*Пеш аз рухи хуршед бубинам рухи моҳе,*
*Чун чанбари гул гирди сараш мӯи сиёҳе,*
*Дуздида ба сӯям бикунад гоҳ нигоҳе.*

*Эй дил ту гувоҳе*
*Эй дида паноҳе.*

*Б. РАҲИМЗОДА.*

*Ҷон додаем то ки ба ҷонон расидаем,*
*Аз баъди сад хазон ба баҳорон расидаем.*

*М. АМИНЗОДА.*

Ҳар боре, ки аз кӯчаи Орҷоникидзе мегузарам, албатта назди хобгоҳе, ки замоне мо нависандагон дар он истиқомат мекардем, меистам ва айёми ҷавонии аз даст додаамро ба ёд меорам. Ба тирезаҳо менигарам. Хомӯшӣ. Чашмонамро мепӯшам ва дар назарам дӯстони ман намоён мешаванд-Мирзо Турсунзода, Ашурмат Назар, Абдусалом Деҳотӣ, Суҳайлӣ Ҷавҳаризода... Якбора хандаҳои завқовари Боқӣ Раҳимзода ва овози ситори Муҳиддин Аминзода ба гӯшам меояд. Ҳардуи онҳо дӯстони ҷонӣ ва ҳамсояҳои ҳамдевори ман буданд...

Ошноии ман бо Боқиҷон аз ибтидои солҳои сӣ сар мешавад. Ҳар ду дар заводи пахта кор мекардем. Ӯ боркаши оддӣ буд, ман корманди комитети маҳаллии иттифоқи касаба. Муҳаббат ба назм моро аз бародар ҳам наздиктар кард. Аз ганҷинаи назм ягона сарвате ки доштем, шеърҳои Лоҳутӣ буданд. Онҳоро ошкоро мехондем. Аммо девони Ҳофизи Шерозиро, барои эҳтиёт



махфӣ. Ҳайрон нашавед. Дар он солҳо чаласаводоне соҳиби партфел шуда, ҳатто ба худашон бо шубҳа нигоҳ мекарданд. Аз осори бузургони мо чун шағол аз гург метарсиданд.

Шеърро беҳад дӯст медоштем. Ман шеърҳои навиштаамро ба Боқиҷон мехондам. Лекин вай дар бораи шеърнависиаш гап намезад. Дертар аз ҳамдиёронаш фаҳмидам, ки «мударрисбача шоир шуданист».

Боре ӯ бо галоши наву ҷомаи кӯҳнааш ва ман бо туфлиҳои кӯҳнаву тоқии навам ба кӯча баромадем. Аз паҳлуи мо комсомолоне, ки пахтачинӣ мерафтанд, гузашта истода, ин шеъри маро, ки чанд рӯз пеш дар газетаи «Комсомоли Тоҷикистон» чоп шуда буд, месуруданд.

Заводи пахта
Мезанад наъра,
Эй комсомолон
Оред пахта...

Ҳардуи мо бар сари роҳ истода аз хурсандӣ гул-гул мешукуфтем. Охир ин шеъри оддӣ набуд, балки даъвати коргарони завод буд.

Кори завод ба охир расид. Коргарони завод, ки асосан аз кӯҳистон буданд, маҳсули меҳнати мавсимии худро пуштора карда, ба роҳ даромаданд. Танҳо 10—15 нафар аробасавор буданд ва он ҳам то Янгибозор (Кофарниҳони имрӯза),

Бори Боқӣ аз ҳама калону вазнинтар буд, чунки бори ҳамсояи мӯйсафедаш ҳам бар дӯши ӯ афтида буд.

Ман бо супориши Комитети Марказии комсомоли Тоҷикистон ба райони Шӯробод рафтам.

Аз ин миён қариб даҳ сол гузашт. Рӯзе дар Институти педагогии ба номи Шевченко вохӯрии шоирон бо студентон барпо шуда буд, ки онро устодони мо Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ сардорӣ карданд. Шоирон ва навқаламон ба минбар баромада шеърҳои нави худро мехонданд, устодони мо онҳоро бодиққат гӯш мекарданд ва фикри худро мегуфтанд.

Аксарияти шеърҳо ташвиқӣ ва баъзан тақлидӣ буданд. Шеърҳои ташвиқӣ ва тақлид касалии сирояткунанда буд, ки дурудароз давом кард, танҳо дар солҳои ҷанг ва махсусан баъд аз ҷанг вақте ки ҷавонони боистеъдод ба майдон даромаданд, ин «жанри» нодаркор оҳиста-оҳиста аз миён рафт.

Ба минбар студенти институт Боқӣ баромад. Ҳамин ки шеърашро хонд, дучори танқиди устодон шуд.

Мо, шогирдон, дар бораи Боқӣ бо устоди худ Лоҳутӣ ҳамфикр нашудем. Баръакс, дасташро фишурда бароии шеъри хуб муборакбодаш кардем. Дар чеҳраи Боқӣ табассуми гарме ҳувайдо шуд. Шеъри танқидшуда дар журнали «Шарқи Сурх» чоп гардид. Дере нагузашта Боқӣ соҳиби билети Иттифоқи нависандагон шуд.

Дар яке аз рӯзҳои гарму нарми баҳори 1943 дар идора нишаста будам, ки солдати ришдор, дар тан шинель ва дар по валенки «можно?» гуфта ба идора дохил шуд.

Ман, ки худам ҳанӯз дар тан либоси ҳарбӣ доштам, аз ҷо хестаму марҳамат гуфта, беихтиёр пурсидам:

— Тағо, ба шумо кӣ лозим аст?

Солдат хандида гуфт:

— Воаҷабо, дирӯз бародар будам, имрӯз тағо шудам

— Боқӣ, ин туӣ? — гуфта ,ба пешвозаш давидам, якдигарро оғӯш карда бӯсидем.

Баъд аз ҳолпурсӣ Боқӣ гуфт, ки:

— Навакак аз поезд фаромадам, борҳоро ба хона бурда, наздат омадам, ки ягон ҷо рафта наҳорӣ кунем.

— Боқиҷон, агар бо ин ришу фашат ба бозор равем, метарсам, ки...

Боқӣ гапи маро бурида:

— Одамон ғӯли биёбонӣ гуфта ба ҳар тараф нагурезанд мегӯӣ?

— Гурезанд-ку, ҳеҷ гап не, лекин чӯбу калтак гирифта ҳуҷум накунанд мегӯям!

Ба сартарошхона равон шудем. Дар роҳ кунҷковона пурсидам:

— Боқиҷон, як лейтенанти бухорой аз болоят шикоят кард, оё рост мегӯяд?

Боқӣ баланд-баланд хандида:

— Ҳамон лейтинант аллакай ба ин ҷо омадааст?

Боқӣ ҳикоя кард, ки як шабонарӯз даруни обу ботлоқ гашта ба касалии варами шуш дучор шуда, ба госпитали Иваново меафтад. Баъд аз шифо ёфтанаш ба вай супориш медиҳанд, ки то ба қисми ҳарбӣ рафтан, байни ҷанговарон корҳои маданӣ барад. Боқӣ розӣ мешавад.

Як рӯз барои аскарон концерт барпо мешавад. Корпунони клуб аз Боқӣ хоҳиш мекунанд, ки ягон рақси миллӣ иҷро кунад. Боқӣ розӣ мешавад ва аз пианинанавоз хоҳиш мекунад, ки мусиқии рақсбобе навозад. Кампири пианинанавоз пеш дар Тошканд кор мекардааст, бисёр оҳангҳои мусиқиро медонистааст, ки машҳуртарини онҳо «Люблю-Люблю Мамадҷон» ва «Фабрикани йӯлида» будааст. Ҳардуи ин оҳангҳоро менавозад. Ба Боқӣ писанд намеояд. Кампир таклиф мекунад, ки Боқӣ рақсад ва аз рӯи рақси вай оҳанге ихтироъ кунад. Боқӣ мерақсад кампир як оҳанги аҷибе ихтироъ мекунад ва Боқӣ бо шӯхи номи онро «Ироқи Бухоро» меномад.

Концерт сар мешавад. Баъд аз рақсҳои аврупоӣ, кавказӣ, ӯзбекӣ, қирғизӣ навбат ба тоҷикӣ мерасад.

— Рақси классикии тоҷикӣ «Ироқи Бухоро»,— эълон мекунад конферансье.

Чапакзаниҳои дурударозе. Тоҷикону ӯзбеконе ки се сол боз дур аз ёру диёр ва ташнаи мусиқии миллиашонанд, бо шунидани номи мусиқии «Ироқи Бухоро» ба ваҷд омада қарсак задан мегиранд.

Боқӣ гумон ҳам намекунад, ки дар байни ҷамъомадагон тоҷикон ҳам ҳастанд ва муштоқи рақси тоҷикианд. Аммо вақте ки ба саҳна мебарояд, ҳозирон ӯро бо қарсак пешвоз мегиранд. Боқӣ даступо мехӯрад. Ба оҳанг аҳамият надода, чарх задан мегирад. Кампир навохтанро бас мекунад, ихтиёрро ба раққос медиҳад. Ба ҷои мусиқӣ садои ханда баланд мешавад. «Рақси тоҷикӣ» ба охир мерасад. Боқӣ аз саҳна меравад. Ҳамин вақт ба назди ӯ лейтенанте омада ба тоҷикӣ мепурсад:

— Рафиқ солдат, ин ироқатон ироқи кадом Бухоро буд ва ин рақсатон рақси классикии кадом Тоҷикистон буд?

Боқии солдат дар назди офицер худро тамоман гум карда, ҳар замон «так точно» гуфтан мегирад.

— Аз гапзаниҳоят маълум мешавад, ки ту бухорой нестӣ!

— Так точно!

— Пас чаро мусиқии Бухороро бадном мекунӣ?

— Так точно!

— Магар намедонӣ, ки хазинаи мусиқии классикӣ ва рақси классикии тоҷикӣ Бухорост? Бобокул, Шоҳназар, Фазлиддинҳо, ки худоёни мусиқии классикии тоҷиканд, аз куҷоанд?

— Так точно!
— Ту аз афташ, кӯҳистонӣ ҳастӣ.
— Так точно!
— Наздиктар биё, «так точно»-ҳоят ба дилам заданд. Асли касбу кори гражданиат чӣ буд?
— Шоир, шеърнавис.
— Бо ҳамин афту башара шеър ҳам менавиштӣ?
— Так точно!
— Ягон шеъри бамаъниятро дар даст дорӣ?
— Так точно!
Лейтенант рафта эълон мекунад, ки ҳозир шоири тоҷик шогирди Лоҳутӣ барои ҷанговарон шеър мехонад.
Боқӣ аз нав дар саҳна. Ин дафъа ӯро бе қарсаку ханда пешвоз мегиранд. Ӯ ба шеърхонӣ сар мекунад. Хомӯшӣ ҳукмфармо мегардад. Чун хониш ба охир мерасад, биноро садои қарсак ба ларза медарорад. Боз ду шеър мехонад. Ҳамаи онҳое ки баъд аз ду соат бо душманон даст ба гиребон мешаванд, ба шоири шинельпуш изҳори миннатдорӣ менамоянд.
Лейтенант ба ӯ ташаккур эълон мекунад.

Аз сартарошхона рост ба бозор рафтем. Дар ошхона хӯрок қиммат бошад ҳам, ёфт мешуд.
— Чӣ мехӯрем? — пурсидам аз Боқӣ.
Боқӣ аз дег чашм наканда ҷавоб дод:
— Якум, дуюм, сеюм ва агар чорум ҳам бошад, хӯрдан мегирем.
Понздаҳсӯмӣ дода якумро хӯрдем, баъд ба назди самбӯсапаз омадем. Самбӯсапаз Аҳмад-ака ном як ҷавонмарди бурутдори ургутӣ буд, ки ба қавли Деҳотӣ ҳар тори буруташ аз карнаи самовор ғафстар аст. Ману Деҳотӣ борҳо ба ин ҷо омадаем ва самбӯсафурӯш маро хуб мешинохт. Боқӣ меҳмони нав буд.
Дар назди самбӯсафурӯш барои печондани самбӯса газетапораҳои бисёре гузошта шуда буд. Боқӣ баногоҳ варақаеро гирифта «шеъри ман» гуфт.
Аҳмад-ака бо ҳайрат қаду қомату либосҳояшро аз назар гузаронда пурсид.
— Шеъри шумо?
— Бале, шеъри ман, аз аскарӣ фиристода будам,— ҷавоб дод Боқӣ.
— Деҳотиро мешиносед?
— Албатта мешиносам, вай устоди ман аст!



— Вай ҳамшаҳрии мост, агар ба 10 сӯм самбӯса хӯрад, 15 сӯм монда меравад,— гуфт Аҳмад-ака ва ба нишастан таклиф кард.
Мо нишастем. Аҳмад-ака табақи пури самбӯсаро назди мо гузошт ва шеърро аз назди Боқӣ гирифта хуб нигоҳ карду пурсид:
— Барои ҳамин шеър чанд сӯм мегиред?
— Аз шаст сӯм зиёд не,— ба ҷои Боқӣ ҷавоб додам ман.
— Ҳаққи шаш самбӯса, ҳеҷ гапе не! — гуфт худ ба худ Аҳмад-ака ва аз нав ба мо рӯ овард: — Ҳар рӯз чандто 60 сӯма шеър менависед?
— Дар як моҳ аз ду шеър зиёд не.
— Дар як моҳ ду шеър, ин мешавад 120 сӯм, кам, хело кам. Агар даромади ман ин хел мебуд, кайҳо дӯконамро баста ба магазин рафта нонфурӯшӣ мекардам.
Сад сӯм болои стол монда рафтем.
Дар роҳ аз пешамон се нафар патруль баромад, ҳуҷҷат пурсид. Ман нишон додам, маро ҷавоб доданд. Ҳуҷҷатҳои Боқӣ дар дасташ набуданд, ӯро доштанд ва оромона «бо мо меравӣ» гуфтанд.
— Боқиҷон, то дидан,— гуфта равон шудам.
Боқӣ гиламомез пурсид:
Ман хуб медонистам, ки ӯро ба комендатура бурда, баъд аз тафтиш ҷавоб медиҳанд. Бинобар он, шӯхикунон гуфтам:
— Шикаматро сер кардам, ришатро тарошидам, боз чӣ мехоҳӣ?
Боқиро бурданд. Дар роҳ бо рафиқе вохӯрдам, аҳволпурсӣ кардем, як 15 дақиқа рост истода аз ҳар дар гап задем. Баъд хайрухуш карда ба роҳи худ равон шудем.
Вақте ки аз паҳлуи госпиталь (меҳмонхонаи ҳозираи Вахш) гузаштанӣ шудам, садои Боқӣ ба гӯшам расид:
— Миршакар, ин ҷо биё!
Боқӣ дар байни солдатҳои захмдор нишаста буд. Дар вақти аз ин ҷо гузаштанашон солдатҳои захмдор Боқиро дида мешиносанд. Лангон-лангон ба назди ӯ омада, салом медиҳанд, дасти ӯро мефишоранд ва мепурсанд:
— Шумо магар он шоир нестед, ки дар Иваново барои мо шеър хондеду рақсидед?
— Бале, ман ҳамон кас ҳастам, ки ба хотири ҷан-

говарон рақсидам ва шеърхонӣ кардам,— мегӯяд дар ҷавоб Боқӣ.

Солдатҳои патруль «хуб одамро дастгир кардаем» гуфта узрхоҳӣ мекунанду Боқиро ҷавоб дода мераванд.

Захмдорон аз Боқӣ хоҳиш мекунанд, ки шеъре хонад, Боқӣ шеъри аз самбӯсахона ёфтаашро ба онҳо мехонад...

Дар хона нишаста будам, ки се нафар ҳунарпеша иҷозат пурсида дохил шуданд.

— Мо, барои арзу шикоят ба назди сардорамон Мирзо-ако омадем, он кас дар хонаашон нестанд, овози шумоиро шунида ба наздатон даромадем.

Арзу шикояти онҳо ин буд, ки дугонаҳояшонро бо бригадаҳои концертӣ ҷандборӣ ба фронт мефиристонанд, лекин онҳоро танҳо ба колхозҳо мефиристонанд. Мехоҳанд, ки лоақал як бор онҳоро ба фронт фиристонанд. Онҳо ҳам дар ин рӯзҳои вазнин ба Ватан хизмат кардан мехоҳанд.

Ман ба онҳо фаҳмондам, ки ақибгоҳ ҳам ҳудуди Ватан аст. Фронт бе ақибгоҳ ҳеҷ аст...

Дар ин асно аз тиреза сари ҷингиламӯи муаллими мо Аминзода намоён шуд. Вай коғазеро аз тиреза ба сӯи мо ҳаво дод. Дар он навишта шуда буд:

> Хонаи тангнои Миршакар,
> Чи бало, пур шудаст аз духтар!

Барои он, ки меҳмонони нохонда чизе аз дил нагузаронанд, бе ҳеҷ табассуме ҷиддӣ шуда, ин байтро ба байти ӯ илова карда коғазро гардонда додам:

> Лек Аминзода мисли ходаи тар
> Сӯхт аз рашку мурд дар паси дар

Ҳунарпешагон рафтанд. Аминзодаро ба хона даъват кардам.

Баъд аз сӯҳбати дуру дароз Аминзода ба Боқӣ муроҷиат кард:

— Акнун, Боқиҷон, вақти хонадор шуданат расидааст. Аз Мавлоно Навоӣ ҳунар ёд гир, на безаниро.

Боқӣ бо табассумҳои ба худ хосе ин байтро аз шеъри Рӯдакӣ хонд:



> Иёл не, зану фарзанд не, маунат не,
> Аз ин ҳама танам осуда буду осон буд.

— Мурад ин осудагию осонӣ,— гуфт Аминзода.

...Ҳуҷраи Боқиро, ки ним сол бесоҳиб буд, кушодем, поли хонаро шустем. Яке барояш лампа овард, дигаре карасин, сеюмӣ чойник...

Байни сӯҳбат Аминзода роҳбарони Иттифоқи нависандагонро айбдор кард, ки се моҳ боз хонаи нависандагон чароғи электр надорад, лекин онҳо парво намекунанд.

Мо айбро ба гардани ҷанг бор кардем.

Аминзода ба ғазаб омад:

— Чаро Боқӣ зан намегирад? Замони ҷанг аст мегӯянд. Чаро чароғи электр нест? Замони ҷанг аст мегӯянд. Хуб баҳона ёфтаед! Майлаш, пагоҳ ман худам рафта масъаларо ҳал мекунам.

Рӯзи дигар Аминзода ҳатто наҳор накарда рост ба назди раиси Совети шаҳр меравад. Раиси Совети шаҳр Шамсулло Юсуфов марди фозил ва адабиётдӯст буд. Вай Аминзодаро қабул карда, бодиққат арзашро мешунавад. Аминзода дар охир мегӯяд, ки аз бечароғӣ ҳатто барои асарнависӣ имконият надорем.

Раис ба вай мефаҳмонад, ки дар замони Фирдавсию Ҳофиз чароғи электр набуд.

Аминзода дарҳол:

— Дар он вақт Совети шаҳр ҳам набуд,— гуфтааст.

Аминзода ҳанӯз ба хона барнагашта чароғҳои хонаи мо даргирифтанд.

...Сесолагии рӯзи ғалабаро ҳам ҷашн гирифтем. Лекин Боқӣ ҳанӯз муҷаррад буд:

Як рӯз Муҳиддин Аминзода шикоятомез гуфт:

— Боқӣ ба ваъдаш вафо накард-ку!

— Аз афташ, дилаш намехоҳад,— гуфтам ман.

— Биё, як ба наздаш рафта фаҳмем-чӣ.

— Бо дасти холӣ?

— Мана, ин китобчаи навамро ба ӯ тақдим карданиям. Қанӣ, як хонда бин, болояш дуруст навиштаам?

Китобчаро гирифтам ва ин байтро, ки навакак ба рӯяш навиштааст, хондам:

Ба Рахимзода буққаи Дарвоз,
Аз Аминзодаи харобу дароз!

— Чӣ тавр, ягон хатое нест? — пурсид Аминзода.

— Тамоми талаботи реализм риоя карда шудааст,— ҷавоб додам ман.

Дари ҳуҷраи Боқӣ кушода буд. Аз даруни дегча, ки болои плита буд, донаҳои биринҷ бирён шуда бетартибона боло мепариданд ва аз нав дар дегча меафтиданд. Боқӣ болои кат хоб буд.

— Ё тавба,— ин ҳолро дида, гуфт Аминзода,— бори аввал аст, ки бирьён кардани биринҷро мебинам.

Боқиро бедор кардем. Вай чашмонашро накушода.

— Аминзодаҷон,— гуфт,— бин, агар мастоба пухта бошад, кашида хӯрем.

Аминзода аз ханда базӯр нафас рост карда гуфт:

— Дар ин ҷо биринҷбирьён аст, мастобаро эҳтимол дар хоб дида бошӣ!

Боқӣ аз ҷо хест, бар сари дегча омада як нигоҳ карду пурсид:

— Соат чанд бошад?

— Қариб хафт,— гуфтам ман.

— Чаҳор соат пеш дар ин дегча мастоба буд, ҳоло ба қавли Аминзода биринҷбирён. Чӣ илоҷ? Насибаи мо набудааст-дия!

Боқӣ дар ҷояш нишаст. Аминзода фурсат ёфта ба гап даромад:

— Дидӣ, дар хонаи одами муҷаррад на файз ҳасту на баракат, ҳатто мастобааш ҳам насибаш намешавад.

— Ягон чизе пазам? — пурсид Боқӣ.

— Гапро дигар тараф набар,— гуфт Аминзода,— ту ваъда додӣ, ки баъд аз ғалаба хонадор мешавӣ. Баъд аз ғалаба се баҳорро аз сар гузарондем, лекин аз тӯят хабар нест. Ёру дӯстон барои дар тӯят хизмат кардан тайёранд!

— Мешавад, албатта мешавад.

— Ягон нозанинеро таги чашм кардӣ?

— Не-ку!

— Боқиҷон,— гуфт бо ғазаб Аминзода,— агар ту духтар мебудӣ, мо ғаматро мехӯрдем, аммо ту мард ҳастӣ!

Дар ин асно Деҳотӣ омад. Аминзода ҳарсеи моро ба хонаи худ таклиф кард.

Ба дари Аминзода коғазе часпонда шудааст: «Ҳамин замон гашта меоям».



Мо хандида пурсидем:

— Ин чӣ маъно дорад?

Аминзода ҳатто нахандида ҷавоб дод:

— Маслиҳати ман ҳамин, агар ба ҷои дуре равед, аввало калидро аз дар нагиред, баъд бар рӯи дар ҳамин хел эълонча часпонед. Агар ягон беақл бо нияти баде ояд, эълончаро дида «Соҳибхона ҳамин ҷо будааст» гуфта баргашта меравад.

— Ту аз саҳронишини чинӣ ҳам гузарондӣ-ку,— гуфтам ман.

— Қанӣ ҳикоя кун! — хоҳиш кард Аминзода.

— Як сайёҳи ғарбӣ ҳикоя мекунад, ки «дар вақти аз як биёбони беодам гузаштан баногоҳ аз дур назарам ба биное афтод, ки дар он биёбон яккаву танҳо буд. Дудаш дида, ба он ҷо равон шудам, чун ба ҳавлӣ наздик шудам, бар дари дарвоза қадоинаи калоне дидам, ки ба нархи он се ҳавлии дигар харидан мумкин аст. Соҳиби ҳавлӣ гуфт, ки барои харидани ин оина ними давлаташро қурбон кардааст. Бо ҳайрат пурсидам, ки зарурати харидани чунин оина чӣ буд? Соҳиби ҳавлӣ гуфт, ки дар ин биёбони беодам аждаҳо зиндагӣ мекунад. Мабодо агар ба қасди ҷони ману фарзандонам ояд, дар оина акси даҳшатноки худро дида дилкаф мешавад...».

Вақте ки дохили хонаи Аминзода шудем, аз хона бӯи шеър меомад.

Ҳуҷраи на он қадар калоне, кати оҳанин, китобмонаке ки дар он китобҳои нависандагони советӣ ва тарҷумаи шоҳасарҳои адабиёти ҷаҳонӣ гузошта шуда буданд. Асарҳои классикҳои адабиёти форсу тоҷик бар китобмонаки дигаре меистоданд. Болои столи кориаш, ки назди тиреза монда шудааст — чароғи столӣ, дастнависҳо, «Фарҳоду Ширин»-и Низомӣ, қалам, сиёҳидон ва коғази бисёре гузошта шудагӣ.

Аминзода китоби дӯстдоштааш «Ғазалиёти Ҳилолӣ»-ро нишон дода, ин худованди ман аст,— гуфт,— падару бобоҳои ман ҳар рӯзе панҷ бор намоз мехонданд, ман бошам, ҳар рӯзе 5 бор Ҳилолиро мехонам. Дар ҳар ҳиҷои ин хишти муқаддаси муҳаббат гузошта шудааст.

— Шумо, Аминзода,— гуфт Деҳотӣ,— хуб мебуд, ки бештар дар байни ҷавонон баромад мекардед, сирри шоириатонро ба онҳо мефаҳмондед.

— Ман ҳазор афсӯс, ки нотиқ нестам, гоҳо ҷавонон шеърҳои худро фиристода, маслиҳат мепурсанд. Лекин

ман бошам барои навиштани як маслиҳат камаш ду рӯз сарф мекунам.

— Баъзеҳо рӯзе ба даҳҳо нафар маслиҳати хаттӣ мефиристонад.

— Аммо ман қодири он нестам. Ҳилолӣ аз лаҷомам маҳкам доштааст, ҳазорҳо ҷавонон орзуи шоир шудан доранд. Як қисмашон шеърҳои худро бо умеде ба мо мефиристонанд ва ба ҳама як хел маслиҳат додан, ба фикрам, нодуруст аст. Дар байнашон одамоне ҳастанд, ки чашми шоирӣ, дили шоирӣ доранд. Шояд шеъри онҳо ҳанӯз аз ҷиҳати вазну қофия лангад, лекин аз сухану таъбиру тасвирашон буи шеър меояд. Умуман ба ин навниҳолон ғамхорӣ кардан лозим аст.

— Ман, чун боғбон,— гуфт Деҳотӣ,— тарафдори туям. Ҷавонон чун ниҳолҳои нав нозуканд, агар бо онҳо дағалӣ кунем, мешикананд ва дубора сар бардошта наметавонанд.

— Бале,— тасдиқ кард фикрашро Аминзода,— онҳо чун ниҳолҳои боғӣ мудом ниёзманди ғамхорианд. Ҳатто баъд аз гулу самари аввалиашон ҳам. Гулҳо ва ниҳолҳои роғӣ баръакс на парвои боғбон доранду на ниёзманди миробанд.

— Пас ҷаро вазифаи роҳбарӣ ба ҷавононро ба гардан намегирӣ? Биё, ариза навис, худи ҳамин рӯз фармон менависем,— таклиф намудам ман.

— Шоир,— гуфт Аминзода,— бозест, ки барояш парвози озодона аз ҳама чиз қиматтар аст. Ман ҳам, ки камубеш ба шеър кор дорам, тобу тоқати идоранишинӣ надорам, дилам бухс мекунад. Ман ба ту ҳайронам, ки чи тавр ҳам дар идора мешинӣ, ҳам дар маҷлисҳо иштироку баромад мекунӣ, ҳам достон менависӣ! Ман қоил!

— Барои ҳамин ҳам аз достонҳоям бӯи идора меояд.

— Тамоман ин тавр не. Достоннависӣ кори ҳар шоир нест, ҳарчанде ки дар адабиёт ин жанр анъанавист. Масалан, ман тамоми қоидаҳои достоннависиро медонам, лекин ба навиштан ҷуръат намекунам, медонам, ки аз ӯҳдааш намебароям. Як вақте Раҳим маро маҷбур кард, ки бахшида ба Ленинобод ҳамроҳ достон нависем. Достон ҳанӯз чоп нашуда буд, ки мунаққидон сар бардоштанд. Ба Раҳим гуфтам, ки биё минбаъд ту дар ғами насрат бошу ман дар ғами шеъру тарҷума.



* * *

Аминзода танбӯрро гирифта ба навохтан сар кард. Ду ғазали Ҳилолиро хонда танбӯрро дар ҷояш монду ба Деҳотӣ муроҷиат кард:

— Агар ҳунар медоштам, дар бораи кор фармудани сухани Ҳилолӣ мақолаҳои бисёре менавиштам.

— Одатан,— гуфт Деҳотӣ,— як калима агар дар як байт такрор шавад, дар назар хунук менамояд ва ба забони шеър ҳалал мерасонад, лекин дар ғазалҳои Ҳилолӣ суханони такрор чунон устодона кор фармуда шудаанд, ки шеърро ҳусн медиҳанд, зебо менамоянд. Гоҳо дар як байт як сухан се бор ҳам такрор мешавад.

> Ҷон хуш аст, аммо намехоҳам, ки ҷон гӯям туро,
> Хоҳам аз ҷон хуштаре бошад, ки он гӯям туро.

— Дар ин ҷо калимаи «ҷон» се бор такрор шавад ҳам, ҳар бор нав менамояд,— гуфт Аминзода.

— Қудрати Ҳилолӣ,— гуфтам ман,— боз дар он аст, ки назмро ба ибораҳои ҳаётӣ, нисбат ба гузаштагонаш хело ҳам наздик кардааст. Мардак аз осмон ба замин фаромада, назмро ҳусни нав додааст.

— Ин тавр ки бошад,— гуфт Аминзода,— ҷаро асари ин устоди сухан танҳо дар дасти ман аст. Ҷаро нашриёт лоақал як гулчини ғазалиёти ӯро ба чоп намерасонад.

— Ба чоп тайёр шуда истодааст,— фаҳмонд Деҳотӣ.

— Ман пагоҳ рафта аз гулӯи Мир-ако маҳкам дошта ё Ҳилолиро чоп мекунӣ мегӯям, ё ҷоятро холӣ мекунӣ.

— Чӣ, ҷояшро гирифтанӣ? — пурсид Боқӣ.

Аминзода хандиду:

— Афсӯс ки ин кор аз дастам намеояд,— гуфту танбӯрро ба даст гирифт.

Деҳотӣ узрхоҳӣ намуд:

— Ман хозирам, ки то пагоҳӣ бо шумо бошам, сӯҳбат кунам, шеър хонам, садои форами танбӯр шунавам. Лекин афсӯс, ки ҳавлиям аз ин ҷо дур аст, дар хона касе нест, ман бояд равам.

— Мақсад аз ин ҷамъомад он буд, ки масъалаи хонадоршавии Боқиҷонро ҳал намоем,— гуфта фаҳмондам ман.

— Муборак шавад,— гуфт Деҳотӣ ва пурсид: — Арӯс?

— Ҳанӯз нест,— ҷавоб дод Аминзода.
— Аҷабо, тӯи беарӯс!
— Ҳоло ҳамин тавр,— гуфт оҳистакак Боқӣ.
Ҷавоби Боқӣ ба Аминзода нафорид.
— Боқӣ,— гуфт Аминзода,— ту кӯдак нестӣ, арӯс ҳеҷ вақт худаш намеояд ва мо ҳам онро чун гулдаста даруни коғаз печонда оварда «мана, Боқиҷон, марҳамат, гиру хонаатро оро деҳ» намегӯем ва умедвор ҳам нашав. Талаби дӯстон ва ёру бародаронат ҳамин, ки тез-тар хонадор шав.
— Намондед, ки як соли дигар озодона гардем,— гуфт Боқӣ ва шеъре баровcovarда хонд, ки ин тавр сар мешавад:

Ин шодии дил аз рухи зебои ту ёро,
Шуд роҳати ҷон нозу таманнои ту моро...

Аз шеър аён буд, ки Боқӣ кайҳо гирифтори доми муҳаббат аст ва номзад ҳам дорад, танҳо ин корро расмӣ кунонидан даркор аст.



# «ҲАРГИЗ НАМИРАД ОН, КИ ДИЛАШ ЗИНДА ШУД БА ИШҚ»

Саломатии Зиёдулло Шаҳидӣ бад шудан гирифт. Наздиконаш дар ғами ӯ буд, вале фикру хаёли ӯ ба мусиқие банд буд, ки тамоми ҳаёти бошууронаи худро ба он бахшидааст. «Ин дарди вазнин,— гуфт ба ман, вақте ба аёдат рафта будам,— эҳтимол маро дуру дароз дар ин ҷо нигоҳ медорад. Ба Толибҷон фармудам, ки бароям коғази нотаву қалам биёрад. Дар баҳри хаёлам мавҷи оҳангҳои симфониву операвӣ чунон бисёранд, ки барои ба коғаз гузаронидани онҳо, ба фикрам, ду даст ҳам камӣ мекунад. Аҷоиб. Оҳангҳое, ки солҳои дароз меҷустам, вале калиди қулфи махзанашонро намеёфтам, ҳоло худашон маро ҷустуҷӯ карда истодаанд. Ба ман чунин менамояд, ки савори мавҷҳои баҳри азими мусиқӣ шино дорам. Аз болои ин мавҷҳои азим уфуқи фардои мусиқии профессионалии тоҷикро, ки ҳадяи мо ба асри оянда мебошад, дида истодаам...»
Ошноии бевоситаи ман бо Шаҳидӣ дар он солҳое сар шуда буд, ки ҳамроҳ дар хобгоҳи нависандагон мезистем. Рӯзҳои фаромӯшнашавандае буданд! Ҳавлии мо сабзу хуррам буд. Ҳар рӯз баъди кор дар сояи дарахтони ақоқиё ҷамъ омада, машғули бозиҳои спортӣ мешудем. Чой нӯшида, хотираҳои бачагии якдигарро бо завқ гӯш мекардем. Дар лаҳзаҳои вазнине, ки Зиёдулло Шаҳидӣ бо қувваи орзуҳои ширин марги бемаҳали худро ба қафо тела медод, солҳои наврасӣ ва ҷавонии ин марди қавиирода аз пеши назари ман чун навори кино мегузаштанд...

Дар зодгоҳи Зиёдулло Шаҳидӣ яке аз симоҳои намоёни санъати миллии тоҷик Ҳоҷӣ Абдулазизи бузург, ки дар инкишофи мусиқии халқи тоҷик саҳми арзандае гузошт, зиндагӣ ва эҷод мекард. Абдулазиз ҳанӯз дар ҷавониаш ба хубӣ дарк карда буд, ки мусиқӣ бояд бо зиндагӣ ҳамқадам бошад. Барои сарватманд гардондани мусиқии миллати худ аз ҳисоби беҳтарин намунаҳои мусиқии ҷаҳон Абдулазизи ҷавон ба мамлакатҳои Миср, Ҳиндустон, Туркия, Ҳиҷоз сафар мекунад. Ин сафарҳои эҷодии дуру дароз барои вай мактаби калоне шудаанд. Шӯҳрати овозхон ва навозандаи соҳир на танҳо дар зодгоҳаш, на танҳо дар ҳудуди Осиёи Миёна, балки берун аз он низ паҳн шуда буд.

Рӯзе ба Зиёдуллои даҳсола ҷӯрааш хабари хуше меорад:

«Ҳоҷӣ Абдулазизи номӣ ин бегоҳ дар чойхонаи шаҳр меҳмон мешавад». Ин хабар Зиёдуллоро, ки кайҳо боз орзуи дидори мутриб ва шунидани овози диловези ӯро дошт, ба ваҷд меорад. Ӯ раҳи чойхонаро пеш мегирад. Он базми суруд то як поси шаб давом мекунад. Дуторри Абдулазизи ҳафтодсола ба нолиш медарояд, чойхонаи махсус оролодашуда ва атрофи он ғарқи навоҳои дилангез мегарданд.

Ин ба Зиёдулло, ки бо ҷӯрааш аз дур нозири шабнишинии фаромӯшнашаванда буд, таъсири амиқе мебахшад. Ба вай чунин менамояд, ки дар ин дақиқаҳо қамаш панҷ сол калонтар шудааст. Барояш аҷиб он буд, ки мақомҳои ба вай ошно — «Ушшоқ», «Гулузорам», «Бозаргонӣ» ва ғайра дар иҷрои Ҳоҷӣ Абдулазиз авҷу даромадҳо ва обуранги тоза гирифта, ба худ шаклҳои хосе пайдо менамуданд. Аммо ба чӣ сабаб? Ба ин савол на шаби беҳобиаш ҷавоб гардонду на тағояш. Танҳо шахсе дар либоси нимаврупоӣ, ки гоҳе ба тағояш вомехӯрд, сари Зиёдуллоро сила карда, оби ҷӯйро нишон дод ва оромона гуфт: «Ҳайрон нашав, писарам мебинӣ, оби ин ҷӯй ҳамеша равон аст ва дар як ҷо истода наметавонад. Агар истад, бӯй мегирад. Ҳаёт низ ҳамин тавр аст. Мусиқи ҳам бояд ҳамеша бо ҳаёт ҳамқадам бошад ва пеш равад». Барои Шаҳидӣ ин суханон дар аввал муаммо менамоянд, вале баъдтар ва то охири умраш дастури амал мешаванд.

Шабнишинии Ҳоҷӣ Абдулазиз, овози соҳири ӯ, садои дутораш шавқи мусиқиро дар дили хурди Зиёдулло бедор менамоянд. Акнун барои вай мусиқӣ орзуи



ниҳонӣ мешавад. Боре тағои ҳамроҳи бачагонаш ӯро ҳам ба ароба савор карда, ба сайри саҳро раҳсупор мегардад. Дар роҳ садои форами найро мешунавад. Навои дилангезе! Зиёдулло иҷоза пурсида, аз ароба фуромада, ба ҷустуҷӯи найнавоз медарояд. Ӯро меёбад. Деҳқонбачаи оддӣ, наяш ҳам, ки онро худаш сохтааст, оддӣ. Зиёдулло бо илтимос найро аз дасташ гирифта, ба лабаш наздик оварда, навохтанӣ мешавад. Лекин ҳамин вақт як дасти дурушти калон аз гӯшаш дошта, сахт тоб медиҳад ва бо ин қаноат накарда, ба рӯяш як шаппотӣ ҳам мезанад.

...Дар он солҳо санъаткориро касби паст ҳисоб мекарданд, артистро масхарабоз. Шояд барои ин бошад, ки Зиёдулло дар театри навташкил ба сифати коргари оддӣ ба кор медарояд. Лекин дар асл ӯро муҳаббати гарму ҷӯшонаш нисбати мусиқӣ ба даргоҳи театр оварда буд.

Баъд аз чанде Зиёдулло Шаҳидӣ ба ҳамин хулоса меояд, ки аз мусиқӣ ҷудоӣ нест. Ӯ эҳсос мекунад, ки барои мусиқӣ ба дунё омадааст. Бигузор ашхоси тангназар ҳунари мусиқиро паст зананд ва артистро масхарабоз номанд. Саг меакад, корвон меравад. Бо ҳамин фикру хаёл Шаҳидии ҷавон ғижжаку танбӯри худро гирифта, ба Сталинобод меояд ва дар ин ҷо Театри драмаи мусиқии ба номи Лоҳутӣ ва Филармонияи давлатии республика дарҳои худро ба рӯи вай мекушоянд. Муҳаббати беинтиҳо ва истеъдоди фавқулоддаашро ба назар гирифта, устодони санъати мусиқии республика ӯро ба шогирдӣ қабул мекунанд.

Меҳнати дилсузонаи устодони санъат самараи хубе медиҳад. Баъд аз панҷ соли омӯзиши иштиёқмандонаи Шаҳидӣ ба ашъори шоирон оҳанг бастан мегирад. Устоди суханварони тоҷик Лоҳутӣ баъди шунидани оҳангҳои эҷодкардаи ӯ ба шавқ омада гуфтааст: «Ин аст мусиқии миллию замонавии тоҷик. Оҳангҳои Шаҳидӣ дар асоси мусиқии халқӣ сохта шудаанд ва дар айни ҳол профессионалианд. Ман минбаъд ғазалҳои худро танҳо ба ҳамин кас медиҳам». Ҳамин тавр ҳам шуд. Дере нагузашта номи Шаҳидӣ ба тамоми гӯшаву канори республика паҳн гардид.

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ композитор Шаҳидӣ чун тамоми халқи советӣ қувваи эҷодии худро барои фронт, барои зафар бар фашизм равона мекунад. Мо, ки дар як хобгоҳ истиқомат мекардем, хоҳу ноҳоҳ

ҳар саҳар бо якдигар вомехӯрдем ва ба чои саломуалейк мепурсидем: «Имрӯз бо кадом асари нав сарбозони фронту ақибгоҳро хурсанд хоҳед кард?», «Хурсанд» — калимаи дӯстдоштаи Шаҳидӣ буд. «Ман намехоҳам, ки одамон дар ин рӯзҳои вазнин мусиқии маро шунида, ашк резанд... Мусиқии хурсандибахшу рӯҳафзо навиштан мехоҳам. Вазъият инро талаб мекунад». Ҳамин тавр мегуфт ва ҳамин тавр амал мекард. Танҳо он шеърҳоро меписандид, ки мувофиқи табъи дили ӯ буданд. Вай хато накард. Сурудҳои хурсандибахшу рӯҳафзояш халқӣ гардиданд. Бо сурудҳои вай коргарон ба фабрику заводҳо, деҳқонон ба саҳроҳои колхозӣ ва ҷанговарон ба фронт мерафтанд. Рӯзи фирӯзи Ғалабаро ҳам бо суруди нави «Иди Зафар»-и ӯ истиқбол карданд.

Баъди ҷанг Зиёдулло Шаҳидӣ ба хубӣ ҳис кард, ки маълумоти ӯ барои ҳалли проблемҳои калони дарпеш шистодаи мусиқии миллӣ ба таври бояду шояд ёрӣ расонда наметавонад. Ин буд, ки Шаҳидии соҳиби занӯ фарзанд роҳи Консерваторияи Москваро пеш гирифт ва ҳашт соли пурра сабақомӯзи он буд.

Дар солҳое, ки Шаҳидӣ донишомӯзи Консерватория буд, ҳар боре ки ба Москва мерафтам, албатта бо ҳам вомехӯрдем ва дар «сари як пиёла чой» дуру дароз сӯҳбат мекардем. Аз суханрониҳояш ҳис карда мешуд, ки вай акнун на он Шаҳидие буд, ки се-чор сол пеш мешинохтем. Консерватория ҷаҳонбинӣ ва нуқтаи назари ӯро оид ба инкишофи мусиқӣ умуман ва мусиқии миллӣ махсусан васеътар намудааст. Дар яке аз сӯҳбатҳои худ дар долони Театри калони СССР шикоятомез гуфт, ки агар деҳқони оддии кӯҳистони тоҷик бо санъати опера ошно набошад, айбе нест. Лекин вақте ки одамони соҳиби шляпаву галстук «забони мусиқии миллии мо дутору ғиҷжак аст» мегӯянд, ба кас алам мекунад. Дар яке аз мактубҳояш шахси кӯтоҳназаре навиштааст: «Операву балет маҳсули давраи капитализм ва буржуазияи вайроншудаистода мебошанд. Мардуми хунгарми мо рақси занони ҳарирпӯшро дар саҳна дидан мехоҳанд...».

Одамони баинсофтаре ҳам буданд, ки санъати операро дар олами мусиқӣ прогресс мешумориданд, аммо татбиқи онро дар Тоҷикистон ҳанӯз барвақт мехисобиданд. Ин гуна мисолҳо бисёранд. Лекин мо, оҳангсозони ҷавон аз роҳи худ барнамегардем. Дар Россияи



беканоре, ки ҳоло ягон шаҳри калонаш бе театри опера ва балет нест, замоне буд, ки барои бунёди он мубориза мерафт. Устодони мусиқии классикии рус, ки дорои шӯҳрати ҷаҳониянд, ними умри худро дар мубориза барои қонунӣ гардондан ва такмил додани мусиқии профессионалии миллӣ сарф карда буданд. Дар Осиёи Миёна ин мубориза асосан баъди инқилоб сар шуд ва он муваффақиятҳои рӯзафзуне дорад. Баъд Шаҳидӣ лаҳни суханашро тағьир дода, бо қаноатмандӣ гуфт, ки аввалҳои соли 1950 ба навиштани суруд ва арияҳо барои операи «Қомде ва Мадан» сар карда буд ва мехоҳад, ки оҳанги ин операро дар асоси савтҳои халқиву классикӣ нависад: «Муаллими ман Сергей Баласанян,— гуфт ӯ,— ҳангоми таълифи нахустин операи худ «Шӯриши Восеъ» барои омӯхтани мусиқии халқии тоҷикон ба районҳои дурдасти Кӯлоб, Ғарм, Дарвоз рафта буд ва ин ба вай имконият дод операе нависад, ки писанди халқ гардад. Мехоҳам анъанаи устоди худро давом диҳам».

...Опера навишта шуд. Онро ба саҳна гузоштанд. Ҳамроҳи Шаҳидӣ рафта, паҳлу ба паҳлу нишаста, аз аввал то охир бо диққат гӯш кардем. Баъди аз театр баромадан Шаҳидӣ фикри маро напурсида изҳор кард, ки ҳангоми навиштани опера ба душвориҳои зиёде дучор шуда буд. Кӯшиш мекард, ки опера ба шунавандагон писанд ояд ва фаҳмо бошад, лекин азбаски ин опера аз аввалин асарҳои калони ӯст, бешубҳа, камбудию нуқсонҳо дорад...

Солҳои 1957 — 58 дар рӯзномаҳо доир ба мусиқии милливу профессионалӣ фикрҳои мухталифе чоп шудан гирифтанд. Байни муаллифон онҳое ҳам буданд, ки худро «хайрхоҳон»-и мусиқӣ меномиданд, лекин дар асл аз қонуният ва зарурияти инкишофи он, мулоимтар гӯем, ба дараҷаи бояду шояд огоҳ набуданд. Мафҳуми мусиқии профессионалии миллӣ барояшон аз шаби беситора торик тар буд. Ин ҳақиқати мусаллам аст, ки дар солҳои Ҳокимияти Советӣ мусиқии профессионалии тоҷик хеле пеш рафт. Операҳои «Шӯриши Восеъ», «Коваи оҳангар», «Пӯлод ва Гулрӯ», «Қомде ва Мадан», балети «Дилбар» шаҳодати муваффақияти дурахшони мусиқии профессионалии тоҷик буданд. Бешубҳа, ин асарҳо камбудӣ низ доштанд. «Хайрхоҳон»-и мусиқии миллӣ ба ин камбудиҳо такя карда, асарҳои оҳангсозони ҷавонро «аз халқ дур» меномиданд. Дуруст аст,

ки дар баҳсу мунозира на танҳо ҳақиқат ошкор мегардад, балки савияи дониши худи мубоҳисон низ муайян мешавад.

Дар он солҳо оҳангсозони соҳибистеъдоди имрӯзаи мо ҳанӯз ё донишҷӯёни консерватория ё шогирдони омӯзишгоҳҳои мусиқӣ буданд. Дар майдони мубориза барои мусиқии профессионалии миллӣ ду-се нафар пайкор доштанд, ки яке аз онҳо Зиёдулло Шаҳидӣ буд. Шаҳидӣ ба муқобили ин гуна «хайрхоҳон» ва «муҳофизон»-и мусиқии миллӣ ба воситаи радиою матбуот ва дар маҷлисҳо фаъолона мубориза мебурд. Вай мегуфт ва менавишт, ки барои инъикоси ҳаёти пурҷӯшу хурӯши Ватани мо, сохтмонҳои азим, аҳамияти жанрҳои нави профессионалӣ хеле бузург аст. Тоҷикистони мо дар як муддати кӯтоҳи таърихӣ роҳи чандасраро тай намуда, аз ҳар ҷиҳат бо республикаҳои пешқадам баробар шуда истодааст. Ин пешравиҳо дар соҳаи мусиқии миллӣ ҳам бояд бошад. Мусиқии миллии профессионалии мо ба мамлакатҳои Шарқ бояд намуна шавад. Дар ин кор ҳар як фарди мусиқидӯст, ҳар як зиёии пешқадам, ҳар як оила ба мо, оҳангсозони ҷавон бояд ёрӣ расонанд. Ин ёрӣ пеш аз ҳама ба тарбияи эстетикии бачагон ва наврасон дахл дорад.

Дар яке аз мақолаҳои мубоҳисавӣ Пӯлодов ном шахсе ба чунин фикрҳои нодуруст роҳ дода буд: «Ҳангоме ки радио ягон мусқии халқиро мешунавонад, ҳатто кӯдаки ду-се сола ба рақс медарояд, мусиқии навбаромадро шунавад, аз ҷояш намеҷунбад, ба завқ намеояд». Шаҳидӣ оромона ҷавоб гардонд, ки ҳамаи ин ба маҳорат ва истеъдоди бастакор, ба тарбияи эстетикии бача ва оилаи он вобаста мебошад...

Муборизаи Шаҳидӣ самараи калон дод. Имрӯз дар ҷабҳои маданияти мусиқии профессионалии миллӣ ҷавонҳое дохил шудаанд, ки рӯзе осори Шаҳидӣ ҳиссу завқи онҳоро ба мусиқӣ бедор намуда, муҳаббати онҳоро афзуд ва дар роҳи консерваторияи Москва раҳнамои онҳо гардида буд... Осори профессионалии ин ҷавонон имрӯз ҳатто дар арсаи умумиттифоқӣ ва дар мамлакатҳои хориҷӣ садо медиҳат.

Ҳангоме ки дар соли пуршарафи шастсолагии республика ва Партияи Коммунистии он Зиёдулло Шаҳидӣ дар қатори дигарон сазовори Мукофоти давлатии РСС Тоҷикистон ба номи Рӯдакӣ гардид, дасти ӯро фушурда, муборакбодаш карда будам. Зиёдулло Шаҳидӣ бо як ҳиссиёти пурифтихоре гуфта буд: Чунин қадршиносӣ шаҳодати он аст, ки мусиқии профессионалии миллии мо, мусиқие, ки дуру дароз барои он мубориза бурдем, ба дили мардум роҳ ёфтааст ва халқ онро писандидааст. Лекин мағрур шудан лозим нест. Ин танҳо оғози он корҳои бузургест, ки дар пеш истодаанд.

## ХОТИРАИ РӮЗҲОИ НЕК

*«Тоҷикистон Шарқи нав аст, он Шарқе ки аҷдодони Шумо орзу мекарданд».*

*Н. С. ТИХОНОВ.*

Боре дар сӯҳбате аз Николай Семёнович пурсидам:

— Мӯҳтарам Николай Семенович, борҳо дар сӯҳбати шумо нишастаам, бисёр чизҳоро шунидаам ва ба ҳамин хулоса омадаам, ки шумо воқеаҳои аҷиберо дидаед, шунидаед ва медонед, вале дар осори шумо чоряки он ҳам инникос наёфтааст. Сабаб чист?

Николай Семенович бо завқ хандид:

— Азизам,— гуфт,— барои ба рӯи коғаз овардани ҳамаи он чизҳое, ки ман медонам, қувват, сабру тоқат ва солҳои бисёре даркор!

— Барои он, ки фаромӯш нашаванд, лоақал магнитофонро истифода баред.

— Ба шарте ки амири кӯҳҳои баланди Помир дар паҳлуи ман бошад ва ман бо ӯ сӯҳбат кунаму магнитофон нависад. Танҳо бо магнитофон тоқати сӯҳбат кардан надорам...

Николай Семенович одами хушсӯҳбат аст. Дар маъракаҳо чунон саргарми сӯҳбат мешавад, ки ба дигарон навбат намерасад ва касе аз ин афсӯс ҳам намехӯрад. Дар сӯҳбати Николай Семёнович нишастан, хикояҳои ӯро шунидан хушбахтист. Ин пирамарди зиндадил аз ҳамаи воқеоти дунё, махсусан Шарқ огоҳ аст. Ҳатто дар бораи Помир барин як диёри дурдаст, ки ба ҳар фарди тоҷик диданаш муяссар намешавад, хеле чизро медонад.



Боре собиқ раиси Совети Вазирони Ӯзбекистон Абдураҳмонов чанд нафар меҳмонони ба Тошканд омада, аз ҷумла Николай Тихонов, Мирзо Турсунзода ва маро ба боғи худ даъват кард. Чун ҳама нависанда будем, сӯҳбати мо бисёртар аз адабиёт мерафт. Меҳмондор чанд бор ҷуръат кард, ки лаҷоми сӯҳбатро ба дигар тараф гардонад, вале инро аз дасти Николай Семёнович гирифта наметавонист ва бинобар ин маҷбур буд, ки ба сомеӣ ва сокитии худ қаноат кунад.

Нависандаи Озарбойҷон Рафоэл, ки яке аз дӯстони Николай Семёнович аст, иҷозат пурсида ба саломатию шодмонии меҳмондор қадаҳ бардошт. Аввал Николай Семёнович ва баъд аз паси вай ҳамаи мо аз ҷо хестем, ки талаби Рафоэлро ба ҷо оварем.

Абдураҳмонов изҳори миннатдорӣ карда гуфт, ки вай хело хушбахт аст, ки худро дар чунин сӯҳбати дӯстона мебинад. «Дар ин ҷо,— гуфт,— расмият нест, самимият ҳасту бас!».

Николай Семёнович ба меҳмондор наздиктар омада:

— Эй, вазири аъзам,— гуфт,— фаромӯш накун, ки пеш аз ту ҳам вазирон буданд ва дар байнашон басо хирадмандон буданд ва басо бехирадон. Хирадмандон онҳое буданд, ки ба халқу шоир такя мекарданд ва бехирадон онҳое буданд, ки ба қадри халқу шоир намерасиданд. Инро ба ту барои он мегӯям, ки ту на вазир, балки сарвазир ҳастӣ! Саломат бош!

Қадаҳҳоро ба ҳам «чанг» андохта нӯшидем.

Нависандаи ӯзбек Ойбек таклиф кард, ки ҳавои тоза гирем. Таклифи ӯро меҳмонон писандиданд.

Боғ чунон ороставу батартиб буд, ки «биё маро тамошо кун»,— мегуфт. Саҳни он васеъ ва дилкушо. Ба ғайр аз роҳи калон боз роҳҳои бориктаре ҳам буданд, ки ҳар қадом рафта-рафта ба дигаре мепайваст. Дар ибтидо ва охири роҳҳо барои дамгирӣ каппаҳои зебои гулпӯш сохта буданд.

Дар поёни боғ як ҳавзи калони чуқур буд. Ҳама ба сари он ҷамъ омадем. Дар ин ҳангом яке аз боғбонон ҳикоя кард, ки «Боре ҳавзро тоза карданӣ шуда обашро сар дода будем. Ба ин ҷо аз шаҳр меҳмонон омада буданд, баъд аз зиёфат ба тамошои боғ баромаданд. Якбора доду фарёди зане ба гӯшам омад. Тозон омада бинам марду зане ба сари ҳавз истодаанд.

Дар як пои зан туфлӣ, дар пои дигараш танҳо ҷулоб. Сабаб пурсам, занаки рангпарида шикоят кард: «ин ҷавони беномус лоф зад, ки агар туфлиямро ба ҳавз партоям, вай онро гирифта мебарорад. Ман гуфтам, ки ин кор имконнопазир аст, ҳавз чуқур аст, вай гуфт,ки барои ту тайёрам, ки аз осмон ситора фурорам. Мани содда бовар карда туфлии пои ростамро кашида ба ҳавз ҳаво додам. Вай ба ҷои он, ки туфлиямро бароварда диҳад, баръакс маро таҳқир карда «ақлатро хӯрдаӣ!» мегӯяд.

Николай Семёнович дарҳол гуфт:

— Ба он нозанин нагуфтед, ки агар ноз карданӣ бошед, ба шоир ноз кунед.

Баъд аз чанд қадам роҳ рафтан Николай Семёнович даст бар китфи Мирзо гузошту:

— Ҳеҷ бовар намекунам,— гуфт,— ки дар рӯзҳои мо ҳам он гуна занҳое пайдо шаванд, ки фикру зикру рафторашон замони Пушкинро ба хотир орад.

Боғро чарх зада боз ба ҷои аввалаамон баргаштем. Дар назди меҳмонхона байни гулҳои рангоранги садбарг кати калоне гузошта шудааст. Таклиф шуд, ки ҳамон ҷо шинем. Нишастем. Чои кабуду сиёҳ, қаҳваи сиёҳу башир, қандалот ва меваҳои гуногун дастархонро оро медоданд.

Николай Семёнович ба ман бо шӯхӣ:

— Тамошо кун, «Қишлоқи тиллоӣ!» — гуфт ва баъд ба Абдураҳмонов рӯ оварда шарҳ дод: — Помир, ки ҳоло ӯро «Қишлоқи тиллоӣ» меноманд, кишвари аҷибест, кайҳост, ки орзуи дидани кӯҳҳои афсонавӣ ва одамони аҷиби онҷоро дорам, вале ҳеҷ муяссар намешавад.

— Ҳайр, ҳеҷ гап не,— гуфт Мирзо,— аз ҳамин ҷо рост ба Помир меравем.

— Аз вазири мӯҳтарам хоҳиш мекунем, ки яке аз «Газик»-ҳои худаш савор мешудагиро ба ихтиёри мо диҳад,— илова кардам ман.

— На танҳо мошин, худам ҳамроҳатон меравам,— розӣ шуд меҳмондор.

— Ҳамаамон меравем. Ман «Қишлоқи тиллоӣ»-ро бо чашмони худ дидан мехоҳам,— изҳор кард Ойбек. Меҳмонони озарӣ ҳам ӯро тарафдорӣ намуданд.

Лекин Николай Семёнович бо ҳасрат:

— Афсӯс,— гуфт,— он солҳое, ки монда нашуда ҷаҳонгардӣ мекардам, дар қафо монданд. Ман розиям, ки ҳамаи мо якҷоя ба Помир равем, ки барои ман шараф



ва хушбахтии калонест, аммо бори дигар. Бовар кунед, ки дар ин чанд рӯз хаста шудаам, ҳол он, ки дар пеш ҷашни Рӯдакии бузург хаст...

Октябри соли 1958 Николай Семёнович Тихонов меҳмони Тоҷикистон шуд. Вай ба ин ҷо аз Тошканд омад.

Бо Мирзо Турсунзода меҳмонро ба водии Вахш бурдем.

Ҳар бор, ки меҳмононеро ба водии Вахш мебаранд ё мебарам, чунин менамуд, ки онҳо ба ҳавлии ман меҳмон мешаванд. Охир ман яке аз аввалин ободгарони ин водӣ ҳастам, ки солҳои 30 бо даъвати Ватан ба сохтмони Вахш рафта шабро шабу рӯзро рӯз нагуфта дар шароити вазнини он солҳо кор мекарданд, канали калон канда ба дашти ташналаб оби ҳаёт доданд ва бо ин роҳ ҳазорон деҳқонони безаминро соҳиби замин карданд. Ба пахтаи мисрӣ ватани нав бахшиданд. Аз он рӯзҳо солҳо гузашт, аз ҷӯл осоре намондааст, вале ман чун пештара онро ҳавлии худ медонам, барои неку бади он худро масъул мешуморам.

Николай Семёнович бори аввал аст, ки ба Тоҷикистон меояд. Агарчи дар бораи Тоҷикистон ва таърихи он бисёр чизҳоро хондааст ва медонад, вале кунҷковона суол медод.

Ӯ хислати аҷибе дорад, ягон чизро мепурсад, ҷавоби шуморо бодиққат гӯш мекунад, вале наменависад, ҳар чиро мешунавад, фаромӯш намекунад ва баъд аз чанд сол ҳам метавонад шунидаашро обуранг дода, ҳикоя кунад.

Тасаввуроти вай дар бораи сохтмони Вахш ба он шаҳодат медод, ки романи Бруно Ясенский «Одам пӯст ташро дигар мекунад»-ро хондааст ва ҳама ҷойҳои муҳими дар он тасвиргардида дар ёдаш мондаанд.

Вақте ки ба сарбанди канал расидем, пиёда шуда ба тамошои он рафтем. Сарбанд на он қадар калон бошад ҳам, дар шароити он солҳо барои сохтанаш се сол ва миллионҳо сӯм сарф шуд. Имрӯз барои сохтани чунин иншоот аз як сол зиёд вақт сарф намешавад. Лекин дар он солҳо....

— Дӯсти азизам,— гуфт Николай Семёнович,— дар он солҳое, ки аз ҷиҳати техника аҳволамон хуб набуд, сохтани ин гуна иншоот қаҳрамонии бемисл монанд буд. Махсусан дар Тоҷикистоне, ки ҷанги гражданӣ

ҳанӯз давом дошт, озуқа намерасид, техникаи ватанӣ, кадрҳои техникӣ ба қадри кофӣ набуданд.

— Ин сарбанду канал,— шарҳ додам ман,— маҳсули меҳнати як халқ нест. Дар ин ҷо намояндагони беш-тар аз сӣ миллат кор карданд.

— Магар дар гузашта ин водӣ обод буд? — пурсид Николай Семёнович.

— Дар китобҳои қадима навишта шудааст, ки «Вахш аз ноҳияҳои Хатлон ва Мовароуннаҳр буд, ки Вахшоб дарёи он аст» ва шарҳ дода шудааст, ки шаҳри Вахш дар наздикиҳои асри XII — XIII аз тарафи истилогарон забт ва ба хок яксон карда шуд. Истилогарон шаҳру деҳотро оташ мезаданд ва халқи беаслиҳа маҷбур шуд, ки заминҳои бобоии худро партофта ба кӯҳистони бехатар кӯчад. Мегӯянд, ки халқ баъд аз чанд аср нав ба водии Вахш кӯчиданӣ мешавад, лекин ҷӯборҳои харобшударо аз нав обод кардан душвор буд. Вахш ҳам ҷараёни худро дигар карда будааст ва халқ, ки он вақт барои сохтани каналҳои тоза қодир набуд, ноумед шуда аз нав ба кӯҳистон мекӯчад.

Николай Семёнович афсӯс хӯрд, ки чунин як мавзӯи аҷиб сазовори диққати нависандагони тоҷик нашудааст.

Мирзо фаҳмонд, ки дар бораи сохтмони Вахш ҳикояҳо, шеър дар вақташ навишта шуда буданд.

— Куҷоянд онҳо? Чаро ман онҳоро намебинам? — гуфта пурсид Николай Семёнович ва маслиҳат дод, ки ин мавзӯи якрӯзаю дурӯза нест, он кӯҳна нашудааст.

Ман худам ва бародарони ҳамқаламамро сафед карданӣ шуда шарҳ додам, ки баъд аз романи «Одам пӯсташро дигар мекунад» дар ин мавзӯъ асар навиштан душвор аст.

— Аммо,— гуфт Николай Семёнович,— гузаштагони шумо ин тавр фикр намекарданд ва аз душворӣ наметарсиданд. Паи ҳам дар бораи муҳаббати Лайлию Маҷнун достонҳо менавиштанд. Ё Шириную Фарҳодро гирем. Дар ин мавзӯъ чи қадар асарҳои аҷибе пайдо шудаанд, вале бо вуҷуди он дӯсти марҳуми мо Самад Вурғун натарсида дар ин мавзӯъ асари тозае ба вуҷуд овард, ки сазовори Мукофоти давлатӣ гардид! Ба ин чӣ мегӯед? Бовар кунед, дӯстонам, ки шумо ҳақ нестед. Дар бораи Вахш ва қаҳрамонони он даҳҳо достонҳо, романҳо ва намоишномаҳо навиштан мумкин ва зарур аст.



— Аммо бетакрори дигарон.

— Барои ҳамин ҳам аз қадим устодон ба шогирдон мегуфтанд, ки то даме ки даруни гулхан он чизеро, ки дигарон надида буданд, гарчи диданашон шарт буд, набинӣ ва ба маънии он нарасӣ, аз гулхан чашм макан...

Рӯзи дуюм аз водии Вахш баргашта ба хонаи ман рафтем.

Мо ба балкони хона баромада нишастем. Аз он ҷо майдони «Москва» бо гулу гулзору фавворaҳо, биноҳои Театри опера ва балет, меҳмонхонаи Вахш, хиёбони ба номи Ленин чун дар рӯи каф намоён буд.

Ман таърихи шаҳрро мухтасар ба меҳмон ҳикоя кардам. Меҳмон гуфт, ки вай аз таърихи республика камубеш бохабар аст ва ҳатто шунидааст, ки дар рӯзҳои аввали революция тоҷиконе ҳам будаанд, ки аз тоҷик будани худ мункир шудаанд. Ман табассум карда, чизе нагуфтам. Меҳмон мақсади маро фаҳмида, чӣ ҷои ҳайрат гуфт, чунин ашхос, ки ифтихори миллӣ надоранд, дар ҳар халқ ҳастанд. Рост мегӯянд, ки оила бе нуқсон намешавад.

Аз пеши назари мо тоҷикдухтарҳо салом дода гузаштанд.

— Инҳо тоҷикдухтаронанд? — пурсид Николай Семёнович.

— Бале, онҳо ҳамдеҳагони мананд.

— Аз Помир? Афсӯс, ки аз Помир буданашонро надонистам, набошад нағзтар нигоҳ мекардам. Шунидам, ки духтарони помирӣ соҳибҷамол ва ба юнониҳо монанданд.

— Дар баъзе деҳот юнонисуратҳо ҳастанд. Бигзор юнониҳо фахранд!

— Ин бояд тасодуфӣ бошад, чунки аз рӯи фаҳмиши ман Искандар то ба Помир рафта натавонистааст.

Ман фикри ӯро тасдиқ намуда, илова кардам, ки ривоятҳои бисёре ҳастанд, вале омӯхта нашудаанд.

Николай Семёнович:

— Бале,— гуфт,— таърихи Шарқ ҳанӯз мисли ганҷинаест, ки дарҳояш қулфанд ва аз он дурру ҷавоҳирот мо бенасибем. Ҳамаи он чизе ки аз дувоздаҳсолагӣ сар карда хондаам ва медонам, қатрае аз баҳр аст. Мавзӯи Шарқ бароям нав нест. Ҳанӯз дар хурдсолӣ, дар бораи Шарқе, ки ба чашми худ ӯро надида будам, шеърҳо менавиштам. Аввалин шеърамро бахшида ба

Қавказ тахминан соли 1922 навишта будам. Аммо худи Арманистон ва Гурҷистонро бори аввал соли 1924 дидам. Баъд аз ин ҳар сол дар мавсими тобистон бо дӯстон ба кӯҳистони Қавказ мерафтагӣ шудам. Рафта бо халқ, урфу одату анъанаҳои он, бо таърихи бои он ошно мешудам. То ки бо маданияти ин халқҳо наздиктар ошно шавам, шеъру достонҳои шоирони Гурҷистон, Арманистон ва Доғистонро ба забони модариам тарҷума мекардам.

Баъдтар ният кардам, ки бахшида ба дӯстии халқҳо ва фаъолияти Киров дар Қавказ барои фильми «Дӯстон» сценария нависам. Ба ин баҳона ба ман муяссар шуд, ки бо режиссери фильми оянда пиёдаву савора бо роҳҳои каҷукилеби кӯҳӣ ба деҳоти дурдаст рафта, бо партизанҳо — иштирокчиёни ҷанги гражданӣ воҳӯрам, сӯҳбат кунам... Одатан сафари пурмашаққат меваи ширин медиҳад. Баъд аз чанде дар мавзӯи Қавказ ба хонандагон як қатор асарҳои назмию насрӣ пешниҳод кардам, ки дар байнашон «Баҳори Гурҷистон», «Шеърҳо дар васфи Қахети», «Кӯҳҳо» ва ғайра буданд.

Сонӣ ба Туркманистон рафтам, баъд ба Ӯзбекистон, ба Корея, ба Ҳиндустон, Покистон, Афғонистон ва дар ҳар ҷое, ки будам, мекӯшидам, ҳар чиро ки дар хурдӣ дар бораи ин ё он мамлакати Шарқ хондаам ё шунидаам, ҳоло ки имконият шудааст, бо чашми худ бинам, бо дасти худ санҷам...

Мехоҳам аз ҳамон роҳе, ки полковник Ионов ба Помир рафтааст, гузарам. Пиёда ё аспакӣ рафтан бароям мушкил аст, лекин бо мошина метавонам. Ҳанӯз дар ҷавониам китоби Тагиевро (Рустамбек) дар бораи ихтиёрӣ ба Россия ҳамроҳ шудани Помир бо завқи калоне хонда будам. Дар бораи ин воқеаи аҷиб, ки рӯҳи интернационалӣ дорад, дар он солҳо китобҳои хурду калони бисёре чоп шуда буданд.

Чӣ воқеаҳои аҷибе! Вақте ки помириён ба Фарғона имдодталабӣ меоянд, полковники подшоҳӣ Ионов ба онҳо дасти ёрӣ дароз мекунад! Ва худаш барои санҷидани вазъият бо чанд нафар сарбоз ба он ҷо меравад.

Ин воқеа соли 1891 рӯй медиҳад. Отряди хурди полковник Михаил Ефремович Ионов бо роҳҳои солу моҳ барфпӯши кӯҳӣ бо азобу машаққат ба Барогил расида, аз он ҷо ба водии Вахондарё мефуроянд ва таваккал роҳ паймуда, баъд аз чанде ба қалъаи хурди сангиндеворе наздик мешавад.

Полковник фармон медиҳад, ки омода бошанд ва ба ду нафар қазоқ супориш медиҳад, ки рафта вазъиятро фаҳманд.

Полковник бо дурбин мебинад, ки назди қалъа танҳо як нафар истодааст. Ду нафар қазоқ омада дар назди ӯ меистанд. Вай чизе намегӯяд. Полковник бо отрядаш наздиктар рафта як офицери англисро дар либоси афғонӣ мебинад. Ба воситаи тарҷумон кӣ буданашро мепурсад. Офицер мефаҳмонад, ки вай комендати истеҳкоми сарҳадист ва ба ғайр аз вай касе дар он ҷо нест.

«Горнизон дар куҷост?» — мепурсад полковник.

«Ҳамин ки аз омадани шумо воқиф гаштанд, ба ҳар тараф гурехтанд. Аз ман хавф набаред, муқобилат карда наметавонам, яккаву танҳоям»,— мегӯяд офицер.

Полковник, ки фиреби офицери англисро хуб медонист, ба сӯи отрядаш чашмакӣ зада мегӯяд: «Хуб аст, хело хуб аст, сарбозҳо офицери англисро тарафдорӣ кардан нахоста, ба ҳар тараф парешон шуда рафтаанд...».

Офицер гумон мекунад, ки онҳоро фиреб дода тавонист, бинобар он ҳам ба худситоӣ сар мекунад:

« — Агар сарбозони афғониям бо ман мебуданд, аз ин ҷо на танҳо шумо, балки пашша ҳам гузашта наметавонист, лекин ин тарсончакҳо... Эҳ, чӣ гӯям! Умуман хоҳиш аз ҷаноби шумо ҳамин аст, ки ба қалъа надароед ва сурати онро накашед...».

Қазоқҳо аз ин гапҳои офицери буздил завқ бурда баланд-баланд механданд. Офицер меларзад, арақ ба ҷабинаш равон мегардад, вале чӣ кор карданро намедонад...

Ба гумонам, Николай Семёнович дар ин лаҳза аз қазоқҳо ҳам базавқтар ва баландтар механдид. Яке аз хислатҳои аҷиби ӯ дар он аст, ки ровии хубест, аз ҳикояти ӯ на танҳо шунавандагон, балки гӯё худаш ҳам завқ мебарад. Николай Семёнович метавонад, соатҳо як олам воқеоти аҷиберо, ки хондааст, ё шунидааст, ё ба чашми худ дидааст, монданашуда нақл кунад.

Як қатор ҳикояҳои солҳои охир навиштаи ӯ барои ман нав нестанд. Онҳоро борҳо аз забони худаш дар маҳфилҳои дӯстон шунидаам. Ба фикрам Николай Се-

моёнович воқеаҳои дидаашро аввал ҳикоя мекунад, онҳоро дар нигоҳу табассуми дӯстонаш месанҷад, баъд ба навиштан сар мекунад.

Қиссаи полковник Ионову офицери англисро Николай Семёнович аз хурдсолӣ медонад ва дар ҳар кучо бо завқ ҳикоя мекунад, лекин танҳо дар солҳои шастум дар яке аз ҳикояҳои воқеии хело завқовари худ «Гул» онро моҳирона истифода мебарад.

Ба Николай Семёнович ҳикоя кардам, ки ӯ дар Ҳиндустон, махсусан дар байни нависандагон дӯстон, мухлисон ва хайрхоҳони зиёде дорад.

— Чи ҷои тааҷҷуб,— гуфт ӯ,— борҳо ба Ҳиндустон рафтаам, дар мушоираҳо иштирок кардаам. Мардуми Шарқ шоирро эҳтиром мекунад. Шарқиён метавонанд фармони султонро ба ҷо наоранд, аммо аз гуфти шоир сар наметобанд. Шоир барои онҳо азиму мӯътабартар аст.

Баъд Николай Семёнович, барои тасдиқи фикраш воқеаи ҳаяҷоновареро нақл кард.

— Панҷ нафар шоиру олим ба Қарочи, пойтахти Покистон, мерафтем. Вақте ки ба сарҳади Покистон расидем, сарҳадчиён аз рӯи қоидаю қонун ҳуҷҷат пурсиданд. Мо ҳуҷҷатҳоямонро бароварда нишон додем. Сардори посбонон, ки аз чеҳрааш аён буд, ки марди диловарест ва дар чандин ҷангу задухӯрдҳо иштирок кардааст ва диловариҳо нишон додааст ва имрӯз муҳофизаи сарҳади ватани худро вазифаи муқаддас медонад, ҳуҷҷатҳои моро гирифт ва тасодуфан аввал ҳуҷҷати Мирзо Турсунзодаро кушода дид ва чун номи ӯро хонд, табассум бар рухи ҷиддиаш гул кард ва бо меҳрубонӣ таклиф кард:

— Марҳамат кунед, барои шоирон тамоми дару дарвозаҳои мамлакати мо чун дили мо ҳамеша кушодаанд.

Сардор моро ба қаровулхона бурд, дастурхон орост ва бо хурсандӣ изҳор кард, ки номи шоир Турсунзодаро кайҳост шунидааст ва мефахрад, ки дар ин соати нек бо ӯ рӯ ба рӯ нишаста, сӯҳбат мекунад, аз як пиёла чой менӯшад ва агар шеърхонии шоири маҳбубро бо чашм медид ва бо гӯш мешунавид, худро хушбахт медонист. Мо ба Мирзо чашмакӣ кардем. Мирзо хоҳиши ҷанговари шеърдӯсту шоирпарастро ба ҷо овард....

— Ана, дидӣ,— гуфт Николай Семёнович ҳикояашро ба охир расонда,— замоне меояд, ки шоир бе ҳеҷ



як ҳуҷҷат метавонад ба ҳар мамлакате, ки хоҳад, сафар кунад.

Ман гапи ӯро қувват дода, ҳикоя кардам:

— Вақте ки дар Деҳли дар Қотиботи байналхалқӣ доир ба тайёрӣ ба конференцияи нависандагони Осиё кор мекардам, як рӯз се нафар нависандаи панҷобӣ, ки дар Деҳли зиндагӣ мекунанд, ба назди ман омада, хабар доданд, ки имрӯз шоир Мирзо Турсунзода аз сафари Бирма баргашта омадааст ва дар яке аз меҳмонхонаҳои шаҳр ҷойгир шудааст ва гурӯҳи нависандагони панҷобӣ орзӯи дидор ва сӯҳбати ӯро доранд ва аз ман хоҳиш намуданд, ки арзи онҳоро ба Мирзо Турсунзода расонам.

...Панҷобиҳо Мирзоро хеле самимона ва хушдилона қабул карданд. Мирзо ба онҳо шеърҳои лирикӣ хонд. Раиси шабнишинӣ арз кард, ки дар навиштани шеърҳои лирикӣ онҳо устухон надоранд. Ҳоло мехоҳанд, ки меҳмони азиз ба онҳо шеърҳои лирикии гражданӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ хонад. Мирзо хоҳиши онҳоро ба ҷо овард.

Агар Мирзо ногоҳӣ бо самолёт ба Москва парвоз намекард, шабнишинӣ то тулӯи офтоб тӯл мекашид.

— Ту, ки қариб ним сол дар Ҳиндустон гаштаӣ, ягон чизе аз таассуротат навиштаӣ ё не? — пурсид Николай Семёнович.

Ман фаҳмондам, ки ҳар соле ба Ҳиндустон шоирон ва нависандагони бисёре мераванд ва чун бармегарданд, албатта чизе менависанд. Ман ҳам метавонистам барои калонсолон силсилаи шеърҳо нависам, лекин хуб медонам, ки аз силсилаи шеърҳои ҳиндустонии Мирзо Турсунзода беҳтар навишта наметавонам, вале аз онҳо сусттар навиштан намехоҳам. Бинобар он барои бачаҳо силсилаи шеърҳои «Бачагони Ҳиндустон»-ро навиштам.

Ин гап ба Николай Семёнович писанд омад.

— Инчунин,— илова кардам ман,— ба муносибати конференцияи нависандагони Осиёву Африқо маҷмӯаи шеърҳои Муҳаммад Иқболи Лоҳуриро ба чоп тайёр карда будам. Ба наздикӣ дастраси хонандагон гардид.

— Аз ин пеш дар Тоҷикистон Иқболро медонистанд?

— Иқбол барои Тоҷикистон бозъёфти нав аст,— ҷавоб додам ман.

— Аммо дар Ҳиндустон, махсусан дар Покистони имрӯза Иқбол шӯҳратманд аст. Шеърҳои Иқболро ҷавонон, бесавод бошанд ҳам, аз ёд медонанд, месароянд.

Дар суҳбате яке аз ҳозирон гуфт, ки «Муҳаммад Иқбол ҳамдиёри ман аст. Вай дар Фаранг хондааст ва тамоми ҳикмати ҷаҳониро аз худ кардааст. Иқбол овози халқи мост. Вай ватани моро диёри покон, яъне Покистон номид. Худи ман таронаҳои бисёри ӯро аз ёд медонам. Дар рӯзҳои ғаму шодиям онҳоро мехонам. Аз боғи ӯ ниҳоли гули садбаргеро дар баландии шаҳр кӯчат кардам. Атроф аз он муаттар аст. Қасе бо нияти бад ба он даст расонда наметавонад, зеро номи муқаддаси Иқбол нигаҳбони ӯст. Шохаи гулҳоро чунон буридаам, ки як гул аз гулҳои дигар болотар меистад, ин гули назм аст, бояд гули назм чун худи Иқбол сарбаланд бошад...».

Вақте ки ба баландӣ баромадем, буттаи гули садбарг аз дур намоён шуд ва гулҳои он бо чеҳраҳои шукуфон моро пешвоз гирифтанд. Дар ҳақиқат, гул, гули сари сабад, аз дигар гулҳо, намоёнтар буд.

Дар паҳлуи буттаи садбарг дуру дароз ба рӯи сангҳо нишастем ва боз дар ҳаққи Иқбол суханони ширини бисёре шунидем. Дар охир ҳамсуҳбати мо гуфт, ки «Дар вақти талабагиам шеърнависиро машқ мекардам, вале сарбози ватан шудам. Хоҳиши падару модар ва хешовандонам ҳамин буд. Лекин ҳамеша, чи дар рӯзҳои муҳориба ва чи дар рӯзҳои амонӣ, Муҳаммад Иқбол бо ман буд ва зӯру тавонам мебахшид...».

Николай Тихонов ба назди оина омада:

— Худоё,— гуфт,— ришам расидааст-ку! Ҳозир ман риш мегирам, баъд камтар гардиш мекунем.

— Ба сартарошхона равем? — пурсидам ман.

— Ман худам ришамро мегирам, набошад аҷдодонам меранҷанд.

— Барои чӣ?

— Охир падарам косиб буд, сартарошӣ ҳам мекард. Модарам хайёт. Бибиям хизматгори граф Шереметьев будааст.

Ҳангоми аз Тоҷикистон рафтан Николай Семёнович ба саҳифаи аввали китобчаи худ, ки ба ман бахшида буд, навишт: «...Хотираи неки рӯзҳои наҷиби октябри с. 1958».

— Шарқро,— гуфт ӯ,— аз дувоздаҳсолагӣ меомӯхтам. Лекин дар бораи чунин Шарке, ки он Тоҷикистон



аст ва ман имрӯз ӯро бо чашми худ мебинам, дар он солҳо ҳатто сухан ҳам намерафт... Тоҷикистон Шарқи нав аст, он Шарқест, ки аҷдодони шумо орзу мекарданд...

Соатҳои даҳи шаби зимистони хунук аз Хонаи кино, ки дар тангкӯчаи ба номи Васильевский, 13, воқеъ аст, мо се нафар — Николай Тихонов, духтархондаш Варвара ва ман пои пиёда ба тарафи хонаи Тихонов раҳсупор шудем. Сабаби пиёдагардии мо на аз он буд, ки нақлиёт надоштем. Ҳама чиз муҳайё буд. Лекин Николай Семёнович пиёдагардиро дӯст медорад, «махсусан дар чунин ҳавои софу хунук,— мегӯяд вай,— савора гаштан ҷиноят аст».

...Қабинети кории Николай Семёнович — як хонаи оддиест, ки бо миз, курсии роҳат, ҷевони китоб, шкафи ҳадяҳо, суратҳои таърихӣ оро дода шудааст. Болои миз мактубҳои бисёре истодаанд, ки ӯ ба рӯи конвертҳо ё «ҷавоб фиристода шуд» ё «аз фалонӣ пурсида шавад» ё худ аломати суол гузоштааст.

Николай Семёнович котиб надорад. Ба аксарияти мактубҳо худаш ҷавоб менависад: «ин гуна мактубҳо,— мегӯяд Николай Семёнович,— аз тамоми гӯшаю канори мамлакати мо, аз мамлакатҳои социалистӣ ва ғайрисоциалистӣ меоянд ва ба ҳар яки онҳо ҷавоб навиштан лозим меояд. Азоб лекин бе он худамро ятим, яккаву танҳо мешуморам. Ғайр аз ин, дар ҳар мактубягон чизи барои ман нав ҳаст...».

Мо интизори омадани Эшонтӯраева будем. Вале аз вай дарак набуд. Билохир Николай Семёнович ба соат нигоҳ карда «дигар интизор шудан мумкин нест, бевақт шуд» гуфта, ба хӯроки шом таклиф кард.

Ҳамин дам меҳмон расида омад. Хост узрхоҳӣ кунад. Лекин Николай Семёнович намонд.

— Агар мардон дер кунанд,— гуфт,— гапи дигар, лекин барои занҳо дер кардан назокат аст...

Мария Константиновна, қайд кард, ки ин суханонро танҳо аз забони ҳамсолони Николай Семёнович шунидан мумкин аст. Ҳозир муҳаббат, муомила, рафтори ошиқу маъшуқ дигар шудааст. Баъд ба ман рӯ оварда гуфт:

— Боре Мирзо дар омади гап шикоят кард, ки шеърҳои лирикӣ дар солҳои охир қариб дида намешаванд. Коля чӣ тавре ки дар маърӯзаҳо баён мекунанд, сабаб мегуфт. Лекин ман фаҳмондам, ки яке аз сабабҳо он

аст, ки пештар ошиқон барои дидори рӯи маъшуқа ҳафтаҳо ва моҳҳо сарсон мешуданд. Падарону духтаронашонро иҷозат намедоданд, ки бо ошиқони худ рӯ ба рӯ шаванд. Барои ҳамин ҳам ҳар як шеъри лирикӣ бо хуни дили ошиқу маъшуқа навишта мешуд. Ба Мирзо ин хулосаи ман писанд омад.

...Николай Семёнович, ки нисфи ҷавониашро дар Қавказ гузарондааст, ҳунари соқигиро хуб аз худ кардааст.

Вай қадаҳ бардошта ба назди Эшонтӯраева омад ва рост истода гуфт:

— Азизам, Соро, яке аз мадрасаҳои Самарқандро ба Бибихонум нисбат медиҳанд. Лекин хизмати Бибихонум танҳо дар он буд, ки фармон медод ва дар охир ба устое, ки саркор буд, иҷозат дод, ки аз рухсори гулгунаш бибӯсад. Аммо хизмати шумо дигар ва бузургтар аст, шумо бо ҳамин дастони нозуки худ қасри тавонои санъати Ӯзбекистони Советиро бино кардаед, он касрест, ки ҳеҷ чиз онро вайрон карда наметавонад.— Пас ба мо рӯй оварда суханашро давом дод: — Ман аминам, ки ин устоди бузурги гулдаст ба ман иҷозат медиҳад, ки аз рухсори гулгунаш бӯса гирам...

Шура, чун ҳар дафъа бо узр палави серравғанро оварда болои стол гузошт. «Ман медонам, палави ман пухтагӣ дар назди он палавҳое, ки дар Тошканду Душанбе мепазанд, ҳеҷ аст, лекин дар Москва ҳамин мешудагист», гуфт ӯ.

Шура, аз рӯи ҳикояи худаш, дар солҳои ҷанг бо ду духтараш, ки ҳоло ҳардуяшонро Николай Семёнович ба духтархондӣ қабул кардааст,— дар Сталинобод, дар фуромадгоҳи кӯчаи Путовский зиндагӣ мекардааст ва дар ҳамин ҷо палавпазиро ёд гирифтааст. Аз палавпазиаш аён аст, ки устоди ӯ палави равғанину сергӯштро дӯст медоштааст...

Аз палав ба чою ширинӣ гузаштем. Лекин сӯҳбат хеҷ интиҳо надошт. Соат чори шаб буд. Агар Мария Константиновна мудохила намекард, кӣ медонад, ки Николай Семёнович моро то кай нигоҳ медошт.

Ҳанӯз пеш аз ба Берлини Ғарбӣ рафтанам бо Николай Семёнович Тихонов вохӯрда будам. Вай хоҳиш кард, ки вақте аз сафар бармегардам, наздаш омада, аз сафари худ ҳикоя кунам. Ҳамин тавр ҳам кардам.



Дар яке аз рӯзҳои моҳи май бо духтарам Заррина ва ҷиянам Давлат дар Переделкино меҳмони Тихонов будем.

Рӯзи офтобӣ буд, чунин рӯзҳо дар фасли баҳор барои москвагиҳо «неъмати илоҳист». Дачанишинҳо дар чунин рӯзҳо ба боғчакорӣ машғул мешаванд.

Николай Семёнович бо аҳли оилааш бо шавқу завқ машғули заминканию гулшинонӣ буд.

Мария Константиновна гулбоз аст. Дар ҳавлии ӯ навъ ба навъ гулҳоро дидан мумкин аст. Барои вай аз ҳар мамлакат тухми гул мефиристонанд. Вай се сол пеш бароям тухми гули лолаи кӯҳӣ фиристод. Дар мактуб навишта буд, ки ин тухми гули лолаи Қавказ аст, ки то тирамоҳ гул мекунанд. Гулҳоро коридам, рӯиданд, вале чи шуд, ки баъд аз чанде пажмурда шуданд. Вақте ки ин қиссаро ба ӯ гуфтам, оромона «гулбозӣ ҳам санъат аст»,— гуфт.

Николай Семёнович моро дида бо овози баланд эълон кард: «Меҳмонон омаданд, акнун танаффуси калон эълон кунем ҳам, мешудагист!».

Вале бар хилофи хоҳиши ӯ мо остинҳоро барзада ба кор сар кардем. Давлат замин побел мекард, Зарринаю Мария Константиновна гул мешинонданд, ману Николай Семёнович сӯҳбаткунон бо корд аз чӯбчаҳо гулпояҳо тайёр мекардем. Шура ба ошхона рафт.

Дар давоми кор ман аз сафари худ ба Берлини Ғарбӣ мухтасар ҳикоя карда изҳор намудам, ки аз сафари худ хурсандам, ду Берлинро дидам, аз бисёр чизҳое, ки хабар надоштам, бохабар шудам.

...Аз нав сухан аз гулу гулбозӣ ба миён омад.

Мария Константиновна кори Зарринаро дида:

— Коля,— гуфт бо ваҷд,— ин Заррина гулкори ҳақиқӣ будаст!

— Ҷӣ ҷои таааҷҷуб,— гуфт Николай Семёнович.— Дар Шарқ магар чунин касонеро, ки гулу булбулро напарастанд, ёфтан мумкин аст? Махсусан дар ватани Заррина.

— Барои ҳамин ҳам,— гуфтам ман,— як замоне назми мо қариб гулу булбулистон шуда буд.

— Дар назми Шарқи Советӣ як табаддулоти аҷибест. Акнун гулу булбул гулистонро зинат медиҳанд, аммо назмро ҳаёти реалӣ бо тамоми зебоии худ оро дода истодааст, ин хело хуб аст.

— Вале мунаққидони Ғарб моро таъна карда истодаанд, ки гӯё анъанаи назми классикиро фаромӯш карда истодаем...

Мария Константиновна ва Заррина ҳам корро анҷом дода ба сӯҳбати мо ҳамроҳ шуданд.

— Ин гапҳо ҳама барои авомфиребист. Онҳо на парвои анъана доранду на парвои санъат, барои онҳо пеш аз ҳама пул лозим аст,— гуфт Николай Семёнович ва баъд чизе ба хотираш омадагӣ барин мутаҳайир ба Заррина рӯй оварда воқеаи аҷиберо ҳикоя кард.

— Заррина, ин воқеаи аҷибро барои ту ҳикоя мекунам. Мо меҳмони шаҳри қадим — шаҳри Офтоб Гелполис будем. Хориҷиёне, ки ба ин шаҳр меоянд, пеш аз ҳама ба тамошои харобазори Баалбек,— маъбади Гелполиси бостонӣ мераванд. Мо ҳам фурсат ёфта ба тамошои он рафтем. Он рӯзҳо Баалбек аз санъаткорони соҳаи кино пур буд. Онҳо, аз рӯи гапашон қиссаи хело аҷиберо ба лента мегирифтанд. Қаҳрамони асосии фильми оянда духтараки соҳибҷамоле буд. Ду кас аз қафояш чун соя мегаштанд. Яке камбағалнамо буд, сонӣ фаҳмидем, ки шавҳараш будааст ва дуюмӣ режиссеёри фильм буд, дурусттараш режиссёри ҳақиқӣ, каси дигар буд. Ин кас сармоядор буда, фильм ба пули ӯ тайёр мешуд. Номи фильм «Шаш сутун».

Шахсе ки барои фильм пул сарф мекард, даъвои файласуфӣ дошт. Аз рӯи ақидаи ӯ дар мамлакатҳои социалистӣ санъат кӯҳна шудааст ва аз ӯҳдаи он вазифаи муқаддасе, ки ҳаёт бар зиммаи ӯ гузоштааст, баромада наметавонад. Навакак дар бораи анъана сухаиронӣ кардем, лекин вай мегӯяд, ки гузашта кӯҳна ва фарсуда шудааст ва бар дӯши мо бори гаронест, ҳар қадар зудтар аз вай халос шавем, барои мо ҳамон қадар беҳтар аст. Ҷаҳон, мегӯяд, бояд аз паи одаме қадам гузорад, ки вай ҷӯянда бошад, танҳо ба имрӯз боварӣ дошта бошаду бас. Санъаткорон бояд ба хубӣ ҳис карда бошанд, ки санъат ба ғайр аз кинову телевизиону радио, мурда истодааст...

Мо ин сафсатаҳои «файласуфи» бесаводро шунида бо киноя ба ҳамдигар чашмакӣ мезадему механдидем, вале вай ба мо аҳамият надода мелақид. «Кино, телевизион, радио,— мелаққид вай,— наҳанги афсонавианд, ки тамоми тасаввуроти инсониро дар бораи олам ва муҳити он бар дӯши худ бояд бардоранд. Дигараш бигузор дар ихтиёри туристон монад. Бигузор он кунҷковон тамошо карда «оҳ чи аҷоиботи бостонӣ, оҳ чи асрори кашфнашудае!» — гуфтан гиранд...».

Яке аз мо, ки рассом буд, бетоқат шуда:

— Як дам истед,— гуфт,— шумо тараққиёти иҷтимоиро фаромӯш кардаед, ки дар натиҷаи паҳн шудани дониши оммавӣ дар инсон ҳисси зебоӣ ва назокат бештар тараққӣ мекунад. Пас, магар гузаштаро, ки пояи имрӯзаро гузоштааст, фаромӯш кардан мумкин аст?...

«Файласуф» бепарвоёна даст афшонда, гуфт:

— Паҳн шудани дониш! Оре, баъд аз чанде одамон ба Моҳ мебароянд, сарвати онро соҳиб мешаванд, вале дар ин ҷо, дар рӯи Замин миллионҳо бесаводон чун пештара дар ғами онанд, ки ҳаёташон беҳ ва шикамашон сер мешавад... Ними дунъё гушнаву ними дигараш сер. Ҳамаи гадоён ва ғуломоне, ки Баалбекро сохта буданд, ба беҳбудӣ умед мебастанд ва ҳамаи онҳое ҳам, ки имрӯз дар Лубнон гушнаву ташнаанд, орзуи беҳбудӣ доранд. Ҳамин тавр буд, ҳаст ва мемонад.

— Пас ҷаро шумо дар ин ҷо ҳастед? Ҷаро шумо маҳз дар ин ҷо фильм гирифта истодаед? — пурсидем мо.

«Файласуф» сигаретро даргиронда қуллоб кашид ва оромона ҷавоб дод:

— Фильм? Фильм пул аст. Фильмҳое ҳастанд, ки маънӣ доранд, вале дилбазан, он гуна фильмҳо зуд аз миёна мераванд, чунки ба тамошобин писанд нестанд. Шумо фаҳмидан намехоҳед, ки инсоният аз ҷанг, фалокатҳо, инқилобҳо хастаю монда шудааст, тарсу ваҳм ӯро буғӣ карда истодааст. Барои ҳамин вай лаҳзае бошад ҳам, дам гирифтан мехоҳад.

Яке аз ҳамроҳонам:

— Бо мазмуни фильми шумо,— гуфт,— ошноям, сар то по сафсата!

«Файласуф» оромона ҷавоб дод:

— Тамоми дунё — маҷмӯаи сафсатаҳост. Инсон яккаву танҳост, барои ҳамин ҳам вай парокандашавӣ, шикастхӯрӣ ва бесарусомониро табрик мекунад, чунки мехоҳад худро аз ғами дунё озод ҳис кунад! Дар ҷаҳон ҳазорҳо фильм бароварда мешавад ва ҳамаашон ба он равона шудаанд, ки инсонро аз гузашта дар ғафлат мононанд, гузашта гунаҳкор ва сабабгори ҳамаи бадбахтиҳо аст.

Баъд «файласуф» фильмҳои советиро танқид кардан гирифт. Гӯё яке аз нуқсонҳои фильмҳои советӣ дар он бошад, ки сиёсатолуд шудаанд. Дар охир бо ифти-

хор гуфт, ки ӯ аз ғоя дур аст ва мекӯшад, ки аз он дуртар истад, ба ӯ пул даркор аст.

Николай Семёнович ба мо нигариста:

— Ана,— гуфт,— дидед ҳамаи ҷанҷол дар сари пул будааст!

Хоҳиш намудем, ки Николай Саменович моро ба мазмуни фильми мазкур ошно кунад.

— Барои фаҳмидани мазмуни фильм,— гуфт Николай Семёнович,— аз таълимоти метампсихоз, каме бошад ҳам, бохабар будан лозим аст. Аз рӯи ин таълимот, одам ки ба таълимоти дини буддой наздик аст, одам ки мурд, ҷонаш ҷаҳонгард мешавад. Чун мурғи аз қафас озодшуда мекӯшад, ки аз нав гирифтори қафас нашавад. Ҳамин тавр шудан мумкин, ки ҷони аввала ба тани муосир дароянд.

Воқеае ки дар ин фильм нишон доданӣ мешаванд, тахминан чунин аст: духтареро дарди сар азоб медиҳад, дар хоб мамлакатҳои бегонаро, ки пур аз сутунҳо ва худоҳо ҳастанд, мебинад. Хешовандонаш гумон мекунанд, ки духтарак танбалӣ мекунад, хондан намехоҳад ва барои ҳамин ҳам дурӯягӣ мекунад.

Лекин духтарак соҳибистеъдод аст. Аҷибаш ин, ки ҳар чизеро, ки гирифтанӣ шавад, он чиз худаш ба назди ӯ меояд. Гоҳо мехоҳад, ки пиёларо гирифта чой нӯшад, пиёла худаш ба назди ӯ меояд, духтарак метарсад, агар пиёларо тела доданӣ шавад, пиёла афтида мешиканад..

Билохир донишманде аз ин воқиф гашта, духтарро меомӯзад. Пас аз чанде муқаррар мекунад, ки дар тани ин духтарак ҷони коҳиндухтари фавтидае, ки аз ашрофзодагон будааст, даромадааст. Барои исботи кашфиёташ пули бисёре лозим мешавад. Миллионери ҷавоне, ки барои айшу ишрати худ аз ҳеҷ чиз рӯ намегардонад ва тайёр аст, ки тамоми давлати худро барои он қурбон кунад, ба олим дасти ёрӣ дароз мекунад. Пул медиҳад, бо духтар шинос мешавад, муҳаббат пайдо мекунад. Назди дӯстон худситоӣ мекунад. Охир ҳазл не. Коҳиндухтари дунёи қадим ва илова бар он соҳибҷамол. Лекин духтаракро чун аввала дарди сару хобҳои парешон азоб медиҳанд.

Аз рӯи хулосаи донишманд соҳиби ҷони духтарак як вақтҳо дар маъбади Офтоб дар Гелпополись зиндагӣ мекардааст, бинобар он таклиф мекунад, ки духтаракро ба зудӣ ба он ҷо баранд, шояд вай ватани



худро шинохта, аз азобҳои ҳаррӯза халос шавад. Ана ҳамин!

— Тақдири фильм чӣ шуд?

— Тақдири фильм? Он касе, ки даъвои философӣ мекард, қаҳрамони соҳибҷамоли фильмро гирифта гурехтанӣ мешавад. Шавҳари духтарак ӯро метарсонад, ки тамоми бадкирдориҳои гузаштааш ба полиция аён аст ва барои ӯ қабр ҳам тайёр кардаанд... Моссаре, ки гузаштаро ҳеҷ ҳисоб мекард, барои ҷиноятҳои гузаштааш номаълум мегурезад.

Ана ҳамин тавр хоинон ва ҷинояткорон идеолог шуда, мехоҳанд дунёи кӯҳнаву фарсударо аз шикасти қонунӣ наҷот диҳанд.

Аввали соли ҳазору нӯҳсаду ҳафтодум, баъд аз Конференцияи комитети советии садоқатмандии Осиёю Африқо бо Николай Семёнович мувофиқи хоҳиши ӯ ба хонааш рафтем. Чун ҳарвақта то соатҳои се нишаста сӯҳбат кардем.

Николай Семёнович хело хурсанд буд, ки дар Душанбе доир ба масъалаҳои имрӯзаи адабиёт Симпозиуми нависандагони форсизабони дунё гузаронда шуд.

Ман ҳикоя кардам, ки барои онҳое, ки аз мамлакатҳои Эрону Афғонистону Ҳиндустон бори аввал меҳмони мо мешаванд, Тоҷикистон ба қавли худашон, як кашфиёти аҷибе буд. «Дар бораи он ки,— мегуфтанд онҳо,— аҳволи моддӣ ва маишии меҳнаткашони тоҷик дар замони советӣ борҳо беҳтар шудааст, мо ҳеҷ шубҳае надоштем, лекин дар бораи маданияти ин халқ, забону адабиёти он моро нодуруст маълумотҳо медоданд ва афсӯс, ки мо кӯр-кӯрона бовар мекардем. Хело хурсандем, ки ба ин ҷо омадем, ҳамаро бо чашми худ дидем. Дигар моро касе фиреб дода наметавонад...»

— Онҳо,— пурсид Николай Семёнович,— бо ҷавонон вохӯрӣ доштанд?

— Чандин бор! Шеърҳои ҷавононро гирифта ҳамроҳ бурданд ва дар матбуоти мамлакати худ чоп карданд. Ҷавонҳои мо, пояҳои устувори адабиётанд.

Николай Семёнович, каме фикр карда:

— Ба сарам як фикри аҷибе омад,— гуфт Николай Семёнович.— Дар вақти тайёрӣ ба анҷумани якуми Умумиттифоқии нависандагон мо маҷмӯаи шеърҳои шо-

ирони Гурҷистонро ба забони русӣ ба табъ расонда, ба анҷуман ҳадья кардем. Ҳадьяи хуб буд! Чаро шумо ин корро карда наметавонед?

— Метавонем!

— Ҳамин гапро аз номи ман ба Мирзо расон, ман боварӣ дорам, ки ин ба вай маъқул мешавад.

Вакте ки хоҳиши Николай Семёновичро ба Мирзо Турсунзода расондам, вай Президиуми правленияи Иттифоқи нависандагонро даъват намуд. Дар бораи ба чоп тайёр кардани маҷмӯаи шоирони ҷавон қарор қабул кардем ва аз ташаббускори он Николай Семёнович хоҳиш кардем, ки ба он сарсухан нависад. Николай Семёнович ин хоҳиши моро бо камоли майл қабул кард.

Маҷмӯа дар муҳокимае, ки дар Иттифоқи нависандагони СССР гузаронда шуд, баҳои хубе гирифт.

Николай Тихонов маро дида гуфт:

— Шеърҳои шоирони ҷавони Тоҷикистонро бо ваҷду ҳаяҷон хондам .Офарин ба тоҷикон, ки байрақи назми зебои худро баланд бардоштаанд.

* * *

Дар яке аз рӯзҳои анҷумани панҷуми нависандагони СССР Николай Семёнович Мирзо Турсунзода, шоири Латвия Валдис Лукс ва маро ба хонаи худ бурда гуфт:

— Дар ин дақиқаҳо, ки шумо, наздиктарин дӯстонам, маро бо қудуми худ сарфароз кардаед, хонаам равшан, васеъ, зеботар менамояд.

Валдис Лукс изҳор кард, ки яке аз беҳтарин хислатҳои неки Николай Семёнович он аст, ки вай ҳамеша хушҳол аст, ҳатто дар мушкилтарин дақиқаҳо ба яъс тан намедиҳад.

— Мероси ягонае, ки ба шумо дӯстонам мемонам ҳамин аст,— гуфт ҷавобан Николай Семёнович.

Ман дарҳол:

— Ҳоло,— гуфтам,— шумо ҷавон ҳастед ва дар бораи меросгузорӣ гап задан барвақт аст.

— Бешубҳа! — гуфт Николай Семёнович.— Мана, дар рӯзҳои наздик ба шаби эҷодии Мирзо, ки ба муносибати шастсолагиаш гузаронда мешавад, раисӣ мекунам, вале бо ин кор ба охир намерасад, дар рӯзи ҳафтодсолагиаш ҳам худам раисӣ мекунам!



# ЛАҲЗАИ ФАРОМӮШНАШАВАНДА

*...бо дили мурда ба бачагон асар навиштан ҷиноят аст. Нависандаи бачагон бояд зиндадил бошад. Рақс ба ман ҳамеша илҳом мебахшад.*

*ҚОРНЕЙ ЧУКОВСКИЙ.*

Дар хонаи эҷодии нависандагон «Переделькино» дам мегирифтаму кор мекардам.

Ҳар саҳар баъди наҳор дар ҳуҷраам нишаста, «коғазҳои сафедро сиёҳ мекардам», лекин ба қавли Иқбол «кирми шабтоб аст шоир дар шабистони вуҷуд, дар паруболаш фурӯғе гоҳ ҳасту гоҳ нест». Ин саҳар ҳар қадар кӯшидам, фикрамро ба як ҷо оварда натавонистам. Билохир қаламу коғазро дар ҷояшон монда, ба назди Ҷалол Икромӣ, ки дар бинои рӯ ба рӯям истиқомат мекард, равон шудам. Дар роҳ аз ҳамсоягони Ҷалол Икромӣ фаҳмидам, ки вай барои дароз кардани мӯҳлати варақаи истироҳатиаш ба шаҳр, ба идораи «Фонди адабӣ» рафтааст. Чизе нагуфта дари панҷараро кушодаму ба кӯчаи «Серафимович» баромадам. Аз дур шахси қоматбаландеро дидам, ки дар тан боронӣ, бар сар кулоҳи хокиранге дошт, ки лапари пахнаш аз барфу борон қолиби аслиашро гум кардааст. Ман ӯро шинохтам. Ин шахс Корней Иванович Чуковский буд, ки аз дасти духтараки се — чорсола дошта сӯҳбаткунон оромона қадам мезад. Ман беихтиёр ба истиқболаш равон шудам. Дилам гум-гум задан гирифт. Бесабаб набуд. Қайҳо боз бо ин шахси бузург вонахӯрдаам, ҳикояҳои завқовару ширинашро аз забони худи ӯ нашунидаам.

Корней Иванович бо табассуми ба худ хосе аз ман

чашм наканда, суръати қадаммониашро тезонд. Аз афташ, ӯ ҳам маро шинохт. Чун наздик омад, салом додам. Корней Иванович даст ба сӯям дароз карду хурсандона фарёд зад:

— Худоё, наход ки ин ту бошӣ?!

Якдигарро оғӯш карда бӯсидем, духтарча бо ҳайрат ба сӯи мо менигарист. Ман ӯро сари даст гирифта ва пурсидам, ки чаро ҳайрон шуда мондӣ? Духтарак ҷавоб надод ва чун аввала бо ҳайрат афту башарааммо аз назар мегузаронд. Ба ҷои ӯ Корней Иванович ҷавоб дод:

— Туро дида ҳайрон шуда мондам, ки дар «хиёбони классикҳо»[1], ин қоматбаланди дуюм аз куҷо пайдо шуд. Охир ҳеҷ мумкин не, ки сояи ман аз ман ин қадар дур афтида бошад.

Ҳазлу шӯхиҳо ва чеҳраи хандони Корней Ивановичро дида боварӣ ҳосил кардам, ки дили ин пири кӯҳансол чун пештара ҷавон ва қавист.

— Ба гумонам бори охирин дар нашриёти адабиёти бачагон якдигарро дида будем,— гуфт Корней Иванович ва бачагона хандида бо овози баланд пурсид: — Боб кардам-а?

— Дар ҳақиқат, боб кардед! — тасдиқ намудам ман.

— Рӯзи дигар бо телефон муҳаррирҳоро хуб сарзаниш кардам. Баъзеҳо ҳастанд, ки одам карданашон душвор аст... Ба худо, ки душвор аст!

...Чанд сол пеш нашриёти «Детская литература» маҷмӯаи шеъру достонҳои маро аз чоп бароварда буд. Ба Москва омадаму фурсатро ғанимат донистa як сари қадам ба идораи нашриёт рафтам. Дар он ҷо ба ман гуфтанд, ки соати се омада ҳаққи қаламамро гирам.

Ман хурсанд шуда рафтам. Вақте ки дар соати се ба нашриёт омадам, навбати калонеро дида ҳайрон шудам. Ду-се нафар муаллифон, ки аз ҳама охир истода буданд, «аз афташ имрӯз навбат ба мо намерасад, беҳтараш пагоҳ биёем» гуфта, баромада рафтанд. Ман ҷои онҳоро гирифтам.

Дере нагузашта овози Корней Иванович ба гӯшам расид, ки мегуфт: «Худоё, чи ҳодисае дар ин ҷо рӯй додааст!». Ҳозирон вонамуд карданд, ки на садои ӯро шунидаанду на худашро дидаанд. Вай ҳам ба касе на салом доду на қасеро ҳолпурсӣ кард. Бар китфам зада пурсид:

---

[1] Кӯчаи Серафимовичро пеш ҳамин тавр меномиданд.



— Аз афташ ту аз ҳама охир ҳастӣ?

— Бале,— гуфтам ман.

Дастони якдигарро фушурдем. Баъд аз ҳолпурсӣ Корней Иванович:

— Аз эҳтиёт,— гуфт,— рафта фаҳмидан лозим аст, ки дар ин ҷо истодан меарзад ё не?

Сипас Корней Иванович ба назди бухгалтер даромад ва дуру дароз бедарак шуд. Билохир дар нимроғ шуду нисфи рӯи Корней Иванович намуд ва овози баландаш ба гӯшам расид:

— Азизи ман, Миршакар, ману ту беҳуда вақтро сарф мекунем. На ба ман пул ҳасту на ба ту. Агар бовар накунӣ, марҳамат, худат даромада бин.

Ман дар фикр афтодам, ҳамин дам Корней Иванович аз дастам дошта ,маро ба назди бухгалтер даровард.

Бухгалтер аз ҷо ҳеста, дасти маро фушурд ва меҳрубонона ба нишастан таклиф кард. Ман беихтиёр нишастам ва чун дидам, ки Корней Иванович рост истодааст, «беадабӣ шуд» гуфта зуд аз ҷо ҷастам ва хоҳиш намудам, ки нишинад. Лекин Корней Иванович хоҳиши маро рад кард.

— Ташвиш накаш,— гуфт,— ман нав дар он ҷо нишаста будам, акнун навбати ту...

Рӯи стол пули бисёре ва қаламу қоғаз истода буд. Сарбухгалтер варақаеро ба наздам монда:

— Марҳамат имзо кунед,— гуфт ва баъд узр хост, ки муҳаррирон ӯро огоҳ накардаанд. Онҳое, ки аз роҳҳои дур меоянд, мувофиқи тартибот, ҳаққи қаламашонро бе навбат мегиранд.

— Дар оянда, дӯсти ман, агар корат ба нашриёт афтад, рост ба назди ҳамин кас медароӣ! — фаҳмонд Корней Иванович. Мо ба варақаҳо имзо монда, ҳаққи қалами худро гирифтему рафтем.

Баъд аз ин дигар бо Корней Иванович вонахӯрда будам. Вақте ки ба Переделкино омадам, ният доштам, ки фурсат ёфта ба наздаш медароям. Хушбахтона, ин саҳар тасодуфӣ бошад ҳам, ба муродам расидам.

...Корней Иванович духтаракро нишон дода бо қаноатмандӣ изҳор кард:

— Ба гумонам, чун ман хушбахтоне, ки дар тӯи арӯсии набераю абераҳояшон рост истода хизмат кунанд, хеле каманд.— Ба ман нигариста пурсид: — Фарзандонат бисёр будагист? Шарқиён дар ин масъала пешқадаманд!

Ман фаҳмондам, ки давраи ҷавонии ман дар сағирхона, мактаб, иштирок дар сохтмонҳои колхозӣ, роҳсозӣ, наҳрбарорӣ, ҳарбӣ, Ҷанги Ватанӣ гузаштааст ва ҳамаи ин имконият надод, ки барвақттар оиладор шавам ва шарқӣ будани худро исбот кунам. Падарам дар чиҳилсолагӣ вафот карда бошад ҳам, 9 фарзанд дошт. Ман аз панҷоҳ гузашта бошам ҳам, чор фарзанд дораму халос.

— Боз чӣ мехоҳӣ? Чор фарзанд ҳазл не! — гуфт бо завқ Корней Иванович ва баъд бо ҷиддият илова кард: — Соҳиби фарзанд шудан он қадар мушкил нест. Лекин онҳоро дуруст тарбия карда ба воя расондан душвор аст, бале, хело ҳам душвор аст. Падару модароне ҳастанд, ки фарзандонашонро танҳо дар хурдсолӣ, дар мавсими ширинзабониашон дӯст медоранд. Ҳамин ки калон шуданд, онҳоро фаромӯш мекунанд. Ман он гуна падарону модаронро, ки фарзанд барои онҳо чун зочаи зинда ва воситаи вақтхушиашон бошад, маҳкум мекунам. Афсӯс, ки ин гуна падару модарон дар байни нависандагон ҳам ҳастанд. Онҳо чунон саргарми бачаи навзабонбаровардаи худ мешаванд, ки ҳар як сухану мушоҳидаи бачагонаи ӯро менависанд ва мекӯшанд, ки дар матбуот ҳам чоп кунанд. Дар газетаю журналҳои музофотӣ ин гуна «эҷодиёт» гоҳ-гоҳ чоп мешавад: «Дар хона тобистон, дар яхдон зимистон», «оча, гуфтӣ, ин дарро накушо, сармо медарояд, ман дарро кушодам, аммо ҳеҷ кас надаромад!..» ва ғайра... Завқовар, вале ҳамаи онҳо дар бораи бачаанд, на барои бача...

Ман суханони ӯро қувват дода гуфтам, ки ин гуна «асарҳо» дар матбуоти мо ҳам гоҳ-гоҳ чоп мешаванд.

Корней Иванович хандиду гуфт:

— Бадбахтӣ дар он аст, ки баъзеҳо ин суханонро аз газетаю журналҳо бардошта ба фарзандони худ нисбат медиҳанд.

Баъд аз «гилаву шикоятҳои» эҷодӣ Корней Иванович пурсид:

— Аз кай боз дар ин ҷой?

— Рӯзи панҷум аст,— ҷавоб додам ман.

— Ай, ай, ай...— ранҷида гуфт Корней Иванович,— наход, ки ин қадар рӯз дар ин ҷо бошию ҳар шому саҳар аз кӯчаи мо гузарию як бор ба сӯям нанигарӣ. Ростӣ ки маро ранҷондӣ, сахт ранҷондӣ!

— Маро, мебахшед, устод, бо шумо вохӯрдан барои ман шарафи бузургест. Аз ҳамон рӯзе, ки дар ин ҷоям, фикру зикрам банди вохӯрӣ бо шумо буд, лекин ҷуръат карда натавонистам. Охир...

— Азизи ман, беҳуда худро сафед накун. Ту нисбат ба ман ҳоло ҷавон ҳастӣ, эҳтимол ҳамсинни писарам бошӣ, дар мӯйҳоят ҳанӯз сафедӣ нест. Вақте ки ба синнусоли ман расидӣ, сабаби ранҷидани маро хоҳӣ фаҳмид.

Дар дастам маҷмӯаи тарҷумаи шеърҳои устод Рӯдакӣ буд, кушодам ва ин ду байтро бо забони русӣ қироат кардам:

Ҳеҷ шодӣ нест андар ин ҷаҳон
Бартар аз дидори рӯи дӯстон
Ҳеҷ талхӣ нест бар дил талхтар
Аз фироқи дӯстони пурхунар.

— Акнун,— хоҳиш кард Корней Иванович — худи ҳамин байтҳоро ба забони модариат хон.

Ман хоҳиши ӯро ба ҷо овардам, вай бо завқ:

— Оре,— гуфт,— чи забони ширинест, забони форсӣ. Ҳатто Чернышевский бузург мафтуни ин забон будааст ва шеърҳои бисёри шоирони форсро аз ёд медонистааст. Ильяи марҳум (Илья — Қарл Львович Сельвинский) ҳар боре ки шеърҳои шоирони тоҷику форсро тарҷума мекард, ё маро ба наздаш мехост, ё ба наздам омада тарҷумаашро бо завқе мехонд. Росташ, ки ман ҳам лаззат мебурдам.

Корней Иванович маҷмӯаро аз дастам гирифта варақзанон гуфт:

— Рӯдакӣ! Одами бузурге буд. Чӣ ҷои сухан, аз ҳамон даме ки навъи башар аз ҳайвонӣ ба инсонӣ қадам гузоштааст, дар ҳар замон, дар ҳар маҳалли хурд ё бузург хирадманде буд, ҳаст ва хоҳад буд...

Боз сухан аз «дидори рӯи дӯстон» ба миён омад:

— Фадеев Александр Александрович,— гуфт Корней Иванович,— маҷлисро нағз медид. Соле набуд, ки сеҷор бор маҷлис даъват нашавад. Аз кор мемондем, лекин зарар накашидем. Ба маҷлис аз республикаҳо, кишвару вилоятҳои дуру наздик ёру дӯстон меомаданд ва бо ин баҳона ба дидори якдигар мушарраф мешудем. Дар солҳои охир тамоман хонанишин шуда мондаам. Намедонам ё маҷлисҳо тарафт кам шуда истодаанд, ё маро пир гуфта даъват намекунанд... Лекин ман, ба гумонам то ба он дараҷа пир нашудаам, ки ба маҷлисҳо

бе мошини Константин Воронько́в[1] рафта натавонам...

Корней Иванович бо чеҳраи хандон ва нигоҳҳои суоломез ба ман нигарист. Ман фикрашро тасдиқ кардам:

— Дар ҳақиқат,— гуфтам,— дар солҳои охир маҷлисҳо кам шудаанд, махсусан доир ба адабиёти бачагон.

Корней Иванович баъд аз фосилае оҳиста ба гӯшам гуфт:

— Агар истеъдод набошад, на маҷлис мадад расонда метавонаду на дастуруламали комиссияи доир ба адабиёти бачагон.

— Лекин,— эътироз кардам ман,— бо баҳонаи маҷлисҳо ба мо шогирдон муяссар мешуд, ки бо шумо барин устодони худ вохӯрем, сухан ронем, фикру мулоҳизаҳоятонро шунавем.

— Азизи ман,— гуфт Корней Иванович,— дар чунин маҷлисҳо одатан онҳое бисёртар ба минбар мебароянд, ки нотиқони шӯҳратманданд, аммо чун нависанда миёна хело ҳам миёнаанд. Умуман барои таҷрибаомӯзӣ маҳфилҳо ва шабнишинҳои хос беҳтаранд... Таври гузарондани маҷлисҳои эҷодиро ҳам агар дигар мекарданд, беҳтар мебуд...

Абрҳо оҳиста-оҳиста ба ҳар тараф парешон мешуданд, шӯълаи офтоби тобистонӣ, ки дар аввал форам менамуд, дар охир маҷбур кард, ки ҷои соянокеро кобем. Дар тамоми кӯча, ки дарозии он аз панҷсад метр зиёд нест, ҷои нишасти соядореро наёфта, беихтиёр ба ҳудуди хонаи эҷодӣ қадам мондем ва рафта дар сояи дарахте, ки паноҳтаре буд, нишастем.

— Аввал ту аз мо мегурехтӣ, ҳоло бошад мо аз ту мегурезем, кори аҷибе,— ба сӯи офтоб назар андохта гуфт Корней Иванович.

Духтарча аз қафои шабпаракҳо метохт. Мо сӯҳбатро давом медодем.

«Дардо, ки рози пинҳон хоҳад шуд ошкоро» гуфта, дар охири сӯҳбат аз устоди худ маслиҳат пурсидам.

— Корней Иванович, маро бубахшед, акнун ки аз доманатон доштам, ба осонӣ сар нахоҳам дод. Аз шумо маслиҳат, маслиҳати хело муҳими эҷодӣ гирифтан мехоҳам.

— Марҳамат, азизи ман, марҳамат. Ман ба ҳамаи дӯстон ва наздиконам ва шахсан ба худи ту ҳам мегӯям, ки синнусолам ба ҷое расидааст, ки ҳар дақиқаи ҳаётам ғанимат аст.

[1] Собиқ котиби правленияи Иттифоқи нависандагони СССР.



Дар ҳақиқат ҳар дақиқаи ҳаёти чунин одамони бузург қимат ва бебаҳост. То ҳадди имкон аз дониши онҳо истифода бурда ва бо ин роҳ ганҷинаи адабиёти сермиллати советиро сарватманд гардондан кори шарафнокест. Баъд аз вафот афсӯс хӯрдан ба он монанд, ки халқ мегӯяд,— муште, ки баъд аз ҷанг ёд ояд, бар сари худ бояд зад.

— Қисме аз осори шумо,— сар кардам ман,— ҳанӯз дар солҳои сиюм ба тоҷикӣ тарҷима ва нашр шуда буданд.

— Ин барои ман шараф аст, ки осори ман ба забони чунин ашхоси бузург чун Ҳофиз, ки ҳатто Гёте ба ӯ сари таъзим фуровардааст, тарҷума мешавад. Афсӯс, ки бо ин забон гап задан наметавонам.

— Нав шумо гуфтед, ки Чернышевский ба забони форсӣ озодона мехонд, на танҳо мехонд, балки менавишт ҳам. Як шеъри Анвариро, ки Чернышевский дар дафтараш бо хати форсӣ навиштааст, бо чашми худ дидам ва хондам, хеле босаводона ва зебо навишта шудааст.

— Мегӯянд, ки ҳатто забони насри форсӣ аз забони назми Ғарб ширинтар аст. Ман бовар мекунам... Марҳамат, гӯшам ба ту, гапатро давом деҳ.

— Ба наздикӣ яке аз шоирони мо «Доктор Айболит»-ро аз нав тарҷума кард. Мо тарҷумаи ӯро бодиққат хондем. Тарҷума нисбатан хуб ва мазмуни асар ба хубӣ нигоҳ дошта шудааст.

— Ин тавр ки бошад, бисёр нағз.

— Аммо оҳангдории он ҳис карда намешавад. Достон аз аввал то охир бо як вазн тарҷума шудааст. Ин вазн ба вазни шеърҳои халқии русӣ «По широкой мостовой» баробар меояд.

— Бо ин вазне, ки ту онро ном бурдӣ, ҳатто Пушкин достонҳо навиштааст. Ҳоло ҳам ӯ ҳуқуқи граждании худро гум накардааст. Лекин барои «Доктор Айболит» — танҳо ин вазн кам аст. Ту достонамро хондаӣ ва хуб медонӣ, ки дар он табиати ҳайвонҳо, оромӣ, ҳаяҷон ва изтироби онҳо бо вазну оҳангҳои гуногуни шеър дода шудааст. Ин аст, ки дар ҳар маврид вазну оҳанги шеър дигар мешавад.

— Чун симфония,— гапашро бурида гуфтам ман.

— Ана, ёфтӣ, чун симфония. Ин фикри хело аҷибе,— чун симфония! Достонҳои қадимӣ чун мусиқӣ аз аввал

то охир бо як оҳанг навишта мешуданд. Дар натиҷа шер ҳам бо ҳамон оҳанг гап мезаду рӯбоҳ ҳам... Ду сухан дар бораи тарҷумаи шеърҳои бачагона, махсусан он шеърҳое, ки барои хурдтаракон навишта шудаанд, ба ширинии забон ва оҳангдории он бештар аҳамият додан лозим меояд,— Қорней Иванович ба ман наздиктар шуда бар китфам такя карда гапашро давом дод: — Ту бояд донӣ, ки шеър навиштан кори ҳар кас ва осон нест, махсусан барои бачаҳо. Шоири бачагон бояд дорои завқи мусиқӣ ва ширинзабон бошад. Охир бача, ки хонандаи вай аст, сар то по, узв ба узв иборат аз мусиқист. Қофияву вазн эҷоди бачагон аст, ба ин ман боварии комил дорам.

Борҳо аз ман хоҳиш карданд, ки дар бораи чи тавр шоир шуданам умуман ва шоири бачагон шуданам хусусан чизе барои ҷавонон нависам. Ҳар боре баҳона меҷустам, вале дафъаи охирин розӣ шудам. Барои хотира ба шоирони ояндаи бачагон чизи хурде навиштаниам.

...Дар соли 1915 Максим Горький дар нашриёти худ шӯъбаи бачагон ташкил карданӣ шуд. Барои ин маро ба хизмат даъват кард. Ман розӣ шудам. Охири соли 1916 ва арафаи соли 1917 Горький таклиф кард, ки маҷмӯае баровардан лозим аст, ки таваҷҷӯҳи бачагонро ҳам ба худ афзуда тавонад. «Барои ин,— гуфт вай,— як достони завқовари бачагона лозим аст» ва навиштани онро ба гардани ман бор кард. Ман дар вазъияти баде мондам. То он дам барои бачаҳо чизе нанавишта будам ва фикри чизе навиштан ҳам надоштам. Лекин сухани Горькийро гардондан аз рӯи одоб набуд. Хушбахтона, як ҳодисаи тасодуфие рӯй дод, ки барои нависандаи бачагон шуданам сабабгор шуд.

Хабар омад, ки писари хурдиям касал шудааст. Лозим омад, ки рафта ӯро ба назди худ биёрам. Дар бозгашт бачаи касал ҳеҷ ором шуда натавонист, дод мезад, гиря мекард, ашк мерезонд, чи хостанашро на худаш медонисту на ман. Барои ором карданаш ҳар чи аз дасти ман омад, кардам, вале суде набахшид. Беихтиёр бо оҳанги гардиши чархҳои вагон ба ӯ афсона бофтан гирифтам. Аҷибаш ин ки кайҳо боз нияти ин афсонаро барои ӯ ба шеър гузаронидан доштам. Лекин ҳар қадар, ки зӯр назанам, илҳом намеомад. Оҳанги гардиши чархҳои вагон бошад илҳоми маро бедор карданд ва ман фикр накарда шеър мегуфтам.



Жил да был
Крокодил,
Он по улицам ходил.
Папиросы курил,
По турецки говорил,
Крокодил, крокодил, крокодилович...

Дар ин асно духтарак, ки саргарми шабпаракдорӣ буд, шеърхонии бобояшро чун шунид тозон омад, худро дар оғӯши ӯ партофт ва бо ишваи бачагона хоҳиш кард:

— Бобоҷон, такрор кунед, ман шунидан мехоҳам, ҷон бобоҷон...

Қорней Иванович хоҳиши ӯро рад накард, набераашро бар замин гузошта сабук аз ҷо хест ва бо рақс байтҳои зикршударо такроран хондан гирифт.

— Шумо рақс ҳам мекардед? — пурсидам ман.

— Набошад чӣ?! — гуфт Қорней Иванович ва фаҳмонд,— азизи ман, бо дили мурда ба бачагон асар навиштан ҷиноят аст. Нависандаи бачаҳо бояд зиндадил бошад. Ҳайрон нашав, рақс ба ман ҳамеша илҳом мебахшад.

Боре, дар соли 1923, ҳамин тавр шуд, ки тамоми оилаам беруни шаҳр рафтанд, ман танҳо мондам. Хело ҳам дилгир шудам. Чи тавр хурсанд карданамро надониста ба сӯи хона қадам гузоштам, ба умеде ки аз оилаам ягон кас омада бошад.

Вақте ки ба хона дохил шудам, касеро надидам, ғамам бештар афзуд. Баногоҳ бинам магасе худсарона ба хона даромада «соҳибхона» шудааст. Худи ҳамин ибора, ки магас соҳибхона шудааст, илҳоми маро ба ҷӯш овард. Зуд қаламу коғаз гирифта рақскунон ба сурудану навиштани «Муха, муха...» сар кардам.

Чунон ба завқ месурудаму мерақсидам, ки бинанда «девона» шудааст, гуфта барои хабар додан тозон ба идораи милиция мерафт.

Асаре ки дар ҳолати «девонагиам» ба вуҷуд омада буд, борҳо нашр ва ба забонҳои халқҳои советӣ ва хориҷӣ тарҷума шуда, дастраси хонандагон гардидааст. Ман аминам, ки баъд аз сари ман ҳам зиндагӣ хоҳад кард.

Духтарак шабпараки доштаашро ба назди мо оварда «ана ин ҳамон магаси тиллошикам аст» гуфту ба хондан сар кард:

Муха, муха, золотуха,
Позолоченое брюхо,
Муха по полю пошла,
Муха денежку нашла...

Қорней Иванович ба ман рӯ оварда пурсид:

— Имсол бо кадом асарат бачагонро шод карданӣ ҳастӣ?

— Чизе навиштан лозим аст, ки сазовори ҷашни 100-солагии Ленин бошад,— ҷавоб додам ман.

— Аз достони «Ленин дар Помир» ҳам баландтар?— пурсид Қорней Иванович ва интизори ҷавоб нашуда,— дар бораи шахсони бузург,— гуфт,— асар навиштан душвовор аст, хело ҳам душвор. Солҳои бисёре меҳнат кардан лозим меояд. Болои китобе, ки дар бораи Некрасов навиштаам, беш аз чиҳил сол кор кардам, сазовори мукофоти Ленинӣ ҳам гардид. Бо вуҷуди он ҳанӯз аз ин кори худ қонеъ нестам... Бале, қонеъ нестам. Шояд ин аз он бошад, ки аввалин нависандаи дӯстдоштаи ман Антон Павлович Чехов буд. Дар ҷавонӣ ақида доштам, ки ҳамаи нависандагони беҳтарин шогирдони Чехов ҳастанд ва ҳар асари беҳтарине, ки ба ман писанд меомад, «Чеховона навишта шудааст» мегуфтам. Ҳатто боре дар гимназия дар бораи як асари Гоголь сухан рафт. Ман фикр накарда бо овози баланд гуфтам: — «Чунон зебо ва равон аст, ки гӯё Чехов онро навишта бошад». Муаллим абрӯвонашро чин карда, ба сӯям нигарист.

Қорней Иванович хандид ва орзумандона изҳор кард:

— Мехоҳам чунон асаре нависам, ки гӯё Чехов навишта бошад...

Чанд нафар нависанда аз бинои хонаи эҷодӣ баромада ба осмоне, ки кайҳо софу беғубор шуда буд, нигаристанд ва хурсандона ба тарафе, ки мо дар гӯшае нишаста будем, равон шуданд.

Қорней Иванович онҳоро дида бетоқатона аз ҷо ҷаст ва узрхоҳӣ кард:

— Се соати дуру дароз кор карда, берун баромадам, ки даҳ-бист дақиқа дар ҳавои тоза нафас кашам... Ба ҷои даҳ-бист дақиқа ду соат сарф шуд. Бас аст, иҷозат диҳед, дӯстам, ки равам ва аз кор намонам...

Қорней Ивановичро то ҳавлиаш гусел кардам. Ба як пиёла чой таклиф кард. Чун ман нахостам, ки аз ин бештар вақти ӯро гирам, изҳори миннатдорӣ карда ба ҳуҷраи худ баргаштам...

# ОДАМ ПӮСТАШРО ДИГАР МЕКУНАД

*Тоҷикистони Советӣ дар дарвозаи Шарқи мазлум машъали аламафрӯзи озодист...*

*БРУНО ЯСЕНСКИЙ.*

Охири тобистони соли 1930 ба Тоҷикистон бригадаи коминтерн омада буд. Бригада ба ду гуруҳ тақсим шуд. Ба гуруҳе, ки Нарсесян сардорӣ мекард, супориш шуда буд, ки ба районҳои минтақаи Ғарм равад. Ба ёрии ин гуруҳ се нафар тоҷик ҳамроҳ шуда буданд, ки яке аз онҳо нависандаи ин сатрҳо буд.

Як нафар аз аъзои бригада, ки синнусолаш аз сӣ зиёд набуд ва бар ҷашмон айнак дошт, хело кунҷков буд, ҳама чиз ба вай нав менамуд ва онро фаҳмидан мехост. Ҳамеша ҳамроҳи мо, тоҷикон, мегашт. Суол медод ва ҷавобҳои моро бодиққат гӯш мекард. Гоҳо як суолро гашта баргашта такрор мекард. Мехост маънии номи ҳар деҳаеро фаҳмад, донистанӣ мешуд, ки Искандари Зулқарнайн то куҷоҳо омада буд, кӯҳистониҳо кай ба ин ҷойҳо кӯчидаанд, то омадани арабҳо ё баъд аз омадани онҳо... Рӯзона мепурсид ва шабона таассуроти худро ба дафтараш менавишт.

Дар он рӯзҳо дар баъзе районҳои кӯҳӣ дастаҳои боқимондаи босмачиён ҳанӯз амал мекарданд. Бинобар он тамоми аъзоёни бригада мусаллаҳ буданд. Ба ғайр аз ман ҳамаашон милтиқи панҷтира доштанд, ба ман барои эҳтиёт таппонча доданд.

Ду нафар савора пеш-пеш мерафтанд ва агар чизи шубҳанокеро мединанд, зуд ба мо хабар медоданд. Дар наздикиҳои Обигарм воқеаи аҷибе рӯй дод. Яке аз он

ду нафаре ки пеш-пеш мерафт, ҳамон айнакдор буд. Онҳо мувофиқи гуфтугӯ ягон ним километр аз мо пеш рафта буданд. Мо оромона ва бепарвоёна мерафтем. Баногоҳ он ду кас асп ронда ба назди мо омаданд ва айнакдоре ки акнун беайнак буд, бо даҳшат фарёд кашид: «Дар паси он теппа бештар аз сад нафар савораи милтиқдор камин гирифтааст».

Аз рафторҳои сардор ва аъзоёни бригада аён буд, ки ҳеҷ кадом хизмати ҳарбӣ накардааст. Бо шунидани калимаи «Савораи милтиқдор» ҳама шах шуда мондем, ба якдигар нигариста чи карданамонро намедонистем. Айнакдор фарёд зад: «Чаро шах шуда мондед, амал кардан даркор аст!»

Аз кулӯх оташак паридагӣ барин овози ман баланд шуд:

— Аз аспҳо фаромада, дар паси харсангҳо камин гирем.

Ҳанӯз гапамро ба охир нарасонда будам, ки фармони дигаре шунида шуд:

— Даст бардоред!

Бештар аз 60 нафар савораи милтиқдор, ки дар тан ҷома ва ба сар салла доштанд, моро аз чаҳор тараф иҳота карданд.

Ба ман хеле алам кард. Охир ман ва ду нафар ҳамроҳам аз қишлоқҳои дури кӯҳистон, ки дар он ҷо одами босавод чун тӯтиё камьёб аст, барои хондан ба Душанбе омадем, хондем, босавод шудем, орзу доштем, ки ба қишлоқҳои худ баргашта, муаллим шавем. Лекин акнун аз бетаҷрибагии сардорамон ҳама барбод меравад. Аз асирӣ марг беҳтар аст. Чӣ бояд кард? Дар дастам таппонча, пеш аз оне ки ӯро гиранд, худамро мепарронам. Агар тавонам, аввал сардори онҳоро парронда, баъд худамро. Ба ҳамин фикру хаёл дастро ба ғилофи таппонча бурдам.

Фармони дигаре шуд: «Милтиқҳояшонро гиред!».

Савораҳо ба сӯи мо ҳаракат карданд. Ана акнун сардори мо, ба худ омад ва далерона таъкид кард:

— Наздик наоед, мепарронем! — баъд ба сӯи мо нигоҳ карда фармон дод: — Дӯстон, таслим нашавед, ё марг ё наҷот!

Қариб буд, ки хунрезӣ шавад. Хушбахтона, назарам ба сардори саворон афтод. Шинос барин «Як дам истед» гуфтаму ба сардорашон наздиктар омадам. Оре, хато накарда будам ,сардорашон студент ва ҳамкурси ман



Абдураззоқ Ҷӯрақул буд. Телпакамро гирифта бо овози баланд «Абдураззоқ Ҷӯрақул» гуфтам.

Ҳар ду баробар аз аспҳо фаромадем, якдигарро оғӯш карда бӯсидем, баъд Ҷӯрақул пурсид:

— Инҳо кистанд?

— Одамони советӣ, аъзоёни бригадаи Домбол,— гуфтам ва ба сардорамон муроҷиат кардам: — Рафиқ Нерсесян, марҳамат, шинос шавед.

Нерсесян нобоварона ба сӯи мо омад. Аз нигоҳи ёронам аён буд, ки онҳо ҳанӯз ҳам кӣ будани савораро нафаҳмидаанд, ин аст, ки ба сӯям бо шубҳа нигоҳ мекарданд.

Ҷӯрақул ба сӯи сардори мо даст дароз кард, аммо Нерсесян ба ӯ даст надод:

— Ман,— гуфт,— фаҳмиданӣ ҳастам, ки шумо кистед?

Ҷӯрақул баланд-баланд хандида:

— Ман, гуфт,— Абдураззоқ Ҷӯрақул,— командири отрядҳои ихтиёрӣ, узви партияи большевикон ҳастам. Дар ин кӯҳсор босмачиҳоро таъқиб карда истодаем.

Бар лабони сардори мо табассум ҳувайдо шуд, ба сӯи Ҷӯрақул даст дароз кард. Дастони якдигарро фушурданд. Баъд Ҷӯрақул оромона гуфт:

— Аслиҳаатонро ба мо месупоред.

— Мо бе аслиҳа чӣ кор мекунем?

— Модоме ки бо аслиҳа муомила карда натавонед, вай барои шумо бори зиёдатӣ ва барои душманон ғанимати муфт аст,— гуфт бо қатъият Ҷӯрақул ва ба одамонаш фармон дод: — Аслиҳаҳояшонро гуреду ба онҳо забонхат нависед, ман имзо мекунам.

Нерсесян, инро барои худ таҳқир дониста, бо қатъият эътироз баён кард:

— Ман аслиҳаро танҳо ба онҳое месупорам, ки онро боварӣ карда ба ман додаанд.

Ҳарду оташин шуданд. Ҳар яке мекӯшид ҳақ буданн худро исбот кунад. Ман миёнарав шудам. Ҷӯрақулро ба тарафе бурда фаҳмондам, ки ин одамон аз Коминтерн омадаанд ва агар ту имрӯз милтиқҳояшонро гирию фардо ягон фалокате рӯй диҳад, ту ҷавобгар мешавӣ.

— Ман,— гуфт Ҷӯрақул,— намехоҳам, ки аслиҳаашон ба дасти босмачиҳо афтад, охир онҳо бо милтиқ муомила карда наметавонанд

— Агар ягон ҳодисаи баде рӯй диҳад, туро гунаҳ-

кор мекунанд, мегӯянд, ки ту ин корро қасдан кардӣ,— дубора таъкид кардам ман.

Чуракул дигар чизе нагуфт, ба аъзоёни бригадаи мо наздиктар омада норозиёна гуфт:

— Ман аслиҳаатонро намегирам... Лекин аз шумо хоҳиши қатъӣ ҳамин аст, ки агар душманро бинед, имрӯза барин шах шуда намонед. Агар дарҳол ҳуҷум карда натавонед, камин гиред, душманро натарсида парронед, несту нобуд кунед!.. Коре карда ҳамин рӯз то нимишаб бошад ҳам, худро ба Обигарм расонед. То Обигарм на дам гиреду на хоб равед. Такрор мекунам, роҳ хатарнок аст...

Дар соати чори шаб ба Обигарм расидем, чизе нахӯрда чоҳои хобро андохтему хоб рафтем.

Рӯзи дигар баъд аз наҳор айнакдор ба наздам омада бо ҳайрат гуфт:

— Дӯстам, ман гумон кардам, ки худо туро танҳо барои он офаридааст, ки гапи дигаронро шунида сурху сафед шавӣ... Аммо ту... Ба худо, ки имрӯз қариб буд, ки бародаркушӣ сар шавад. Биё дӯст шавем. Номи ман Бруно. Фамилиям Ясенский.

Ман ҳам номи худ ва номи падарамро гуфта, фаҳмондам, ки дар мо пеш фамилия набуд. Мо акнун номи падарҳоямонро фамилия кардем.

Бруно айнакашро тоза карда, бо ҳасрат гуфт, ки дирӯз айнаки нағзашро аз даст дод. Вақте ки сабабро пурсидам, вай фаҳмонд:

— Дар вақти аз назди отрядҳои ихтиёрӣ гурехтанчи кор карданамро надониста айнакамро беихтиёр ба тарафи онҳо ҳаво додам...

Роҳҳои қачмақач, ағбаҳои пасту баланд барои ман ошно буданд. Бо ин роҳҳо соли 1928 барои хондан ба Душанбе ва соли 1929 барои гузарондани маъракаи киштукори баҳорӣ ба Ғарм рафта будам. Лекин барои онхое ки бори аввал аз ин ҷо мегузаранд, ин роҳҳо афсонавӣ менамуданд. Бруно Ясенский ҳикоя кард, ки дар ватани ӯ ҳам кӯҳҳо бисёранд, лекин кӯҳистони он ҷо дарахтзор аст ва кӯҳҳояш то ба ин дараҷа баланду даҳшатовар нестанд. Ман шӯхӣ карда мегуфтам, ки агар ин кӯҳҳоро даҳшатовар номӣ кӯҳҳои Помирро дида чӣ мегуфта бошӣ!

— Помир — ин ном,— гуфт Бруно Ясенский,— аз кай боз бароям ошност, кайҳост ки орзуи ба он ҷо рафтан дорам, лекин то ҳол ба он ҷо нарафтаам ва кай рафтанам ҳам маълум нест, мехоҳам аз забони ту дар бораи Помир, мардуми он, шахсан дар бораи худат, хешовандонат ҳикояҳо шунавам. Аммо ман мехоҳам аввал туро бо ҳаёт ва саргузашти мухтасари худ ошно кунам.

— Ман,— гуфт вай,— аз ту 11 сол калонтарам, фарзанди сарзамини Польшаам, аз Нерсесян фаҳмидам, ки шумо, форсизабонҳо, Польшаро Лаҳистон меномед, мо онро Полланд, яъне Полистон меномем ва ҳардуяш ҳам дуруст буда, як маъно дорад. Деҳаи хурди ман дар соҳили Висла ҷойгир шудааст. Висла дарёи муқаддаси мост. Мо онро шамшери ватани худ меномем. Дар бораи он байни халқ ривоятҳои бисёре мавҷуд аст. Вақте ки Польша социалистӣ шуд, шумо тоҷиконро ба диёри худ, ба меҳмонӣ даъват хоҳам кард. Польшаи зебои худро ба тамоми ҳастиаш ба шумо нишон медиҳам...

Падарам духтури музофотӣ буд, тамоми умрашро дар ҳамон деҳаи дурдаст гузарондааст. Деҳаи мо аз роҳи оҳан 35 километр дур буд. Дар ҷунин деҳаҳои дурафтода, ки мардумаш нимгурусна умр ба сар мебаранд, барои духтур зиндагӣ ва кор кардан хело душвор аст. Шумораи касалҳо бисёр бошад ҳам, барои табобат пул надоштанд. Баъзан падарам маҷбур мешуд, ки касалҳоро бепул муолиҷа кунад. Барои ин хайрхоҳиаш ба камбағалон номи ӯ ба рӯихати ашхоси шубҳанок дароварда шуда буд. Агар дили касе ба камбағалон месӯхт, золимон дилашро пора мекарданд, агар касе ба онҳо дасти ёрӣ дароз мекард, дасташро буридани мешуданд. Ҳамаи ин кирдорҳои ношоистаи ситамгаронро ба чашми худ дидаам. Бале, иқрор шудан лозим аст, ки дар аввалҳо ба маънои он намерасидам. Аммо ин дар аввалҳо буд, баъдтар вақте ки барои таҳсил ба Варшава рафтам ва бо одамони хело наҷиб ошно шудам, чи будани неку бадро беҳтар пай бурдам ва ҳар қадар бештар маънии зиндагиро дарк мекардам, муҳаббатам ба падарам, ки ба бенавоён дасти ёрӣ дароз мекард, ҳамон қадар меафзуд...

Аспҳо истоданд, сӯҳбати мо бурида шуд. Пиёда шудем. Ба сари шикастапораҳои боқимондаи самолёте ҷамъ омадем.

Яке аз коркунони комитети иҷроияи райони Нуратобод (Навободи ҳозира), ки моро пешвоз гирифта буд, самолётпораеро ба даст гирифта ҳикоя кард.

...Баҳори соли гузашта (1929) барои деҳқонони То-

чикистон аввалин баҳори маъракаи киштукори большевикӣ буд. Заминҳои кулакҳоро ба деҳқонони безамин тақсим кардем. Дар як қатор районҳои республика колхозу ТОЗ ташкил шуд, ки душманҳои дохилию хориҷиро ба изтироб овард.

Дар арафаи киштукори баҳорӣ душманони хориҷӣ ғуломи зархариди худ — Фузайл Махсумро мусаллаҳ карда, ба муқобили мо фиристоданд.

Босмачиҳо мактабҳо, идораҳои Совети қишлоқ, хонаҳои коммунистон ва фаъолони бепартиявиро оташ мезаданд, коммунистон, комсомолон, муаллимон ва фаъолони бепартиявиро мепаррониданд, сар мезаданд, ба дор меовехтанд. Пойтахти вилояти Ғарм 15 дақиқа дар дасти босмачиҳо буд.

Дар он лаҳзаҳои вазнин бо фармони ҳукумати Тоҷикистон комбриг Шапкин ва чанд нафар пулемётчиён бо самолёт ба ёрии меҳнаткашони вилоят омаданд. Фурудгоҳ набуд. Самолёт маҷбур буд, ки дар ҳамин ҷо фуруд ояд. Дар вақти фуруд омадан самолёт мешиканад. Хушбахтона, ба комбриг ва пулемётчиён зараре намерасид.

Пулемётҳо оташ мекушоянд, Фузайл бо одамонаш ба тарафи кӯҳҳо мегурезад...

Бруно Ясенский, ки ҳикояро бодиққат гӯш мекард, дар охир пурсид:

— Дар байни босмачиҳо одамони англис набуданд?

— Мо хуб медонистем, ки ҳамаи он хунрезиҳо кори дасти ифлоси империалистони мағрибзамин аст,— гуфт Холиқназаров бурутҳояшро тоб дода. Баъд ба сӯи ман ишора карда,— ана ин комсомолписар, сардорони босмачиҳои дастгиршударо бо чашми худ дида буд.
Ҳамроҳонам бо ҳайрат ба ман нигаристанд. Ман супсурх шуда, суханони ӯро тасдиқ кардам:

— Дар аввали моҳи маи 1929, баъд аз торумор карда шудани босмачиҳо партия ва комсомол барои гузарондани маъракаи киштукори баҳорӣ ва ташкил намудани иттифоқи камбағалон як гурӯҳ коммунистон ва комсомолонро ба ин ҷо фиристода буд, ки дар байни онҳо ман ҳам будам. Аз он ҷо ба слёти нахустини пионерони Умумиттифоқӣ ва байналмилалӣ ба сифати вакил интихоб шудам.

— Аз боми ҷаҳон ба такягоҳи революцияи ҷаҳонӣ — Москва! — гуфт ботантана Бруно Ясенский ва ба Нерсесян муроҷиат карда,— дидед бо кӣ ҳамсафар шуда истодаем!



Нерсесян хандида гуфт:

— Як одами бузург, ки номаш Саъдист, чунин фармудааст:

> Ҳар беша гумон мабар, ки холист,
> Шояд ки паланг хуфта бошад!

Аспсавор ба тарафи Нусратобод раҳсипор шудем. Бруно Ясенский баъд аз хомӯшии дуру дарозе пурсид:

— Дар боран ҳамлаи охирини Фузайл Махсум чӣ чизҳоро хондан мумкин аст?

— Ягона чизе ки медонам, очерки Эль-Регистан аст, ки дар он рӯзҳо қариб дар ҳама газетаҳо чоп шуда буд.

— Роман, повесть, пьеса, достон!..

— Нест.

— Афсӯс. Дар республика нависандагони ҷавон бисёранд?

— Ҳастанд... Онҳо аксаран шеър менависанд..

— Шеъри хурди мазмуни калондор аз шеъри калони мазмуни хурддор беҳтар будагист?

Роҳ нишеб мерафт. Ман пиёда шудам. Ин корам ба Бруно Ясенский писанд омад, ки вай ҳам пиёда шуд.

Баъд аз каме роҳ гаштан Бруно Ясенский аз нав ба сухан даромад:

— Бойҳо ва амалдорони амир барои аз даст ндодани молу мансаби худ босмачӣ шуданд, ки дар ин ҷои тааҷҷуб нест, аммо ба камбағалон чӣ шуд, ки босмачӣ шуданд?

Росташ, ки дар вақти таҳсил дар мактаби партиявию советӣ дар ҳар мавзӯъ лекцияҳои бисьёре ва фоидабахше шунидем. Таърихи мухтасари Партияи Коммунистӣ ва ҷанги гражданиро ҳам гузашта будем. Дар ҳар дарс суолҳои бисьёре ҳам медодем. Лекин ягон бор ба сари мо фикре наомада буд, ки аз муаллим пурсем:— Чаро камбағалон, ки асрҳо ташнаи озодӣ буданд, дар аввалҳо ба босмачиҳо ҳамроҳ шуданд.

Суоли Бруно Ясенский ҷон дошт. Ҷавоби дуруст тақдири садҳо камбағалонро, ки роҳ гум карда, кӯр-кӯрона ба муқобили манфиати синфи худ аслиҳа бардоштанд, ҳал мекард.

Дар ин лаҳза як воқеаи аҷиб ба хотирам омад.

Соли гузашта, вақте ки дар Ғарм кор мекардам, як

рӯз котиби комитети районии партия маро ба наздаш чеғ зада, ба муносибати ба вакилии слёти якуми пионерони республика интихоб шуданам муборакбод намуд ва фаҳмонд, ки ман сардори вакилон таъин шудаам. Баъд котиб бо қалам бозикунон таъкид кард: «Ту барои то Душанбе бурдан ва сиҳату саломат ба Ғарм овардани ин бачаҳо масъул ҳастӣ».

Дар ҳамин вақт дар кушода шуд ва як нафари хело асабонию маҳзуне бе иҷозат ба кабинет даромад, базӯр салом гуфту назди дар истод. Қотиб аз ҷо хест. Ман ҳам ба тақлид карда аз ҷо хестам ва рафтанӣ шудам. Котиб ишора кард, ки дар ҷоям нишинам. Аз ин ишораи котиб ҳайрон монда беихтиёр аз шахси бегона чашм наканда нишастам.

Қотиб пояшро бар гӯшаи стул монда ба зонуяш такья карда оромона гуфт:

— Мо ба ҳамин фикр омадем, ки ташкилоти ибтидоӣ туро ҳаққонӣ аз сафи партия хориҷ кардааст. Аз рӯи маълумоте ки дар даст дорем, бародарат дар солҳои аввали революция босмачӣ будааст.

— На танҳо бародари ман,— гапи котибро бурида посух дод шахси мазкур,— садҳо камбағалон ё зӯран ё аз нодонию бесаводии худ гумроҳ шуда босмачӣ шуда буданд.

— Ту ҳам бесавод будӣ, лекин босмачӣ нашудӣ-ку! Баръакс аслиҳа гирифта бар зидди онҳо ҷангидӣ.

— Бале, ман бесавод будам. Лекин ман дар заводу фабрикаҳои Фарғона, Қогон, Тошканд кор мекардам, бо коргарони пешқадами революционии рус ҳамнишин будам. Ҳамроҳи онҳо революцияро бо хурсандӣ ва рӯҳбаландӣ пешвоз гирифтам. Лекин бародарам аз онҳое буд, ки ба ғайр аз деҳаи худ ҷои дигареро надида буданд, аз революция ва мақсади он ҳатто хабар надоштанд. Бинобар он, вақте ки бойҳо ва эшонҳо «Лашкари куффор бар сари мо ҳамла овардааст» гуфта халқро метарсонданд, мардум бовар карда барои ҳифзи ҷони худ ва фарзандони худ аз ҷо хест ва ба майдон даромад. Вай кай медонист, ки бар зидди синфи худ хеста барои манфиати душманони худ хун рехта истодааст. Лекин баъдтар, ки хатои худро фаҳмид, омада таслим шуд.

— Баъд аз шикасти босмачиён?

— Не, пеш аз шикасти босмачиён...

Бруно Ясенский ин суханони маро бодиққат гӯш карда пурсид:



— Он шахсро аз партия хориҷ карданд?

— Намедонам...

— Нависанда ба тақдири одамон набояд беэтиноёна нигарад.

Ман дар хиҷолат мондам. Шояд ӯ изтироби маро ҳис карда бошад, ки ба ман наздик шуда тасаллоомез гуфт:

— Ман ҳам на ҳама вақт мушоҳидакор будам. Дар пеши назарам ҳодисаҳои аҷибе рӯй медоданд, аммо ман аҳамият намедодам, дар канор меистодам... Ҳозир, баъд аз чандин сол, афсӯс мехӯрам, вале бефоида, дер шуд...

Дар Нусратобод Бруно Ясенский пеш аз ҳама маънои номи районро пурсид. Давлат ном шахсе ки он рӯз роҳбаладӣ бригадаи мо таъин шуда буд, дарҳол ҷавоб дод:

— Сарзамини Қаротегин ду махсум дошт, якеаш Нусратулло-махсум ва дигараш Фузайл-махсум. Нуфузи ҳардуяшон ҳам калон буд. Халқ ба онҳо бовар дошт ва аз паи онҳо мерафт. Нусратулло-махсум барои озодӣ ва хушбахтии халқаш аз фарзандони Ленин ёрӣ пурсид ва зафар кард. Фузайл-махсум барои манфиати шахсиаш аз англисҳо ёрӣ пурсид ва барои ҳамин ҳам сарнагун шуд. Ана барои ҳамин ҳам халқ ба Нусратулло-махсум раҳмат бод мегӯяд, ёд меорад, ва яке аз районҳояшро ба номи вай мондааст.

Аз Нусратобод то Ғарм роҳи ҳамворест, пастию баландиҳо надорад, ба сӯҳбати мо ҳеҷ чиз халал расонда наметавонист. Бруно аз нав ба сухан даромад:

— Мактаби миёнаро дар Варшава хатм кардам ва дар соли 1918 ба Краков рафта, ба университет дохил шудам. Ин ҳамон соле буд, ки дар Россия революция ғалаба кард, лекин дар Польша ҳаво бо дуди ғализи шовинизм ва миллатпарастии олимақом торафт тираву тор мегашт. Давлати буржуазӣ қасд дошт, ки Украинаро ба даст дарорад, лекин ҳамлаҳои далеронаи аскарони советӣ дасти хунини вайро кӯтаҳ кард...

Аввалин шеърҳоям дар солҳои 1918 — 1919 ба чоп расида буданд. Лекин дар он вақт шеърҳоям танҳо шеър буданду бас, ғояи муайяне надоштанд. Соли 1922 «Таронаи гушнагӣ» ном достон навиштам. Ин достон дар адабиёти бадиҷангии Польша аввалин асаре буд, ки революцияи социалистӣ ва шафақи дар Шарқ дурахшидаро мадҳ мекард. Лекин бо вуҷуди ин достон аз ҷиҳати ғоя бенуқсон набуд. Боқимондаи идеологияи бур-

жуазӣ чун пойафзоли танг барои ба пеш қадами қатъӣ гузоштан ба ман халал мерасонд.

Шӯриши соли 1923, ки дар натиҷаи хиёнати роҳбарони социал-демократ шӯришчиёни он — коргарон беаслиҳа монда шикаст хӯрданд, маро аз хоби гарон бедор кард ва ба хубӣ ҳис кардам, ки мубориза ба охир нарасидааст, муборизаи ҳақиқӣ акнун сар шудааст ва ин мубориза дуру дароз давом хоҳад кард. Муқаррар кардам, ки ҷои ман дар сафи онҳое мебошад, ки имрӯз муваққатан мағлуб шудаанд, вале фардо ғалаба хоҳанд кард.

Ба ҳамин хулоса омадам, ки мубориза амалро мепарварад, амал кардан лозим аст. Барои иштирок дар мубориза шеърнависӣ кам аст.

Соли дигар ба Львов рафта, дар идораи газетаи коммунистӣ «Рабочая трибуна» ба сифати муҳаррири адабӣ ба кор дохил шудам. Ин идораи хурд барои ман университети ленинизм буд. Ба ман муяссар шуд, ки як қатор мақолаҳои Ленинро тарҷума кунам ва ленинизмро омӯзам.

Солҳои 1924 — 1925 барои ман бӯҳрони ботинии эҷодӣ буданд. Ба тарзи кӯҳна асар навиштанро тарк кардам, аммо ба тарзи нав навиштан бароям мушкилӣ мекард.

Лекин «бӯҳрон» дароз накашид. Дар муддати кӯтохе достонҳое навиштам, ки ба адабиёти пролетарӣ хеле наздик буданд. Яке аз он достонҳо, ки ба шӯриши деҳқонон бахшида шудааст, «Дар васфи Яков Шел» буд, ки дар вақти муҳоҷиратам дар Франция чоп шуд. Ин достон қатъи назар аз нуқсонҳо ва норасоиҳояш яке аз асарҳои дӯстдоштаи ман мебошад.

Иштироки фаъолона дар муборизаҳои синфӣ, муборизаи ду ҷаҳон — ҷаҳони наву кӯҳна, ҷаҳони социалистӣ ва капиталистӣ маро водор кард, ки аз назм ба наср гузарам. Романи «Ман Парижро оташ мезанам» маҳсули меҳнати семоҳаи ман буд. Сабаби навиштани ин роман он шуд, ки Поль Моран ном нависандаи зархаридι фашистӣ «Ман Москваро оташ мезанам» ном асари нафратоваре навишт. Ман чун дӯсти Мамлакати Советӣ дар назди аҳли олам фош ва расво кардани Поль Моранро вазифаи худ донистам ва хушбахтам, ки дӯстонам ба меҳнати ман баҳои мусбат доданд.

Ҳамин ки романам ба нашр расид, маро аз Франция бадарға карданд. Танҳо баъд аз мудохилаи фаъолонаи нависандагони солимфикри Франция иҷозат шуд, ки баргашта ба Франция оям. Чун баргаштам, маро ба ҳабс гирифтанд ва дубора аз Франция бадарға карданд. Хостам ба Берлин равам, иҷозатнома надоданд. Он гоҳ ба тарафи Шарқ ба сӯи ватани пролетариати ҷаҳон — Иттифоқи Советӣ раҳсипор шудам...

Бруно Ясенский суханашро ба охир расонда, пурсид:

— Монда нашудӣ?

— Не,— ҷавоб гардондам ман.

— Набошад, ту ҳам тарҷумаи ҳолатро ба ман ҳикоя мекунӣ ва ба чанд суолам ҷавоб медиҳӣ.

Бо хоҳиши Бруно Ясенский ба сухан даромадам.

...Ҳамин тавр ҳар рӯз сӯҳбати мо давом мекард. Бруно Ясенский мепурсид, ман донистагиямро мегуфтам.

Дар яке аз чунин сӯҳбатҳо Нерсесян иштирок кард. Ман аз Бруно Ясенский пурсидам:

— Мақсад аз ин пурсиданҳо чист?

— Рафиқ Ясенский нависанда аст, дар бораи Тоҷикистон роман навиштанист,— ба ҷои ӯ Нерсесян ҷавоб гардонд.

— Чаро дар бораи Тоҷикистон? — пурсидам ман.

— Эй абераи Фирдавсӣ,— гуфт шӯхикунон Нерсесян,— агар мегуфтам, ки дар бораи Арманистон, он гоҳ мепурсиданд, ки барои чӣ дар бораи Арманистон?

Бруно Ясенский бо хулосаи вай розӣ нашуд.

— Ҳаргиз ин тавр не,— баъд даст бар китфам гузошта пурсид: — Дар ёд дорӣ, гуфта будам, ки мубориза ба охир нарасидааст. Ту гумон накун, ки ба Иттифоқи Советӣ омада хотирҷамъ шудаам, ҳаргиз! Мубориза давом дорад. «Ман Парижро оташ мезанам» романе буд, ки империалистонро ба ташвиш андохт. Анъанаи онро давом додан лозим аст. Ана барои ҳамин ҳам ба Тоҷикистон омадам. Тоҷикистон дар гузашта мустамлика буд. Дар натиҷаи тохтутози истилогарон, ҷабру зулму истисмори мустамликадорон ва феодалҳои маҳаллӣ халқе ки ба дунё бузургонеро чун Рӯдакию Фирдавсию Абӯалӣ Сино дода буд, ба гадоию қашшоқию бесаводӣ дучор гашт. Революцияи социалистӣ онро озод кард, байрақи миллии республикаашро ба дасташ дод. Барои ин ҳам халқҳои Шарқ, ки ҳанӯз ғуломи мустамликадорон ҳастанд, мехоҳанд фаҳманд, ки Тоҷикистон бе ёрии мустамликадорон мустақилона ва озодона зин-

дагии худро пеш бурда метавонад ё не. Ҷавоби ин суол барои онҳо хеле муҳим аст.

Тоҷикистони Советӣ дар дарвозаи Шарқи мазлум машъали оламафрӯзи озодист. Сабаб ин аст, ки мустамликадорону империалистон бо ҳар роҳ ба ӯ халал мерасонанд, намехоҳанд, ки ба мамлакатҳои пешқадам баробар шавад. Онҳо хуб медонанд, ки ҳар як муваффақияти нави Тоҷикистон зарбаи тозае ба мустамликадорон аст. Мо соҳибқаламон бояд ин бадкирдории мустамликадоронро фош кунем, зарбаҳои марговар расонем...

Вақте ки масъалаи сохтмони Вахш ба майдон баромад, Бруно Ясенский гуфт: — Ҷои ман дар ин ҷост! Маро ҳам дере нагузашта ба сохтмони Вахш фиристоданд ва дар он ҷо ба вазифаи котибии комитети комсомолии сохтмон ва муҳаррири газетаи «Зарбдори сохтмони Вахш» таъин шудам. Дар яке аз рӯзҳои гарми тобистон бо Бруно Ясенский вохӯрдам.

— Сӯҳбатҳои мо,— гуфт Бруно Ясенский,— дар роҳҳои кӯҳистони Ғарм бенатиҷа намонд. Дар вақти навиштани романам аз онҳо истифода бурда истодаам. Мубориза барои ҳар чӣ зудтар ба анҷом расондани сохтмони Вахш, дар айни ҳол мубориза барои аз ҷиҳати пахта рӯи ҳоҷат наовардани СССР, мубориза барои дахҳо ҳазор деҳқононро бо замин таъмин кардан, мубориза барои бардоштани иқтисодиёти республика буд. Инро ҳам дӯстони мо ва ҳам душманони мо хуб медонистанд, яке аз сабабҳои дар сохтмон тундутез шудани муборизаи синфӣ низ дар ҳамин буд.

Вақте ки романи «Одам пӯсташро иваз мекунад» таълиф ёфт, Бруно Ясенский онро ба муҳокимаи бинокорон гузошт. Қорғарон, хизматчиён дар муҳокимаи он фаъолона иштирок мекарданд, муаллиф қайдҳо ва таклифҳои онҳоро босаброна гӯш мекард ва дар охир бе ҳеҷ баҳсу мунозира ба ҳама изҳори ташаккур кард.

Як рӯз бо котиби комитети партиявии сохтмон К. А. Гольцман дар соҳили дарёи Вахш нишаста чой менӯшидему сӯҳбат мекардем. Байни сӯҳбат Бруно Ясенский бо қаноатмандӣ изҳор кард:

— Ман, аз романи нави худ розиям. Вай аз ҳар ҷиҳат аз романи пештараам баландтар меистад. Мустамликадоронро дар изтироб андохтааст! Барои эҷодкор ин хело муҳим аст...

# ҚУШОЯД РОЗУ ХУД РОЗ АСТ ИҚБОЛ

*На шеър аст ин ки бар вай дил ниҳодам,*
*Гиреҳ аз риштаи маънӣ кушодам,*
*Ба уммеде, ки иксире занад ишқ*
*Миси ин муфлисонро тоб додам.*

*ИҚБОЛ.*

Тирамоҳи соли 1954 дар арафаи Съезди Умумииттифоқии нависандагони советӣ дар Москва бо яке аз шоирони маъруфи Ҳиндустон Алӣ Сардор Ҷафрӣ вохӯрда, доир ба масъалаҳои эҷодӣ дуру дароз сӯҳбат кардем. Ҳангоми хайрухуш ҳамсӯҳбатам байти зеринро хонд:

«Қадам бебоктар нех дар ҳарими ҷони муштоқон,
Ту соҳибхонаӣ охир, чаро duздона меоӣ?»

ва шарҳ дод, ки муаллифи ин шоҳбайт шоири Ҳинду Покистон Муҳаммад Иқбол аст.

Пеш аз ин ҳам ба ман маълум буд, ки Муҳаммад Иқбол донишманд ва шоири бузурги Ҳинду Покистон аст, аммо афсӯс, ки бо осори ӯ ба дараҷаи кофӣ ошноӣ надоштам. Дер боз ба даст даровардан ва мутолиа намудани асарҳои ин шоиру олими забардаст орзуи ман буд.

Дар соли 1956 барои иштирок дар кори котиботи байналхалқӣ доир ба тайёрии Конференцияи якуми нависандагони Осиё ба Деҳли рафта будам. Дар ин ҷо ба ман муяссар шуд, ки асарҳои Иқболро ба даст дарорам. Инчунин дар сӯҳбатҳои аҳли фазли он мамлакат иштирок намуда, дар бораи эҷодиёти ӯ фикру му-

лоҳизаҳои мароқноке шунидам. Махсусан, аз забони нависандагон — Мулк Раҷ Ананд, Саҷҷод Заҳир, Ғулом Рабонӣ Тобон, Ҷунайд Кумар, Парвез Шоҳидӣ, Табиб Абдуаъсад Убайдулғанӣ, профессор Абдураҳим ва дигарон суханони ҳаяҷонбахше мешунидам, ки бузургии Муҳаммад Иқболро дар назарам муҷассамтар менамуданд. Илова бар ҳамаи ин якчанд мақоларо, ки бо қалами адабиётшиносони форсзабон доир ба эҷодиёти ин шоири сермаҳсул навишта шудаанд, ба даст даровардa хондам.

Бояд гуфт, ки дар бораи Муҳаммад Иқбол ва эҷодиёти ӯ дар сарзамини Ҳиндустон фикру мулоҳизаҳои бисёре вуҷуд доранд, ки қисми зиёди онҳо бо якдигар мухолиф мебошанд. Ҳатто баҳои худи дӯстони наздики шоир ба эҷодиёташ якранг нест. Шояд ин аз он сабаб бошад, ки ақидаҳои худи Иқбол дар мавридҳои гуногуни ҳаёташ тағьир меёфтанд, бо ҳам зид мебаромаданд. Ҳатто байни Иқболи шоиру Иқболи философу Иқболи сиёсатдон тафовути калонест. Пеш аз он, ки дар хусуси ақоид ва эҷодиёти Иқбол сухан ронам, мехоҳам, ки хонандагонро бо тарҷимаи ҳоли ӯ мухтасар шинос кунам.

Муҳаммад Иқбол 22 феврали соли 1873, дар шаҳри Сиёлкут, ки дар қисми шимолии Панҷоб воқеъ аст, таваллуд меёбад. Аҷдоди ӯ аз бараҳманҳои Қашмир будаанд, хонаводаи ӯ ду аср пеш дини исломро қабул кардааст. Мегӯянд, ки падараш Шайх Нурмуҳаммад ба тариқати дарвешон эътиқод доштааст.

Пас аз соҳиби маълумоти ибтидоӣ шудан, Иқбол дар солҳои 1895—1899 дар мадрасаи олии давлатии шаҳри Лоҳур таҳсил менамояд. Дар ин ҷо ба ғайр аз ихтисосомӯзӣ, ки фалсафа буд, боз ба омӯхтани забонҳои форсӣ, махсусан форсии дарӣ, англисӣ ва таърихи адабиёт низ рағбати калоне пайдо мекунад.

Муҳаммад Иқбол баъд аз ба анҷом расондани таҳсил, дар давоми шаш сол (1899—1905) дар худи ҳамин мадраса мударриси фанҳои фалсафаю адабиёт шуда кор мекунад ва дар айни ҳол ба мақсади давом додани таҳсил ба сафари Европа тайёрӣ мебинад.

Сафари чорсолаи Европа (1905—1908) барои тараққии ҳартарафаи дониш ва ҷаҳонбинии ин ҷӯяндаи ҷавон роли муҳиме мебозад. Ба вай муяссар мегардад, ки ба Университети Кимбриҷ дохил гашта фалсафа ва ҳикмати Шарқу Ғарбро чуқур омӯзад ва ба унвони



доктори фанҳои фалсафа ноил гардад. Инчунин бо осори философҳо, нависандагон ва олимони машҳури Ғарб Ҷон Локк, Август Конт, Артур Шопенгауэр, Гегель, Гёте, Лев Толстой, Байрон, Гейне ва ғайра шинос шавад...

Пас аз сафари чорсола Муҳаммад Иқбол аз нав ба Панҷоб бармегардад, ҳамватанонаш ӯро бо шодӣ пешвоз гирифта, пушту паноҳи ояндаи худ мешуморанд. Вай акнун на донишҷӯи оддӣ, балки шоири истеъдоднок ва олими соҳибунвон буд ва қудрат дошт, ки ба халқаш, дар мубориззаи миллии ӯ мадади маънавӣ расонад. Бо ҳамин мақсад Иқбол ба саҳнаи адабиёт дохил мешавад.

Асарҳои бадеии Муҳаммад Иқбол асосан ба забони урду ва форсии дарӣ навишта шудаанд.

Маҷмӯаҳои ашъори форсии шоир, ки иборат аз қитъа, дубайта, рубой, ғазал, маснавӣ ва ғайра мебошанд, асосан инҳоянд: «Асрори худӣ», «Рамузи бехудӣ», «Паёми Шарқ», «Забури Аҷам», «Ҷовиднома» ва «Армуғони Ҳиҷоз», маҷмӯаи аввалини ӯ «Асрори худӣ», дар соли 1915 ва маҷмӯаи охиринаш «Армуғони Ҳиҷоз» баъд аз вафоти шоир дар соли 1938 нашр ёфтааст.

Муҳаммад Иқбол 65 сол умр дидааст. Таърихи вафоташ 21 апрели соли 1938 мебошад.

* * *

Дар боло зикр шуда буд, ки фикру ақидаҳои хонандагони сарзамини Ҳиндустону Покистон дар бораи Иқбол ва ақидаю таълимоти ӯ якранг нест, сабаби ин дар он аст, ки худи фикру ақидаи шоир дар давоми беш тар аз 35 соли фаъолияти эҷодиаш ҳамеша дар зуҳури гуногун буда, дар мавридҳои ҷудогона ба зиддияту ихтилофҳо дучор мегаштанд. Аз ин рӯ роҳи эҷодии Иқболро аз ҷиҳати мавзӯъ, ақида ва таълимоташ ба чор давра тақсим кардан мумкин аст.

Давраи аввал,— ибтидои кори эҷодии шоир мебошад. Дар ин давра ӯ асосан ба забони урду шеър менависад, кӯшиш мекунад, ки ҳар як асари нави эҷодкардааш сабабгори бедории миллаташ гардад, машъали роҳи муборизони озодии миллӣ бошад.

Дар он солҳо бо осори бадеии худ халқро ба мубориза бар зидди мустамликачиён ва асорати сиёсӣ ба по

хезондан, ифтихори миллии онро баланд бардоштан — бехтарин анъанаи шоирони равшанфикри Ҳиндустон буд.

Дар соли 1904, дар маҷлиси солонаи ҷамъияти мусулмонони Панҷоб шоири ҷавон ва то ин дақиқа номашҳур, Муҳаммад Иқбол бо шеъри худ баромад мекунад. Овози шоир ҳатто дару девори маҷлисгоҳро ба ларза медарорад. Аъзоёни ҷамъияти мусулмонон аз ҷо хеста чи кардану чи гуфтани худро намедонистанд. Оре, барои Панҷобе, ки дар 60 соли охир «тан ба тақдир» дода юғбардори мустамликачиёни англисӣ буд, ин баромади шоири ватанпарвар ғайриоддӣ менамуд. Овози шоир насиме буд, ки гулҳои помолгаштаи Ҳиндустон ба пешвози он сар бардоштанд.

Муҳаммад Иқбол аз минбар барои азобу уқубати халқаш на танҳо аҷнабиҳоро, балки ҳамаи онҳоеро, ки дар ғафлатанд, айбдор мекунад ва бо кинояи ба мустамликачиён рӯ меорад, ки «гулҳои гулистонамро поймол кунед, натарсед, боғбон хобидааст» ва дар охир бо ғазаб хитоб мекунад: «Эй ҳиндустониҳо! Агар аз хоб бедор нашавед, насли оянда номатонро ба некӣ бар забон нахоҳад овард ва хуб донед, ки табиат бераҳмона маҳв мекунад ғофилонро ва модарона мепарварад зиндадилонро!»

Дар шеърҳои дигараш — «Ния шавала» (Ҳарами нав»), «Ҳиндустон ҳамара» («Ҳиндустони мо») шоир ба миллат муроҷиат карда мегӯяд, ки сабаби асосии худсарии аҷнабиҳо ва хорию зории халқи бадбахти Ҳиндустон пеш аз ҳама дар он аст, ки «мамлакат хобидааст, посбононаш ташнаи хуни якдигаранд». Иқбол ба рӯҳониёни ҳиндию мусулмон бо ғазаб хитоб мекунад, ки — «шумо бараҳманҳо ва муллоён дар байни миллат тухми низову адоват мекоред ва бо ҳамин ба душманони Ҳиндустон ёрӣ мерасонед». Дар достони «Бонги дарра», ки ба забони урду навишта шудааст, шоир ҳамватанони худро даъват мекунад,ки— «Биёед, ниқоби бегонагиро аз рӯй бардорем, риштаи ҷудоиро барканем, оқибатҳои дунро абадӣ нест кунем, қасри дӯстӣ ва бародариро барпо намоем...

Муҳаммад Иқбол бо сурудҳои ватанпарваронаи худ, ки бедории миллӣ, муҳаббат ба ватан, манфиати ватанро аз манфиати динӣ болотар гузоштан, ба аҷнабиҳо сар нафаровардан дилу ҷони онҳо буд, тавонист дар дили ҳиндуҳои пешқадами ибтидои асри XX ба худ



ҷой пайдо кунад. Суруди «Ҳиндустони мо» ҳанӯз ҳам таронаи умумихалқии он сарзамин мебошад. Манфиати миллат ва халқро аз ҳама манфиатҳо болотар донистан — яке аз хусусиятҳои эҷодиёти давраи аввали ин шоир буд.

Маҷмӯаи «Асрори худӣ» ва «Рамузи бехудӣ» — маҳсули солҳои давраи дуюми эҷодиёти Муҳаммад Иқбол мебошанд.

Хусусияти ин давра дар он аст, ки шоир аввалин осори философии худро ба забони форсии дарӣ менависад ва бо ҳамин мехоҳад, ки «сирри тақвими ҳаётеро, ки аз даруни коргоҳи мумкинот» баркашидааст, дастраси тамоми форсизабонони дунё гардонд. Илова бар ин вай мекӯшад, ки бо Носири Хусрав, Бедил ва Ҷалолиддини Румӣ такя ва пайравӣ намуда, баҳри инсон пардаи асрори зиндагиро кушояд.

> Баҳри инсон чашми ман шабҳо гирист,
> То даридам пардаи асрори зист.
> Аз даруни коргоҳи мумкинот
> Баркашидам сирри тақвими ҳаёт.

Муҳаммад Иқбол «пардаи асрори зист»-ро дарронда аз даруни коргоҳи мумкинот «сирри тақвими ҳаёт»-ро кашида мегирад ва номашро «асрори худӣ» мемонад. «Худӣ», ё ки «хештан» назарияи идеалистие аст, ки аз Юнон ба Шарқ расидааст. Яке аз паҳнкунандагони ин назария Носири Хусрав дар китоби — «Зодулмусофирин» моҳияти онро ба таври муфассал баён кардааст. Мувофиқи ин назария нафаси оқила олитарин чизест, ки дар офариниш мавҷуд аст ва бояд ҳамеша дар нашъунамо бошад, ботадриҷ ба ҳалли аълои камол (ба худӣ, ба хештан) бирасад ва ин нашъунамо сар мешавад аз ҷамодот, наботот ва ҳайвонот, ки охири он мардум аст. Аз рӯи ин ҷадвал одам пеш аз оне, ки худро шинохт:

> «Омада аввал ба иқлими ҷамод,
> Аз ҷамодӣ дар наботӣ уфтод.
> Солҳо андар наботӣ умр кард,
> В-аз ҷамодӣ ёд новард аз набард.
> В-аз наботӣ чун ба ҳайвонӣ фитод,
> Н-омадаш ҳоли наботӣ ҳеҷ ёд.
> Боз аз ҳайвон, сӯи инсонияш

Мекашид он холике, ки донияш.
Ҳамчунин иқлим то иқлим рафт,
То шуд акнун оқилу доною зафт![1]

*(Ҷалолиддини Румӣ).*

Суол меафтад,— модоме ки моҳияти ин назарияи тараққиёти сегона аз қадим боз машҳур бошад, чаро шоири асри XX онро мавзӯи эҷодиёти худ гардонд? Оё ин тақлиди кӯр-кӯрона нест?

Иқболшиносон, чи дар Ҳинду Покистон ва чи дар Эрону Афғонистон аз ҷавоби ин суол саркашӣ мекунанд ва одатан сабаби ба вуҷуд омадани маҷмӯаи «Асрори худӣ»-ро дар он мебинанд, ки «Иқбол осори ҳукамои ислом ва шоирони донишманд — Носири Хусрав, Ҷалолиддини Румӣ, Бедилро хондааст, ба онҳо пайравӣ намуда, ҳамон андеша ва мафҳуми эшонро дар «Асрори худӣ» ба забон ва таъбири тозае баён кардааст»...

Иқбол шогирд ва пайрави Ҷалолиддини Румӣ аст, ӯ инро инкор намекунад, баръакс дар ибтидои «Асрори худӣ» мегӯяд, ки ба сӯям «рӯи худ бинмуд пири ҳақ сиришт, к-ӯ ба ҳарфи паҳлавӣ қуръон навишт» ва гуфт: «то ба кай чун ғунча мебошӣ хамӯш?». Лекин ин маънои он надорад, ки Иқбол танҳо «бо таъбири тозае», баёнкунандаи афкори Ҷалолиддини Румисту халос. Иқбол борҳо таъкид мекунад, ки «баҳри инсон чашми ман шабҳо гирист, то даридам пардаи асрори зист!» ва дар «Асрори худӣ» мегӯяд:

Ҳеҷ кас розе ки ман гӯям нагуфт,
Ҳамчу фикри ман дурри маънӣ насуфт.
Сирри айши ҷовидон хоҳӣ, биё,
Ҳам замин, ҳам осмон хоҳӣ, биё...

Асрори худӣ ва худшиносие, ки шоир Иқбол кашф кардааст, бар зидди афгори бефаъолияти сӯфиёнаи шарқӣ равона шудааст.

Шоир дар «Асрори худӣ» ба халқ мурочиат мекунад, ки пеш аз ҳама худро шинохтан даркор аст, барои ин мотаму фарёд ва синакубиҳои пайҳам суд надоранд, халлоқи ҷаҳони тоза шудан лозим аст.

Санг шав, эй ҳамчу гул нозукбадан,
То шавӣ бунёди девори чаман,

---

[1] *Зафт* — пурра, камол, балоғат.



Аз гили худ одаме таъмир кун,
Одамиро оламе таъмир кун.
Нолаю фарёди мотам то куҷо?
Синакӯбиҳои пайҳам то куҷо?
Хезу халлоқи ҷаҳони тоза шав,
Шӯъла дарбар кун, Хилиловоза[1] шав,
Марди худдоре ки бошад пухтакор,
Бо мизоҷи ӯ бисозад рӯзгор,
Гар насозад бо мизоҷи ӯ ҷаҳон,
Мешавад ҷангозмо бо осмон.
Гардиши айёмро барҳам занад,
Чархи нилуфомро барҳам занад.
Мекунад аз қуввати худ ошкор
Рӯзгори нав, ки бошад созгор.
Хешро чун аз худӣ маҳкам кунӣ,
Ту агар хоҳӣ, ҷаҳон барҳам кунӣ.

Китобҳои «Асрори худӣ» ва «Рамузи бехудӣ» аввалин манзумаи фалсафавии Муҳаммад Иқбол мебошанд. Дар китоби аввал мефаҳмонад, ки худро бишнос ва дарёб. Дар китоби дуюм таълим медиҳад, ки чун худро дарёфтӣ, дар роҳи саодати миллат худ маҳв шав. Чунин аст, мавзӯи мухтасари давраи дуюми эҷодиёти Муҳаммад Иқбол.

Бояд қайд кард, ки давраи дуюми эҷодиёти шоир нисбат ба давраи аввал маҳдудтар аст ва сабаби ин дар он аст, ки худи мавзӯъ ва услуби интихобнамудаи шоир бениҳоят маҳдуд аст. Шоир дар ибтидо баён мекунад, ки дар ин ду китоб он чизеро гуфтанӣ аст, ки то ҳанӯз гуфта нашудаанд. Дар ҳақиқат ҳам шоир кӯшидааст, ки дар таълимоти динии худ он масъалаҳоеро рад кунад, ки боиси маъюсӣ, коҳилӣ, гӯшагирӣ ва таслим шудан ба қазою қадар мегарданд. Шоир даъват менамояд, ки «хезу халлоқи ҷаҳони тоза шав!».— Азбаски ин масъалаҳои муҳим дар навбати аввал на ба нуқтаи назари миллату ватан, балки танҳо аз нуқтаи назари дин бардошта шудаанд, ба худ характери абстрактӣ қабул намудаанд.

Муҳаммад Иқбол умедвор буд, ки ин «Услуби тоза» барои ба мубориза бар зидди мустамликадорон даъват намудани халқ мададгор мегардад. Аммо ҳама баръакс баромад ва сабаби ин дар он буд, ки Иқбол ба

---

[1] Дар ин ҷо ишора ба ривояте меравад, ки гӯё Иброҳим Халилуллоҳро бар оташи Намруд мезананд, вале намесӯзад.

назар нагирифт, ки бо ин услубу ақидаи пешгирифтааш халқи гуногунмазҳаби Ҳиндро муттаҳид карда, ба мубориза барои мақсади ягона пешсаф кардан, аз имкон берун аст.

Ин буд, ки манзумаҳои фалсафавии Муҳаммад Иқбол «Асрори худӣ» ва «Рамузи бехудӣ», ки манфиати дини исломро аз манфиати миллат болотар мешумуранд, бар хилофи хоҳиши ӯ дар роҳи муттаҳид намудани халқи Ҳиндустон на танҳо хизмат карда натавонистанд, балки дар мавридҳои ҷудогона халал ҳам доданд.

Давраи сеюми эҷодиёти Иқбол ба таърихе вобаста аст, ки он тамоми дунёро ба ларза меорад. Синфи коргару деҳқони Россия бо роҳбарии Партияи Коммунистӣ ва асосгузори он Ленини Кабир салтанати подшоҳиро умрбод сарнагун карда, байрақи озодиро дар шашяки дунё ҷилвагар менамояд. Овози «Аврора» мазлумони дунёро, аз он ҷумла, халқҳои мустамликавӣ ва ниммустамликавиро аз хоби гарон бедор мекунад.

Революцияи Кабири Октябрь барои халқҳои дунё дар роҳи мубориза оинаи ибрат шуд. Революцияи Октябрь, гуфта буд сарвазири Ҳиндустон ҷаноби Неҳру, инчунин халқи кабири Ҳиндустонро бедор намуд ва роҳи муборизаи озодихоҳонаи миллии онро равшан кард.

Муҳаммад Иқбол ба халқ наздиктар мешавад, ҷидду ҷаҳд менамояд, ки моҳияти Революцияи Октябрьро ба ҳамватанони худ фаҳмонад ва ба муқобили истилогарон Ҳиндустонро ба по хезонад.

Аз забони Ленини кабир Муҳаммад Иқбол дар бораи Революцияи Октябрь чунин менависад:

> Басе гузашт, ки одам дар ин сарои куҳан
> Мисоли дона тахи санги осиё будаст.
>
> . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
>
> Ғуломи гурусна дидӣ, ки бардарид охир
> Қамиси[1] хоҷа, ки рангӣ зи хуни мо будаст...

Дар ин давра шоир аз даъватҳои абстрактӣ ба конкретӣ мегузарад, барои вай акнун равшан аст, ки гунаҳгори асосии ҳамаи ин бадбахтию бенавоии халқ мустамликачиёни мағриб мебошанд.

Лекин шоир, ҳар чӣ бошад ҳам, дар аввал гумон

[1] *Қамис* — пироҳан.



мекунад, ки хушбахт ва озод намудани халқ он қадар кори душвор нест. Барои ин ба Шӯрои Миллатҳо муроҷиат намудан даркор асту бас. Шӯрои Миллатҳо бошад дарҳол мустамликачиёнро фармон медиҳад, ки аз Ҳиндустон раванд. Мана чӣ менависад Иқбол:

> Боди сабо агар ба Женева гузар кунӣ
> Ҳарфе зи мо ба Маҷлиси Ақвом бозгӯй:
> Деҳқону киштy ҷӯю биёбон фурӯхтанд,
> Қавме фурӯхтанду чи арзон фурӯхтанд.

Дертар Иқбол боварӣ ҳосил мекунад, ки ба гург шикоят кардан масхарабозист. Вай акнун барои ёрӣ ба Шӯрои Миллатҳо муроҷиат кардан намехоҳад, балки онро масхара намуда, кафандузд меномад:

> Барфитад то равиши разм дар ин базми куҳан,
> Дардмандони ҷаҳон тарҳи нав андохтаанд.
> Ман аз ин беш надонам, ки кафандузде чанд
> Баҳри тақсими қубур анҷумане сохтаанд?

Шеъру ғазалу байту қитъаҳое, ки маҳсули давраи сеюми эҷодии Иқбол мебошанд, асосан дар маҷмӯаҳои «Паёми Шарқ» (с. 1923), «Ҷовиднома» (с. 1932) дохил шудаанд.

Эҷодиёти ин давраи шоир пурмазмун ва рангоранг мебошад. Шоир ба мақсади равшантар баён намудани фикраш гоҳе аз забони фариштагон, деву ҷин, гоҳе аз забони олимон ва донишмандони дунё, аз ҷумла — Байрон, Гёте, Толстой, гоҳе аз забони пешвоёни пролетариат Маркс ва Ленин, философҳои идеалист Гегель ва Кант сухан меронад, мекӯшад, ки дар мунозираи онҳо ҳақиқатро ба даст дарорад, макру ҳила ва бераҳмию ноинсофии фаранг (мағриб)-ро фош намояд. Ғоратгарони мағриб (фаранг) «чингизхон»-и наве ҳастанд, ки оламро вайрон карда истодаанд. Роҳи онҳоро тезтар гирифтан даркор аст.

> Фарёд зи афрангу диловезии афранг,
> Фарёд зи Шиpинию Парвезии афранг,
> Олам ҳама вайрона зи чингизии афранг,
> Меъмори ҳарам! Боз ба таъмири ҷаҳон хез,
> Аз хоби гарон, хоби гарон, хоби гарон хез,
> аз хоби гарон хез!

Шоир бо овози баланд «аз хоби гарон хез!» гуфта фарёд мезанад ва бо фахр баён мекунад, ки одамӣ соҳиби Замину замон аст, пас набояд аз хештан маъюс гардад, худро заиф шуморад, ба қувваи худ бо дидаи таҳқир нигарад.

Замири кунфакон ғайр аз ту кас нест,
Нишону бенишон ғайр аз ту кас нест!
Қадам бебоктар нех дар раҳи зист,
Ба пахнои ҷаҳон ғайр аз ту кас нест!

Дар эҷодиёти ин давраи шоир, ба шеърҳо ва таъбиру иборахое вомехӯрем, ки дорои характери синфӣ мебошанд. Дар «Паёми Шарқ» дар қисми суҳбати рафтагон аз забони Карл Маркс гуфта мешавад:

Роздони ҷузву кул аз хеш номахрам шудаст,
Одам аз сармоядорӣ қотили одам шудаст!

Дар худи ҳамин китоб шарҳи мубоҳиса байни ҳакими французӣ Қант ва марди муздуре чоп шудааст, ки мазмунаш чунин аст: ҳаким ба муздур мефаҳмонад, ки одамон як нахлро шоху баранд, аммо дар ҳаёт бояд яке корфармо ва дигаре корсоз бошад, чунки «на-оянд зи Махмуд кори Аёз!», муздур ҷавоб мегардонад, ки эй ҳаким, ту бо ин гуфтанӣ ҳастӣ, ки ин тилисми қадимро шикастан мумкин нест. Мехоҳӣ ки ба сармоядор сар фарорам?

Хаторо ба ҳикмат нагардон савоб,
...Ба дӯши замин бор сармоядор,
Надорад гузашт аз хӯру хобу кор,
Ҷаҳонрост бехрӯзӣ аз дасти музд,
Надонӣ ки ин ҳеҷкорст дузд.

Дар шеъри «Қисматномаи сармоядору муздур» сармоядор молу ашёи дунёро дар байни худ ва муздур ин тавр тақсим мекунад:

....Талхобае ки дарди сар орад, аз они ман,
Сахбои поки Одаму Ҳавво азони ту,
Мурғобию тазарву кабӯтар аз они ман,
Зилли хумову шахпари анқо аз они ту.
Ин хоку он чӣ дар шиками ӯ аз они ман,
Қ-аз хок то ба арши муалло аз они ту..

Шеъри «Навои муздур» ин тавр сар мешавад:



Зи музди бандаи карбоспӯшу меҳнаткаш
Насиби хоҷаи нокардакор рахти ҳарир.

Дар «Паёми Шарқ» —васфу ситоиши одам мавқеи намоёне ишғол мекунад. Шоир одамро ҳамкори худо мешуморад:

Навои ишқро соз аст одам,
Кушояд розу худ роз аст, одам.
Ҷаҳон ӯ офарид, ин хубтар сохт,
Магар бо эзид анбоз[1] аст одам?

Шоир тасвир мекунад, ки пайдо шудани одам замину осмонро ба ларза даровард, оламро нав кард. Вақте ки одам ба дунё меояд:

...Фитрат ошуфт, ки аз хоки ҷаҳони маҷбур
Худгаре, худшикане, худнигаре пайдо шуд.
Хабаре рафт зи гардун ба шабистони азал —
Ҳазар, эй пардагиён, пардадаре пайдо шуд!

Одам дунёро дида бо ифтихор месарояд:

Чӣ хуш аст, зиндагиро ҳама сӯзу соз кардан,
Дили кӯху дашту сахро ба даме гудоз кардан.
Зи қафас даре кушодан ба фазои гулситоне,
Раҳи осмон навардан, ба ситора роз кардан.
...Ҳама сӯзи нотамомам, ҳама дарду орзуям,
Ба гумон диҳам, якинро ки шаҳиди ҷустуҷӯям.

Орзу ва ҷустуҷӯ дилу ҷони одаманд, вай барои ба амал татбиқ намудани орзуҳояш роҳҳо ва ҷораҳои нав ба нав ҷустуҷӯ менамояд, шабҳои бехоб ва рӯзҳои беистироҳат бенатиҷа намемонанд, ба одам мадад мерасонанд, то он чизеро, ки зӯри худо ба он нарасида буд, эҷод кунад. Дар мунозираи худ бо худо одам фахр карда мегӯяд:

Ту шаб офаридӣ, чароғ офаридам.
Сафол офаридӣ, аёғ офаридам,
Биёбону кӯҳсору роғ офаридӣ,
Хиёбону гулзору боғ офаридам.
Ман онам, ки аз санг оина созам,
Ман онам, ки аз заҳр нӯшина созам.

---

[1] *Анбоз* — ҳамкор, ҳамроҳ.

Ба қудрату тавоноии одам на танҳо ишқ, ҳусн, фитрат, орзу ва зиндагӣ мутеъ мегарданд, балки инчунин малоик ҳам ба ҳамин ақида меоянд, ки:

Фурӯғи хокиён аз нуриён афзун шавад рӯзе.
Замин аз кавкаби тақдири мо гардун шавад рӯзе.
Яке дар маънии одам нигар! Аз ман чӣ мепурсӣ,
Ҳанӯз андар табиат мехазад, мавзун шавад рӯзе,
Чунон мавзун шавад ин пешпоафтода мазмуне,
Ки яздонро дил аз таъсири ӯ пурхун шавад рӯзе.

Муҳаммад Иқбол ки одамро «худгару худшикану худнигар» номидааст, қудрату тавоноии ӯро ба ифтихор тасвир намуда, афсӯс меҳӯрад, ки:

Ҳанӯз андар ҷаҳон одам ғулом аст,
Низомаш хому кораш нотамом аст.

Шахсе ки «ҷаҳонро хубтар сохт», «чароғу аёғ офарид, хиёбону гулзору боғ офарид...» «аз хӯи ғуломӣ зи сагон хортар аст», мегӯяд шоир.

Одам аз бебасарӣ бандагии одам кард,
Гавҳаре дошт, вале назри Қубоду Ҷам кард.
Яъне аз хӯи ғуломӣ зи сагон хортар аст,
Ман надидам, ки саге пеши саге сар хам кард.

Шоири гуманист — Муҳаммад Иқбол инсонро даъват мекунад, ки ҷомаи ифтихорашро аз ин доғи ғуломию таҳқир абадӣ тоза намояд:

Хоҷа аз хуни раги муздур созад лаъли ноб,
Аз ҷафои деҳхудоён кишти деҳқонон хароб,
Инқилоб!
Эй инқилоб! Эй инқилоб!

Мубориза халқи бедоргаштаи Ҳиндустон бар зидди мустамликачиёни ғоратгар торафт шиддатноктар мегашт. Барои хомӯш намудани оташи мубориза, рӯпӯш кардани сиёсати раҳзанонаи мустамликавии худ соҳибони сафедпӯст аз ҳеҷ чиз рӯ намегардонданд. Ба ҳабс мегирифтанд, ба дор меовехтанд, виҷдони соддалавҳонро мехариданд, макру ҳиларо аслиҳа карда, қабиларо бо қабила, кастаро бо каста ҷанг меандохтанд. Гуногунмазҳабии Ҳиндустон ба маккорони инглисӣ имконият медод, ки оташи низои диниро даргиронанд ва бо



ҳамин дар байни халқи муттаҳидгашта нифоқ ба вуҷуд оранд.

Дар Ҳиндустон дар баробари муборизаи ҳақиқии халқӣ барои озодии миллӣ инчунин низоъҳои қабилавию динӣ, ки ташаббускори асосии онҳо мустамликачиён буданд, авҷ мегирифтанд.

Аз як тараф, беморӣ ва хастагии солҳои охири умр, аз тарафи дигар, маҳдудияти ҷаҳонбинии Иқбол нисбат ба замонаш ба ӯ имконият надоданд, ки муборизаи ҳақиқиро аз низоу ҷаҳолат фарқ кунад, моҳияти онҳоро бо хубӣ фаҳмад ва ҳомии яке аз онҳо гардад. Иқбол қувваи асосии халқро намедид. Ҳатто моҳияти намоиши халқро, ки бо суруди худи ӯ «Ҳиндустони мо»,— сар мешуд, дуруст дарк карда наметавонист. Дар пеши назари ӯ шабу рӯз танҳо онҳое намоён буданд, ки фиреб хӯрда, манфиати халқу ватанро фаромӯш намуда, машғули даргиронданн оташи низои динӣ буданд. Ҳамаи ин ҳодисаҳо Иқболи бемору хастаро ба изтироб меоварданд, орзуҳои ширинашро талх менамуданд, дар дилаш тухми ноумедию маъюсӣ мекоштанд...

Он шоире ки ҳар бор «дар ин дунё чу мавҷи бекарорам, Агар бар худ напеҷам нестам ман!» — мегуфт ва дигаронро ҳам даъват мекард, ки аз хоби гарон хезанд, инқилоб кунанд, якбора маъюсона ба худо муроҷиат мекунад:

Шаби ҳиндӣ — ғуломонро саҳар нест,
Ба ин хок офтоберо гузар нест!
Ба мо кун гӯшаи чашме, ки дар Шарқ
Мусулмоне зи мо бечоратар нест.

Давраи чорум — давраи охирини эҷодиёти Муҳаммад Иқбол буд. Осори ин давра ба ду забон — урду ва форсӣ навишта шудааст.

Маҷмӯаи «Армуғони Ҳиҷоз»,— баъд аз вафоти шоир ба табъ расидааст, ки дар он асарҳои солҳои охири умри ӯ ки бештари онҳо характери панду насиҳати динӣ доранд, дохил шудаанд.

Баъд аз вафоти Муҳаммад Иқбол як қатор адабиётшиносон ва мунаққидони мамлакатҳои Шарқ ба ҳамин хулоса омаданд, ки гӯё Иқбол танҳо маддоҳи дини ислом буду бас, ғами ӯ ғами дин буд, аммо на ғами миллат ва шеърҳои бахшида ба ватану миллат навиштаи ӯ каманд ва асосан ба даври аввали эҷодии ӯ тааллуқ доранд. Ин тавр яктарафа ва рӯякӣ ба эҷодиёти шо-

ири бузург нигоҳ кардан нодуруст аст. Оре, Иқбол ба дин эътиқод дошт, аз ин сабаб ҳам ба зуҳуроти замон аз нуқтаи назари фалсафаи ислом нигоҳ мекард, ҳатто дини исломро аз дигар динҳо баландтар дониста, онро мадҳ мекард. Лекин бо вуҷуди ҳамаи ин, Иқбол ватандӯст буд ва дар таронаҳояш халқро ба инқилоб барои озодии миллӣ даъват мекард.

Дуруст аст, ки Иқбол дар солҳои охири умраш гӯшанишиниро ба худ қарор дод ва дар ҳолати маъюсӣ ва ноумедӣ буд. Дар шеърҳояш фикри пӯсидаи панисломистҳоро ки «Миллати ислом дини ӯст», такрор мекард. Ҳангоми мутолиаи маҷмӯаи охиринаш, ки баъд аз вафоти шоир нашр ёфтааст, худ аз худ пурсидам,— наход, ки Иқболи бузург дар охири умраш ватану халқашро фаромӯш карда бошад? Охир вай дар таронаи абадзиндаи худ «Ҳиндустони мо!» — бо ифтихор эълон кард, ки «Дар дили ватан халқи бовафою содиқаш зиндааст, ватан дар дили мо ҷойгир аст ва ҳамеша бо мост!». Ҳар қадар, ки бештар маҷмӯаи мазкурро варақ мезадам, ҳамон қадар изтироби ман меафзуд. Ман мехостам, ки овози буррои Иқболи мубориро шунавам, лекин ба ҷои он овози хастаю маҳзуне ба гӯшам мерасид. Вале нохост ба ин байтҳо, ки бояд дар рӯзҳои охирини умри шоир навишта шуда бошанд, назарам афтод.

Саропо дарди дармоннопазирам,
Напиндорӣ, забуну зору пирам.
Ҳанӯзам дар камоне метавон ронд,
Зи кеши миллате афтода тирам.

Оре, ин овози Иқболи ватандӯст аст, ки барои ватан ҳанӯз ҷавон аст ва метавонад мубориза барад.

Ин ду байт, ки низ дар рӯзҳои охири умраш гуфта шудаанд, ба он шаҳодат медиҳанд, ки Муҳаммад Иқбол то дақиқаҳои охирини умраш мустамликачиёнро бад медид ва ба халқаш маслиҳат медод, ки соҳиби тақдири худ бошад, ин ду байт инчунин далели онанд, ки дар муборизаҳои дуру дарози ақидаҳои мухталифи шоир ғояи ватандӯстӣ ғолиб баромадааст:

Мабар пеши фарангӣ ҳоҷати хеш,
Зи тоқи дил фурӯ рез ин санамро...

Ва ё:

Паёме деҳ зи ман Ҳиндустонро,
Ғулом озод аз бедории ӯст!



Ин байтҳо пеш аз ҳама васияти шоири бузург ба халқу ватанаш мебошанд.

* * *

Доир ба назарияҳои Иқбол ба шеъру шоир чанд сухане рондан лозим меояд.

Муҳаммад Иқбол даъвои шоирӣ надошт:

Нағма куҷою ман куҷо?
Созу сухан бахонаест,
Сӯи қатор мекашам нокаи безимомаро,

мегуфт вай дар бораи худ. Лекин Иқбол шоири ҳақиқӣ буд ва шеърро дӯст медошт. Масъулияти шоирро дар назди хонанда бо хубӣ ҳис мекард. Иқбол хуб медонист, ки шеъру шоир дасти рости халқ ва мамлакат мебошад. Пас шоир бояд чунон шеъре сарояд, ки орзуи халқ дилу ҷонаш бошад. Дар яке аз шеърҳояш аз забони Румӣ чунин мегӯяд:

Фитрати шоир саропо ҷустуҷӯст.
Холиқу парвардигори орзӯст.
Шоир андар синаи миллат чу дил,
Миллати бе шоире анбори гил...

Пас шоири миллат бояд шарики ғаму шодии халқаш буда, бо таронаи худ роҳи ӯро дурахшон намояд.

Зи ман бо шоири рангинбаён гӯй,
— Чӣ суд аз сӯз, агар чун лола сӯзӣ?
На худро мегудозӣ з-оташи хеш,
На шоми дардмандонро фирӯзӣ.

Шеър навои замон аст, барои ин ҳам:

Ба ҳар замона ба услуби тоза мегӯянд
Ҳикояти ғами Фарҳоду ишрати Парвиз.

Шеър инъикоси ҳаёт аст, вай танҳо дар он сурат зинда аст, ки чун ҳаёт дар ҳаракат бошад, ба оянда нигоҳ карда қадам гузорад.

Дамодам нақшаҳои тоза резад,
Ба як сурат қарори зиндагӣ нест,
Агар имрӯзи ту тасвири дӯш аст,
Ба хоки ту шарори зиндагӣ нест.

Иқбол суол медиҳад, ки шеърро сӯз аз кучо меояд? Аз худӣ ё аз худо? ва чавоб мегардонад, ки шоир, он дили гарме ки дар каноp дорад, пеши яздон ҳам қарор намегирад!

Пас шеърро сӯз аз худо не, балки аз ҳарорати дили гарми шоир, аз чустучӯ ва орзуи ӯст.

Чони моро лаззат андар чустучӯст,
Шеърро сӯз аз мақоми орзӯст...

Ягонагии шаклу мазмун дар шеър барои Иқбол яке аз шартҳои асосии назм буд. Дар осораш равшан дидан мумкин аст, ки шоир кӯшиш мекардааст, ки шаклу мазмун қурбони якдигар нагарданд, ҳар ду барои ифодаи фикри шоир баробар хизмат намоянд. Худи шоир мегӯяд, ки:

Барги гул рангин зи мазмуни ман аст!

Чунонки:

Мисраи ман қатраи хуни ман аст.

Муҳаммад Иқбол дар рӯзҳое зиндагонӣ ва эчод мекард, ки ватани вай мустамлика буд, мустамликачиёни ғоратгар душмани маданияти халқ буданд, онҳо бо ҳар роҳ мекӯшиданд, ки ба нашъунамои маданияти халқ халал расонанд. Одамони бофазл дар диёри худ бадтар аз ғариб буданд, ҳатто барои озодона нафас кашидан ҳуқуқ надоштанд. Муҳаммад Иқбол дар бораи Гёте сухан ронда менависад:

То маро рамзи ҳаёт омӯхтанд,
Оташе дар пайкарам афрӯхтанд.
Як навои синатоб овардам,
Ишқро аҳди шубоб овардам.
Пири Мағриб шоири олмонавӣ,
Он қатили шеваҳои паҳлавӣ,
Баст нақши шоҳидони шӯху шанг,
Дод Машриқро саломе аз фаранг.
Дар чавобаш гуфтаам пайғоми Шарқ,
Моҳтобе рехтам бар шоми Шарқ!
То шиносой худам, худбин наям,
Бо ту гӯям, ӯ кӣ буду ман киям!
Ӯ[1] зи афранги чавонон мисли барқ,

[1] Гёте.



Шӯълаи ман аз дами пирони Шарқ.
Ӯ чаманзоде, чаман парвардае,
Ман дамидам аз замини мурдае.
Ӯ чу булбул дар чаман «Фирдавс гӯш»,
Ман ба саҳро чун чарас гарми хурӯш.
Ҳар ду гавҳар арчманду тобдор,
Зодаи дарёи нопайдоканор.
Ӯ зи шӯхӣ дар таҳи қулзум тапид,
То гиребони садафро бардарид.
Ман бо оғӯши садаф тобам ҳанӯз,
Дар замири баҳр ноёбам ҳанӯз.
...Аз ҳунар сармоядорам кардаанд,
Дар диёри Ҳинд хорам кардаанд.
Лолаю гул аз навоям бенасиб,
Тоирам дар гулситони худ ғариб.

Иқбол шикоят мекунад, ки он розеро, ки ӯ гуфт одамон пай набурданд ва аз шохи нахли ӯ хурмо нахӯрданд ва бадтар аз ҳама:

Ту гуфтӣ аз ҳаёти човидон гӯй,
Ба гӯши мурдае пайғоми чон гӯй,
Вале гӯянд ин ноҳақшиносон,
Ки таърихи вафоти ин он гӯй.

Муҳаммад Иқболро дар Шарқи форсизабон яке пайрави Носири Хусрав ё Чалолиддини Румӣ, дигаре Бедили замон ном медиҳанд. Шоири бузурги Эрон Баҳор менависад:

Бедиле гар рафт, Иқболе расид,
Бедилонро навбати холе расид,
Қарни ҳозир хосаи Иқбол гашт.

Шоири маъруфи Афғонистон Зиё Қоризода дар сӯҳбати худ бо соҳибқаламони шаҳри мо изҳор намуд, ки шоирони Афғонистон дар шахси Иқбол инқилобчии назми форсии Шарқро мебинанд...

Вақте меояд, ки адабиётшиносон ҳартарафа ва чуқуртар эчодиёти ин шоирро меомӯзанд, мавқеи ӯро дар назм ва ҳаёт объективона муайян менамоянд. Лекин ҳоло ки ин кор нашудааст, бишнавем, ки худи шоир дар бораи худ чӣ мегӯяд:

На шеър аст, ин ки бар вай дил ниҳодам,
Гиреҳ аз риштаи маънӣ кушодам.

Ба уммеде, ки иксире занад ишқ,
Миси ин муфлисонро тоб додам.

Дар яке аз ғазалҳои худ ба мардони оянда — ҷавонон бо сӯзу гудозе муроҷиат намуда, бо боварии комил мужда мерасонад, ки деворҳои зиндони шумо меафтанд, занҷирҳои ғуломӣ пора-пора хоҳанд шуд:

Чун чароғи лола сӯзам дар хиёбони шумо,
Эй ҷавонони Аҷам, ҷони ману ҷони шумо!
Ғӯтаҳо зад дар замири зиндагӣ андешаам,
То ба даст овардаам афкори пинҳони шумо.
Меҳру маҳ дидам, нигоҳам бартар аз Парвин гузашт,
Рехтам тарҳи ҳарам дар кофаристони шумо.
Фикри рангинам кунад назди тиҳидастони Шарқ,
Пораи лаъле, ки дорам аз Бадахшони шумо.
Мерасад марде, ки занҷири ғуломӣ бишканад,
Дидаам аз равзани девори зиндони шумо.
Ҳалқа гирди ман занед, эй пайкарони обу гил,
Оташе дар сина дорам аз ниёгони шумо.

# МАЪВОИ ИШҚУ МУҲАББАТ

*...Чашмро ҳамеша ҷавон нигоҳ доштан лозим аст. На танҳо барои дидани соҳибҷамолон, балки барои тамошои чунин сохтмонҳои азиму зебоманзари Тоҷикистон ҳам ба кор меоянд.*

*ГУРБАХШ СИНГҲ.*

Гурбахш Сингҳ, яке аз нависандагони машҳури Панҷоб аст. Соли 1958 бори дуюм ба Иттифоқи Советӣ ва бори аввал ба Тоҷикистон омада буд. Вай ба ин ҷо аз Тошканд бо чанд нафар вакилони Конференцияи якуми нависандагони Осиёву Африқо барои иштирок дар ҷашнгирии 1100-солагии санаи таваллуди Абӯабдуллои Рӯдакӣ омада буд. Дар ҷашнгирӣ фаъолона иштирок кард, ба ватани Рудакӣ, деҳаи Панҷрӯд рафта, дар байни ҳамдиёрони шоир суханронӣ кард. Баъд ӯ ба Тоҷикистон тез-тез омадан гирифт. Ҳар бор мувофиқи хоҳишаш ӯро ба колхозҳо, савхозҳо, корхонаҳои саноатӣ ва муассисаҳои илмӣ мебурдем, бо деҳқонон, коргарон, олимон вомехӯрд. Меҳмони мо ҳозиронро суолборон мекард. Ҳар дафъа ҳам ман ҳамроҳи ӯ мегаштам.

Ошноии мо дар Панҷоб сар шуда буд. Ин ҳамон вакте буд, ки ман дар ҳайати Котиботи байналхалқӣ дар Деҳлӣ ҳангоми тайёр кардани Конференцияи якуми нависандагони Осиё кор мекардам. Ба муносибати ин конференция нависандагони Ҳиндустон, чун анъана, дар шаҳрҳои калони мамлакат мушоира мегузаронданд. Мо, нависандагони хориҷӣ ҳам, ба онҳо ҳамроҳ мешудем.

Мушоираи охирин дар маркази Панҷоб шаҳри Ҷилондаҳр барпо шуд.

Дар ин ҷо бо нависандаи ҷавон Навтеҷ, ки чанд сол пеш меҳмони Тоҷикистон буд, вохӯрдам. Ӯ, ки чор сол пеш ба русӣ гап зада наметавонист, якбора бо ман русӣ гап задан гирифт. Ҳатто баромади моро дар мушоира худи ӯ тарҷума кард. Тамоми иштироккунандагони мушоира дар ҳайрат афтода буданд. Ману Навтеҷ паҳлуи ҳам нишаста будем. Дуртар аз мо мӯйсафеде менишаст, ки чашмонаш чун оташ медурахшиданд. Вай ҳар замон дуздида-дуздида, сӯи мо нигоҳ мекард. Навтеҷ оҳиста ба ман гуфт, ки ин мӯйсафед падари ӯст,нависанда, номаш Гурбахш Сингҳ. Хоҳиш кардам, ки моро ба ҳамдигар шиносанд. Навтеҷ бо табассум «майлаш» гуфт. Маънои табассуми ӯро нафаҳмидам...

Навтеҷ бо ҳар баҳона ин хоҳишро иҷро накард. Дертар фаҳмидам, ки гап байни падару писар гурехтааст. Сабабро напурсидам. Ба ҷои вай Мулк Ранҷ Ананд моро бо Гурбахш шинос кард. Сӯҳбати мо дароз накашид. Баъди ба суолҳояш ҷавоб гирифтан бо расмият моро ба меҳмонӣ даъват кард. Ман фаҳмондам, ки ба ҳавлии як духтури панҷобӣ даъват шудаам. Гурбахш китфҳояшро ба маънои «чӣ илоҷ?» ҷунбонд. Суолҳояш чунин буданд:— Бухоро дар чӣ ҳолат аст? Аз Бухорои шариф барои хотира чӣ мондааст? Мадрасаҳояш кор мекунанд ё на?..

Баъд аз маҷлис рост ба ҳавлии духтур рафтем (афсӯс, ки номашро фаромӯш кардаам). Ҳавлиаш камбағалона, вале табассумҳои гарм ва чеҳраҳои пурмеҳри соҳибони хона ва бачагони хурдсолашон зебу зинати манзилашон буданд. Духтур чи дар сурат ва чи дар сӯҳбат духтури марҳум — Шаҳобовро ба хотир меовард. Аз гап сер намешуд. Ба касе навбат намедод. Ҳамаи мо гӯш будему вай даҳон. Лекин сӯҳбаташ ширину завқовар буд. Агар ба соатҳо нигоҳ намекардем, фаро расидани рӯзро пай набурда мемондем.

Духтур дар Бомбей соҳиби унвон ва мансаби духтурӣ шудааст. Қораш баравнақ ва даромадаш хуб будааст. Аммо дар яке аз рӯзҳо панҷобие ӯро таъна кардааст, ки «дар он ҷо, дар Панҷоб, ҳамшаҳриҳоят ниёзманди табобатанд, ту бошӣ, дар ин ҷо кайфу сафо дорӣ!». Духтур номус карда, ба Панҷоб бармегардад. Бо пули худ барои деҳқонони камбағал духтурхона месозад ва ба табобати бепул сар мекунад... Худаш, яккаву танҳо, ҳар рӯз то сад нафар беморонро қабул мекунад. Ҳукумати маҳаллӣ ин ташаббуси ӯро дастгирӣ намекунад... Дере нагузашта, духтур қашшоқ ва духтурхонааш баста мешавад.

Дар охир духтур бо ифтихор гуфт, ки мо, панҷобиҳо, нотарсу далер ҳастем. Моро агар дарвозабони Ҳиндустон номанд, меарзад. Лекин одати аҷибе дорем. Ба душман барои ба Ҳиндустон даромадан роҳ медиҳем, аммо баргашта рафтан намемонем, дар ҳамин ҷо мегӯронем!

Яке аз аҳли сӯҳбат суханони ӯро қувват дод:

— Назди арки Дарвозаи Ҳиндустон ҳайкали Георги V қомат барафрохтааст. Чандин сол вай дар ҳамон ҷо буд. Вале деҳлавиён бо вай коре карда натавонистанд. Аммо бачае аз Панҷоб ба Деҳлӣ рафта, болои ҳайкал мебарояд, баъд аз меҳнати дуру дарозе бинии мармарии ӯро мешиканад. То омадани полиция бачаи панҷобӣ ангуштҳои подшоҳро ҳам мешиканад. Солҳои дарозе подшоҳ биниву ангушт надошт...

— Умуман,— ҳамроҳ шуд ба сӯҳбат дигаре,— ҷавонони панҷобӣ сазовори достонанд. Панҷобиҳо ба фарзандони диловари худ ҳайкал гузоштаанд. Дар байни онҳо Картар Сингҳ ном студенти лоҳурӣ ҳам ҳаст, ки дар шӯриши соли 1915 иштирок кардааст. Дар рӯзи ҷазо аз ӯ хоҳиш мекунад, ки «ту ҳанӯз кӯдак ҳастӣ, ба зону истода, авф талаб кун». Вай посух додааст, ки «агар ду ҷон медоштам ҳам, ҳардуяшро қурбони ватан мекардам». Дӯстонаш ӯро гурезониданӣ мешаванд. Вай гуфтааст, ки «чи сон гурезам, даме ки ёрони ман дар ҳабсанд!»

Дар вақти муҳокима яке аз аъзоёни суд аз ӯ мепурсад:

— Оё медонӣ, ки агар гуноҳатро ба гардан нагирӣ, бо чӣ рӯ ба рӯ мешавӣ?

Студент дар ҷавоб гуфтааст:

— Медонам, бо марг рӯ ба рӯ мешавам. Лекин ман бегуноҳам!

— Чаро аслиҳа бардоштӣ?

— Ғулом ҳақ дорад, ки бо аслиҳа худро озод кунад!

Вақте ки ба меҳмонхона баргаштем, ҳайрати худро ба Навтеҷ баён кардам. Вай хандида, гуфт, ки дар Ҳиндустон чунин шахсони соҳибҳиммат, ки мехоҳанд беНавоёнро хушбахт кунанд, кам нестанд. Лекин аксарияти онҳо дар охир худашон ҳам қашшоқ мешаванд. Падари ман ҳам солҳо боз мекӯшад, ки камбағалонро хушбахт кунад. Ҳайрон нашав!

Саргузашти ин пири ҷавондил, ба қавли худаш, талху ширин аст. Баъд аз гирифтани маълумоти миёна ба коллеҷи инженерӣ дохил мешавад. Дар охирҳои ҷанги якуми ҷаҳон онро хатм карда, ба хизмати ҳарбӣ меравад. Баъд аз он ба Чикаго (ШМА) барои хатми маълумоти техникӣ фиристода мешавад.

Америка! Дар ин ҷо вай чун тифли нав ба дунё омада кунҷков аст, барои ӯ ҳама чиз нав. Рафта-рафта дар баҳри ғояҳои гуманистон ва демократҳои он замон — Эмерсон, Торо. Уитмен, Абраҳам Линкольн ва дигарон ғӯтавар мегардад. Баъди соҳиби маълумот шудан ба ватанаш, Ҳиндустон, баргашта ба кор сар мекунад. Гурбахши ҷавон дар шароити мустамликадорӣ ба хубӣ ҳис мекунад, ки барои беҳтар кардани шароити зиндагонии халқ, асоси худи зиндагиро дигар кардан лозим аст. Аммо чӣ тавр? Ба ин суол дар он солхо тамоми одамони тараққипарвари Ҳиндустон ҷавоб меҷустанд ва ҷавобҳои ёфтаашон мухталиф буд. Агар Махатма Ганди роҳи азнавсозии зиндагиро дар шӯришҳои бемуқобилияти зидди мустамликадорони англис медид, гӯрӯҳи дигаре, пеш аз ҳама, такмили шахсияти инсонро тарғиб мекарданд, худи Ганди ҳам ба ин масъала борҳо дахолат карда буд.

Гурбахш Сингҳ дар мубориза худ барои азнавсозии ҳаёт суханро чун аслиҳаи тавоно интихоб мекунад. Ҳанӯз дар солҳои 1912 шеърҳои машқии ӯ дар саҳифаҳои рӯзномаҳо пайдо шудан гирифтанд. Дар соли 1923 аввалин намоишномаи ӯ «Шоҳдухтар Латика» ба нашр мерасад. Дар ин намоишнома нависанда бори аввал ба масъалаҳои ахлоқиву иҷтимоӣ дахолат мекунад.

Дар равиши мубориза Гурбахши ҷавон дар байни мустамликадорӣ ва ғояи гуманистӣ тафриқаи калоне мебинад. Пай мебарад, ки ин ду чиз душманони якдигаранд ва дар байни онҳо оштӣ имконнопазир аст. Бинобар он барои азнавсозии ҳаёт дар чунин шариат сухан кам аст. Аслиҳаи тавонотар амал аст. Амал, амал ва боз ҳам амал! На бо сухан, балки бо амал ҷамъияте барпо кардан лозим аст, ки дар он на шоҳ бошаду на гадо, ҳама баробару бародар бошанд. Дин, нажод, миллат ва ранги пӯст набояд ба дӯстиву бародарии онҳо халал расонад. Меҳнати беистисмор сарчашмаи хушбахтии онхо гардад!

Дар наздикии Амритсар биёбони васее паҳн шуда буд, ки заминҳои он асрҳо бекор хобида буданд. Дар



ҷо-ҷои он хонаҳои вайронае буданд, ки дар замони ҳукмронии муғулҳо сохта шудаанд. Шабҳо дуздон ва роҳзанҳо дар он ҷо гулхан афрӯхта, базм барпо мекарданд. Лекин рӯҳониён овоза мекарданд, ки дар он ҷо аҷинаҳо зиндагӣ мекунанд ва барои ҳамин саҳроро аҷинахона ҳам меномиданд. Гурбахш Сингҳи хаёлпараст, ислоҳотчии иҷтимоӣ, нависандаву рӯзноманигор ин биёбонро бо нияти нек ба пули худ мехарад. Ба он ҷо садҳо деҳқонони безаминро кӯчонда, барои барпо кардани деҳоти наву ҳаёти осудаҳолона камар мебандад. Трактору асбобҳои хоҷагии деҳотро муҳайё мекунад. Зиндагӣ ба ҷӯшу хурӯш медарояд. Дере нагузашта, дар биёбон деҳоти дилкушое дорои биноҳои ҳозиразамони истиқоматӣ, мактабхонаҳо, чойхонаву ошхона бунъёд мегардад. Номи деҳотро «Прит нагар» (Маъвои ишқ) меноманд.

Меҳнати озод самараи ширин медиҳад. Деҳа торафт обод ва мардумаш осудаҳол мешавад. Вақт ба вақт дар боғи Маъвои ишқ нависандагон, ходимони санъат бо мардум вохӯрда, асарҳои тозаи худро мехонанд, аз кори эҷодии худ ҳисобот медиҳанд. Ҳаваскорони санъат тамошо ташкил мекунанд...

Соли 1942 ба Маъвои ишқ Ҷавоҳирлол Неҳру омада, ташаббуси Гурбахш Сингҳро маъқул донистааст.

15 августи соли 1947 Ҳиндустони қадимаву афсонавӣ ба Ҳиндустону Покистон ҷудо шуд. Хати сарҳадии ин ду давлати навташкил чун ханҷар аз дили Маъвои ишқ гузаронда шуд. Дар маъвои гул-гул шукуфтаистода тағйироти хузнангези ба вуқӯъ омад. Нисфи хоки деҳа бо одамонаш ба тарафи Покистон гузашт... Илова бар он, ҷамоаи хурд ба фишори бозор, муҳити душманона ва ба ғояи ғайригуманистие, ки гирду атрофи онро иҳота карда буд, тоб оварда натавонист. Лекин худи ин ҷунбиш барои тарбияи ҳазорон одамон сабаб шуд. Вай инчунин сабабгори ба вуҷуд омадани нашрияҳои нав гардид, ки ҳам барои Гурбахш Сингҳ аслиҳаи тавоно мебошанд...

Охирин бор Гурбахш дар охири солҳои шастум ба Душанбе омада буд. Ин дафъа вай худро чун соҳибхона ҳис мекард ва дарҳол дилашро ба рӯи мо васеътар кушода буд. Боре бо эътироз гуфт, ки «шумо, дӯсто-

нам, бо меҳмондории худ тартиботи рӯзи маро вайрон мекунед. Вай коғазе ба ман дароз карда:

— Ана,— гуфт,— бинед, тартиботи рӯзи ман то чи андоза мураккаб аст.

Ман коғазро гирифта, аз назар гузарондам ва солҳои хизмати аскариам ба ёдам омаданд. Чунин буд ҷадвали якрӯзаи вай:

1. Аз хоб хестан соати 4
2. Сайругашт, гимнастика аз соати 4 то 5
3. Оббозӣ аз соати 5 то 5-30
4. Қори эҷодӣ аз соати 5-30 то 7-30
5. Наҳор аз соати 7-30 то 8
6. Қор барои Прит нагар аз соати 8 то 13
7. Наҳори нимрӯзӣ аз соати 13 то 14
8. Қироат ва истироҳат аз соати 14 то 14-30
9. Хоб аз соати 14-30 то 15-30
10. Азназаргузаронии рӯзномаҳо, мактубҳо, сӯҳбат бо мухлисон, дӯстон аз соати 15 то 16-30
11. Кор дар ферма аз соати 16-30 то 18-30
12. Сайругашт, гимнастика аз соати 18-30 то 20
13. Шом аз соати 20 то 20-30
14. Қори эҷодӣ аз соати 20-30 то 22
15. Хоб дар соати 22

Ба меҳмон рӯ оварда гуфтам, ки афсӯс шароити зиндагии пурҷӯшу хурӯши мо барои бо чунин тартибот кор бурдан имконият намедиҳад. Гурбахш ранҷид.

— Ин баҳонаҳои шумо ба ман намефоранд. Онҳо одамро, ки барои меҳнат офарида шудааст, аз вазифааш дур мекунанд. Дирӯз бо дӯстам, академик Ибодулло Нарзиқулов, ба кӯча баромадем. Гулҳои хорузори хиёбонеро дида гуфтам: «Чаро ин гулҳо бесоҳиб мондаанд?». Дӯстам Ибодулло Нарзиқулов мегӯяд, ки дар мамлакати мо рӯз аз рӯз сохтмонҳои нави азиме ба кор андохта шуда истодаанд, қувваи коргарӣ намерасад. Ман ба вай фаҳмондам, ки модоме, ки аз ӯҳдаи гулпарварӣ намебароед, барои чӣ онро мекоред? Охир ман, агар имконияти парасторӣ намедоштам, риш намемондам. Ҳеҷ вақт худро бо ягон баҳонае ором кардан хуб нест, одам танбалу бепарво мешавад.

...Гурбахш Сингҳ дар бораи нависанда шудани худ сабабҳои бисьёру аҷибе оварда, гуфт:

— Лекин ду ҳодисаи ғайричашмдошт, ки дар оғози нависандагии ман ба вуқӯъ омада буданд, бароям фаромӯшнашавандаанд. Онҳо қуввае буданд, ки маро ба олами нависандагӣ тела медоданд.

Ҳардуи ин ҳодисаҳо дар вақти хизмати аскариям рӯй доданд. Яке дар ватанам, дигаре дар Америка ва сабабгори ҳардуяш ҳам ҷинси зан буд. Боре маро барои такмили ихтисос ба хондан фиристоданӣ шуданд. Лекин дар киса як пайса ҳам надоштам. Иқтидори қарз гирифтан ҳам набуд. Бинобар он занамро ба фурӯхтани зевараш розӣ кунондам. Лекин ин кор он қадар осон набуд. Занони панҷобӣ ташнаи зевари тиллоанд. Чӣ бояд кард? Ғайр аз кор фармудани ҳила илоҷе нест. Арақ резонда, се шабу рӯз хоб накарда, дар бораи зани дилсӯзе, ки дар мушкилтарин дақиқа зинату зеварашро қурбони шавҳараш мекунад, ҳикоя навиштам. Ҳикоя хело ҳам таъсирбахш баромад. Занам онро хонд, ба бахти ман ашконаш равон шуданд. Чизе нагуфта, саховатмандии қаҳрамони ҳикояамро такрор кард.

Чун ҳамаи инро бо чашмам дидам, худ ба худ гуфтам:— Чаро аз чунин аслиҳаи тавоно, чун сухан, истифода набарам?

Ҳодисаи дигар дар Америка рӯй дода буд. Дар хиёбоне нишаста будам. Бинам, дар паҳлуям зани соҳибҷамоле, ки мӯи нуқраранг ва дар тан либоси осмониранг дошт, чашмонашро пӯшида, рӯяшро ба сӯи моҳ нигаронида ором нишастааст. Занак камаш 25 сол аз ман калонтар буд. Ин аз рӯю мӯю пилкҳои чашмаш аён буд. Бо вуҷуди он дилрабо. Ба назари ман чунин намуд, ки тоблуе (портрете) дар наздам истодааст ва ман бо завқ онро тамошо мекунам. Ҳатто баъд аз он ҳам, ки занак чашмашро кушоду бо ҳайрат ба сӯям нигарист, ман аз ӯ нигоҳамро накандам. Занак бо ҳайрат пурсид:

— Чаро ин қадар нигоҳ мекунед?

— Рӯи шуморо бо моҳ муқоиса карда истодаам,— дарҳол ҷавоб додам ман. Занак кунҷковона ба ман нигариста, пурсид:

— Аз Шарқ?

— Магар сиёҳмӯёну гандумгунон дар Америка каманд?

— Гуфтори пуристиора хоси шарқиён аст,— гуфт занак ва илова кард:— Шояд шумо нависанда ҳам бошед?

— Гоҳ-гоҳ коғази сафедро сиёҳ мекунам...

Алқисса ошно шудем ва ин ошноӣ ба муҳаббат таб-

дил гашт. Дар худи ҳамон рӯз фаҳмонд, ки вай ҳам «ғоҳ-ғоҳ коғазро сиёҳ мекунад». Ва хоҳиш кард, ки навиштаҷотамро оварда, ба ӯ нишон диҳам. Мувофиқи хоҳиши худаш рӯзи сеюм ба хонааш омадам. Меҳмондории хубе кард. Дар охир ҳикояҳоямро гардонда гуфт:

— Ҳикояҳоятро бо завқе хондам. Аз ҳама муҳим он аст, ки аз онҳо садои пурэътирози Шарқи мазлум шунида мешавад. Ҳис карда мешавад, ки онҳоро фарзанди Шарқ навиштааст...

Аз шунидани ин суханон ба ҳаяҷон омадам. Беихтиёр иҷозат хоста, аз рӯяш бӯсидам ва аз ин ҷуръатам зуд пушаймон шуда, узр хостам.

— Бубахшед, ки аз рӯятон бӯсидам, мо шарқиён одати бӯсидани дасти занҳоро надорем.

— Барои рафторҳои ҷавонмардона узрхоҳӣ намекунанд!— гуфт меҳмондори ман. Баъд пурсид, ки ман ба забони модарии худ ҳам чизе менависам ё на? Ман ҷавоб додам, ки асосан ба забони англисӣ менависам. Занак ранҷид. Баъд, ба ман наздиктар омада, дасташро бар сарам гузошта, мӯҳоямро силакунон, чун модаре, ки бар сари гаҳвора нишаста, кӯдакашро панд медиҳад, гуфт:

— Фаромӯш накун, ҷигарбанди Шарқ, забони англисӣ барои ту чун маъшуқаи дилдодаест, ки дар ноомади кор метавонад аз ту рӯ гардонад, ба тарафи дигарон чашмакӣ занад. Аммо забони модарӣ модари туст. Модар дар мушкилтарин дақиқаҳо ҳам фарзанди худро дар кӯча танҳо намегузорад.

...Рӯзи дигар бо хоҳиши Гурбахш Сингҳ ба сохтмони ГЭС-и Норак рафтем. Дар роҳ аз ӯ пурсидам:

— Шаш сол пеш, вақте ки ба Тоҷикистон омада будед дар бозори китоб бо духтараки китобфурӯш дуру дароз сӯҳбат доштед. Байни сӯҳбат духтарак синусоли шуморо пурсид. Шумо қариб ҳафтод гуфтед. Духтарак пурсид, ки пас чаро чашмони шумо ин қадар ҷавонанд? Шумо ҷавоб додед, ки чашмонатонро барои он ҷавон нигоҳ медоред, ки соҳибҷамоле, ки тамоми умр дар орзуи диданаш ҳастед, агар шуморо бинад, аз чашмонатон шуморо шиносад!

— Ҳамин тавр!

— Пас маълум мешавад, ки асрори ниҳоне доред ва онро ба касе то ҳанӯз нагуфтаед?



— Агар шаш сол пеш мепурсидед, бе ҷавоб мемондед. Лекин ҳоло вазъият дигар шудааст.

Гурбахш ҳикояи аҷибе гуфт, ки мазмуни он ин аст:

Дар охири ҷанги якуми ҷаҳон афсари сапёри армияи Ҳиндустон дар яке аз ноҳияҳои лабибаҳрии мамлакат дар соатҳои фароғат барои дам гирифтан ба кӯча мебарояд. Баъд аз сайругашти дуру дарозе ба қисми худ бармегардад. Назди як хонаи нимвайрона духтари соҳибҷамол бо изтироб роҳи ӯро мегирад ва беибо таклиф мекунад:

— Марҳамат, ба ҳуҷраи ман. Ҳуҷра он қадар намуд надорад, лекин пушаймон намешавӣ, ман туро хурсанд мекунам! Ҳар чӣ фармоӣ, ба ҷо меорам.

— Ман бо ин мақсад ба кӯча набаромадаам!— рад мекунад хоҳиши ӯро афсар.

Духтарак ба зорӣ медарояд;

— Агар хоҳиши маро рад кунӣ, ҳолам хароб мешавад... Ду моҳ боз пули ин вайронаро надодаам... Қарздорам. Дигар ба ман касе қарз намедиҳад... Наход, ки ба ҳолам раҳми ту наояд?

Ашкони сӯзони духтарак садди роҳи ҷавон мешаванд. Вай ноилоҷ таклифи духтараки бадбахтро қабул мекунад.

Вақте ки ба ҳуҷра дохил мешаванд, ҷавон номи духтаракро мепурсад, духтарак мегӯяд, ки соҳиба ӯро Шамсия мефаманд. Ҷавон хоҳиш мекунад:

— Лекин дар нигоҳҳои ту шарораи хуршедро намебинам. Аммо бар мижгонат гӯё шабнам мерахшад. Агар ман туро Шабнам номам, намеранҷӣ?

— Бигузор имрӯз номам Шабнам бошад...

— Барои чӣ танҳо имрӯз?

— Ҳар замон ихтиёри ман дар дасти дигарон аст. Ҳар кас ба ман мувофиқи табъи дили худ ном мемонад. Номи ҳақиқии худро кайҳо фаромӯш кардаам.

— Мехоҳам, ки Шабнам саргузашти худро ба ман ҳикоя кунад.

— Шарт аст?

— Охир худат гуфта будӣ, ки тамоми хоҳишҳои маро ба ҷо меорӣ!

Духтарак аз замин нигоҳ наканда, ба сухан медарояд:

— Ман он тирарӯзгоре ҳастам, ки на падарамро дидаам у на модарамро ва на хонаи падарамро. На хеш дораму на табор. Ин ҳуҷраи таҳқировар ҳам, ки дар он

ба бадбахтии худ калон шудаам, аз они дигарон аст. Дар ин дунё танҳо се касро мешиносам: якеашон соҳибаи ҳуҷра, дигаре муаллими мӯсафеде, ки ба забони урду хондану навиштан ба ман омӯхта ва сеюмӣ, муаллими суруду ғазал... Гумон накун, ки онҳо ғамхорони ман ҳастанд, на, ҳаргиз! Онҳо танфурӯшони ман ҳастанд, ғами онҳо — пул асту бас!

Ҷавон ӯро тасаллӣ медиҳад:

— Ту ҳанӯз кӯдак ҳастӣ, ояндаат дар пеш аст.

— Барои ман чӣ дирӯзу чӣ имрӯз чӣ фардо... Ҳамааш якаст: дӯзах...

— Не, не! Хато мекунӣ! Ҳаёти бузургат дар пеш аст! Воқеан туро дида, суханҳоятро шунида як воқеаи аҷибе, ки қариб фаромӯшаш карда будам, ба ёдам омад! Шаш сол муқаддам ҳамин тавр тасодуфан бо духтараке вохӯрдам, ки нигоҳаш чун нигоҳи ту пур аз шубҳа, чашмонаш чун чашмони ту оташбор, лабонаш чун лабони ту ранҷида, рухсораш чун рухсори ту ба табассумҳои сохта одаткарда ва худи ӯ ташнаи бахт, ташнаи озодона нафас кашидан буд... Оре, вай айнан ту барин буд. Худат барин соҳира буд, ки бо як нигоҳи пур аз уммед дар дилам ҷо гирифт. Ту гӯӣ, ки вай ҷон буду ман тан... Не, не! Гӯё ду дарё як ҷо шуда наметавонистанд. Бо як ҷараён ҷорианд, лекин обашон аз якдигар ҷудо... ҷудоии абадӣ. Аммо касе муайян карда наметавонад, ки дарёи якум дар куҷосту дарёи дуюм дар куҷо.

Духтар сар бар сари синаи ӯ гузошта, бо чашмони пур аз ашк суханони ӯро гӯш мекард.

Соати сеи шаб, ҷавон ба соаташ нигоҳ карда, ба духтарак гуфт;

— Ман ба ту ягон чизе ваъда карда наметавонам, виҷдонам қабул намекунад. Ман оиладор. Ду дасту пои ман баста...

— Он ёрие, ки ту дар ин чанд соат ба ман додаӣ, бебаҳост. Нигоҳ кун, ман тамоман дигар шудаам. Ту дар дилам боварӣ ба оянда ҷогир кардӣ... Бори аввал мешунавам, ки ман одами даркориам! Бахт аз ин зиёдтар намешавад!

Ҷавон базӯр сад рупия ба ӯ дода, изҳори боварӣ мекунад, ки Шабнам ин ҳуҷраи таҳқироварро тарк карда, бо меҳнати худ нони ҳалол ба даст меоварад.

Аз миён сӣ солу чанд моҳу чанд рӯзу соате мегузарад. Дар ин марҳила тағиротҳои зиёде рӯй медиҳад.



Он афсари ҷавон дар сохтани биноҳову пулҳо бахт наёфта, тақдири худро ба дасти нависандагӣ месупорид. Шӯҳрати нависандагиаш дар тамоми Ҳиндустон ва берун аз он паҳн мегардад.

Дуруст мегӯянд, ки кӯҳ ба кӯҳ намерасад, одам ба одам мерасад. Рӯзе аз рӯзҳо дар боғи дилкушое, ки маҳсули меҳнати мухлисону дӯстони навиcанда мебошад, машғули кор буд, ки боғбон бо чеҳраи гул-гул шукуфта ҳозир шуда, арз мекунад:

— Хонуми ноошное шуморо дидан мехоҳад.

Навиcанда, гӯё тамоми умр интизори дидани дидори ин хонуми ноошно буд, беихтиёр аз ҷо ҷаҳида, «наход?»— мегӯяд.

— Қасам ба виҷдонам,— мегӯяд боғбон,— чунин соҳибҷамолро бори аввал мебинам!

— Гӯед дарояд!— амр медиҳад навиcанда.

Боғбон меравад. Навиcанда ба назди оина рафта, акси худро мебинад,— мӯи сафед, аз барф ҳам сафедтар бар ҷабинаш ожангҳо, лекин чеҳрааш чун пештара хандон ва чашмонаш чун чашмони ҷавони сисола шуълавар буданд. Ҳеҷ кас бовар намекард, ки ин чашмони марде ҳастанд, ки ба шаст қадам ниҳодааст. Аммо ҳар боре ки ба вай «чашмонат аз худат ҷавонтаранд» мегуфтанд, оромона посух медод:

— Чашмонамро барои он ҷавон нигоҳ медорам, ки агар он соҳибҷамоле, ки дар ҷавониям бо ман вохӯрда буд, дубора маро бинад, лоақал аз чашмонам маро шинохта тавонад!

Дар ин асно боғбон ва аз қафояш хонуми ношинос дохил мешаванд. Навиcанда, ки дар он ҷо рост истода буд, сар фароварда, таъзим мекунад.

Зани ношинос бо овози ларзон мегӯяд:

— Асло бовар карда наметавонам, ки шумо маро шиносед.

— Чашмони шумо ба ман ҳам ошно менамоянд,— мегӯяд бо ҳайрат навиcанда.— Аммо намедонам, ки кай ва дар куҷо бо ҳам вохӯрда будем?

— Сивуҳафт сол пеш 25 декабри соли 1917, дар Чаклабозор. Шумо он шаб номи маро ва зиндагии маро дигар кардед. Аз байни шаби зулмот субҳи саодатро ба ман нишон додед...

Навиcанда дигар тоқат карда наметавонад:

— Худоё! Магар он Шабнам ту будӣ?— навиcанда беихтиёр ӯро оғӯш мекунад,— оё ту хушбахт ҳастӣ?

Шабнам, ба ҷои ҷавоб дафтари хотираашро ба вай медиҳад. Нависанда бо иштиёқ онро варақ зада мехонад ва баногоҳ чашмаш ба ин сатрҳо меафтад: «Ман хушбахтам. Бахт ба сӯям табассум кард. Аммо ту дар куҷоӣ? Охир аз дӯзах ту маро раҳондӣ. Зиндагӣ карданро ба ман ту омӯхтӣ! Ман то зиндаам, туро фаромӯш намекунам. Ту қуллаҳои кӯҳҳои хотироти ман ҳастӣ. Солҳо боз туро ҷустуҷӯ менамоям. Ҷавобам деҳ, дар куҷоӣ? Наход, ки туро надида, бо саҷда ташаккур нагуфта, аз ҷаҳон чашм пӯшам?». Дурдонаҳои ашки нависанда варақҳои дафтари хотираро гулдор мекунанд. Дафтари хотираро пӯшонда, нависанда бо ҳаяҷон мегӯяд:

— Ман, оре, ман бояд ба ту ташаккур гӯям, ки суханони маро ба замин назадӣ. Ту қаҳрамон ҳастӣ. Ту бо ҷаҳоне мубориза бурдӣ, ки зебоии ӯ, табассуми ӯ, ҷавоҳироти ӯ, қасами ӯ сохтаву бардурӯғ аст. Онро бозори ишқ меноманд, гӯё дар он ҷо ишқ мефурӯшанд, лекин дар он ҷо бӯе аз ишқ нест. Он замине буд ифлос ва дар осмонаш ситорае надидам! Ман хурсандам, ки дар мубориза бо чунин ҷаҳон ғолиб баромадӣ ва сафи дӯстони муборизи моро афзудӣ!..

Аз дур шаҳри зебои Норак намоён шуд, Гурбахш Сингҳ шодон гуфт:

— Чашмро ҳамеша ҷавон нигоҳ доштан лозим аст. На танҳо барои дидани соҳибҷамолон, балки барои тамошои чунин сохтмонҳои азиму зебоманзар ҳам ба кор меоянд...

Дар яке аз сӯҳбатҳои дӯстонаи худ Гурбахш Сингҳ пеш аз бозгашт ба ватан ошкоро гуфт, ки ҳаёти вай пур аз шубҳаву боварию нобоварист.

Барои ман ин суханонаш нав набуданд. Ман аз роҳи тайкардаи вай камубеш бохабар будам. Баъд аз таҳсили илм дар Америка солҳои дароз вай дар таъсири таълимотҳои гуманистии буржуазияи Ғарб ва махсусан Америка буд. Америка барои вай оинаи ибрат буд. Революцияи Октябрьро хайрхоҳона пешвоз гирифт, хабари вафоти Ленин барои вай «хабари ҳузнангезтарине буд». Бо вуҷуди он ба сиёсат ҳамроҳ шудан намехост. Фарзандонашро таъкид мекард, ки аз кӯчаи коммунистон нагузаранд. Сар шудани Ҷанги Дуюми Ҷаҳон, ҳуҷуми аҳдшиканонаи фашизми Германия ба СССР, ваҳшигариҳои



ҷаллодони гитлерӣ дар мамлакатҳои муваққатан забтшуда, таркидани бомбаи атомии америкоӣ дар Хиросима... Гурбахш Сингҳро водор мекунад, ки ба ҷаҳон бо назари дигаре нигарад. Болои ин вай мефаҳмад, ки фарзандони муборизи вай, ки бо кору рафтори некашон байни халқ нуфуз пайдо кардаанд, бархилофи хоҳиши вай аъзои Партияи коммунистии Ҳиндустон мебошанд. «Ман, мегӯяд Гурбахш Сингҳ аз коммунистон ва ақидаҳои онон ҳазар мекардам, бехабар аз он ки дар иҳотаи коммунистонам, коммунистон бо ман ҳамтабақу ҳамкасбанд, бо супориши онон кор мекунам. Ин буд, ки китобҳои бузургони коммунизм Маркс, Энгельс ва Ленинро варақ задаву ба худ хулоса баровардан гирифтам ва билохир ба ҳамин ақида омадам, ки бо як Прит нагар (Маъвои ишқ) тамоми халқи Ҳиндустонро хушбахт кардан мумкин нест. Роҳи дигаре ёфтан лозим аст. Як вақтҳо аз зиндагии мардумони мағрибзамин намуна гирифтанӣ будам, кӯшиши ман натиҷа надод. Ба Иттифоқи Советӣ омадам, дар ин ҷо он чизе, ки бароям лозим аст, ёфтам. Хуб медонам, ки Тоҷикистони шумо дар гузашта чун диёри ман мустамлика, хоҷагиаш қафомонда, халқаш бенаво буд. Дар солҳои Ҳокимияти Советӣ ба республикаи пешқадами социалистӣ табдил ёфтааст, халқаш соҳиби илму маданият гашта, хушбахтона зиндагӣ мекунад. Сабаб ин аст, ки дар солҳои охир тез-тез меҳмони Тоҷикистон мешавам. Мехоҳам, ки таҷрибаи онро омӯзам ва дар мамлакати худ ҷорӣ кунам. Ман мехоҳам, ки дар зиндагии худ мамлакатамро пешқадам, халқамро соҳибмаърифат ва осудаҳол бинам. Ва инашро ҳам бояд гӯям, ки торафт ихлосам ба социализм зиёд шуда истодааст...».

## МУНДАРИЧА

НУР ДАР КӮҲИСТОН . . . . . . . . . . . . 5
Фотиҳаи устод ба шогирд . . . . . . . . . 6
Ашкҳои устод . . . . . . . . . . . . 8
Дар меҳмонӣ . . . . . . . . . . . . 17
Чи рӯзҳое буданд . . . . . . . . . . . 21
Мо дар ғами ӯ будем, ӯ дар ғами мо . . . . . 23
МАШЪАЛИ ИНҚИЛОБ . . . . . . . . . . 30
ТУ ҶАВОН БУДИВУ МЕМОНӢ ҶАВОН . . . . . . 52
Ӯ БАРОИ ШЕЪР БА ДУНЁ ОМАДА БУД . . . . . 78
ДӮСТ ОН БОШАД, КИ ГИРАД ДАСТИ ДӮСТ . . . 83
Ишқи ғоибона . . . . . . . . . . . .
Қалъаи «Макру муҳаббат» . . . . . . . . 86
Дили шоир . . . . . . . . . . . . . 88
Нависанда дар ҳама ҷо нависанда аст . . . . . 96
Дидори дӯст . . . . . . . . . . . . 98
Аҷаб комиссияҳое буданд . . . . . . . . 105
Ошиқи гумгашта . . . . . . . . . . . 108
Оҳ, Тамара . . . . . . . . . . . . . 111
Чи духтаракони шӯхе . . . . . . . . . 114
Дӯсти адабиёти тоҷик . . . . . . . . . 117
Ғунчаҳои хандон . . . . . . . . . . . 121
Хотима . . . . . . . . . . . . . . 129
ШОДИИ ДИЛ . . . . . . . . . . . . . 130
ҲАРГИЗ НАМИРАД ОН КИ ДИЛАШ ЗИДА ШУД БА ИШҚ . . . . . . . . . . . . . . 143
ХОТИРАИ РӮЗҲОИ НЕК . . . . . . . . . 150
ЛАҲЗАИ ФАРОМӮШНАШАВАНДА . . . . . . . 169
ОДАМ ПӮСТАШРО ДИГАР МЕКУНАД . . . . . . 179
КУШОЯД РОЗУ ХУД РОЗ АСТ ИҚБОЛ . . . . . 191
МАЪВОИ ИШҚУ МУҲАББАТ . . . . . . . . . 209

*Мирсаид Миршакар*

**О ДРУЗЬЯХ**

*(на таджикском языке)*

Ороиши *А. Хусамов*
Муҳаррири ороиш *В. Пулатов*
Муҳаррири техникӣ *Я. Бекназарова*
Мусаҳҳеҳ Раъно Атоева

БИ № 878

Ба матбаа 20. 01. 93 супурда шуд. Чопаш ба имзо расид 27. 05. 93. Андозаи $84 \times 108^1/_{32}$. Коғази газетӣ. Чопаш барҷаста 12,2. Ҷузъи чопии шартӣ 11,87. Ҷузъи рангаи шартӣ 12,2. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 11,74. Адади нашр 7000. Супориши рақами № 1018.

Душанбе, нашриёти «Адиб», 734003, хиёбони Рӯдакӣ, 37.

Иттиҳодияи табъу нашри Комитети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба матбуот.

Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126.

Мирсаид Миршакар

# Ёди ёри меҳрубон

